**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ А.ДОНИШ**

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД:9/908 (575.3)
ТКБ: 63.3 (0)4 (2т)
М-87

**МУРОДЗОДА АҲМАДХОН АМРОХОН**

# ТАЪРИХНИГОРИИ ТАЪРИХИ МОВАРОУННАҲРУ ХУРОСОНИ НИМАИ ДУЮМИ АСРИ XIV ВА АСРИ XV

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

**Мушовири илмӣ:**
узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор Пирумшоев Ҳ.

**Душанбе 2025**

Мундарича

**Муқаддима**……………………………………………………………………..3-18

**Боби I. Бозтоби вазъи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 40-60-уми асри XIV дар осори ҳамзамонон ва пажуҳишҳои таърихӣ**..................19-81
I.1. Тавзеҳ ва таснифи манобеи таърихии истифодашуда……..…......19-40
I.2. Парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон......................40-67
I.3. Шуриши Сарбадорони Самарқанд………………………………......67-81
**Боби II. Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV**......................................82-148
I.1.Ҳокимияти Самарқандро гирифтани Темур ва оғози забткориҳои ӯ..........................................................…………………...........82-113
I.2. Мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Темур..….……........113-148
**Боби III. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳр ва Хуросони нимаи дуюми асри XV дар осори ҳамзамонон ва таҳқиқотҳои таърихӣ ва ховаршиносӣ**..........................................................................................149-175
III.1. Мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Шоҳрух. Улуғбек ва нокомиҳои ӯ дар умури давлатдорӣ............................149-164
III. 2. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 50-60-уми асри XV............................................................................164-175
**Боби IV. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV дар манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқон**......................176-192
IV.1 Вазъи сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XV.........176-186
IV.2. Ҳукумати султон Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон......................186-192
**Боби V. Инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон** ...............193-286
V.1. Инъикоси вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ……………..…..……193-233
V.2. Ҳаёти фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар таърихнигории шуравӣ ва замони муосир…...................................…233-286
**Хулоса**……………………………………………………………..……287-298
**Тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**………298-299
**Рӯйхати сарчашма ва адабиёт**………………………………………300-352

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Барои омӯзиши дақиқ, фарох ва холисонаи таърихи халқи тоҷик ва дигар халқҳои сокини Осиёи Миёна дар даврони истиқлолият имконияти зиёд ба вуҷуд омад. Дар мадди аввали ин имкониятҳо барои пажуҳишгарон дастрасии осори хаттии асримиёнагӣ мебошад, ки иттилооти зиёдеро роҷеъ ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳанги халқҳои минтақа дар худ ҳамл мекунанд. Дар баробари ин пешрӯи муҳаққиқ чун вазифаи муҳим таҳлили холисонаи воқеа ва ҳодисаҳои таърихӣ, кашфи сабабҳо ва натиҷагирӣ аз таҳаввулотҳои таърихии ин ва ё он давр қарор мегирад. Дигар аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми таърихи ватанӣ дар марҳилаи ҳозира омӯзиши бунёдии таърихи пайдоиши давлатҳо дар қаламрави Осиёи Марказӣ дар асри миёна мебошад, ки бешубҳа, ба ҳалли бисёр масъалаҳои баҳсталаби таърихӣ, ки имрӯзҳо гоҳу гузоре доман зада мешавад, мусоидат мекунад.

Нимаи дуюми асри XIV вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон дар ҳолати бuҳронӣ қарор дошт. Дар ҳар вилояте аз ин сарзаминҳо давлату ҳокимиятҳои зиёди мустақилу нимамустақиле ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, дар Мовароуннаҳр баъд аз солҳои 50-уми асри XIV сарзамини зери ҳокимияти чағатоиён пора-пора гардида, ба бештар аз 30 мулки ҷудогона тақсим шуд. Онҳо на танҳо байни якдигар ҳамеша дар ҳолати ҷангу ҷидол қарор доштанд, балки аз дохил низ миёни мансабдорони онҳо барои ба даст овардани ҳукумат муборизаҳо мерафт. Бо истифода аз ин вазъият Темур дар уфуқҳои сиёсии Мовароуннаҳр падид меояд ва баъд аз паймудани фарозу нишебҳои мубориза барои қудрат, соли 1370 ҳокимиятро дар Мовароуннаҳр ба даст меорад ва ворисону ӯ дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон то соли 1506 ҳукумат мекунанд.

Таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон аз дерзамон мавриди

пажуҳиши олимони ватанию хориҷӣ қарор гирифта, он бо паймонаҳои мухталиф дар асарҳои илмии ин донишмандон тасвири худро ёфтааст. Аммо баррасиҳои таърихнигорӣ ё нақди осори илмие, ки дар онҳо масоили ба ҳокимият расидани Темур дар Мовароуннаҳр, забткориҳои ӯ, ҳукумати ворисони Темур дар Мовароуннаҳру Хуросон ва муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросону Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV инъикос ёфтаанд, то кунун сурат напазируфтааст.

Мубрам будани равиши таърихнигорӣ дар баррасии масоили таърихии ин давр барои муайян намудани дараҷаи баёни ҳақиқат дар осори илмӣ, корбурди дурусти усули илмӣ-татбиқӣ дар тафсири рухдодҳои он замон аз афзалиятҳоест, ки дар ин диссертатсия ба он таваҷҷуҳ шудааст.

Услуби таърихнигорӣ дар ҳаллу фасли масоили таърихии фавқуззикр боз аз он ҷиҳат мубрам ба назар мерасад, ки метавон тафсирҳои гоҳе бо ҳам мутаноқизи рухдодҳои нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросонро дар осори пажуҳандагон муайян намуд ва ба натиҷагирии илмӣ мушарраф шуд.

Ҳамчунин зарурати таҳқиқу баррасии осории илмии ба ин мавзуъ бахшидашуда боз дар он дида мешавад, ки дар ин авохир таърихи нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби иддае аз муаррихон бо таҳриф тасвир шуда, масъалаҳои таърихи ин даври Осиёи Миёна ғайри мунсифона ва ғайриилмӣ баён мешаванд.

Мубрам будани таҳқиқоти мазкур ҳамчунин бо муайян кардани нақши муаррихони ватанӣ ва хориҷӣ дар баёни воқеъбинонаи рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 40-уми асри XIV ва асри XV, мушаххас намудани дараҷаи тасвири авзои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони ин давр дар осори муаррихони ватанӣ ва хориҷӣ низ ифода меёбад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар бораи омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи таърихи нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и

Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ асарҳо ва мақолаҳои илмии зиёд навишта шудаанд. Дар баррасии мавзуҳои марбут ба ин давра дар байни олимон фикру андешаҳои мухталиф ва гоҳе мутаззод ба назар мерасанд.

Як идда олимони кишвар чӣ дар даврони шуравӣ ва чӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии давраи Темуриён пажуҳишҳо намуда, осори арзишманде таълиф кардаанд. Доир ба омӯзиши лашкаркашиҳои Темур ба Хуросон ва аз байн бурдани давлатҳои Сарбадорони Хуросон (соли 1381), Куртҳои Ҳирот (соли 1389) ва Оли Музаффар (соли 1393) ва ваҳшониятҳои ӯ дар ин ё он минтақа асари пурарзиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [282] ҳамчун роҳнамо мавриди истифода қарор дода шуд.

Таҳқиқ ва омӯзиши вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Моварoуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар осори илмии олимони рус ва шуравӣ: М.И. Иванин [201], Т.Н. Грановский [182], Н.И. Веселовский [394; 397; 398; 395; 396; 393], А. Крымский [231], В.Н. Гартевелда [180], В.В. Бартолд [148; 152; 157; 149; 154; 145; 155], А.Ю. Якубовский [501; 354; 502; 358; 359], Б.Н. Заходер [409], Л.В. Строева [471; 472; 474], Е.Э. Бертелс [165; 164], И.П. Петрушевский [449; 280; 447; 278], А. Али-заде [128; 366], О.Д. Чехович [487; 340; 491], А.А. Семёнов [292; 461; 464; 465; 460; 466], А.Н. Болдырев [171; 172; 173], Н.В. Пигулевская [278], С.М. Соловев [303], В.М. Массон, В.А. Ромодин [241], А.М. Белениский [162; 214; 163; 376], А.П. Новоселсев [444], Е.А. Давидовича [191; 192], Б.Д. Греков [183], Б.В. Лунин [237; 238; 427; 428], С. Хатиби [332] ва дигарон инъикос гардидаанд.

Аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ низ дар ин самт таҳқиқотҳои арзанда ба анҷом расидаанд. Дар таълифи рисола ба сифати асари меҳварӣ дар баррасии ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои таҳқиқгардида асари бунёдии муаррихи барҷаста академик Бобоҷон Ғафуров [188] намунаи олӣ вобаста ба ин мавзуъ мебошад.

Дар пажуҳишҳои С. Айнӣ [125; 126; 127], А. Мирзоев [251; 252], Н. Маҳмудов [247; 434; 435], А. Сатторов [291; 516], Х. Мирзозода [250], А. Афсаҳзод [138], А. Мухторов [261; 441; 532], Н. Амиршоҳӣ [131; 193; 270; 367; 505], Н. Турсунов [324; 325; 478], Л. Додхудоева [196; 197], Ҳ. Камол [224; 225; 226; 227; 228; 415; 416; 417; 418; 419], Ғ. Ғоиб [189; 190], Л. Бойматов [167; 168; 169; 378; 379; 380; 381; 382; 383; 384; 385], Г. Турсунова [326; 479; 480; 520], М. Шакурӣ [343], А. Саидов [290], У. Эшонкулов [349], А. Шарифзода [345; 496; 497], З. Мирзоён [394], Қ. Расулиён [281; 455] ва дигарон вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XV инъикоси худро ёфтааст.

Масоили марбут ба самтҳои гуногуни таърихи нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон дар диссертатсияву фишурдаи рисолаҳои Н. Амиршоҳӣ [505], Г. Турсунова [520], Р. Ғуломҳусейн [513], Ш. Ҷонмуродов [523] ва Ш. Мирзоев [511] мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар осори муҳаққиқони узбек монанди Б. Ахмедов [137; 133; 134; 135; 136; 371; 372; 373;], А. Урунбаев [111; 327; 328; 484], С.А. Азимҷонова [122; 123; 364], Р.Н. Набиев [267; 268; 443], Р.Г. Мукминова [254; 255; 256; 439], И.М. Муминов [257; 258; 259; 85], М.А. Абдураимов [360; 361], Д.С. Абиджанова [362; 363], Д.Ю. Юсупова [91; 350; 499], Ф. Шамукарамова [344] ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир шудааст.

Дар осори муҳаққиқони Афғонистон М. Ғубор [249], А. Ҳабибӣ [115; 116], М. Коргар [264], М. Ғарҷистонӣ [402], А. Табибӣ [118], муаррихони Эрон А. Иқбол [204; 205; 206], М. Панохӣ [262; 263; 442], А. Ҳақиқат [335], А. Набаӣ [265; 266], А. Зарринкӯб [310], Э. Вомиқӣ [498], З. Сафо [199; 200], А. Иқбол [204; 205; 206], М. Юсуф [63; 64], Б. Фурӯзонфар [331], Д. Ҳусайн [100], М. Баҳор [159], А. Ризоӣ [286], А. Тоҷбахш [312],

Манучеҳри Сутуда [239] ва дигарон вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи мавриди таҳқиқ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Олимони Аврупо ва Амрико низ доир ба ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мавриди таҳқиқ асару мақолаҳои илмӣ офаридаанд: Ҷ. Вудз [198], Ф. Шлоссер [112], Х. Хукхэм [333], Ру Жан Пол [288], Б.Ф. Манз [539; 540], М. Шуппе [541], Л. Лянглэ [46], Т. Аллен [537; 538], А. Вамбери [19; 20], Г. Вамбер [21], Л. Буват [174], Б. Морсел [47], А.Токистан [321], Ҷ. Питр., Л. Лурнс [279], Ҷ. Валтер [18], С.С. Фредик [304] ва дигарон.

Баъзе масоили таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар асарҳои ҷамъбастӣ низ ҳаллу фасл гардидаанд [209; 214; 210; 211; 212; 213; 214; 215; 216; 217; 218; 219; 220; 221; 222; 270; 278].

Ҳарчанд доир ба паҳлӯҳои гуногуни масъалаи мавриди пажуҳиш корҳои зиёд ба анҷом расида бошанд ҳам, то ҳол бисёр паҳлуҳои муҳимми мавзуи мазкур, аз ҷумла таърихнигории таърихи ин давра ба таври комилу яклухт ва густурда мавриди таҳқиқ сурат нагирифтааст.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қароргирифта, асосан манбаъҳои хаттии таърихӣ ба забонҳои арабию форсӣ таълифгардидаи муаррихони асрҳои XIV-XV ва сафарномаҳои сайёҳони аврупоӣ мебошанд.

Муҳимтарин сарчашмаҳои боэътимоди арзишманд оид ба таърихи ин давр осори «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсуддини Алӣ [24; 26], «Зафарнома»-и Низомуддин Шомӣ [71; 72; 73], «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (солҳои 1403-1406)»-Руи Гонсалес де Клавихо [79; 76; 77; 75; 78; 79], «Китобу-л-ибар» [42; 43] ва «Муқаддимаи Ибни Халдун”-и [44], «Таърихи тоҷи Салмонӣ» ё «Зайли «Зафарнома»-и Тоҷуддини Салмонӣ [82], «Мунтахабу-т-таворих» ё «Анոними Искандар»-и Муинуддини Натанзӣ [66; 67; 68], «Муҷмалу-т-таворих»-и Фасеҳи Хавофӣ [88; 89; 90; 91], “Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ

[107; 108; 109; 110; 111], «Зубдату-т-таворих» [101; 102; 103; 104], "Зайли «Ҷомеъу-т-таворихи»-и Рашидӣ" -и Ҳофизи Абрӯ [105], «Таърихи Язд»-и Ҷаъфар бини Муҳаммад Яздӣ [106], «Аҷоибу-л-мақдур фӣ навоиби Темур»-и Ибни Арабшоҳ [37; 38; 39; 40; 41], «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и Самарқандӣ [1; 2; 3; 4; 5; 6], «Равзату-с-сафо фӣ сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо»-и Мирхонд [55; 56], «Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ [27; 28;29], «Равзоту-л-ҷаннот фӣ авсофи мадинати Ҳирот»-и Муъинуддин Муҳаммад Исфизорӣ [69; 70], «Маҷолису-ун-нафоис»-и Алишер Навоӣ [14; 16], «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427»-и Иоганн Шилтбергер [74; 113; 114], «Таърихи Темури ланг ва ворисони ӯ»-и Фома Метсопски [60], «Шайбонинома»-и Камолиддин Биноӣ [45], «Меҳмонномаи Бухоро»-и Фазлуллоҳ ибни Рӯзбехон [87], «Маҷмуаи муросилот» ё худ «Тарассул»-и Абдуллоҳи Марворид [8; 9], «Бобурнома»-и Заҳируддин Муҳаммад Бобур [35; 36], «Ҳабибу-с-сияр фӣ ахбор»-и Хондамир [95; 96], "Дастур-ул-вузаро"-и Хондамир [97], «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзо Ҳайдар [51; 53; 54], «Таърихи Абулхайрхонӣ»-и Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ [50], «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ [31; 32; 33], «Таърихи гузида»-и Муҳаммад Солеҳ [81], «Темурнома»-и Ҳотифӣ [7], «Зафарномаи амир Темур»-и муаллифи гумном [229], «Аҳсану-т-таворих»-и Ҳасанбеки Румлу [98; 99], «Темурномаи ҳазрати соҳибқирон»-и муаллифи гумном [229], «Абдуллоҳнома»-и Ҳофизи Таниш [93; 94], «Тузукоти Темурӣ»-и Абутолиб Ҳусайни Турбатӣ [83; 84; 85; 86], «Таърихи Муқимхонӣ»-и Муҳаммад Юсуфи Муншӣ [65; 62], «Таърихи Роқимӣ»-и Мирсаид Шариф Раҳими Самарқандӣ [59], «Темурнома»-и Абдураҳмони Сират [11] ва ғайра ба шумор меравcovered. Маълумоти муфассал ва шарҳу эзоҳ дар бораи ин маъхазҳо дар зербоби аввали боби якуми диссертатсия оварда мешавад.

Мавзуи мавриди назар дар ҳуҷҷатҳои расмии маҷмуаҳои интишоршудаи «Маводҳо оид ба таърихи Осиёи Миёна ва Маркази

асрҳои X-XIX», «Намунаҳои ҳуҷҷатҳои расмии тоҷикӣ», «Маҷмуаи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои РСС Ӯзбекистон», «Маводҳо оид ба таърихи Осиёи Миёна ва Марказии асрҳои XV-XIX», «Маводҳо оид ба таърихи туркманҳо ва Туркманистон», «Маводҳо оид ба таърихи РСС Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон» ва ғайра инъикос ёфтааст [242; 243; 244; 245; 302; 445].

Дар тамоми осори номбаршуда, ки дар таҳлили таърихнигории ин таҳқиқот қарор доранд, ба ин ё он дараҷа унсурҳои равиши таърихнигорӣ нисбат ба масъалаҳое, ки объекти (мавзуи) таҳқиқ гардидаанд, дида мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ.**

Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода шудааст. Яке аз бандҳои дурнамои корҳои илмиву таҳқиқотии кафедраи мазкур ба мавзуи “Таърихнигории таърихи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои XIV-XV” бахшида шудааст ва фарогири мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад.

## Тавсифи умумии таҳқиқ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқи мавзуи таърихнигории вазъи сиёсии нимаи дуюми асри XIV, таърихи ба сари қудрат омадани Темур лашкаркашиҳои Темур ва Темуриён ба Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XIV-XV, таҳқиқи оқибатҳои лашкаркашиҳо, омилҳои аз байн рафтани давлати Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон, нишон додани саҳми тоҷикон дар рушду нумуи илму фарҳанги ин давраи таърихӣ маҳсуб мешавад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Ҷиҳати расидан ба мақсади ниҳоӣ дар диссертатсия ҳалли вазифаҳои зерин дар назар гирифта шудааст:

-мавриди таҳқиқ қарор додани авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар асоси таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ;

-муайян ва мушаххас намудани маълумот вобаста ба таърихнигории муаррихони ватанию хориҷӣ;

-шарҳи заминаҳо ва оқибатҳои шӯриши сарбадорони Самарқанд дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ;

-мавриди таҳқиқ қарор додани авзои сиёсии минтақа то ба сари қудрат омадани Темур;

-пажуҳиши авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар аҳди ҳокимияти Темур;

-муайян намудани забткориҳои Темур ва Темуриён дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ;

-муайян намудани сабабу омилҳои сар задани ошубҳои мардумӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон;

-таҳлилу баррасии оқибатҳои даҳшатовари ваҳшониятҳои Темуриён нисбат ба мардуми минтақаи Мовароуннаҳру Хуросон дар заминаи сарчашмаҳои муътамади таърихӣ;

-муайян кардани омилҳои аз байн рафтани давлати тоҷикони Куртҳои Ҳирот бо дарназардошти ба инобат гирифтани таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ;

-муайян кардани навъу воситаҳои иҷборан ситонидани андозҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳои муътамади таърихӣ;

-муайян намудани сабабҳо омилҳо ва оқибатҳои аз байн рафтани давлати Темур ва Темуриён.

**Объекти таҳқиқот** таҳлили сарчашмаҳои таърихии фарогири вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIVва асри XV Мовароуннаҳру Хуросон ва осори илмии ба ин давр бахшидашуда мебошад

**Мавзуи таҳқиқоти** диссертатсия пажуҳиши таърихнигории вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIVва асри XV Мовароуннаҳру Хуросон маҳсуб мешавад.

**Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқоти** диссертатсияро усулҳои муносибати комплексиву системавӣ дар илми муосири таърих баррасишаванда-таърихият, пайдарпайии хронологӣ, масъалагузорӣ, шаффофият ва холисона дар асоси далелҳо муайян мекунад. Ин усулҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, имкон доданд, ки сабабу натиҷаҳои рӯйдодҳои таърихӣ, заминаҳо, омилҳо ва натиҷаҳои раванди лашкаркашиҳои Темур ва Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон таҳқиқу баррасӣ гарданд. Бо назардошти равандҳои таърихӣ ва муқоисавӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки сатҳи дигаргуниҳои мавзуи таҳқиқшаванда ва тағйироти ба миён омадаро муайян ва муқоиса карда, рафти вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросонро муайян намоем. Усули таҳлили муқоисавӣ дар омӯзиши раванди лашкаркашиҳо ва ҳуҷумҳои пайдарпайи Темуриён, ошубҳои мардумӣ ва оқибатҳои он истифода шудааст.

Татбиқи усули пайдарпайӣ дар диссертатсия имкон дод, ки таърихи вазъи сиёсӣ то ба сари қудрат расидани Темур, лашкаркашиҳои Темуриён ба минтақаҳои мухталифи Мовароуннаҳру Хуросон дар аҳди Темуриёнро дар рафти ҳодисаҳои пурмоҷарои давраи муайяни таърихӣ пайгирӣ карда, воқеаҳои марбут ба мавзуъ амалигардидаро таҳлил намоем, ҳамзамон бо пайдарҳамии таърихиву хронологӣ, масъалаҳои асосиеро, ки дар рафти лашкаркашиҳои Темуриён ба вуқуъ пайвастанд, баррасӣ намоем. Ҳамчунин дар диссертатсия ҷараёни байнисоҳавӣ истифода шудааст, зеро бо хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот монандӣ дошта, паҳлуҳои гуногуни он бо истифода аз дастовардҳои илмҳои манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ, хронологияи таърихӣ ва ғайра омӯхта шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию адабии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба таври густурда ва монографӣ таҳқиқ мешавад. Дар ин замина, нахустин бор дар илми таърихнигории имрӯзаи тоҷик лашкаркашиҳои бераҳмонаи Темур ва Темуриён, қатли

ом, бунёди калламанораҳо, вайрону валангор сохтани шаҳрҳо, қалъаҳо, ошубҳои мардумӣ, ситонидани андозҳои такрорӣ, ки боиси ноором ва қаҳтию гуруснагии мардуми ин минтақа, яъне Мовароуннаҳру Хуросон гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ сурат мегирад.

Бо таҳлили сарчашмаву осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ навгониҳои илмии рисола дар самти таърихнигории вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар нуктаҳои зерин зоҳир мегардад:

-маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва натиҷаҳои илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV бори нахуст чун мавзуи таърихнигорӣ воқеъбинона мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст;

-рафти шӯриши сарбадорони Самарқанд ва оқибатҳои он дар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва осори илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаст;

-вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон то ба сари қудрат омадани Темур таҳқиқ ва муайян шудааст;

-раванди лашкаркашиҳои Темур ба Хуросон ба таври возеҳу равшан дар асоси маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ ва осори илмӣ тавсиф ва мушаххас гардидаст;

-оқибатҳои лашкаркашиҳои Темур ва Темуриён ба Мовароуннаҳру Хуросон ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

-дар асоси маълумоти манбаъҳои таърихӣ эътиқоди динии Темур ва Улуғбек муайян карда шуд;

-исёну ошубҳои сокинони Мовароуннаҳру Хуросон бар зидди Темур ва Темуриён дар асоси маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ баррасӣ шудаанд;

-вазъи кишоварзии Мовароуннаҳру Хуросон бо истифода аз маводи сарчашмаҳои таърихӣ ва осори илмӣ нишон дода шудааст;

-вазъи илму фарҳанги Ҳирот дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст;

-дар баробари таҳқиқу омӯзиш бори нахуст маълумоти васеи сарчашмаҳои таърихии асрҳои XIV-XV-и форсию арабӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд;

-дар асоси таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳо ва осори муҳаққиқон имконият фароҳам шуд, ки дар самти таҳқиқи таърихи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми XIV ва асри XV ахбори возеҳу равшан дастрас гардад.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:** Дар асоси таҳлилу омӯзиши манбаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ва осори муҳаққиқони муосир роҷеъ ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон нуктаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

-сабабу омилҳои парокандагии дохилию сиёсии хонҳои муғулро метавон дар Мовароуннаҳр бо ҳуҷуми Қазаған ба Хуросон, ҳуҷумҳои пайдарпайи хонҳои муғул ба Мовароуннаҳр, иттифоқи амир Ҳусейн бо Темур бар зидди хонҳои муғул ва шикасти онҳо, «Ҷанги Лой» ва оқибатҳои он, шӯриши сарбадорони Самарқанд ва аҳаммияти таърихии он, кушта шудани амир Ҳусейн аз ҷониби Темур унвон дод;

-бо ба сари қудрат омадани Темур дар Мовароуннаҳр ҳокимони маҳаллӣ амирон Зиндаҳишам ва Кайхусрави Хатлонӣ майли итоат кардани ӯро надоштанд. Темур дар як муддати кутоҳ ин ду рақиби худро ба қатл расонд;

-ҳуҷумҳои пайдарпайи Темур ба Ҳирот боиси кушта шудани ҳазорҳо одамон гардида, бунёди калламанораҳо дар Ҳирот ба ваҳшониятҳои Темур оғоз бахшид;

-ба ҳайси ҳокими Хуросон таъйин шудани Мироншоҳ аз ҷониби Темур боиси суст гардидани ҳокимияти Оли Курт шуда, талаву тороҷи хазинаи Оли Курт, зиндонӣ шудани хонадони Курт ва аз миён бардоштани онҳо боиси вайрону валангор гардидани Ҳирот гардид;

-фавти Темур дар Утрор ҳангоми лашкаркашӣ ба Хитой ва дафни ӯ дар Самарқанд вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросонро муташанниҷ

гардонида, заминаҳоро барои ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр аз ҷониби Халил султон ба вуҷуд овард. Задухӯрдҳои байни Халил султон ва Шоҳрух-ҳокими Хуросон барои ба даст овардани ҳокимияти марказӣ, асир гардидани Халил султон аз ҷониби амир Худойдод ва аз ҷониби Шоҳрух аз асирӣ раҳо ёфтани Халил султон, ҳокими Мовароуннаҳр таъйин шудани Улуғбек-писари Шоҳрух, ҳокими Рай таъйин шудани Халил султон аз масоили калидии оғози асри XV ба ҳисоб мераванд;

-Улуғбек дар асл бо ном ҳокими Мовароуннаҳр буд, зеро Шоҳрух ба умури идории ҳокимият марказият бахшида, онро пурра зери назорати хеш қарор дода буд. Улуғбек ҳар сари вақт ба Хуросон назди Шоҳрух барои гузориш аз корҳои Мовароуннаҳр ҳозир мешуд;

-вазъи Хуросон дар аҳди зимомдории Шоҳрух нисбатан ором буд. Шоҳрух пайваста саргарми пахш намудани исёну ошубҳо дар ин ё он минтақа мегардид;

-пас аз фавти Шоҳрух барои ба даст овардани ҳокимияти Хуросон байни ин хонадон задухӯрдҳои шадид ба вуқуъ пайваст. Аз ҷониби Улуғбек ба даст гирифтани ҳокимияти Хуросон бар он боис шуд, ки ӯ аз уҳдаи идораи давлат баромадан натавонист. Зиддият ва ихтилофот барои ба даст овардани ҳокимияти Хуросон байни Улуғбек ва писараш Абдулатиф оғоз шуда, он сабаби кушта шудани Улуғбек гардид;

-дар даҳаи солҳои 50-уми асри XV Абулхайрхон-бобои падарии Шайбонихон бо дахолат ба ихтилофҳои дохилии Темуриён ағлаб бо манотиқи марзии Дашти Қипчоқ бо Мовароуннаҳр ҳуҷум мекард ва чандин бор шаҳрҳои Самарқанд ва Бухороро ғорат кардааст. Дар ин замон баъди кушта шудани Абдулатиф, ки ҳокимияти Мовароуннаҳр дар ихтиёри Абдуллоҳ, писари Иброҳим султон қарор гирифта буд, Абусаид, набераи Мироншоҳ (писари Темур) даъвии ҳукумат кард. Бо дастгирӣ ва кумаки Абулхайрхон Абдуллоҳ 10 июни соли 1451 кушта шуд ва Абусаид ҳокими Мовароуннахр таъйин гардид;

-зимомдории Абусаид дар Мовароуннаҳр ва Абулқосим Бобур дар Хуросон сабаби ҳуҷумҳои пайдарпайи онҳо ба минтақаҳои якдигар гар-

дида, бо фавти Абулқосим Бобур ҳокимияти Хуросон ба дасти Абусаид гузашт;

-дар давраи ҳукумати Абусаид дар Мовароуннаҳру Хуросон, ошубҳои пайдарпай дар ин ё он минтақа шуруъ гардиданд, ки он боиси бераҳмона пахш гаштани онҳо аз ҷониби ҳукуматдорон гардид. Дар ин ҳангом бо дахолати Хоҷа Аҳрор, ки дар байни мардум обрӯ ва нуфузи хосса дошт, андози муғулии «тамғо», ки бо шариати ислом муғойират дошт ва дар аҳди ҳукумати Улуғбек нофиз гардида, аз ҳунармандону тоҷирон ситонида мешуд, дар қаламрави Мовароуннаҳр бекор гардид;

-лашкаркашии Абусаид ба Эрони Ғарбӣ ва асир афтодану кушта шудани ӯ дар соли 1468 аз ҷониби Узун Ҳасани оқюнлу боиси ду тақсим шудани давлати Темуриён ва ба даст овардани ҳокимияти Хуросон аз ҷониби Ҳусайн Бойқаро гардид;

-талошҳои ҳамроҳ кардани Хуросон бо Мовароуннаҳр ба Аҳмад мирзо бе натиҷа монд ва аз ин ҷиҳат ӯ ба мулки Мовароуннаҳр қаноат кард. Рақобати амир Ёдгор ва Ҳусейн Бойқаро барои ба даст овардани ҳокимият чандон тулонӣ набуд, бо кушта шудани Ёдгор ҳокимияти Хуросон ба дасти Ҳусейн Бойқаро гузашт;

-Ҳусейн Бойқаро солҳои аввали ҳукмронии худро бо пахш кардани ошубҳои мардумӣ шуруъ кард, сипас дар натиҷаи ба эътидол омадани авзои сиёсӣ, вазъи кишоварзӣ, илму фарҳанг рӯ ба тараққӣ ниҳод;

-аз солҳои 80-уми асри XV Ҳусейн Бойқаро як чанд маротиба барои ба даст овардани мулки Ҳисор саъю талош кард, аммо муваффақ нашуд. Ӯ ва фарзандонаш ба айшу ишрат дода шуданд, ки дар натиҷа хазинаи давлат холӣ гардид ва ҷамъоварии андозҳои такрории пайдарпай, боиси норозигии халқ гардид;

-авзои сиёсии Хуросон дар натиҷаи ихтилофҳои Ҳусайн Бойқаро ва бо писаронаш рӯз то рӯз мушкилтар мегардид;

-пас аз фавти Ҳусейн Бойқаро мубориза барои ба даст овардани ҳокимияти Хуросон байни писаронаш Бадеуззамон ва Музаффар авҷ гирифта, ин ду писар дар як вақт ҳокими Хуросон интихоб мешаванд ва

дуҳокимиятӣ ба вуҷуд меояд. Тавре ки Бобур мирзо қайд мекунад: «Ин амрест ғариб: ҳеҷ гоҳ касе нашунидааст, ки дар як мулк ду подшоҳ якҷоя ҳукумронӣ кунанд» [35, С.212].

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** ба таҳқиқи масъалаи муҳимми рафти забткориҳои Темуриён ва муборизаҳои мардуми Мовароуннаҳру Хуросон дар асоси маълумоти манбаҳои таърихии давраи таҳқиқ ба забони форсию арабӣ, осори ҷуғрофӣ-таърихии сайёҳону муаррихони асрҳои миёна ва таҳқиқоти ховаршиносону муаррихон такя мекунад. Мавзуи таҳқиқот аз таҳлили маводу манбаҳои таърихии форсию арабӣ ва осори муҳаққиқони муосири ватанию хориҷӣ марбут буда ва рафти вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросонро дар асоси вазифаҳои бамиёнгузошта, ки усулҳои шаффофият, таърихият ва мушаххасотро ба назар гирифтаанд, дар бар мегирад.

Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир меёбад, ки дар асоси таҳлилҳо ва таҳқиқҳо вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон муайян шудааст. Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳамияти илмиву амалӣ дорад, инчунин муайян кардани ҳодисаҳои таҳқиқнашуда ва норавшани таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик барои насли имрӯз ва ояндаи миллат аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Аҳаммияти амалии дигари рисолаи мазкур боз дар он дида мешавад, ки аз зиндагӣ ва осори донишмандони барҷастаи асрҳои миёнаи Мовароуннаҳру Хуросон ва нақши онҳо дар ташаккул ва инкишофи илм ахбори муҳим ироа мегардад. Натиҷаи таҳқиқро метавон ҳангоми омӯзиши таърихи асрҳои XIV-XV, таҳқиқи минбаъдаи таърихи Мовароуннаҳру Хуросони давраи мазкур, таҳияи корҳои илмӣ, роҷеъ ба масъалаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор, тартиб додани барномаҳо, таҳияи воситаҳои таълимӣ ва таълими методӣ барои кӯмак ба омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои

олӣ, таҳияи курсҳои махсус оид ба ҳокимияти Темур ва Темуриён дар минтақаи мавриди таҳқиқ истифода кард.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 07.00.09-таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ**. Интихоб ва бандубасти илмии мавзуъ дар мувофиқа бо мушовирони илмӣ сурат гирифта, саҳми довталаб дар муайян намудани ҳадафҳои асосӣ, коркарди мавод, таҳлилу баррасӣ ва хулосабарориҳои илмии мавзуи интихобшуда зоҳир мегардад. Таҳқиқ бевосита аз ҷониби довталаб ба анҷом расонида шуда, он дар илми таърихнигории тоҷик таҳқиқи ҷадид ва дорои мубрамияти хос мебошад. Дар рафти таҳқиқ масъалаҳои муҳимми мавриди таҳқиқ қарордодан, аз ҷумла, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароунаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV-XV то андозае ҳаллу фасл гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ (суратҷаласаи №12 аз 4.03.2025) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Муҳтаво ва натиҷаҳои диссертатсия дар семинару конфронсияҳои сатҳи ҷумҳуриявии бахшида ба 2700 солагии шаҳри Кӯлоб (7 июни 2006), бахшида ба 1050 “Абурайҳони Берунӣ-алломаи машриқзамин” (20 майи 2023 ш.Душанбе), бахшида ба “115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар мавзуи “Бобоҷон Ғафуров-муаррифгари таърих ва тамаддуни тоҷикон” (16 декабри 2023 ш. Бохтар), бахшида ба “115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров” (23 декабри 2023 ш.Душанбе), бахшида ба 1800-солагии таъсисёбии давлати Сосониён (26 апрели 2024 ш. Душанбе) дар шакли маърузаҳои илмӣ ироа гардидаанд.

Инчунин доир ба мавзуи таҳқиқшаванда муаллиф 20 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расонидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, дастрас будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири ҳаводиси таърихии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV мебошад, ки яке аз марҳалаҳои муҳим дар таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 1 монография ва 25 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки феҳристи онҳо дар охири автореферат оварда мешавад. Аз ин шумора 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

## Боби I. Бозтоби вазъи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 40-60-уми асри XIV дар осори ҳамзамонон ва пажуҳишҳои таърихӣ

### I.I. Тавзеҳ ва таснифи манобеи таърихии истифодашуда

Сарчашмаҳои асосии дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қароргирифта, асосан манбаъҳои хаттии таърихӣ ба забонҳои арабию форсӣ таълифгардидаи муаррихони асрҳои XIV-XV ва сафарномаҳои сайёҳони аврупоӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар манбаъҳои хаттии таърихи асрҳои баъдина низ дар бораи мавзуи мавриди назар маълумоти фаровон ва баъзан нодир ҷой доранд, ки ба бисёр паҳлӯҳои норавшан ва баҳсталаби ин давра равшанӣ меандозанд. Аз ин хотир баъзе чунин маъхазҳои муҳимро низ мавриди истифода қарор додем.

Яке аз манбаъҳои муҳим ва судманди ин давр асари «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсуддини Алӣ ба шумор меравад, ки он ба Темур бахшида шудааст. Ин асар дар заминаи рӯзномаи Насируддини Умар, ки Темурро дар маъракаи Ҳиндустон ҳамроҳӣ мекард, таҳия шудааст. Рӯзномаи Насируддини Умар, ки пешниҳоди Темур гардида буд, ӯро қонеъ карда натавонист. Сипас, ба Ғиёсуддини Алӣ дастур дод, то ки вазъи ҳаррӯзаи лашкаркашии ӯро дар Ҳиндустон дар шакли рӯзномае тасвир кунад. Ин асар сарфи назар аз характери паногирикии худ барои омӯзиши давраи ҳукмронии Темур сарчашмаи муҳим ба ҳисоб меравад. Тавассути ин сарчашма роҷеъ ба вазъияти он вақтаи мардуми ҳинд, номҳои тоҷикии ҷуғрофии Ҳиндустон, калламанорасозиҳои Темур дар Ҳинд, Исфаҳон ва ғайра маълумотҳои бештар ба даст овард. «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон» бо пешгуфтори муҳаққиқи замони шуравӣ В.В. Бартолд ба форсӣ соли 1915 дар Петроград ба нашр расид [26]. Ин асар аз ҷониби академик А.А. Семёнов ба забони русӣ тарҷума шуда, соли 1958 дар шаҳри Маскав мунташир гардид [24].

Маъхази муҳиму судманди дигари ин давр асари «Китобу-л-ибар»-и Ибни Халдун мебошад. Дар ҷилди 7-уми асар доир ба суҳбатҳои Ибни Халдун бо Темур, ки соли 1400 дар Шом доир гардидааст, маълумоти

ҷолиб зикр шудааст. «Китобу-л-ибар» соли 1867 дар Булоқ дар ҳафт ҷилд аз чоп баромад [42]. Тарҷумаи форсии «Китобу-л-ибар» соли 1366/1981 бо тасҳеҳу таҳшияи Абдулмуҳаммади Оятӣ дар Теҳрон чоп гардидааст [43]. Тарҷумаи форсии китоби «Муқаддима»-ро Муҳаммад Парвини Гунободӣ дар Теҳрон дар ду ҷилд ба табъ расонидааст [44]. Аз рӯйи тарҷумаи форсӣ Муҳаммад Парвини Гунободӣ анҷомёфта, китоби «Муқаддима»-и Ибни Халдун бо таъliқоту тасҳеҳу ҳавошии Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ соли 2019 бо забони тоҷикӣ аз чоп баромад [10].

Сарчашмаи дигари бисёр муҳим, ки дар робита ба авзои сиёсию иҷтимоии ин давра таҳия шудааст «Зафарнома»-и Низомуддин Шомӣ мебошад. Ин асар рӯйдодҳои солҳои 1360-1404 Мовароуннаҳру Хуросонро батафсил зикр намудааст. Бояд гуфт, ки мақсад аз таълифи ин асар тавсифи Темур буд, аммо воқеаҳое, ки дар ин асар тасвир шудаанд, ваҳшониятҳои империяи Темур ва Темуриёнро пардапӯшона ошкор сохтааст. Низомуддини Шомӣ асари худро дар ду нусха дар рамазони соли 806/марти 1404 ба итмом расонидааст. Нусхаи аввалинро ба Темур ва нусхаи дуюминро ба набераи ӯ Умар ибни Амироншоҳ 875/1383-809/1407, ки ҳокими Озарбойҷон буд, тақдим доштааст. Дар хусуси нусхаи аслии ин асар маълумот дастрас нест. Аммо мувофиқи таҳқиқоти анҷомдодаи муҳаққиқи фаронсавӣ Лусин Буват як нусхаи дастии ин рисола дар Осорхонаи Лондон нигаҳдорӣ мешавад [174, С.24]. Зафарнома» бори нахуст соли 1937 бо сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Филекс Тауэр дар Бейрут ва соли 1956 дар Прага нашр шудааст. Нусхаи нашри соли 1956 (нашри Прага) дар шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири Китобхонаи миллии Тоҷикистон тахти №16320 маҳфуз аст. Рисолаи мазкур соли 2019 аз ҷониби таърихнигор А. Муродзода аз забони форсӣ ба хатти кириллӣ баргардонида шуд [72]. Бо забони ӯзбекӣ соли 1996 тарҷума ва нашр шудааст [73]. Бинобар ин, дар кори худ мо аз асари мазбур маълумоти зиёдеро истифода намудаем.

Асари дигари ин давра бо номи «Таърихи тоҷи Салмонӣ» ё «Зайли «Зафарнома»-и Тоҷуддини Салмонӣ машҳур аст. Муаллифи Тоҷӣ Салмонӣ аз аҳолии Исфаҳон соли 788/1386 дар хидмати султон Бойсунғарӣ буд. Тоҷӣ Салмонӣ соли 795/1395 дар рикоби Темур Шерозро ба қасди Самарқанд маҷбурӣ тарк гуфт. Тоҷи Салмонӣ аз соли 1405 то 1409 ба хидмати Халил султон (1384-1411) қарор гирифт. Замоне ки Шоҳрух Самарқандро аз Халил султон мегирад, Тоҷӣ Салмонӣ низ дастгир шуд. Тоҷӣ Салмонӣ баъди раҳо ёфтанаш ба девони Улуғбек (796-853/1394-1449) ба кор даромад. Дар ин мансаб буд, ки фармоне аз Улуғбек 5 ҷумодиулаввал 814/августи 1411 баромад, ки тамоми асирони мусулмони Самарқанд, ки дар давраи Темур асир гирифта шуда буданд, иҷозати бозгашт ба зодгоҳашон дода шуд. Пас аз он ки дар соли 1397 аз Шероз ба Самарқанд назди Темур омад, дар дарбори ӯ ба хидмат ворид шуд, то дар соли 1410 аз Шоҳрух фармон гирифт, ки таърихи ҳукмронии Темурро то ба охир бинависад. Унвони аслии ин асари таърихии ӯ, ки муҳаққиқин номи мазкурро шартан ба он гузоштаанд, аниқ маълум нест. Воқеаҳои он аз охирҳои ҳукмронии Темур оғоз шуда, дар аввали зимомдории Шоҳрух (то соли 1409) хотима меёбад. Қимати асар дар он зоҳир меёбад, ки ахбори таърихии вай бори нахуст таълиф шуда, муаллиф шоҳиди айнии воқеаҳо аст ё аз шоҳидони боэътимод шунидааст, ҳамчунин дигар ҳуҷҷатҳои расмии давлатиро сабт кардааст. Маълумоти ин китоб, ки як давраи хеле кутоҳи таърихиро дар бар мегирад, дар таърихномаҳои бузургу боэътимоди баъдӣ айнан кӯчонида шудааст, ки худи ҳамин далели арзишманд будани китоби мазкур аст. «Таърихи тоҷи Салмонӣ», соли 1991 аз забони туркӣ ба забони русӣ аз ҷониби академик З.М. Буниятов [82] тарҷума ва нашр шудааст.

Асари дипломат ва сайёҳи испанӣ Руи Гонсалес де Клавихо (ваф. 2 апрели 1412) «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (солҳои 1403-1406)» барои таҳқиқи мавзӯи мавриди таҳқиқ яке аз маъхазҳои муҳим ба шумор меравад. Руи Гонсалес де Клавихо соли 1403 бо супориши шоҳи Испания ҳамчун роҳбари сафорат бо мактуби махсус ба Мо-

вароуннаҳр ба назди Темур раҳсипор гардида, моҳи сентябри соли 1404 ба Самарқанд мерасад. Дар зарфи қариб ним сол дар Самарқанд истода бо вазъи он ҷо шиносоии хуб пайдо мекунад ва урфу одат ва анъанаҳои онҳоро омӯхта дар хотироти худ қайд менамояд. Сафари Руи Гонсалес де Клавихо се сол давом мекунад ва дар зарфи ин муддат ӯ хотироташро дар рӯзномааш қайд менамояд. То замони мо ду нусхаи дастхати рӯзномаи сафари Руи Гонсалес де Клавихо омада расидааст, ки онҳо дар китобхонаи миллии Мадрид маҳфузанд. Рӯзномаи сафари ӯ борҳо ба забонҳои мухталифи олам тарҷума ва нашр гардидаанд.

«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур (солҳои 1403-1406)» аз рӯи матни испании қадима соли 1990 ба забони русӣ аз чоп гардид [79]. Тарҷумаи ин китоб ба забони форсӣ зери унвони «Сафарномаи Клавихо» солҳои 1959 ва 1965 дар Теҳрон ба табъ расидааст [78]. Ин асар соли 2016 дар Душанбе бо забони тоҷикӣ нашр гардид [75].

Аз баррасии тавсиф ва сохтори «Рӯзномаи  сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур» - и Клавихо бармеояд, ки муаллиф маводи ҳангоми сафари худ ҷамъоварӣ намударо бори дигар таҳқиқ намуда дар хотироти худ аз рӯйи солшуморӣ бо тартиби муайян ҷойгир намудааст.

Сарчашмаи дигар, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқ рабт дорад, «Мунтахабу-т-таворих» ё «Анонными Искандар»-и Муинуддини Натанзӣ маҳсуб мебошад. Дар асар омадааст, ки дарбори набераи Темур-Искандар ибни Умаршайх дар Шероз қарор доштааст. Ҳар ду асар мазмунан қариб, ки ба ҳам монанданд: яке ба номи Искандар ҳокими Форс (ва аз сабаби надоштани унвон академик В.В. Бартолд онро «Аноними Искандар» номгузорӣ кардааст, ки имрӯз бо ин унвон маъруф ва таълифаш дар соли 1412 аст) ва дигаре ба номи ҳокими Ҳирот-Шоҳрух дар санаи 7 октябри соли 1414 таълиф шудааст. Муҳаққиқон дер боз дарк накарданд, ки муаллифи асосии ин асар, яъне «Искандари беном» кист? Ниҳоят, ба академик В.В. Бартолд муяссар гардид, ки муаллифи асари мазкурро ба Муинуддини Натанзӣ нисбат диҳад. Натанзӣ дар дар-

бори набераи Темур Искандар, ки он замон дар Форс ва Исфаҳон (солҳои 1409-1414) ҳоким буд, хидмат мекард.

Аҳаммияти сарчашмаи таърихӣ дар таҳқиқоти мо иборат аз он аст, ки доир ба сулолаи Темуриён маълумоти муътамади таърихӣ дода шудааст, ки чунин маълумотҳо дар асарҳои дигари таърихӣ камтар ба назар мерасанд. Истифодаи маълумоти Натанзӣ барои омӯзиши таърихи ибтидои давраи Темуриён дорои аҳаммияти махсус мебошад, зеро муаллиф шоҳиди воқеаҳои гуногуни сиёсӣ буд ва аз ин лиҳоз маълумотҳои ӯ судманд аст.

Дастнависи асари Муинуддини Натанзӣ «Мунтахабу-т-таворих» дар китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия маҳфуз аст [67]. Ин асар соли 2004 дар Теҳрон нашр шудааст [68]. «Анонимӣ Искандар» соли 1957 дар Теҳрон ба табъ расид [66].

Сарчашмаи дигари бисёр муҳим, ки вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фаҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросонро фаро мегирад, «Муҷмалу-т-таворих»-и Фасеҳи Хавофӣ (1375-1441) мебошад. Фасеҳии Хавофӣ яке аз коргузорони ҳукумати Шоҳрух ва дар ибтидои салтанати вай раиси молиёту муҳосиби хазинаи давлатӣ буд. Муаллиф воқеаҳои таърихиро бо услуби солшуморӣ то соли 845/1441-1442 баён намудааст. Баъзе ҷузъиётҳое, ки дар ин асар оварда шудаанд, дар сарчашмаҳои дигар дида намешавад. Нусхаҳои ин асар дар бисёр китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд [305, С.355-358]. Асари мазкур аз ҷониби Маҳмуди Фаррух солҳои 1960-1962 дар шаҳри Машҳад, дар ду ҷилд, ба нашр расидааст [88; 89; 90]. «Муҷмали Фасеҳӣ» соли 1980 бо тасҳеҳу таҳшияи Маҳмуди Фаррух нашр гардидааст. Як қисми он аз ҷониби муаррихи узбек Д.Ю. Юсупова [91] ба забони русӣ тарҷума гардидааст.

Манбаи судбахши дигар, бо авзои сиёсию иҷтимоии давраи мавриди таҳқиқ робита дорад, “Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ мебошад. Аз қайдҳои муаррихон маълум мешавад, ки Иброҳим султон

фарзанди Шоҳрух, ҳокими Форс, ӯро соли 822/1419-20 ба Шероз даъват кард, то ба навиштани «Зафарнома» шуруъ кунад. Муаллиф дар ин асар ахборро аз таваллуди Темур 8 апрели 1336 то ба сари қудрат омадани даврахои Халил султон дар Самарқандро мавриди баррасӣ қарор додааст. Гарчанде ин асар дар руҳияи мадҳия, бо услуби ситоишу сано таҳия шуда бошад ҳам, вале бо вуҷуди он маводи арзишманди таърихиро фаро мегирад. Аммо, бояд зикр кард, ки ӯ ҳангоми инъикоси воқеаҳои ин давраи таърихӣ ба «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ иктифо намудаast.

«Зафарнома»-и Яздӣ ду бор дар Теҳрон аз ҷониби Муҳаммад Алӣ Аббос дар соли 1336 нашр гардидааст [109; 110]. Ин асар соли 1972 аз ҷониби А. Урунбоев дар Ӯзбекистон бо усули факсимилӣ бо муқаддимаву феҳристҳо нашр гардид [111].

Дар китобхонаи ба номи А.А. Семёнови Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ду нусхаи дастхати “Зафарнома” зери рақамҳои 39 ва 127 маҳфузанд.

Дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ якчанд нусхаҳои ин асар нигоҳ дошта мешаванд [107].

Маъхази муҳими дигар ин асари «Зубдату-т-таворих»-и Ҳофизи Абрӯ (1360-июни 1431) ба шумор меравад. Муаллиф аз ҷумлаи донишмандони дарбори Шоҳрух буд. Азбаски ӯ бо дарбори Темур наздикии зиёд дошт ва худи ӯ бевосита шоҳиди воқеаҳо буд, рӯйдодҳои таърихиро ба таври амиқ нишон додааст. Ҳофизи Абрӯ бори нахуст дар соли 780/1380 аз инояти Темур бархурдор шуд ва аз он пас ба таври доимӣ дар нишастҳои Темур ҳозир мегашт ва ба унвони устоди шатранҷ низ мақому мартаба пайдо кард. Ҳофизи Абрӯ дар лашкаркашиҳои Темур аз ҷумла юриши се сола (782-83/1386-88) ва ҳафтсола (802-7/1399-1404) бевосита ширкат дошт. Ҳофизи Абрӯ пас аз марги Темур ба хидмати Шоҳрух даромад. Ӯ бо фармони Шоҳрух давоми «Ҷомеъу-т-таворих»-

Рашидуддинро бо номи «Зайли Ҷомеъу-т-таворих» ва асарҳои дигарро чун «Зайли Зафарномаи Шомӣ» ва «Ҷуғрофиё»-таҳия нгамудааст.

Дар асари «Зубдату-т-таворих» маълумоти зиёди муҳимми таърихӣ оид ба давраи Темуриён инъикос гардидааст. Ҳофизи Абрӯ дар таҳияи асари худ бевосита ба мушоҳидаҳои шахсӣ, нақли ҳамасрон, шоҳидон ва иштирокчиёни воқеаҳо, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ва маводи сарчашмаҳои таърихӣ такя намудааст.

Нусхаҳои ин асар дар бисёр китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд [305, С. 341-349.]. Ду нусхаи ин асар таҳти №17, №1825 дар ганҷинаи китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст [298, С.16-22,]. Асари «Зубдату-т-таворих» соли 1380 ҳ.ш. дар Теҳрон дар чор ҷилд нашр гардидааст [101; 102; 103; 104].

Манбаи дигари муҳиму судбахш «Таърихи Язд»-и Ҷаъфар ибни Муҳаммад Яздӣ мебошад. Ин асар ҳодисаҳои таърихи Эрон ва исломро то ҳудуди соли 850/1446 фаро гирифтааст ва байни солҳои 1447-1452 навишта шудааст. Асари мазкур аз шаш қисм иборат буда, қисмати охири он таърихи ҳукмронии Темур ва ҷонишинони вай то замони навишта шудани китоб аст. Ва арзиши бештари илмии он низ дар ҳамин қисмат аст, ки замони зиндагии муаллиф мебошад. Муаллиф асари дигаре бо номи «Таърихи Язд», низ таҳия кардааст, дар он таърихи Яздро аз қадим то замони Шоҳрух тасвир кардааст. Ҳодисаҳои давраи Темуриён аз аҳаммияти вижа бархурдор аст. Таърихи Язд» ду маротиба, солҳои 1960 ва 1965 дар Теҳрон ба нашр расидааст [106].

Сарчашмаи дигари манбаи судбахш асари Ибни Арабшоҳ (1392-1450) «Аҷоибу-л-мақдур фӣ навоиби Темур» мебошад. Соли 1400-1401 ҳангоми ҳуҷуми Темур ба Шом дар баробари дигар асирон вориди Самарқанд шуд ва тамоми ҳодисаҳои то соли 1404-1405 дар сарзаминҳои ишғолнамудаи Темурро ба чашми сар дидааст. Дар бораи Темур ва рафтору амалҳои ӯ, хунхориву ғоратгариҳои ӯ, шахсияти ӯ рисолае таълиф кард. Ба номи «Аҷоибу-л-мақдур фӣ навоиби Темур» («Зиндагии

шигифтовари Темур»), ки ба воқеаҳои сиёсии нимаи дуюми асри XIV ва нимаи аввали асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон, аниқтараш ба таърихи ҳукмронии Темур ва лашкаркашиҳои ӯ ба минтақаҳои гуногун ва ҳамчунин таърихи хонадони Темур то аҳди Шоҳрух бахшида шудааст. «Аҷоибу-л-мақдур фӣ навоиби Темур» аз нахустин асарҳоест, ки таърихи Темур ва хонадони Темуриёнро аз нуқтаи назари интиқодӣ инъикос менамояд. Аҳаммият ва фарқияти ҷиддии ин асар аз дигар асарҳои ба ин давра бахшидашуда дар он аст, ки муаллифи он ба ҳодисаҳои давраро баръакси дигар муаррихону муҳаққиқон ба таври воқеъбинона тасвирмекунад.

«Аҷоибу-л-мақдур фӣ навоиби Темур»-и Ибни Арабшоҳ аз ҷониби донишманди Эронӣ Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ ба забони форсӣ тарҷума шуда, соли 1977 дар Теҳрон ба нашр расид [40]. Соли 2018 он аз ҷониби Аҳмадхон Муродзода аз рӯйи тарҷумаи Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ ба алифбои кириллӣ баргардонида шуд. Тарҷумаи бо забони узбакӣ «Таърихи Темур»-и Ибни Арабшоҳ бо тафсири илмии васеъ пешкаш шудааст. Соли 1992 дар Тошканд дар ду ҷилд нашр шудааст [37; 38]. Як қисмати ин асар аз ҷониби Ҳ. Бобобеков соли 2008 бо забони русӣ тарҷума ва нашр шудааст [39].

Манбаи муҳимми дигар дар таҳқиқи мавзуи баҳси мо алоқамандӣ дорад, асари «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и муаррихи барҷастаи тоҷик Камолуддин Абдураззоқ ибни Ҷалолуддин Исҳоқи Самарқандӣ (12 шаъбон 816/7 ноябри 1413-июл-августи 1482) мебошад. Ин асар сарчашмаи арзишманди таърихиест, ки воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросонро пурра инъикос намудааст. Ин асар аз ду қисмат иборат буда, дар қисми аввал доир ба ҳодисаҳои аз таваллуди Абусаиди Элхонӣ (1304-1305) то ба сари қудрат омадани набераи Темур Халил султон дар Самарқанд соли 807/1405 аз ҷумла замони ҳукумронии ӯ маълумот дода, дар қисми дувум бошад воқеаҳо аз оғози ҳукумронии Шоҳрух то соли 875/1470-ро фаро

гирифтааст. Абдураззоқ ин асарро 14 раби 875/10 сентябри соли 1470 ба итмом расондааст.

Ин асар соли 2008 аз ҷониби муаррихи узбек А. Урунбоев бо забони узбекӣ тарҷума шудааст [6]. Нусхаҳои ин асар дар бисёр китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд [305, С. 820-828]. Ду нусхаи ин асар таҳти №17, №1825 дар ганҷинаи китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон маҳфуз аст [294, С.59-60]. Се нусхаи дастнависи «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн» дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ таҳти рақамҳои №1057, 347, 102/VI ва дар ганҷинаи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия 6 нусхаи дастхати «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн» маҳфуз аст [248, С.262-273.]. Асари Абдураззоқи Самарқандӣ «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн» дар Теҳрон [2; 3; 4; 5] ва Лоҳур ба нашр расида, пораҳои ин асар бо забони русӣ низ нашр гардидаанд [7, С.529-535].

Тазкира, ки ёдгории адабист, ба далели мавҷуд будани маводи пурарзиши воқеии дорои хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таърихию фарҳанги низ сарчашмаи муҳимми таърихӣ ба шумор меравад. Дар ин раванд тазкираи Давлатшоҳи Самарқандӣ «Тазкирату-ш-шуаро» яке аз маъхазҳои муҳим ва ҷолиб маҳсуб меёбад. Аҳаммияти ин асар аз он иборат аст, ки дар он маълумоти зиёд дар бобати авзои сиёсию иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросони асри XV инъикоси худро ёфтаанд.

Дар ин асар дар бораи муборизаи Темур ва лашкаркашиҳои ӯ ба минтақаҳои мухталиф, оид ба ҳаракати сарбадорони Хуросон, ҳамчунин қатлу ғорат, ваҳшониятҳои бемисли Темуриён ахбори ҷолиб оварда шудааст.

Муаллиф асари худро 28 шавволи санаи 892/17 октябри соли 1487 ба анҷом расонда ба Алишер Навоӣ тақдим кардааст.

«Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ борҳо бо забонҳои мухталиф тарҷума ва нашр гардидааст.

Қисмате аз ин асарро олимони тоҷик Муҳаммад Ансор ва Аъзами Худодод соли 1999 ба хатти кириллӣ бозгардон ва нашр карданд [29]. Дертар соли 2015 аз рӯйи нашри Эдуард Браун матни пурраи «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ аз ҷониби Мухлиса Нуруллоева [28] ба тасвиб расидааст. Дар китобхонаи ба номи А.А. Семёнови Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як нусхаи дастхати «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ зери рақами 84 нигаҳдорӣ мешавад.

Маъхази дигар асари «Равзату-с-сафо фӣ сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо»-и Муҳаммад Ховандшоҳ бини Маҳмуд Мирхонд (1433-1498) маҳсуб меёбад, ки он бо дастури Алишер Навоӣ навишта шудааст.

Аҳамияти асари мазкур дар таҳқиқоти мо иборат аз он аст, ки дар он маълумоти авзои сиёсиву иҷтимоии нимаи дуюми асри XIV ва нимаи дуюми асри XV ба таври амиқ ва хеле густурда тасвир шудааст. Мирхонд дар рисолаи худ ҳодисаҳои таърихиро аз пайдоиши одам то замони худ инъикос намудааст. Ҷилди шашум ва ҳафтуми ин асар ба ҳодисаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIV ва нимаи дуюми асри XV бахшида шуда, дар он муаллиф аз маъхазҳои зиёд қаблӣ истифода намудааст.

Пораҳое аз ин асар бо забонҳои лотинию фаронсавӣ дар солҳои 1808 ва 1845 тарҷумаву нашр карда гардидаанд [155, С.300]. «Равзату-с-сафо фӣ сирати-л-анбиёи ва-л-мулуки ва-л-хулафо» соли 1339 ҳ.ш. дар Теҳрон нашр гардидааст [55; 56]. Дар ганҷинаи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия шумораи зиёди нусхаҳои дастхати «Равзату-с-сафо» мавҷуд аст [248, С.87-105]. Ду нусхаи дастхати «Равзату-с-сафо» дар китобхонаи ба номи А.А. Семёнови Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зери рақамҳои 51 ва 322 ва дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ 16 нусхаҳои

дастхати «Равзату-с-сафо» маҳфузанд [229, С.36-45]. Нусхаҳои зиёди дастхати «Равзату-с-сафо» дар ганҷинаи китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон нигоҳ дошта шудаанд [294, С.31-36].

Соли 2004 ҷилди якуми «Равзату-с-сафо» [57] ва соли 2006 ҷилди дуюми он аз ҷониби олими тоҷик Н. Амиршоҳӣ аз забони форсӣ ба алифбои кириллӣ баргардонида шуд [58].

Манбаи дигари муфид «Равзоту-л-ҷаннот фӣ авсофи мадинати Ҳирот»-и Муъинуддин Муҳаммад Исфизорӣ (тах. 1446-1498) мебошад. Мавсуф бо даъвати вазири султон Ҳусайн Бойқаро Алишер Навоӣ ба дарбор даъват шуда, зиёда аз бист сол кор ва фаъолият намудааст. Соли 1498 бо кадом ҷурме ҳукуматдорон ӯро, ба қатл расониданд. Муаллиф ин асарро солҳои 1491-1494) бо дастури Алишер Навоӣ навиштааст.

Дар ин асар баробари маводи ҷуғрофӣ, маълумоти зиёди таърихие ҷой дода шудааст, ки муаллиф шоҳиди бевоситаи он буд. Дар ин асар дар баробари маълумоти таърихии пешин, инчунин ахбори муҳимми таърихие роҷеъ ба замони Темур ва ворисони ӯ, тавсифи ҷангҳову кашмакашиҳои шоҳзодагони темурӣ барои тоҷу тахти Хуросон пас аз марги Темур ва амсоли он оварда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аз ин асар инчунин дар бораи ҷангу ҷидоли темуриҳо, кушторҳо, бунёди калламанораҳо ва ҳодисаҳои таърихие дигаре, ки дар манотиқи Хуросон, махсусан дар шаҳри Ҳирот, сар зада буданд, маълумоти ҷолибе пайдо кардан мумкин аст.

Дар ганҷинаи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия 2 нусхаи дастхати «Равзоту-л-ҷаннот фӣ авсофи мадинати Ҳирот» маҳфуз аст [248, С.234-237] ва ин асар соли 1388 ҳ.ш. дар Теҳрон ба нашр гардид [69; 70].

Сарчашмаи дигар, ки ба авзои сиёсию иҷтимоӣ ва адабии давраи мавриди назар бахшида шудааст, «Маҷолису-н-нафоис»-и Алишер Навоӣ мебошад. Ин асар дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти 251 шоир ва

адибони нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI маълумотҳои зиёдеро гирд овардааст.

Аҳаммияти осори мазкур дар таҳқиқоти мо иборат дар он аст, ки дар он вазъи доираи илмию адабии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV то ҳадди зарурӣ муқаррар шудааст. Маълумотҳои ҷойдошта барои равшан кардани мақоми шахсиятҳои алоҳидаи муҳити адабӣ ва ҳавзаҳои гуногуни он, ки дар давраи Темуриён зиндагӣ кардаанд, муфид арзёбӣ мешавад. “Маҷолису-н-нафоис», соли 1945 бо тасҳеҳу таҳшияи Алиасғари Ҳикмат дар Теҳрон чоп гардидааст [14]. Соли 2018 он аз ҷониби У. Тоиров ва М. Низомов аз рӯйи тарҷумаи Ф. Ҳиротӣ ва М. Қазвинӣ ба алифбои кириллӣ баргардонида шуд [16].

Манбаи дигари арзишманд, ки ба таҳқиқоти мо алоқамандӣ дорад ва ҳангоми баррасии мавзуъ ба он такя намудаем, ин дар таҳқиқот ба маълумоти он рӯ овардем, «Сафар ба Аврупо, Осиё ва Африқо аз соли 1394 то соли 1427»-и Иоганн Шилтбергер мебошад. Фаслҳои алоҳидаи асари мазкур бо мавзуи мавриди таҳқиқи мо иртиботи зиёд дошта, дар бобати вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳру музофотҳои Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ибтидои асри XV маълумот додааст.

Рисолаи мазкур соли 1475 дар Майнс нашр шудааст. Ин рисола соли 1866 бо забони русӣ ва баъдан ба забони англисӣ бо номи «Шилтбергер шарҳи асорат ва сафарҳои вай дар Аврупо, Осиё ва Африқо» тарҷума шуд. Муаррихи рус Ф.К. Брун рисолаи мазкурро аз забони немисии қадим ба забони русӣ соли 1867 тарҷума ва нашр кард [74]. Асари мазкур соли 1984 аз рӯйи тарҷумаи Ф.К. Брун аз ҷониби академик З.М. Буниятов дар шакли ихтисор бо тавзеҳоту ташреҳоти фаровон ба забони русӣ тарҷума шуд [113; 114].

Манобеи дигари муфид дар таҳқиқи мо рисолаи «Таърихи Темури ланг ва ворисони ӯ»-и Фома Метсопски мебошад. Муҳаққиқи мазкур

шоҳиди бевоситаи воқеаҳои даҳшатовари таърихӣ, аз ҷумла ваҳшонияти Темур дар Шарқи Наздик ва Кавказ буд. Ӯ бар хилофи муаррихони чоплус моҷарои даврони Темур ва фарзандонаш Умаршайх, Мироншоҳ ва Шоҳрухро ба таври содалавҳона баён карда, воқеаву лашкаркашиҳо, найрангҳо, паймоншиканиҳо, хунрезиҳо ва кушторҳои ваҳшиёна, зисту зиндагии тоҷикони Арманистон, соли 1425 дар шаҳри Урмон ба тариқи ваҳшиёна ба қатл расонидани 700 нафар тоҷик аз ҷониби Искандари туркман мавриди истифода қарор додааст. Асари мазкур, воқеаҳои солҳои 1388-1446 дар мамлакатҳои Шарқи Наздик ва Кавказ ба амал омадаро дар бар мегирад. Ҳамчунин, муаллиф дар рисолаи худ забти Самарқанд, аз тарафи Темур ва ҳуҷумҳои ӯ ба Хуросон, шаҳрҳои тоҷикнишин, аз қабили Балх, Нишопур, Тус, Ҳирот ва амсоли инҳо ҷой додааст.

Асари мазкур соли 1957 аз тарафи Т.И.Тер-Григорян аз забони арманӣ бо забонҳои озарӣ ва русӣ тарҷума шуд ва дар Боку аз чоп баромад [60].

Яке аз асарҳои муҳим ва арзишманди ин давра «Шайбонинома»-и Камолиддин Биноӣ (1453-1512) мебошад. Дар «Шайбонинома» доир ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ва фарҳангии Мовароуннаҳр ва Хуросони нимаи дуюми асри XV нимаи аввали асри XVI маълумоти ҷолиб оварда шудааст.

Ду нусхаи дастхати «Шайбонинома» дар ганҷинаи китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон [300, С.25; 301, С.23-24] ва як нусхаи дастнависи ин асар дар китобхонаи А.А. Семёнови Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш мавҷуд аст [45].

Дигар аз таърихнигорони маъруфи ибтидои асри XVI муаллифи «Меҳмонномаи Бухоро» Фазлуллоҳ ибни Рӯзбехон мебошад. Асари мазкур соли 1509 навишта шудааст. Дар он вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони ибтидои асри XVI батафсил

зикр гардидааст. «Меҳмонномаи Бухоро» соли 2535 шаҳаншоҳӣ бо эҳтимоми Манучеҳри Сутуда дар Теҳрон нашр гардид [87]. Як нусхаи дастхати «Меҳмонномаи Бухоро» дар ганҷинаи китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбакистон маҳфуз аст [299, С. 34-35].

Маъхази дигари муфид, ки дар таҳқиқот мо бештар ба он такя кардаем, «Бобурнома» ё «Воқеоти Бобурӣ»-и Заҳируддин Муҳаммад Бобур (1483-1530) маҳсуб меёбад. Дар ин рисола ҳодисоти солҳои 1494-1529, ки худи муаллиф шоҳиди воқеии он аз Фарғона то Ҳиндустон буд, ба тафсил зикр гардидааст. Рисолаи мазкур бо чандин забонҳои дунё тарҷума ва нашр шудааст.

Муҳтаво ва мундариҷаи «Бобурнома», чунонки мушоҳида мешавад, пурра ба мавзуи таҳқиқии мо алоқамандӣ дорад, бинобар ин, ҳангоми баррасии масъала ба ин сарчашмаи боэътимод иктифо намудаем.

Сарчашмаи дигари муфид «Ҳабибу-с-сияр фӣ ахбори афроди-л-башар»-и Хондамир (1475-1535) мебошад. Муаллиф аввал дар Ҳирот, дар дарбори Темуриён хизмат карда, баъд аз байн рафтани давлати Темуриён дар Ҳирот муддате дар дарбори Исмоили Сафавӣ ва соли 1528 ба шаҳри Деҳлӣ, ки маркази империяи Темуриёни Ҳинд ба ҳисоб мерафт, сафар намуд. Дар дарбори писари Бобур-Ҳумоюн хизмат карда, дар лашкаркашиҳояш иштирок намуда, шоҳиди бевоситаи бисёр воқеаҳои таърихӣ буд. Ҳангоми дар Ҳиндустон буданаш асари «Ҳабибу-с-сияр»-ро навишт [95; 96]. Ин асар воқеаҳои оламро аз давраи пайдоиш то соли 930 ҳ дарбар мегирад ва аз се ҷузв, як муқаддима ва як хотима иборат мебошад. Унвони «Ҳабибу-с-сияр» он аз номи Ҳабибуллоҳ Совачӣ вазири Хуросон ва мулақаб ба Каримуддин интихоб шудааст.

Муаллиф дар ин асар дар бораи таърихи Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои XV-нимаи аввали асри XVI маълумот додааст.

Як нусхаи «Ҳабибу-с-сияр» дар китобхонаи ба номи А.А. Семенови Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи

миллии илмҳои Тоҷикистон зери рақами 145 маҳфуз аст. Дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ се нусхаи дастхати «Ҳабибу-с-сияр» зери рақамҳои 246, 2027 ва 3044 [229, С.45-48], нусхаҳои зиёди «Ҳабибу-с-сияр» дар ганҷинаи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия маҳфуз аст [248, С.110-125].

Маъхази муҳими дигар ин асари Мирзомуҳаммад Ҳайдар (1500-1551) «Таърихи Рашидӣ» ба шумор меравад. Асар дар ду дафтар навишта шуда, он соли 1546 дар Кашмир ба анҷом расонда шудааст. Китоби аввал соли 1546 навишта шуда, баёни таърихи хонҳои чағатоӣ (муғулҳо) ва Қошғарро аз давраи ҳукмронии Туғлуқ-Темур (соли ба тахт нишастан 1347-1348) то Абдуррашид (соли ба тахт нишастан 1538) дар бар мегирад. Китоби дуввум, ки аз ҷиҳати ҳаҷм нисбат ба китоби аввал қариб чор маротиба зиёдтар аст, соли 1541-1542 навишта шудааст ва он ёддоштҳои худи муаллиф аст. «Таърихи Рашидӣ» соли 1383 ҳ.ш. бо тасҳеҳи Аббосқулӣ Ғаффорфард дар Теҳрон ба табъ расидааст [54].

Маъхази дигар ин асари Масъуд ибни Усмони Кӯҳистонӣ «Таърихи Абулхайрхонӣ» ба шумор меравад, ки он аҳамияти таърихи умумиҷаҳониро дорост. Қисми зиёди он талфифӣ (компилятивӣ) аст. Он давраи аз «офариниши олам» то солҳои 60-уми асри XV-ро дар бар мегирад. Дар ганҷинаи дастхаҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия 3 нусхаи дастхати «Таърихи Абулхайрхонӣ» маҳфуз аст [248, С.125-127]. Дар ганҷинаи дастхаҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбакистон як нусхаи дастхати «Таърихи Абулхайрхонӣ» маҳфуз аст [50].

Баъзе қисматҳои «Таърихи Абулхайрхонӣ» аз тарафи С.К. Иброҳимова ба забони русӣ дар китоби «Материалы по истории казахских ханств XV–XVIII веков» соли 1969 дар Алма-Ато чоп гардидаанд [246]. Порчаҳои алоҳидаи ин асар аз тарафи Б.А. Ахмедов соли 1988 дар китоби

«Материалы по истории Средней и Центральной Азии X-XIX вв.» дар Тошканд ба забони русӣ тарҷума ва нашр гардидаанд [243, С.215-218].

Сарчашмаи судбахши дигар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ (1485-1556) мебошад. Асари мазкур ахбороти пурарзишро оид ба ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ва фарҳангии Мовароуннаҳр ва Хуросон охири асри XV нимаи аввали асри XVI фаро гирифтааст. Ҳамчунон, дар асар аз боби рӯйдодҳои таърихии Ҳирот, Самарқанд, Бухоро, шоҳону вазирон, сипоҳиён, қозиҳо, шайхулисломҳо, шоирону нависандагон маълумот дода шудааст. Матни илмии интиқодии «Бадоеъ-л-вақоеъ»-ро шарқшиноси шуравӣ А.Н. Болдирев соли 1961 дар Маскав дар ду ҷилд ба табъ расонидааст [22; 23]. Бори дуюм ин асар бо тасҳеҳу ислоҳот солҳои 1971-72 дар Теҳрон интишор гардид [32]. «Бадоеъ-л-вақоеъ» соли 2014 аз форсӣ бо забони тоҷикӣ аз ҷониби кормандони Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик нашр шуд [33].

Яке аз асарҳои муҳимме, ки то замони мо расидааст, ин «Таърихи гузида» мебошад, ки он ба забони туркӣ навишта шуда, ба Шайбонихон бахшида шудааст ва ба қалами Муҳаммад Солеҳ тааллуқ дорад. Дар ин асар маълумоти фаровони таърихӣ, иқтисодӣ ва этнографӣ мавҷуд аст. Ин асар бо фармони Шайбонихон баъд аз фатҳи Бухорову Самарқанд дар соли 1504 навишта шуда, аз се қисм иборат аст ва ҳар қисми он дар навбати худ ба се боб тақсим мешавад. Қисми дуюми он ба Темур ва темуриён бахшида шудааст. Матни интиқодии ин асар аз тарафи А.М. Акрамов нашр гардидааст [81].

Сарчашмаи дигар, ки ба мавзуи таҳқиқи мо зич алоқамандӣ дорад, «Зафарномаи амир Темур»-и муаллифи номаълуми нимаи аввали асри XVI мебошад. Дар ин рисола тарҷумаи ҳоли амир Темур, юриши Темур бар зидди Тухтамишхон ба тафсил зикр гардидааст. Муаллиф маъхазҳои истифоданамудаашро номбар карда, дар матн ба ғайр аз фактҳои таърихӣ бисёр ҳикояву ривоятҳои бадеӣ меорад. Як нусхаи дастнависи «Зафарномаи амир Темур» дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ зери рақами 1485 маҳфуз аст [229, С.65-66].

Сарчашмаи дигар ин асари муаррих Ҳасани Румлу «Аҳсану-т-таворих» мебошад. Муаллиф дар ҷилдҳои якум ва дуюми ин асар ҳаводиси марбут ба давраи ворисони Темурро ба таври мухтасар баён намудааст. Манбаъҳои асосии Ҳасани Румлу ин мушоҳидаҳои шахсии ӯ, шоҳидон ва иштирокчиёни ҳодисаҳо, ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ мебошанд. Асар аз ҷониби Абдуҳусайни Навоӣ дар Теҳрон соли 1349 ва 1384 дар се ҷилд нашр гардидааст [98; 99].

Асари муаллифи гумноми «Темурномаи ҳазрати соҳибқирон» (асри XVI) воқеаву ҳодисаҳо ва авзои сиёсии давраи мавриди таҳқиқро инъикос кардааст. Дар ин асар тавсифи задухӯрдҳои Темур бо амир Ҳусайн инчунин, унсурҳои зиёди афсонавӣ ҷой дода шудааст. Асар рӯйхати 219 қисса, 26 зерфаслҳои хурдтар ва 5 қисмати ҳатто хурдтари матн, дар маҷмуъ 250 зерфаслро дарбар мегирад. Як нусхаи дастнависи «Темурномаи ҳазрати соҳибқирон» дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон зери рақами 2919 маҳфуз аст [229, С.66-67].

Ба қалами муаллифи номаълуми (асри XVI) асари «Таърихи Темурӣ» мансуб аст. Дар ин асар воқеаҳои бевосита пеш аз таваллуди Темур, бо достони издивоҷи писари Темур Шоҳрух бо Гавҳаршод ҷой додааст. Асар ба 24 ривояти алоҳида тақсим шудааст. Як нусхаи дастнависи «Таърихи Темурӣ» дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон зери рақами 462 маҳфуз аст [229, С.67].

Сарчашмаи дигар «Китоби таърихи Темури Гурагон»-и муаллифи гумноми асри XVI мебошад. Рисола маҷмуаест оид ба таърихи Темур, ки дар асоси осори муаллифони гирдоварӣ шуда, аз 75 ривоят ва 31 достон иборат аст. Асар аз қиссаҳо дар бораи таваллуди Темур оғоз шуда, бо тасвири бозгашти Темур аз ҷанги ҳафтсола ба Самарқанд, маросими дафн ва интихоби ворисони ӯ, Халил султон ба охир мерасад.

Дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ду нусхаи дастхати “Китоби

таърихи Темури Гурагон” зери рақамҳои 23 ва 2502 нигаҳдорӣ мешаванд [229, С.65-66].

Манбаи дигари бисёр муҳим «Абдуллоҳнома»-и Ҳофизи Таниш мебошад. Аҳаммияти асари мазкур ҳам дар таҳқиқоти мо иборат аз он аст, ки дар он маълумоти зиёд оид ба авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XV ва ибтидои асри XVI-и намояндагони хонадони Темуриён аз қабили Шоҳрух, Абусаид, Ҳусайн Бойқаро ва Бобур мирзо оварда шудаанд. Рисолаи мазкур барои омӯзиши вазъи ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва адабии асри XVI аҳаммияти калон дорад.

Нусхаҳои ин асар дар бисёр китобхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд. Як нусхаи «Абдуллоҳнома» дар ганҷинаи китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон [105] ва се нусхаи дигари он дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ нигоҳ дошта шудааст [229, С.75-78]. Дар ганҷинаи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия ду нусхаи дастхати «Шарафномаи шоҳӣ» [248, С.295-300] ва дар китобхонаи ба номи А.А. Семёнови Пажуҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва як нусхаи «Абдуллонома» зери рақами 126 маҳфуз аст. Ду нусхаи дастхати «Шарафномаи шоҳӣ» дар ганҷинаи китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон нигаҳдорӣ мешавад. Соли 1983 қисми якуми «Шарафномаи шоҳӣ» [93] ва соли 1989 қисми дуюми он аз ҷониби М.А. Салоҳиддинова ба забони русӣ тарҷума ва нашр гардид [94].

Яке аз маъхазҳои дигаре, ки доир мавзуи мавриди таҳқиқ маълумот медиҳад, ин асари «Тузукоти Темурӣ»-и Абутолиб Ҳусайни Турбатӣ ба шумор меравад, ки он бо дастури ҳокими Ҳиндустон Шоҳҷаҳон байни солҳои 1628-1638 таълиф шудааст.

Рисола аз ду қисм иборат мебошад. Дар қисми аввал доир ба тарҷумаи ҳоли Темур, бозгашти ӯ ба Самарқанд пас аз ҷанги ҳафтсола ва вафоти ӯ дар соли 1405 маълумот дода шудааст. Дар қисми дуюми рисо-

ла оид ба сабабҳои таълифи «Қонун», 12 принсипи идоракунии ӯ, 12 категорияи асосии одамоне, ки ӯ дар фаъолияти давлатӣ ба онҳо такя мекард, принсипҳои асосии ташкил ва сохтори лашкар, муҳофизати молу мулк, суюрғол ва дигар навъҳои таъминоти моддии ходимони давлатӣ ва руҳониён, тартиби ситонидани андоз ва ғайра маълумоти муфассал дода шудааст.

«Тузукоти Темурӣ» ба забонҳои англисӣ, франсавӣ, урду тарҷума шудааст. Соли 1894 дар Тошканд бо забони русӣ тарҷума шудааст [84].

Як нусхаи дастнависи «Тузукоти Темурӣ» дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ зери рақами 94 маҳфуз аст [229, С. 65-66]. «Тузукоти Темурӣ»-и Абутолиб Ҳусайни Турбатӣ дар Теҳрон нашр гардидааст [83].

Дар асари Муҳаммад Юсуфи Муншӣ «Таърихи Муқимхонӣ» доир ба мавзуи мавриди таҳқиқ маводи ҷолиб оварда шудааст. Дар ганҷинаи дастхатҳои Маркази мероси хаттии назди раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 20 нусхаи дастхати «Таърихи Муқимхонӣ» маҳфуз аст [229, С.88-95]. Дар ганҷинаи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Федератсияи Россия 14 нусхаи дастхати ин асар нигаҳдорӣ мешавад [248, С.300-307]. Дар китобхонаҳои Эрон Эрон се нусхаи дастхати «Таърихи Муқимхонӣ» мавҷуд аст [260, С.925]. Дар китобхонаи А.А. Семёнови Пажӯҳишгоҳи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ду нусхаи дастхати «Таърихи Муқимхонӣ» зери рақамҳои 33 ва 133 нигаҳдорӣ мешаванд. Нусхаҳои зиёди дастхати «Таърихи Муқимхонӣ» дар ганҷинаи китобхонаи Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон маҳфузанд [299, С.38-39; 302, С.19-20].

«Таърихи Муқимхонӣ» пурра ба забони русӣ тарҷима шуда, бо муқаддима ва тавзеҳоти муфассали А.А. Семенов ба нашр расидааст [62]. Соли 1370 ҳ.ш. ин асар дар Теҳрон ба табъ расид [65].

Олим ва муаррихи самарқандӣ Мирсаид Шариф Раҳими Самарқандӣ (нимаи дуюми асри XVII-чоряки аввали асри XVIII) асареро

бо номи «Таърихи Роқимӣ» навишт, ки он бо унвонҳои дигар, аз ҷумла «Таърихи Сайид Роқим» ё «Таърихи Роқим» низ машҳур аст. Дар ин асар маълумотҳои ҷолибе дар бораи ҳаводиси мухталиф дар Мовароуннаҳр, аз давраи ҳукмронии Темуриён то нимаҳои асри XVII зикр ёфтаанд. Ин асар ҳамчунин ҳомили маводи муҳимме дар бораи таваллуди Темур, зуҳури Темур дар арсаи сиёсӣ, вафоти Темур, солҳои ҳукмронии Халил султону Шоҳрух ва ҳаводиси дигари муҳими таърихии замони мавриди таҳқиқ равшанӣ меандозад. Дастнависҳои ин асар дар китобхонаҳои кишварҳои зиёде нигаҳдорӣ мешаванд [305, С.1141-1142]. Нашри ин асар соли 1913 аз ҷониби донишманди маъруфи бухорӣ Мирзосалимбеки парвоначӣ (1848-1930) анҷом ёфтааст. 12 нусхаи дастнависи «Таърихи Роқимӣ» дар Маркази мероси хаттии назди раёсати АМИТ маҳфузанд [248, С.48-56]. Дар ганҷинаи китобхонаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Узбекистон низ нусхаҳои зиёди ин асар нигаҳдорӣ мешаванд [297, С.42-44]. «Таърихи Роқим» соли 1380 ҳ. дар Эрон ба табъ расид [59].

Асари муаллифи гумном «Ҳаёти Хоҷа Аҳрор», ки ба он шартан номи «Ҳаёти Хоҷа Аҳрор» ном гузоштаанд, аз манбаи дигари муфиди таърихӣ маҳсуб меёбад. Дар ин асар доир ба вазъии иҷтимоию иқтисодӣ, таърихи тариқати нақшбандия ва нақши Хоҷа Аҳрор дар ҳаёти сиёсии Мовароуннаҳр охирин намояндаи хонадони темуриён, ислоҳоти молии солҳои 1494-1495-и Маҳмуд ҳокими Самарқанд, шуриши тархониёни соли 1491 дар Самарқанд ва монанди инҳо бисёр муъҷазу дақиқ ва баъзан, муфассалтар баён ёфтаанд.

Дар ганҷинаи дастхатҳои Пажуҳишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон се нусхаи бе ном зери рақами №9730, 8237/1, 1883/1У нигаҳдорӣ мешавад.

Дигаре аз манбаъҳои судбахши таърихӣ «Темурнома»-и Абдураҳмони Сират маҳсуб меёбад [11]. Бо вуҷуди он ки дар асар як қатор саҳвҳои хронологии зиёд роҳ ёфта бошанд ин асар аз нуқтаи назари таърихнигорӣ дорои арзиши баланд аст. Бояд қайд кард, ки дар

ин китоб дар бораи салтанати Темур дар Мовароуннаҳр маълумоти хеле дақиқназарона инъикоси худро ёфтааст, ки он дар сарчашмаҳои дигари таърихии давраи мавриди назар қариб, ки ба мушоҳида намерасад.

Сарчашмаи дигари таърихӣ ин «Маҷмуаи муросилот» ё худ «Тарассул»-и Абдуллоҳи Марворид (1516, Ҳирот) мебошад. Ӯ солҳои зиёд ба ҳайси мӯҳрдор, вазир ва парвоначии Ҳусайни Бойқаро кор ва фаъолият кардааст. Дар охири умр аз мансабҳои давлатӣ даст кашида, гӯшанишин шудааст. Ӯ бо хоҳиши Исмоили Сафавӣ воқеаҳои салтанати ӯро дар назму наср ба силки таҳрир медарорад. Ин асар роҷеъ ба вазъи сиёсию иқтисодӣ, фарҳанг ва тамаддуни Ҳироти нимаи дуюми асри XV яке аз сарчашмаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Манбаи дигари бисёр муҳим «Хулди барин»-и Муҳаммад Юсуф Вола Қазвинии Исфаҳонӣ мебошад. Муаллиф дар дарбори ҳокимони Сафавӣ Аббоси 2, Сулаймон дар мансабҳои муҳими давлатӣ кор кардааст. Аҳаммияти асари мазкур ҳам дар таҳқиқоти мо иборат аз он аст, ки дар он маълумоти зиёд оид ба авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва нимаи дуюми асри XV-и намояндагони хонадони Темуриён аз қабили Темур, Улуғбек, Шоҳрух, оварда шудаанд. Дастхати ин асар дар китобхонаи Шурои миллии Теҳрон маҳфуз аст [63]. Асар соли 1383 ҳ.ш. аз ҷониби Маҳмуди Афшор ба табъ расидааст [64].

Ҳамин тариқ, доираи сарчашмаву манбаъҳои таърихии дастрасшуда заминаи асосии воқеии диссертатсияро дар бар гирифта, ахборотҳои онҳо дар таҳқиқи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон то ба сари қудрат омадани Темур, лашкаркашиҳо, аз байн бурдани давлати оли Курт, талаву тороҷ намудани шаҳрҳо, ошубҳои мардумӣ ва пахши бераҳмонаи онҳо, ситонидани андозҳои ғайришаръӣ, вазъи илму фарҳанг мавриди истифода қарор гирифтанд. Маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ имкон доданд, ки

масъалаҳои масоили мавриди таҳқиқ ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ карда шаванд.

## I.2. Парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо дар солҳои 40-уми асри XIV вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон ниҳоят тезутунд гардид. Хонҳои чағатойӣ саъй мекарданд, ки тамоми минтақаҳое, ки замоне ба Чингизхон қарор доштанд, аз нав ба тобеияти худ дароранд. Онҳо (хонҳои чағатойӣ М.А.) тарзи зиндагии муқимиро интихоб намуда, дар минтақаҳои кишоварзии фарҳангӣ ҷойгир шуданд ва ба табақаҳои болоии аҳолӣ-феодалони руҳонии мусулмонон ва тоҷирони калони бо онҳо алоқаманд наздик шуданд. Ин сиёсати пешгирифтаи онҳо боиси мухолифати шадиди як идда феодалони чағатойӣ гардид, ки онҳо бодиянишин боқӣ монда буданд. Дар муборизаи тӯлоние, ки дар нимаи дуюми асри XIV оғоз ёфт, феодалони бодиянишин ғолиб баромаданд ва хонҳоро аз тамоми қудрат на танҳо дур карданд, дар баробари ин маҳрум сохтанд. Дар натиҷаи ин муборизаҳо давлати Чағатойӣ дар ин минтақа завол ёфт.

Бо муҷиби гуфтаҳои боло аз авлоди Чағатой нахустин шуда Муборакшоҳ ва Буроқхон зери таъсири аҳолии Мовароуннаҳр рӯ ба дини ислом оварданд, ки баъдтар дини ислом мазҳаби расмии хонҳои Мовароуннаҳр гардид. Баъд аз вафоти Кепекхон бародараш Алоуддини Тармаширин (1326-1334) хон эълон гардид. Ӯ дар қаламрави Чағатойиён дини исломро дини расмии давлатӣ эълон кард, ки ин амал боиси норозигии сарони муғулии бодиянишин гардид.

Ҳуҷуми дигари урдуҳои муғул аз Мовароуннаҳр ба Хуросон дар замоне, ки Муиззуддин Ҳусайни Курт (1330-1370) дар Ҳирот ҳукумрон буд, ба вуқуъ пайваст. Муиззуддин Ҳусайни Курт мавқеашро дар минтақа боз ҳам қавитар гардонида бо сарбадорон дар як қисмати Хуросон, Сабзавору Шибирғон ҷангид ва дар ин набардҳо ғолиб омад. Сарчашмаҳо иттилоъ

медиҳанд, ки умарои арлоту апрӯй дар Бодғис бар зидди малик Муизуддин бархостанд. Малик Муизуддин дар муқобили онҳо ҷанг кард ва онҳоро мубталои шикаст намуд. Қисме аз онҳоро қатл кард ва аз сарҳои онҳо ду манора дар баробари якдигар, аз ду ҷониби Хиёбони Ҳирот қариб ба мазори Имом Фахруддини Розӣ баровард [70, С.13; 101, С.227; 2, С.267; 193, С.739]. Баъд аз ин ҳодиса ӯ ба он муғулҳое, ки дар мулки ӯ буданд, ҳеҷ гуна аҳаммияте надод.

Ҳофизи Абрӯ нақл мекунад, ки агарчи дар Мовароуннаҳр ҳокимони чингизхонӣ мавҷуд буданд, аммо «аз он тараф касеро парвои Ҳирот набуд ва малик Муизуддин Ҳусайн аксар вилояти Қӯҳдистон ва Хуросон аз дасти мавлоиён интизоъ намуд ва ҳашаме (чокарони подшоҳӣ), ки дар Бодғис ва Мурғоб нишаста буданд, молу лашкар ба малик Муизуддин Ҳусайн медоданд ва чанд карат лашкар ба тарафи Балх, Андхуд ва Шибурғон бурд» [70, С.13; 2, С.267; 193, С.739].

Азбаски мавқеи муғулҳо дар ин минтақа рӯз то рӯз маҳдуд гардид, пас аз ин ҳаводис шайхони бузурги Ҷом ҳам бо малик кинаву адовати дерина доштанд, назди амир Қазаған ҷониби Мовароуннаҳр рафтанд. Мақсади рафтан он буд, ки муқобили малик Муизуддин издиҳом намуда, ба ин восита, ӯро аз тахт сарнагун намоянд.

Хони Мовароуннаҳр-Қазаған дар ин вақт дар ҳолати рушду нумуъ қарор дошт ва бешак мехост, ки ҳудуди кишвари худро васеъ намояд. Аз ин рӯ, барои амалӣ сохтани ин ҳадаф, шикояти шайхони Ҷом ва қавми арлоту апардиро, ки аз амир Муизуддин Ҳусайн ранҷида буданд, табъи дил донист ва пешниҳоди онҳоро бе ҳеҷ як мулоҳиза қабул кард.

Бояд хотирнишон сохт, ки ҳаводиси рухдода амир Қазағанро маҷбур сохт, ки аз Мовароуннаҳр ба Хуросон лашкари зиёдеро роҳнамун созад ва ба ин васила мехост муваффақ шавад. Аз ҷониби дигар, ин ки рӯз то рӯз васеъ гардидани ҳудуди давлати Куртҳо ва пуриқтидор шудани ин хонадон ба

хонҳои чағатойӣ таҳдидеро низ ба амал меовард. Чунки Қазаған ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки дар сарҳадоти ӯ чунин як рақиби пурқувват истода бошад. Пас аз он ки хуросониён шикояти худро ба хон расониданд, Қазаған дар ғазаб шуда чунин гуфт: «Чӣ роҳ тозик бошад, ки ӯ даъвии подшоҳӣ кунад ва аз фармони мо сар кашад. Боди нахвату ғурур аз димоғи парипиндори ӯ ба теғи обдор берун барем ва ба оташи суми аспони номдор шаҳру ҳисори ӯро бо хок яксон созем» [70, С.13; 101, С.228; 2, С.267].

Баъд аз хоҳиши шайхони Ҷом амир Қазаған хост, ки ба Ҳирот ҳуҷум кунад. Амир Қазаған элчиёнро ба ҷамъ намудани лашкар, ба атрофи мамолик номзад фармуд. Мувофиқи иттилои сарчашмаҳо аз Қошғар то Андхуд хабар расониданд, ки теъдоди лашкари зиёде Амударёро убур намуда, бояд дар ҳудуди Балх ҷамъ шаванд ва ин ҳукм аз ҷониби Қазаған амалӣ гардид. Қазаған умароро талаб намуда гуфт: «Малик Ҳусайн чанд гоҳ аст, то лашкар бад-ин тараф меоварад ва то канори оби Омуя элу улуси моро ғорат кардааст ва асир бурда ва чандин ҳазорро ба қатл расонида. Бад-ин восита панҷ навбат мезанаду чапар бармедорад» [101, С.228].

Дар соли 1350 амир Қазаған бо сӣ ҳазор нафар лашкар аз Мовароун-наҳр ба Хуросон зидди Муизуддин Ҳусайни Курт ҷониби Ҳирот лашкар ка-шид. Муизуддин Ҳусайн аз ин ҳолат огаҳӣ ёфта, фармон дод, ки аз амирон худро бо сесад савор аз мардони корозмуда ба расми гурӯҳи пешгарди лаш-кар зудтар то бад-он ҷо бираванд. Баъдан, ҳар рӯз ахбор аз лашкарҳои чағатойӣ ва амир Қазаған бирасонанд, равона кард ва вақте ки малик Му-изуддин аз нақшаи Қазаған огаҳӣ ёфт барои мудофиа худ камар баст. Умарои дарбори ӯ бар он назаранд, ки лашкари Мовароуннаҳр нисбат ба лашкари ҳиротиён зиёд мебошад ва ҳамзамон онҳо дар ҷанги саҳро шуҷоътаранд. Аз ин рӯ, ба натиҷае расиданд, ки дар зоҳири шаҳр пушт ба деворбаст карда, рӯй ба ҷанги душман ниҳанд. Ва малик Ҳусайн фармон дод, ки «аз ҷониби шарқӣ ва шимолии шаҳри Ҳирот аз Бӯйи Мурғ то Кӯҳдистон деворе кашиданд ва

ҷӯй канданд. Маҷорӣ ва манофиз (гузаргоҳ)-и он фурӯ гирифтанд ва мавотиву шавотӣ устувор сохта ва лашкарҳоро ҷамъ гардонида, созу уҳбати ҷанг аз шаҳр берун оварданд» [101, С.231]. Бояд ёдовар шуд, ки теъдоди лашкариёни малик чор ҳазор савора ва даҳ-дувоздаҳ ҳазор пиёдаро ташкил медоду халос. Тибқи маълумоти Исфизорӣ теъдоди лашкариёни пиёдаи малик аз даҳ ҳазор нафар иборат буданд [70, С.14].

Воқеан маконе, ки малик Муизуддин барои ҳарбу зарб ихтиёр карда буд, номувофиқ буд. Ҳатто, вақте ки Қазаған ба Ҳирот наздик шуд ва аз баландие қароргоҳи лашкари маликро назорат мекард ва ба умарои худ чунин фармуд: «Ин тоҷик шеваи ҷанг кардан намедонад. Ин маҳалле, ки ӯ ихтиёр кардааст, лашкари мо ғолиб хоҳад омад» [101, С.231, 70, С.14-15, 2, 269].

Ба пиндори инҷониб дар шарҳи ин масъала иштибоҳи дигаре низ рух дода буд, ки он ҳам зарари ҷиддиеро ба амал овард, барои пойбанд сохтани душман ҳиллаеро пеш оварданд, яъне заминҳоро гилзор карда буданд.

Ҷанги шадиде ба амал омад, аммо лашкари малик Муизуддин дер муқовимат карда натавонистанд ва тарки майдони ҷанг карданд. Иддае аз онҳо дар гилзорҳои худ банд монда, зери тиру теғи душман қарор гирифтанд. Аммо деворбасти малик кор дод ва чиҳил рӯз аз пушти он муборизаро давом доданд ва ин амал воқеан муғулҳоро имкон надод, ки вориди шаҳр шаванд.

Муҳорибаи Ҳирот дар соли 752/1351 рӯх дод ва зиёда аз чил рӯз идома ёфт, вале амир Қазаған ба ҳеҷ муваффақияте ноил нагардид:

Чиҳил рӯзу шаб ҷангу пайкор буд,

Замин пур зи хуну ҳаво тор буд [101, С.233; 2, С.270].

Амир Қазаған чун истеҳком ва мудофиаи Ҳиротро бидид ва пайхас кард, ки шаҳрро ба осонӣ ба даст овардан ғайриимкон аст, ноилоҷ сафирон фиристод, то бо малик Муизуддин Ҳусайн сулҳ баста ва аз муҳориба даст кашанд.

Сипас, ҳар ду ҷониб сулҳ бастанд ба он шарт, ки дар соли дигар малик Муизуддин Ҳусайни Курт ба Мовароуннаҳр ба дидори амир Қазаған биёяд.

Ҳамин тариқ, Қазаған пас аз мувофиқа расидан рӯ ба Мовароуннаҳр овард. Бояд гуфт, ки Қазаған аз ҳуҷум ба Хуросон изҳори пушаймонӣ намуда, чунин мегӯяд: «Аз тарафайн чандин мардуми нек талаф шуданд ва раоёву оҷиза дар дасту пойи лашкариён мустаҳлик (ҳалок) гаштанд ва харобии тамом ба аҳволу вилоёт роҳ ёфт. Ба сухани соҳибғаразон ман ба ин мулк омадам, вагарна маро бо малик хусумате набуд» [101, С.233; 70, С.18]. Баъд аз он ки Қазаған ба Мовароуннаҳр баргашт, умарои сипоҳи малик Муизуддин, ки аксар ғӯриён буданд, қисмате аз онҳо хостанд ӯро аз тахт сарнагун сохта, ба ҷойи ӯ бародараш малик Боқирро ба тахт шинонанд. Малик Муизуддин аз ин ҳолати умарои худ огаҳ буд, аммо қудрат ва имкон надошт, ки онро бартараф созад. Ғӯриён вақти муносиб меҷустанд, то ки ӯро дастгир кунанд. Рӯзе малик Муъизуддини Ҳусайн аз бустонсарои худ берун шуд, дид ки ғӯриён бо якдигар машварат доранд ва эҳсос кард, ки қасди ҷони ӯ хоҳанд кард. Малик Муизуддин чорае чунин дид, ки боиси раҳо ёфтани ӯ аз ғӯриёни саркаш шуд. Ҷамъе аз муғулон аз Бодғис ба Ҳирот омада буданд ва аспе чанд ба ҷиҳати фурӯхтан дар бозор оварда буданд ва ба савдову хариду фурӯши аспони худ машғул буданд. Вақте ки маликро назар ба ин муғулон афтод, ғӯриёнро гуфт: «Ин муғулонро биғоратед!» [101, С.248; 70, С.18]. Вақте ки ғӯриён машғули ғорати муғулон буданд, малик Муизуддини Ҳусайн аз роҳи дигар рӯ ба қалъаи Аскулча овард.

Тибқи ваъда соли дигар (1352) малик Муизуддин Ҳусайн аз қалъаи Аскулча бо панҷоҳ нафар савор ба Мовароуннаҳр назди Қазаған рафт. Малик Муизуддин Ҳусайн дар ҳолате вориди Мовароуннаҳр мешавад, ки амир Қазаған бо одамони худ машғули шикор буд. Вақте ки амир Қазаған Муизуддин Ҳусайнро мебинад, чунин хитоб мекунад: «Душмании ту мардона буд ва дӯстии ту мардона аст» [101, С.249; 2, С.281; 70, С.18; 90, С.943].

Бояд қайд кард, ки амирони Қазаған қасди аз байн бурдани Муизуддин Ҳусайнро доштанд ва нисбати ӯ ҳар гуна суханони носазо мегуфтанд.

Қазаған аз ин ҳолат огаҳ шуда, аз малик Муизуддин ҳоҳиш кард, ки ҳар чӣ зудтар имшаб рӯ ба Хуросон биорад, то ки ба ӯ аз ин мардум зиёне нарасад.

Аммо дар набудани ӯ умарои ғӯрӣ бародараш-малик Боқирро бар тахти Ҳирот шинонда буданд. Малик Муизуддин чун аз сафари Мовароуннаҳр баргашт, бародарашро аз тахт сарнагун сохт ва оқибат дар қалъаи Мотарнобод зиндонӣ кард. Пас аз чанд вақт бародараш Боқирро аз маҳбас раҳо кард ва ҷониби Форс рафт ва Шерозро макони зист ихтиёр кард.

Пас аз он ки малик Муизуддин Ҳусайни Курт аз Мовароуннаҳр аз назди амир Қазаған баргашт барои ба эътидол овардани вазъи мамлакати худ кушиш кард. Ҳамзамон, ҳар сол дар як вақт ҷониби Қӯҳдистон лашкар мекашид ва байни ӯ ва мавловиён ҷангҳо сар мезад ва дар бисёр ҳолат ғалаба насиби малик Муизуддин Ҳусайн мегардид. Бояд гуфт, ки он вақт тамоми навоҳии Қӯҳдистон ва Хуросон дар тасарруфи амир Сатилмиш қарор дошт. Сатилмиш бо амир Муҳаммадхоҷаи Апардӣ, ки ҳокими Андхуд, Шибурғон ва ҳудуди Балху Омуя буд, бо якдигар аҳду паймон карданд, то бо лашкариёни зиёд муқобили малик Муизуддин Ҳусайни Курт ҳуҷум кунанд ва ба ин васила қасди худро аз ӯ биситонанд. Сипас, муддати кӯтоҳ ба омодасозии лашкариёни худ машғул шуда, рӯ ҷониби Ҳирот оварданд.

Амир Сатилмиш аз ҷониби Қӯҳдистон ва амир Муҳаммадхоҷаи Апардӣ бошад аз ҷониби Омуя дар ҳудуди Бодғис наздикии Сарахс ба якдигар ҳамроҳ шуданд. Ҳар кадом бо худ лашкариёни зиёд доштанд ва талош меварзиданд, ки бе дахолати якдигар бо лашкариёни худ бар зидди малик Муизуддин Ҳусайн биҷанганд.

Малик Муизуддин Ҳусайн низ чун аз иттифоқи амир Сатилмиш ва амир Муҳаммадхоҷаи Апардӣ огоҳӣ ёфт, лашкарҳои зиёде ҷамъ овард ва омодаи набард шуд. Ду лашкари ҷангҷӯй дар наздикии Фаромарзон бо якдигар вохӯрда, пеш аз ҳама, Сатилмиш ва Муҳаммадхоҷа вориди майдони ҷанг шуданд. Онҳо мақсад доштанд, ки то сари малик Муизидинро аз тан ҷудо накунанд, берун аз майдони ҳарб нахоҳанд шуд. Чун наздики сафи лаш-

кари малик Муизуддин Ҳусайн расиданд, тавре ки Ҳофизи Абрӯ қайд мекунад: «Аз ғароиби иттифоқоту аҷоиби ҳолот он буд, ки ду тири қазо аз пеши саф ҳар ду амирро бар мақтал омад, чунонки ғайр аз он ду амир офаридаи дигареро офате ва заҳмате нарасид» [101, С.301; 70, С.22-23].

На хоке ба хуни кас оғушта шуд,
На як мӯр дар зери по кушта шуд.

Пас аз шикасти ин ду амир ва чунин кушта шудани онҳо аз ҷониби малик Муизуддин Ҳусайн лашкариёнашон дар як лаҳза ба ҳар тараф пароканда шуданд. Ва дар таърихи ин воқеа чунин гуфтаанд:

Зи ҳиҷрат ҳафтсаду панҷоҳу нуҳ буд,
Рабеъулаввал-он моҳи ҳуҷаста.
Ки шуд рӯзи душанбе, аввали моҳ,
Сатилмиш бо Муҳаммадхоҷа кушта [101, С.320; 70, С.23].

Ин ҳодиса 12 феврали соли 1358 ба вуқуъ пайваст.

Пас аз фавти Муҳаммадхоҷа Апардӣ писараш амир Зиндаҳишам ба ҷойи ӯ дар мамлакати Андхуд, Шибурғон ва тобеи он ба маснади ҳокими нишаст. Мавриди қайд аст, ки Зиндаҳишам низ дертар аз ҷониби Темур ба қатл расонида шуд.

Бояд хотирнишон кард, ки шӯриши тӯсиён ба аҳли хонадони Курт ҳеҷ алоқае надошт, ҳоло он ки ҳокими он шаҳр аз ҷониби худи Темур таъйин гардида буд, намояндагони оли Курт бегуноҳ дар Самарқанд асири Темуриён буданд, ба тариқи ваҳшиёна ба қатл расонида шуданд. Чӣ тавре ки муаррих Н. Амиршоҳӣ қайд мекунад: «Балки ин амал мухбир аз он аст, ки қасди тоҷикеро аз тоҷики дигар ситондан бар табиати ваҳшигарии он хунхорон созгору таскинбахш буд» [270, С.461].

Мувофиқи маълумоти Фасеҳи Хавофӣ дар Мовароуннаҳр подшоҳии улуси Чағатойӣ, аз соли 733/1332-33 ба дасти Ғазон султон ибни Ясур буд. Ба навиштаи Мирхонд, ӯ подшоҳе буд, ки «ба гуноҳи андак умароро уқубати бисёр фармудӣ» [55, С.6; 91, С.57]. «Чунончи, умарои улусро, ки ба қурултой

талаб доштӣ, ҳар кас аз ғояти ваҳм дар хонаи хеш расми васият ба ҷой овардӣ ва баъд аз он мутаваҷҷеҳи ӯ шудӣ» [109, С.21; 55, С.6]. Тибқи иттилои сарчашмаҳо, ин сахтгирии Ғазон ба табъи амирони муғул рост наомад ва амире аз ҷумлаи умарои муғул-Қазағани мазкур, ки умоқи ӯ Туббат (Тибет) буд, бо амирони дигари улуси Чағатой иттифоқ ба муқобили Ғазон исён бардоштанд. Дар ин набард, ки ба соли 746/1345-46 рост омад, Қазаған аз як чашмаш тир хӯрда, нобино гардида шикаст мехӯрад. Ғазон ба Қаршӣ омада зимистонро дар он ҷо паси сар мекунад. Азбаски зимистони хеле сард буд, чорпоёни лашкари ӯ талаф шуд. Вақте ки амир Қазаған аз ин ҳодиса воқиф шуд, соли 747/1346-47 ба самти Қаршӣ лашкар кашида, Ғазонро ба қатл расонд [109, С.21-22; 55, С.7; 90, С.936].

Ба ҳамин тариқ, баъди 14 соли зимомдории Ғазон дар Мовароуннаҳру Туркистон (1332-1346) аз ҷониби Қазаған ба қатл расид. Ва ба ҷойи ӯ ба сари қудрат амир Қазаған омад. Мебоист, ки хон аз насли Чингиз мешуд, аз ҳамин сабаб ӯ Донишмандчаи Уғлонро, ки аз насли Укдой қоон буд, ба вазифаи хонӣ шинонд. Баъд аз ду сол яъне, дар соли 749/1348-49 ӯро ба қатл расонда Баёналии Уғлон-набераи Давохонро ба ҷояш бар тахти хонӣ нишонд [109, С.22; 90, С.938, 55, С.7].

Чи тавре ки Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд, маълумот медиҳанд; амир Қазаған фасли зимистонро дар ноҳияи Панҷи имрӯза, ки он вақт Солисарой ном дошт, паси сар мекард, баҳорро дар Қаронур, тобистон ва тирамоҳро бошад дар шаҳри Мунки наздикии Ховалинг мегузаронид. Ӯ вақти худро бештар ба шикор мегузаронид. Бояд гуфт, ки ҷойи шикори ӯ дар ҷангалҳои Арҳанг дар он тарафи Амударё воқеъ буд.

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо соли 759/1357-58 амир Қазаған бо теъдоди нуздаҳ нафар аз навкарони бесилоҳи худ аз Солисарой ба ҷониби Арҳанг ба соҳили дигари Амударё гузашта ва ҳангоми машғули шикор будан домодаш Қутлуғтемур писари Бурилдой, ки қасди куштанаш дошт, ба ӯ дар он ҷо ҳуҷум карда, Қазағанро ба қатл расонд ва ба ҷониби Қундуз фирор

кард. Навкарони амир Қазаған аз дунболи ӯ шуда, Қутлуғтемурро дар Қундуз дастгир карда ба қатл расониданд. Тибқи иттилои Низомуддини Шомӣ дар куштори Қазаған ҳокими Хатлон Кайхусрав иштирок дошт [71, С.15; 101, С.307; 502, С.52]. Сипас, писари Қазаған-Абдулло, ки ҳокими Самарқанд буд, ба ҷойи падараш ба сари қудрат омад ва Баёнқулиро бошад бар мансаби хонӣ таъйин намуданд. Бояд гуфт, ки Абдулло ба суханони амирони падараш эътибор надода аз Солисарой рӯ ба шаҳри Самарқанд овард. Ва шаҳри Самарқандро бошад ба маркази давлати худ қарор дод. Азбаски ӯ зани Баёнқулихонро дӯст медошт, бо баҳонае Баёнқулихонро бикушт ва ба ҷояш Тамуршоҳ Уғлон Темурхонро хон эълон кард. Ба қавли Алии Яздӣ ва Ҳофизи Абрӯ, «қатли Баёнқулӣ ба амирзода Абдулло муборак наёмад» [109, С.31; 101, С.308]. Аз Ҳисори Шодмон амири муғули дигаре аз қабилаи сулдӯз бо номи Баён лашкар ҷамъ оварда, ба муқобили Абдулло ба сӯйи Самарқанд раҳсипор гардид. Дар роҳ ӯ ба музофоти Кеш даромада, бо амири он Ҳоҷӣ барлос, ки аз авлоди Қарочор нуйон, яке аз амирони наздики Чингизхон буд, вохӯрд. Ҳоҷӣ барлос бо лашкари худ ба лашкари Баён сулдӯз ҳамроҳ шуда, якҷоя ба сӯйи Самарқанд рафтанд. Дар ҷанги руходода бародарони Абдулло бошад, гурехта аз рӯди Омӯ гузашта ва аз роҳи Бағлон ба Андароб рафта то охири умраш дар он ҷо монд [109, С.22; 90, С.955]. Тибқи иттилои Ҳофизи Абрӯ муддати ҳукмронии амир Абдулло як солу ҳашт моҳ буд [101, С.308].

Солҳои 50-уми асри XIV дар Мовароуннаҳр давраи парокандагии давлати чағатойӣ ба ҳисоб мерафт. Мовароуннаҳр ба 12-15 мулки феодалӣ тақсим шуда буд, ки ҳокимони онҳо аз итоат ба ҳокимияти марказӣ даст мекашиданд, ки ин боиси парокандашавии ин иттиҳодҳо буд. Маъхазҳо ва сарчашмаҳои муътамади таърихӣсобит месозанд, ки Мовароуннаҳр ба майдони ҷангҳои пайдарпайи байни феодалҳо мубаддал гардид, ки ин боиси хароб шудани қувваҳои истеҳсолкунандаи мамлакат ва ҳамчунин хароб шудани аҳолӣ ва таназзули савдо дар ин минтақа гардид.

Бояд гуфт, ки парокандашавии феодалии давлати чағатойӣ боис шуд, ки хонони муғул ба Мовароуннаҳр сар даровардa мехостанд, онро забт карда, ба тобеияти худ дароранд.

Низомуддини Шомӣ яке аз муаррихи дарбории Темуриён ҳокимони вилоятҳои Мовароуннаҳр ва як қисми Хуросонро, ки ҳар кадом даъвои истиқлолият доштанд, баъди гурехтани Абдулло ва ба сари қудрат омадани Баён сулдӯз дар нимаи дуюми асри XIV чунин тасвир кардааст: «Шаҳрисабз, ки туркон Кеш мехонанд дар тасарруфи Темури Курагон ва Ҳоҷӣ барлос буд… Хуҷанд дар тасарруфи амир Боязид буд ва Балху баъзе аз вилоёт… амир Ҳусайн…ва Улҷой Буғои Сулдузӣ дар баъзе вилоят ва Шибирғонро Муҳаммад Хоҷа Апардӣ гирифта буд. Ва шоҳони Бадахшон дар кӯҳҳо сар бароварда ва Кайхусраву Улҷойту дар вилояти Қатлон (Хатлон) ва Арҳанг…ва амир Хизр маҷмуи ясовуриёнро дар тасарруфи худ даровардa саркашӣ менамуданд» [71, С.15; 109, С.31-32; 2, С.329; 101, С.317-318]. Дар байни ин ҳокимон пайваста ҷангу ҷидолу хунрезӣ буд, ки аз ин задӯхурдҳо, пеш аз ҳама, аҳолии таҳҷоии сарзаминҳои мазкур талаф ва тороҷ мегардиданд.

Темур писари беки барлос амир Тарағой 25 шаъбони соли 736/9 апрели соли 1336 соли муш дар деҳаи Хоҷаилғор (на он қадар дур аз Шаҳрисабз) таваллуд ёфтааст. Падараш-Тарағай ва модараш Такинахотун ном дошта, асли баромадашон аз қабилаи туркшудаи муғулии барлос мебошад. Маълумоти муфассал дар бораи ҳаёти Темур танҳо аз юриши Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр соли 1360 оғоз меёбад. Ин хомӯшӣ, албатта, аз он шаҳодат медиҳад, ки Темур дар солҳои ҷавонии худ низ ба дуздию ғоратгарӣ машғул будааст. Таърихнигорони дарборӣ намехостанд, ки ин далелҳоро ифшо созанд, аз ин рӯ, 25 соли ҳаёти Темурро аз тарҷумаи ҳоли ӯ сарфи назар кардаанд. Аммо таърихнигории солноманигории асрҳои XIV-XVI-и рус аз воқеаҳои Урдаи Тиллоӣ дар асрҳои XIV-XV вазъи сиёсии Мовароуннаҳр, ки бо фаъолияти Темур дахл кардааст, инчунин дар асари Ибни Арабшоҳ «Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур) [40] ва сафири испанӣ Руи Гонсалес де Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд» [75] баъзе

маълумотҳое оварда шудаанд, ки зиндагиномаи Темурро то соли 1360 ифшо месозанд.

Рисолаҳои таърихии «Рӯзномаи ғазаватӣ Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ, «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ шахсияти Темурро мусбиаз лиҳози мусбӣ арзёбӣ намуда, ӯро ҳамчун амири “одилу раъияпарвар” нишон додаанд. Сабаб ин буд, ки муаллифони мазкур бинобар дар рикоби Темур ва ворисони ӯ қарор доштанашон бештар ба таърифу тавсифи Темур машғул шуда, дар асл чӣ гуна шахс будани ӯро нишон намедоданд. Бояд гуфт, ки ахбори Ибни Арабшоҳ, Клавихо ва Фома Месопски оид ба шинохти шахсияти Темур ҳамчун манбаъҳои шинохта шуда, дар онҳо доир ба ҷаҳолатҳои ӯ инъикоси худро ёфтаанд. Ҳамзамон, Ибни Арабшоҳ дар тасвири шахсияти Темур ҳақиқати ҳолро баён доштааст.

Маълумотҳои Ибни Арабшоҳ ва Клавихо ба воқеият наздик буда, ба таҳқиқоти анҷомдодаи Герасимов [181, С.14-21], ки ӯ моҳи май-июни соли 1941 гӯри Темуро кушода, симои ӯро аз рӯйи устухонҳояш шаклбандӣ кардааст, шабоҳат доранд. Аммо, бояд қайд кард, ки инъикос наёфтани симои ҳақиқии Темур аз ҷониби Низомуддини Шомӣ ва дигар муаррихон аз як тараф дастури худи Темур бошад, аз ҷониби дигар иллати пойи лангаш мебошад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ барои муаррихони дарбор тасвири ин имконнопазир буд.

Бо вуҷуди ин, назари муаллифини манобеи таърихӣ оид ба шахсияти Темур гуногунанд, аз ҷумла, ин маънӣ дар унвони рисолаҳои Низомуддини Шомӣ ва Ибни Арабшоҳ ба ҳақиқат наздик ба мушоҳида мерасад.

Бояд қайд кард, ки Клавихо ҳам монанди Ибни Арабшоҳ дар муқоиса бо дигар муаррихони дарбории Темуриён Низомуддини Шомӣ, Муинуддини Натанзӣ, Шарафуддини Алии Яздӣ, Мирхонд ва Хондамир ошкоро ба duздию ғоратгарӣ машғул будани Темурро ошкор сохтаанд. Ҳамзамон, оид

ба Систон рафтан ва ба роҳзанию ғорати галлаҳои гӯсфанду асп, чӣ гуна ланг шудани Темурро чунин тасвир мекунад: «Шабе, ки Темур галаи гӯсфанд ба ғанимат мебурд, бар ёрони вай юриш овper ва гурӯҳе бисёр аз ононро куштанд. Ӯро низ аз асп андохта ва пойи росташро захм заданд. Ин захм то поёни зиндагӣ бо вай буд ва номи ӯ, ки Темурланг бошад аз ҳамон гирифта шуда…» [75, С.133].

Бояд хотирнишон сохт, ки он маълумотҳои таърихие, ки Клавихо доир ба Темур ва солҳои ҷавонии ӯ оварда шудааст, дар ягон таърихнигории расмӣ ба мушоҳида намерасад.

Инчунин, то ба ҳол атрофи ба қавми муғул, яъне ба авлоди Чингизхон иртибот доштани Темур дар байни муаррихин баҳсу мунозираҳо идома дорад. Аз ҷумла, шарқшиноси варзида В.В. Бартолд ба авлоди Чингизхон мутааллиқ будани Темурро инкор мекунад: «Азбаски Темур аз авлоди Чингизхон набуд, пас аз ба Мовароуннаҳр соҳиб шудани худ ҳам унвони хониро қабул накард. Ӯ худро амир эълон намуда, ба он лақаби «курагонӣ» (домод)-ро ҳамроҳ кард, зеро вай зани амир Ҳусейни мақтулро, ки духтари Қазанхони чингизӣ буд, ба занӣ гирифт. Темур мамлакатро ба кумаки хонҳои Қозиб Суюрғотмиш (1370-1388) ва писари ӯ султон Маҳмудхон (1388-1402) идора мекард» [152, С.47-48]. Сиёсатмадори барҷастаи Ҳинд Ҷавоҳирлаъл Неҳру бошад дар рисолаи таърихии худ «Кашфи Ҳинд», чунин менигорад: «Вай (Темур) аз сӯйи модар аз аъқоби чингизӣ аст» [277, С.13].

Ҳамзамон, муаррихи араб Ибни Арабшоҳ низ дар хусуси ба кадом қавму наҷот мансуб будани Темурро чунин ба қалам медиҳад: «Ман худ дар зайли таърихи порсӣ ба номи «Ал-мунтахаб», ки авзои ҷаҳонро аз оғоз то замони Темур нигошта ва аз шигифтиҳои замон ёд кардааст, дидаам, ки насаби ӯро аз тарафи занон, ки камандҳои шайтонанд, ба Чингизхон расонидааст» [40, С.8]. Ин ақидаи Ибни Арабшоҳ ба пиндори инҷониб

воқеият дорад, зеро навиштаҷоти санги болои қабри Темур собит месозад, ки ӯ аз ҳисоби шаҷараи модарӣ ба авлоди Чингизхон мутааллиқ аст.

Таърихнигор, Ибни Арабшоҳ дар бобати саводи Темур чунин менависад: «Ӯ худ навиштан ва хондан намедонист ва аз арабӣ баҳра надошт. Луғатҳои порсӣ, туркӣ ва муғулӣ дар сухан ба кор мебурд» [40, С.237].

Ибни Арабшоҳ ҷойи дигар дар рисолааш аз боби падар ва касбу кори хонадони Темурӣ ва ақлу заковати онҳо чунин ёдоварӣ кардааст: «Ҷамоате ӯ ва падарашро шутурчарон ва бегона аз ақлу имон шумуранд ва дар зумраи мардуми пасту фурӯмоя ном баранд» [40, С.5]. Муаллиф барои тақвияти ин ақида чунин менигорад: “...ва низ гуфтаанд, ки падараш кафшгаре ночиз...буд”[40, С.5]. Мувофиқи маълумотҳои сарчашмаҳо ва манбаъҳои муътамад одаме, ки ақли расо дорад, набояд чунин қудрате дошта бошад, ки пайваста ба куштори мардуми бегуноҳро ҳадафи асосии худ қарор диҳад.

Мавриди зикр аст, ки далелҳои ин асар хеле қавӣ буда, Ибни Арабшоҳ баръакси дигар муаррихони дарбории аҳди Темуриён чун Низомуддин Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ ба амсоли эшон, ки аз таърифу тавсифи ҳукмронони темурӣ чора надоштанд, ҷаҳолатҳои ваҳшиёнаи ӯро воқеъбинона ба қалам додааст.

Дар чунин маъхазҳои расмӣ, монанди «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и Шарафуддини Яздӣ то соли 1360 ба таври воқеӣ дар бораи рӯйдодҳои ҳаёти Темур маълумотҳо дода намешавад, «гӯё бисёр рӯйдодҳо, алалхусус ҳодисаҳои марбут ба оғози фаъолияти ӯ бо дархости худи Темур ба солнома дохил карда нашудаанд» [152, С.38].

Ибни Арабшоҳ ва ҳамзамонони Темур дар бораи ин хомӯшии маъхазҳои расмӣ ба тарзи дигар изҳори назар мекунанд ва мегӯянд, ки баъзе ҷузъиёте ҳастанд, ки ба зиндагиномаи Темур равшанӣ меандозанд, вале ӯ намехост онро ошкор созад, то худро дар назди ояндагон дар ҳолати ногувор қарор надиҳад.

Академик В.В. Бартолд чунин менигорад, ки таърихнигорони расмӣ дидаю диниста дар бораи солҳои ҷавонии Темур хомӯширо ихтиёр кардаанд, зеро ӯ низ ба амсоли Чингизхон фаъолияти худро чун сардори гурӯҳи ғоратгарону роҳзанон дар давраи барои Мовароуннаҳр нооором пас аз фавти амир Қазаған дар соли 1358 оғоз намуда буд [502, С.54; 152; С.37-38; 474, С.69; 230, С.196-205; 317, С.81-87; 75, С.260-261].

Аз вазъияти бесарусомонии дар минтақа баамаломада хони Муғулистон Туғлуқтемур (1359-1370) истифода бурда, дар феврал-марти соли 1360 барои ба зери тасарруфи худ даровардани қаламрави Мовароуннаҳр бо лашкари сершумор ҳуҷум намуд.

Дар чунин вазъият ҳокиме набуд, ки садди роҳи Туғлуқтемур гардад ва ӯ ба осонӣ вориди шаҳри Самарқанд ва Кеш гашт. Ҳоҷӣ барлос, ки ҳокими шаҳри Кеш буд, бо Темур як ҷо чорае ба ҷуз аз гурехтан надида шармандаворона бо кӯчи худ озими Хуросон шуданд. Темур ба хотири ҳимояти шаҳри Кеш аз Ҳоҷӣ барлос ҷудо шуда ба лашкариёни Теғлуқтемур ҳамроҳ гардид. Туғлуқтемур шаҳри Кешро ба Темур вогузор кард, бо ҳамин васила шаҳр аз ғорат эмин монд.

Бори дуюм Туғлуқтемур марти соли 1361 ба Мовароуннаҳр лашкар кашид. Вақте ба Хуҷанд расид, Боязиди ҷалоир ва амир Баёни сулдӯз ба назди Туғлуқтемур рафтанд ва онҳо якҷоя то ба Самарқанд омаданд. Амир Ҳоҷӣ барлос, ки дар ҳуҷуми аввали хон ба Хуросон гурехта буд, дар назди худ мақсад гузошт, ки ба амсоли Боязиди ҷалоир ва Баён сулдӯз ба назди хон равад. Аммо дар ин вақт аз ҷониби хон фармони қатли Боязид амалӣ гардид. Ҳоҷӣ барлос ин ҳолатро дида аҳлу аёли худро бо наздиконаш аз улуси худ гирифта ин дафъа низ ба самти Хуросон фирор карда, дар Ҷувайни вилояти Сабзавор дар деҳаи Хуроша аз ҷониби роҳзанон ба қатл расид. Темур пас аз забти Хуросон ин дастаи роҳзанонро дастгир карда, ба қатл расонид. Ва ин мавзеъро ба суюрғоли авлоди Ҳоҷӣ барлос табдил дод [55, С.15]. Дар чунин ҳолат ягона ҳокиме, ки ба муқобили Туғлуқтемур мубориза мебурд, ин амир Ҳусайн набераи Қазаған буд. Амир Ҳусайн дар ин вақт Балху Кобулро идора

мекард ва ӯ бо лашкариёнаш ба муқобили Туғлуқтемур то наздикии дарёи Вахш омад. Кайхусрави Хатлонӣ, ки аз ноилоҷӣ бо амир Ҳусайн ҳамроҳ шуда буд, бо лашкари худ аз амир Ҳусайн ҷудо шуда, ба лашкари хон ҳамроҳ гардид.

Тавре ки Мирхонд қайд мекунад: «Чун ҳар ду лашкар дар канори оби Вахш ба якдигар расиданд ва сафҳо биёростанд, Кайхусрави Хатлонӣ аз амир Ҳусайн ҷудо шуд,… ба мухолифон пайваст. Ва амир Ҳусайн,…роҳи гурезро пеш гирифт. Ва лашкариёни хон навоҳии Қундузу Бақлонро то ақабаи Ҳиндукуш ғорат карданд» [55, С.15; 71, С.18-19; 109, С.45; 101, 325-326; 2, 335]. Ин амали ҳокими Хатлон боиси шикасти амир Ҳусайн мегардад. Амир Ҳусайн ин ҳолатро мушоҳида карда, рӯй ба гурез ниҳод. Омили асосии ба чунин иқдом даст задани амир Кайхусрав ба назари мо шояд дар он бошад, ки амир Ҳусайн ҳангоми забти Бадахшон бародари ӯ Кайқубодро ба қатл расонда буд.

Ҳокими Хатлон бо мақсади мустаҳкам кардани ҳокимияти худ бо Туғлуқтемур пайванди хешутаборӣ пайдо мекунад. Муаррихи тоҷик А. Шарифзода дар мақолаи худ аз забони Шарафуддин Алии Яздӣ чунин қайд мекунад: «Амир Кайхусрав дар он вақт, ки пеши Туғлуқтемурхон рафта буд, хон ӯро ба домодии худ гиромӣ гардонида буд ва Тумон Қутлуқ духтари амзодаи худ Байсун Темурхон бини Абу Канро ба ӯ дода» [496, С.10].

Чун фасли тобистон ба охир расид, тирамоҳ хони муғул Туғлуқтемур ҳангоми бозгашт ба Самарқанд дар роҳ фармон дод, ки амир Баён сулдӯз ба қатл расонида шавад. Ва ҳамин тавр, Мовароуннаҳрро ба зери тасарруфи худ даровард. Туғлуқтемур писари худ Илёсхоҷаро ҳокими Мовароуннаҳр таъйин карда, амир Бекчакро дастур дод, то бо лашкари ҷата дар хизмати ӯ бошанд. Темур дар ин вақт ба корҳои давлатдорӣ ба Илёсхоҷа хидмат мекард. Сипас, Туғлуқтемур ба ватани аслии худ бозгашт. Туғлуқтемур баъди забти Самарқанд Темурро барои ин хидматаш ҳокими тумони Кешу Шаҳрисабз таъйин менамояд. Дар ҳамин сол амир Ҳусайн ва Темур дар якҷоягӣ озими Ҳисори Шодмон гаштанд, ки амир Баён сулдӯз он ҷо буд, лашкар ка-

шиданд. Баён сулдӯз, ки қуввати муқовимат надошт, ба ҷониби Бадахшон фирор ихтиёр кард. Амир Ҳусайн ва Темур аз дунболи ӯ равон шуданд ва чун ба Бадахшон расиданд, Шоҳ Баҳоуддин, ки волии он ҷо буд, фирор мекунад ва Бадахшон ба зери тасарруфи амир Ҳусайн даромад. «Ва мамлакат дар таҳти тасарруфи амир Ҳусайн омад ва Кайқубодро ба ёсоқ расонид» [71, 16-17; 109, С.38; 101, С.317-318; 2, 330-331]. Амир Ҳусайн дар Бадахшон соли 1360 Кайқубод бародари Кайхусрави Хатлониро, ки гӯё роҳбари ошӯб буд, ба қатл мерасонад. Пас аз чанд вақт амир Ҳусайн ва Темур аз Бадахшони Афғонистон ба воситаи гузаргоҳи Арҳанг дарёи Ҷайҳунро убур карда ба Солисарой (ноҳияи Панҷи имрӯза) ва аз он ҷо ба Дашти Кӯлак (Данғараи ҳозира) меоянд. Темур мехост, ки дар ин мавзеъ каме таваққуф намояд, вале қосиди амир Ҳусайн омад ва ӯро ба таъҷил талаб дошт. Вақте ки Темур ба назди амир Ҳусейн ҳозир шуд, Пулодбуғо ва Шербаҳром назди ӯ буданд. Амир Ҳусайн аз Шербаҳром шикоят кард, ки «дар ин ҳол ки ба лашкари душман расидаем, бевафоӣ мекунаду мегӯяд, ки ба вилояти худ меравам, ҳарчанд насиҳат кардам, суд намедорад» [71, С.24; 109, С.63; 2, С.341; 55, С.23]. Темур низ садди роҳи ӯ шуд, аммо суде набахшид. Баъдан Шербаҳром ба Балҷувон рафт. Баъд аз рафтани Шербаҳром ба Балҷувон аён гардид, ки Туғлуқ сулдузӣ ҳисорӣ ва Кайхусрави Хатлонӣ, ки лашкари муғул ва умарои онро, ки иборат аз 20 ҳазор буданд, барои ҳифзи вилоятҳои худ Ҳисору Хатлон аз найранги амир Ҳусайн ва Темур оварда буд. Низомуддини Шомӣ рафти муҳорибаи онҳоро аз Ҷолонӣ ва Пули Сангин чунин тасвир мекунад: «…ва боқӣ умарои ҳазора бо бист ҳазор мард омада буданд ва аз сари Ҷолонӣ то Пули Сангин нишаста ва лашкаре, ки бо амир Ҳусайн буд, шаш ҳазор мард буд» [71, С.25; 109, С.64].

Дар Дашти Кӯлак байни лашкари Темур ва Илёсхоҷа писари Туғлуқтемур ҷанги шадиде ба миён омад. Бояд тазаккур дод, ки тибқи иттилои сарчашмаҳо ҳокими Хатлон Кайхусрав бо ҳамроҳии Туғлуқ сулдӯз дар ин ҷанг бар зидди Темур меҷангиданд. Дар ин ҷанг Темур лашкари Илёсхоҷаро шикаст дода, аз Пули Сангин гузашта, ба Ҷикдалик равон мешавад. Шербаҳром

низ бо лашкари ӯ ҳамроҳ мегардад. «Шербаҳром, ки чиҳилу ду рӯз буд, то аз Қатлон ҷудо шуда буд, восил шуд. Ва маҷмуъ дар Ҷикдалик ҷамъ омаданд» [71, С.25; 109, С.67-68]. Шербаҳроми Хатлонӣ, ки дар мавзеи Дашти Кӯлак аз амир Ҳусайн ва Темур ҷудо шуда буд, баъди 42 рӯз бо лашкари худ ба Ҷикдалик рафта бо Темур ҳамроҳ шуд. Мавриди қайд аст, ки Шарафуддин Алии Яздӣ ҷудо шудани Шербаҳромро дар мавзеи Дашти Кӯлак ва рафтани ӯро ба мулки худ Балҷувон аз амир Ҳусайн ва Темур 43 рӯз нишон додааст.

Бояд тазаккур дод, ки набарди асосӣ байни Темур ва лашкари муғул, ки ба он хони Мовароуннаҳр Илёсхоҷа писари Туғлуқтемур ва сарлашкари он Бекчак ва амирони дигар роҳбарӣ мекарданд, дар соли 765/1363-1364 дар мавзеи Тошариғӣ ба амал омад. Дар ин ҷанг пирӯзӣ насиби Темур гардид ва аз сардорони лашкариёни муғул амирон Искандар уғлон, Ҳамид, Юсуфхоҷа асир афтоданд. Илёсхоҷа бо Бекчак гурехтанд. Баъди озод кардани Мовароуннаҳр аз дасти муғулҳо соли 765/1363-1364 амир Ҳусайн ва Темур бо якдигар машварат карда маслиҳат дар он диданд, ки аз насли чағатойӣ нафареро ба хонӣ интихоб намоянд. Умарову нуйинонро дар мавзеи Оқор ба қурултой даъват намуда набераи Давохон-Кобулшоҳи Уғлонро хони Мовароуннаҳр интихоб намуданд. Пас аз ин Темур ба хотири амир Ҳусайн тӯй дод ва баъди он зиёфат амир Ҳусайн мутаваҷҷеҳи Солисарой шуд [71, С.26-27; 109, С.73-75; 90, С.960].

Туғлуғтемур баъди муваффақ шудан Мовароуннаҳрро ба писараш Илёсхоҷа вогузор карда ва худ ҷониби Муғулистон рафт. Дере нагузашта Темур аз Илёсхоҷа рӯ гардонда, ба амир Ҳусайн ҳамроҳ гардид. Амир Ҳусайн баъд аз шикасти Туғлуқтемур дар ҳолати саргардонӣ қарор дошт. Темур дар пайи ҷустуҷӯи ҳамаслакаш, ҷоҳили дигари муғул, амир Ҳусайн шуда, ӯро дар биёбонҳои Хева пайдо кард. Ҳар ду ба назди ҳокими Хоразм ба умеди дастгирӣ дарёфт кардан рафтанд. Онҳо ҳамагӣ шаст нафар буданд. Ҳокими Хева Тукал хост онҳоро ба даст орад ва бо лашкари ҳазор нафараи худ вориди задухӯрд шуданд. Дар натиҷаи задухӯрд аз лашкариёни амир Ҳусайн ва

Темур ҳафт нафар боқӣ монданд. Сипас, ин ду тан роҳи фирорро пеша карда, ба Марв расиданд. Дар Марв асири Алибек Ҷунии Қурбон гардида, муддати ду моҳ дар он ҷо зиндонӣ шуданд, то бародари Алибек, Муҳаммадбегӣ онҳоро аз асирӣ озод кард. Пас аз асири раҳо шудан амир Ҳусайн ба самти Ҳирманд рафт. Темур бошад муддате дар назди улуси худ пинҳонӣ умр ба сар бурд, ниҳоят ба назди малик Муъизуддин Ҳусайни Курт омада, чанде дар назди ӯ қарор дошт.

Тибқи иттилои сарчашмаҳо ҳамсари Темур, ки хоҳари амир Ҳусайн дар асорати Марв бо онҳо қарор дошт.

Ҳофизи Абрӯ роҷеъ ба дар назди Муизуддин Ҳусайн қарор доштани амир Ҳусайн ва Темур чунин мегӯяд: «Дар мухайями туман ба хидмати амир Пирҳусайн пайвастанд ва қариб бо ҳазор нафар мард аз он ҷо ба ҷониби Систон рафтанд» [101, С.329].

Бояд гуфт, ки маълумоти Мирхонд дар муқоиса ба ахбори Ҳофизи Абрӯ аз дастгирии амир Ҳусайн ва Темур пас аз раҳо шудан аз зиндони туркманҳо аз ҷониби ҳокими Хуросон Муизуддин Ҳусайни Курт равшантар аст, ки метавон тавассути он аз ҳақиқати ҳол огаҳ гардид. Ӯ менависад: «Дар эъзозу икроми он ҳазрат ғояти муболиға ба ҷой овард ва аспи хосаи худ пеши вай кашида, маблағи даҳ ҳазор динор кепекӣ ва миқдори дувист хирвор ғалла бар моли Сарахс ҳавола дошт…Ва чун амир Ҳусайн бишнид, ки амир Темур бо малик Муизуддин Ҳусайн мулоқот фармуда, ба ҷониби вилояти худ мурочиат намудааст, ӯро низ доияи ихтилоти малик пайдо шуда, рӯй ба он савб ниҳод ва рӯзе чанд дар Ҳирот рахли иқомат андохтӣ» [55, С.19; 205, С.588].

Туғлуқтемур медонист, ки ҳокими Ҳирот Ҳусайнро бо паноҳгоҳ таъмин кардааст, намояндаи худро ба назди ӯ фиристода таҳдид мекунад, ки ба сарзамини онҳо ҳамла мекунад, ҳамзамон аз малик Муизуддин Ҳусайн талаб кард, ки Ҳусайнро дастгир карда, ба назди ӯ бифиристанд. Малик Муизуддин дастур дод, ки амир Ҳусейнро дар яке аз қалъаҳои Ҳирот зиндонӣ кунанд. Барои ором кардани хони муғул малик Муизуддин намояндаи худро

ба назди хон фиристод ва хабар дод, ки амир Ҳусайн гӯё дар зиндон фавтидааст.

Мутаассифона, дар бораи пас аз асирӣ раҳо ёфтани амир Ҳусайн ва Темур рӯ овардани онҳо ба малик Муизуддин Ҳусайни Курт муаррихони дарборӣ Низомуддини Шомӣ, Шарафуддини Алии Яздӣ, Муъинуддини Натанзӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ, Ҳофизи Абрӯ ва Хондамир хомӯширо ихтиёр кардаанд. Аз ин бармеояд, ки ахбори Мирхонд ва Ибни Арабшоҳ роҷеъ ба амир Ҳусайн ва Темур, ки пас аз асирӣ раҳо шудан муддате дар ҳимояи малик Муизуддин Ҳусайн Курт қарор доштанд, воқеият доштааст.

Ҳамчунин, Темур писари худ Ҷаҳонгирро ба назди амир Муизуддин Ҳусайн бовар карда фиристод. Ва пайғом дод, ки чун мусулмонӣ ва диндории ту медонам, эътимод бар дӯстии ту карда, фарзанди худро пеши ту фиристодам ва умедворам, ки ӯро ҳифз хоҳӣ кард.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки золимию бераҳмӣ, фиребу найранг хоси ин ҷоҳил, яъне Темур буд. Ӯ ҳатто он рӯзҳои мудҳиши ҳаёташро, ки ин хонадон ӯро аз марг раҳоӣ бахшиданд, аз хотир баровард. Носипосӣ карда, онҳоро ба тариқи ваҳшиёна ба қатл расонд ва мулкашонро ба зери тасарруфи худ даровард.

Малик Муизуддин Ҳусайн аз беморӣ 24 майи соли 1370 дар сию нуҳумин соли ҳукмрониаш вафот кард. Пас аз фавти Муизуддин давраи рушду нумуи давлати Куртҳои Ҳирот рӯ ба таназзул ниҳод. Чӣ тавре ки Ғарҷистонӣ қайд мекунад: «Сарнавишт қуръаи суқути давраи зимомдории оли Куртро ба номи малик Ғиёсуддин Пиралӣ зад» [402, С.17]. Тибқи иттилои сарчашмаҳо, пас аз фавти малик Муъизуддин, писари ӯ Ғиёсуддин ба сари қудрат омад.

Ҳангоме ки мавқеъ ва мақоми ин ду амир дар Мовароуннаҳр танг гардид, барои дуздию ғоратгарӣ ва бедодгарӣ рӯ ба Систон овардаанд. Масалан, дар бораи гӯсфандрабоии Темур ва аз ҷониби чӯпоне аз як дасту по зарб хӯрдан ва боиси як умр ланг гардиданаш, инчунин лақаби Темурлангро ба худ

гирифтан дар Систон дар муқоиса ба дигар муаррихони дарбории Темуриён муаррихи араб Ибни Арабшоҳ ин ҳодисаро чунин тасвир медиҳад: «…дар атрофи Систон омад, ки паноҳгоҳи яке аз чӯпонон буд ва гӯсфанде рабуда…Чӯпон бад-он огоҳ ва аз пайи ӯ равонаи роҳ шуд. Ду зарбати саҳмгин, яке бар китф ва дигаре ба рони вай фуруд овард ва ниме аз андомашро табоҳ кард…» [40, С.10; 75, С.133].

Ҳамин муаллиф дар ҷойи дигар қайд мекунад, ки вақте ки Темурро ба назди ҳокими Ҳирот оварданд, пас аз шиканҷаи зиёд фармон дод, ки ӯро ба дор овезанд. Мутаассифона, писари Муиззуддин Ғиёсуддин аз падар хоҳиши озод намудани Темурро кард. Муиззуддин дар ҷавоб гуфт: «Ин мард роҳзане аст ҷағатойӣ; ҷуз фасод аз вай наояд ва ҷуз ба озори халоиқ андеша нанамояд. Агар бимонад, ҷаҳону ҷаҳониёнро ба ҳалокат расонад. Писараш дар ҷавоб гуфт: «Худ нимодаме чӣ бувад, ки маншаи шарре гардад ё масдари фасодӣ шавад. Вай бад-ин сон ки омоҷи тири бало шудааст, дер натавонад зист ва ба куштани нимҷоне бархостан мурувват нест» [40, С.10]. Сипас, малик Муиззуддин Темурро бибахшид ва писараш Ғиёсуддин ҷароҳатҳои ӯро табобат кард ва дар хизмати ин хонадон қарор гирифт.

Баъд аз гузаштани чандин сол дар соли 1383 он амире, ки ба ӯ дар Сиистон тир зада буд, дастгир шуд ва бо амри Темур ӯро тирборон карданд.

Хони муғул Илёсхоҷа ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки Мовароуннаҳрро ба осонӣ аз даст бидиҳад. Бинобар ин, баҳори соли 1365 аз нав бори сеюм ба Мовароуннаҳр лашкар кашид. Ин задухӯрд баҳори соли 1365 дар соҳили дарёи Чирчиқ дар мавзее, ки байни Тошканд ва Чиноз ҷойгир буд, ба вуқуъ пайваст. Ин ҷанг дар таърих бо номи «Ҷанги лой» сабт шудааст. Сабаби чунин номгузорӣ шудани ҷанг дар он аст, ки ҳангоми муҳориба борони шадиде меборад ва лашкариёни зиёде дар обу лой оғӯшта шуда нобуд мегарданд. Ин ҳолатро Низомуддини Шомӣ дар асари худ чунин тасвир кардааст: «Ногоҳ ҳаво мутағайир шуд ва абру борон падид омад ва камонҳову тирҳо ба мартабае расид, ки як тир чунончи бар хасм тавон андохт, намонд ва ҷомаҳову мӯзаҳо дар об ғарқ шуд ва дасторҳо бар сарҳо гарону сақил гашт ва гилу

ваҳал дар мартабае буд, ки аспонро маҷоли ҳаракат намонд. Ва лашкари душман ҷомаҳои намад пӯшида ва осуда аз ҷойи худ ҳаракат накарданд» [71, С.28; 109, С.78; 101, 339].

Мувофиқи ахбори ҳамин манбаъ: «То ғояте ки аз куштан малул гаштанд ва қариб даҳ ҳазор мард дар зери дасту пойи аспон ночиз шуданд» [71, С.30]. Дар ин ҷанг амир Ҳусайн ва Темур шикаст хӯрда, тарки Мовароуннаҳр карданд ва шармандавор рӯ ҷониби Хуросон фирор намуданд.

Пас аз фавти Тарконоғо-хоҳари амир Ҳусайн ҳамсари Темур муносибати онҳо боз ҳам сардтар шуд. Темур дар тирамоҳу зимистони соли 1365-1366 худро ошкоро мухолифи Ҳусайн эълом дошт ва Қарширо ба зери тасарруфи худ даровarda, намояндаи худро ба ҳукумати шаҳри Бухоро равон кард. Ҳусайн ба Бухоро лашкар кашид, Темур аз тарси амир Ҳусайн шабдармиён аз Амударё гузашта ба Хуросон фирор кард. Абдураззоқи Самарқандӣ дар асари худ «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн» чунин қайд мекунад: «Тоҷикони Бухоро ба умеди он ки ёғӣ гурехт дар ақиб рафта аз деворбасти (қалъа) берун омаданд. Лашкари амир Ҳусайн бозгашта бисёре ба қатл оварданд…» [4, С.396; 71, С.42; 109, С.109; 55, С.51-52]. Муаллиф дар ин ҷо дар бораи ҳуҷуми амир Ҳусайн ба Бухоро маълумот додааст, ки Темур аз он ҷо гурехта буд ва мардуми тоҷики Бухоро ба танҳоӣ барои ҳифзи шаҳри худ ба амир Ҳусайн мубориза бурданд. Темур ин дафъа низ ба амсоли ҳуҷуми муғулҳо ба Самарқанд буздилона тарки Бухоро карда, аҳолиро дар ҳолати ногувор қарор дод. Вақте ки амир Ҳусайн Бухороро тасарруф кард, чанд рӯз дар он ҷо таваққуф намуд ва сипас амир Халилро дар он ҷо гузошта худ ба Солисарой рафт. Пас аз чанд вақт Темур ба Бухоро баргашта гумоштаи Ҳусайнро пеш кард.

Бояд тазаккур дод, ки мақсад ва мароми ин ду ҷоҳил дар мадди аввал барои ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр буд. Темур барои ба даст овардани ҳокимият неруи кофӣ надошт ва бо ҳар роҳу восита талош мекард, ки ба хонадони Куртҳои Ҳирот наздикӣ пайдо кунад. Тавре ки дар

сарчашмаҳо зикр шудааст: «амир Ҷокуро бо исми рисолат ба тарафи малики Ҳирот равона фармуд» [71, С.43; 109, С.112; 55, 53]. Дар ин давра дар Хуросон давлати пуриқтидор Куртҳои Ҳирот ба ҳисоб мерафт. Барои намояндагони хонадони Куртҳои Ҳирот дар мадди аввал иттифоқ бастан бо Темур айни муддао буд, зеро дар Хуросон пурқувват шудани амир Ҳусайн хавф бар ин хонадон дошт.

Темур дар Мовароуннаҳр бошад аз ҳокимони бонуфузи маҳаллӣ ба Кайхусрави Хатлонӣ такя кард. Бояд гуфт, ки дар он вақт дар минтақа обрӯ ва эътибори Кайхусрав аз Темур дида болотар буд. Темур ягона роҳи наздики ҷустан бо Кайхусравро дар хеш шудан дид. Тавре ки Низомуддин Шомӣ қайд мекунад: «Амири соҳибқирон Кайхусравро тӯй фармуда, бо якдигар хешӣ карда, духтари Кайхусравро Руқияи Хоника аз барои фарзанди худ, амирзода Ҷаҳонгир хостгорӣ фармуд» [71, С.47; 66, С.247]. Чунин нақшаи палидонаи Темур дар оянда боиси кушташудани Кайхусрав гардид.

Баъдан Темур бо амир Ҳусайн роҳи сулҳро пеша кард. Тибқи ахбори Мирхонд Темур «Панҷшанбе ном навкари худро бо эъломи азимате, ки дар хотир дошт, пеши амир Ҳусайн фиристод...Чун Панҷшанбе хабари таваҷҷуҳи амир Темур ба самъи амир Ҳусайн расонид, изҳори баҳдату масаррат намуда, савганд бар забон ронд, ки баъд аз ин шароити мувофақат ба ҷой оварда, перомуни мухолифат нагардад. Ва Нуроншоҳро дар мурофақати Панҷшанбе бифиристод, то аз ин ҷониб қавоиди паймон ба имон муаққад ёфт» [55, С.62-63; 270, С.446]. Аз воқеаҳои минбаъда аён гардид, ки пас аз баста шудани сулҳ байни Темур ва амир Ҳусайн он кинаву адовате, ки дар дил нисбати якдигар доштанд аз байн нарафт. Ин ду амир ҳар кадом барои васеъ намудани ҳудуди худ аз ҳеҷ ҷангу ҷидол рӯй намегардонданд. Дар чунин вазъият мардуми Бадахшон дам аз истиқлолият мезаданд ва ҳеҷ намехостанд, ки бегонагону аҷнабиён дар сари қудрат бошанд. Амир Ҳусайн худ дар танҳои аз уҳдаи идораи ин мулк баромада наметавонист. Ба қавли Мирхонд менависад: «Чун дар он замон шоҳони Бадахшон бо хон ва амир Ҳусайн изҳори ёғигарӣ

мекарданд, амир Ҳусайн бо лашкаре гарон мутаваҷҷеҳи эшон шуд ва шоҳон низ сипоҳи вилояти худ ҷамъ оварда, ба истиқбол равон шуданд» [55, С.65; 71, С.51].

Сарчашмаҳои таърихӣ аз он иттилоъ медиҳанд, ки лашкари Темур дар набард ба муқобили мардуми Бадахшон ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ гардида, дар натиҷаи ин задухӯрдҳо як қисми лашкариёнашро ба қатл расониданд ва қисме аз онҳо асир гардиданд. Вобаста ба ин вазъият Шарафуддини Алӣ чунин менависад: «Ин ҳама ҷангҳо, ки кардаам ва вақоеъе, ки бар ман гузашт, ба сахтии он ҷанг надидаам» [71, С.53; 109, С.135; 55, С.69; 2, С.233]. Муаррихон бар он назаранд, ки дар Бадахшон вазъи Темур ва лашкариёнаш чандон хуб набудааст, қисме аз лашкариёнаш фирор намуда, Темур бошад бо якчанд боқимондагони лашкараш ночор роҳи ҳилаву найрангро пешаи худ қарор дода, барои раҳоӣ ёфтан роҳи гурезро ихтиёр мекунад.

Баъд аз ин, Темур бо Шербаҳроми Хатлонӣ ва Баҳроми ҷалоир масъалаи мухолифати амир Ҳусайнро ба миён гузошт. Ин ду тан бо Темур аҳду паймон бастанд, ки дар якҷоягӣ бар зидди амир Ҳусайн мубориза баранд. Шарафуддин Алии Яздӣ зикр мекунад: «...қарор бар он шуд, ки Шербаҳром ба Хатлон равад...ба ҷамъи силоҳ машғул гардад. Ва ҳазрати соҳибқиронӣ дар ин тараф ба тартибу таҷҳизи лашкар қиём намояд...Шербаҳром ба Хатлон расид, лашкари худро ҷамъ кард ва ба болои яйлоқи Бастарак баромад...изҳори мухолифати амир Ҳусайн оғоз ниҳод. Амир Ҳусайн бо ӯ тариқи макру фиреб пеш гирифт...» [109, С.89]. Амир Ҳусайн Шербаҳромро бо роҳи фиребу найранг пойбанди худ сохта аз Темур рӯйгардон шуд. Мувофиқи маълумоти манбаъҳо Темур ба Шербаҳром мактуб навиштааст, ки дар он омадааст: «...бунёди мухолифат ту ниҳодӣ, ёғигарӣ оғоз кардӣ...Зуд бошад, ки ҷазои ту ҳам ӯ диҳад...Ва ҳамчунон шуд» [109, С.89; 55, С.40].

Бо кадом роҳу восита амир Ҳусайн тавонистааст Шербаҳромро ба худ наздик созад ва аз чӣ аҳду паймон бастанд, дар ягон сарчашма маълумоте

зикр наёфтааст. Шояд амир Ҳусайн ӯро аз Кайхусрави хатлонӣ, ки аз назди амир Ҳусайн фирор карда буд, тарсонида ваъда карда бошад, ки дар ҳолате ки Кайхусрав бо сипоҳаш биёяд, амир Ҳусайн дар мубориза бар зидди ӯ кумак хоҳад расонид. Бояд тазаккур дод, ки амир Ҳусайн Шербаҳромро фирефтаи худ сохта, бо ҳамин аз ҳуҷуми якҷояи Темур ва Шербаҳром раҳо ёфт. Фиребу найранги амир Ҳусайн дар он зоҳир шуд, ки чун якҷо бо Шербаҳром бар зидди Темур раҳсипор гардид, дар мавзеи Навандак (қарибиҳои Деҳнав) расиданд, аз тарси он ки мабодо Шербаҳром ба ҷониби Темур майл накунад, ӯ дар он ҷо Шербаҳромро ба қатл расонд.

Пас аз ин воқеа маслиҳат дар он диданд, ки миёни амир Ҳусайн ва Темур сулҳ баста шавад, вале дар асл ҳар кадоме мехост якдигарро фиреб диҳанд. Тибқи нақша, барои бастани сулҳ мебоист сипоҳи Темур ба Хузор ва лашкари амир Ҳусайн ба Чағониён омада қарор мегирифтанд. Баъдан амир Ҳусайн ва Темур бо теъдоди сад нафарӣ навкар ба мавзеи Танги чакчак омада, дар он ҷо бо якдигар мебоист аз нав аҳду паймон мебастанд. Темур сипоҳашро дар Хузор қарор дода бо се сад ҷанговари хунхораш озими мавзеи Танги чакчак шуд. Ҳадафаш он ки дусад сипоҳашро барои эҳтиёт дар Деҳнав монда бо сад нафар барои мулоқот ба Танги чакчак равад. Ҳамчунин, амир Ҳусайн низ бо се ҳазор ҷанговар ба ҷойи вохурӣ рафт. Пеш аз расидани амир Ҳусайн Темур ба мавзеи муайяншуда рафт ва аз омадани сипоҳи бузурги Ҳусайн огаҳ ёфт, таъҷилан лашкариёни худро аз он мавзеъ гузаронид ва роҳро дар он тангӣ бар лашкари амир Ҳусайн баст. Сипас ҷанги шадид ба миён омад. Дар ин набард Темур ба шикаст дучор шуд. Ҳангоми ақибнишинӣ ба Хузор омад ва лашкаре, ки дар он ҷо барои эҳтиёт монда буд, аз воқеаи баамаломада огаҳ шуданд, ҳамагӣ пароканда шудаанд. Темур аз он ҷо бо як қатор лашкариёнаш ба Қаршӣ омада, бо машварати умаро ба хулосае омаданд, ки оилаҳои худро аз дарёи Ҷайҳун гузаронида ба Мохони қарибии Марв, ба назди санҷариён бурда дар он ҷо гузоранд. Ҳамин тавр, Темур бо наздикони худ аҳли хонадонашро аз дарёи Ҷайҳун гузаронида ба Мохон бурд ва худ барои ба даст даровардани Мовароуннаҳр иқдом кард. Пас аз якчанд задухӯрд

бо амир Ҳусайн Темур маҷбур гардид тарки Самарқанд намуда, ҷониби Тошканд раҳсипор шавад. Дар Тошканд бошад Баҳроми ҷалоир бо Кайхусрави хатлонӣ сукунат доштанд. Ҳардуи онҳо пас аз мухолифатҳо бо амир Ҳусайн тарки Моварооуннаҳр карда, назди хони Туркистон барои ёрӣ ва дастгирӣ рафта буданд. Ва чунон ки сарчашмаҳо собит месозад: «аз он ҷо Кучунтемур ва Шераввалро саркада бо ҳафт ҳазор марди ҷата оварда буданд» [109, С.119; 66, С.247, 2, С.400, 55, С.57]. Баҳроми ҷалоир ва Кайхусрави хатлонӣ бо ин сипоҳиён дар Тошканд зиндагӣ мекарданд. Туғлуқтемур ба зиммаи Баҳроми ҷалоир вазифаи идораи Тошкандро вогузор карда буд ва барои хазинаи хони Туркистон андоз ҷамъоварӣ менамуд. Кайхусрав аз пайдо шудани Темур дар Тошканд шод шуд ва барои ӯ тӯй дод. Вақте ки Кайхусрав бо ҳамроҳи Баҳроми ҷалоир ба назди хони Туркистон-Туғлуқтемур рафта буданд, хон ӯро ба домодӣ қабул кард. Хон Тумон Қутлуғ духтари амзодаи худ-Ясунтемурхон ибни Абуканро ба ӯ дода буд. Он зан духтаре дошт, ки Темур ӯро барои писари худ мирзо Ҷаҳонгир хостгорӣ кард [2, С.401].

Амир Ҳусайн дар ин вақт бо 20 ҳазор сипоҳи бузург аз Шаҳрисабз ба ҷониби Самарқанд раҳсипор шуд ва аз он ҷо зери фармондеҳии умарои худ ба сӯйи дарёи Сир барои ба даст овардани Темур равона кард.

Ҳангоми задухӯрдҳои Темур ва амир Ҳусайн шоҳи Бадахшон Шайх Алии Бадахшонӣ ба Қундуз ҳуҷум мекунад. Баъди ин ҳодиса амир Ҳусайн ва Темур аз нав муттаҳид шуда, ба Бадахшон лашкар кашиданд. Пас аз ин, солҳои 1367-1368 ҳангоми дар Бадахшон будани амир Ҳусайн ва Темур дар Хатлон бо роҳбарии Кайхусрави Хатлонӣ ва шайх Муҳаммад Баёни сулдӯз исён бармехезад. Асосан, ин исён ба муқобили амир Ҳусайн равона шуда буд, зеро соли 1360 амир Ҳусайн ҳангоми забти Бадахшон бародари Кайхусрави хатлонӣ-Кайқубодро ба қатл мерасонад. Ин исёни Кайхусрав ва Шайх Муҳаммад Баёни сулдӯз аз ҷониби Темур пахш карда мешавад. Сипас, Хатлон ба зери тобеияти Темур медарояд.

Дар «Мунтахаб-ул-таворих»и Муинуддини Натанзӣ чунин омадааст: «Амир соҳибқирон хост, ки аз хуни ӯ гузарад,… аммо амир Кайхусрав ва дар миёни маҷмаъ бар пой хост ва хуни Кайқубодро, ки бародари ӯ буд…аз амир Ҳусайн бозхост кард ва бисёр дар он боб муболиғаҳо намуд. Чун аввали муомила буд ва ҷониби амир Кайхусравро риоят кардан зарурат, аз он сабаб амир соҳибқирон натавонист, ҳимоят кунад. Амир Улҷойту ба гӯшаи чашм ишорат кард. Дарҳол амир Кайхусрав ва амир Муайид берун кашида ҳам бар дарбор ба зории зор шаҳид карданд » [66, С.287; 71, С.60; 109, С.153-154; 95, С.417-418]. Назар ба қавли Низомуддини Шомӣ, Шарафуддини Алии Яздӣ, Мирхонд амир Ҳусайн гӯё аз ҷониби Кайхусрави Хатлонӣ ба қатл расонида шудааст. Фасеҳи Хавофӣ кушта шудани амир Ҳусайнро чунин баён мекунад: «қатли амир Ҳусайни мазкур дар Балх бар дасти амир соҳибқирон» [90, С.966]. Ахбори Фасеҳӣ ба ҳақиқат наздиктар аст, зеро маҳз лашкаркашии Темур ба Балх ва аз байн бурдани амир Ҳусайн буд, ки бо ин роҳ мехост, ки ҳокимиятро ба зери тасарруфи худ дарорад.

Бояд гуфт, ки Ибни Арабшоҳ кушта шудани амир Ҳусайнро аз ҷониби Темур дар Самарқанд нишон додааст, ки ба пиндори мо воқеият надорад. «Темур вайро бо худ дошт…ба ҷониби Самарқанд шуд. Ин воқеа дар шаъбони соли 771 ҳиҷрӣ (феврал-марти 1370) рӯй додааст… Он гоҳ султон Ҳусайнро соғари марг бинӯшонд» [40, С.15].

Ибни Арабшоҳ менависад, ки соли 771/1369, гӯё Темур амир Ҳусейнро дар Балх дастгир кард ва ба Самарқанд оварда, ӯро дар он ҷо ба қатл расонидааст. Ба назари мо, ин ахбори Ибни Арабшоҳ воқеият надорад, зеро тамоми сарчашмаҳо кушта шудани амир Ҳусайнро Балх нишон додаанд, на Самарқанд.

Темур пас аз пирӯзӣ бар амир Ҳусайн зани вай Сароймулхонумро ба ақди никоҳи худ даровард ва бо ҳамин далел аз ҷониби муғулон ба «Курагон», яъне домод мулаққаб шуд. Темур бо ин ки Мовароуннаҳро пурра ба та-

сарруфи худ дароварда буд, аммо пайваста нафаре аз хонадони муғулро ба мақоми хонӣ интихоб мекард.

Темур ва ҷонишинонаш аз лақаби «хон» истифода накарданд, вале таърихҳои замони онҳо борҳо ба онон лақаби «хон» ном бурдаанд. Темур тарҷеҳ медод, ки худро «амир» биномад ва муносибати хонаводагии худро бо Чингизхон нигоҳ дорад, аз ин рӯ, аз лақаби муғулии Гуракон (домод) баҳра меҷӯст [71, С.9-15]. Темур то соли 1402 вафодории худро ба шоҳзодагони хонадони чингизӣ, яъне Суюрғутамиш (1370-1384) ва султон Маҳмуд (1384-1402) нигоҳ дошт ва онҳоро, ки лақаби «хон» доштанд, ба дидаи ҳокими воқеии минтақа нигарист, дар ҳоле ки онҳо шахсиятҳои машруъ, вале даст-нишондодаи вай баршумурда мешуданд.

Ҳайдар Дуғлот менависад, ки қудрати ин хонон зоҳирӣ буд ва онҳо бо ин ки хон номида мешуданд, вале дар ҳақиқат асири дасти Темур буданд» ва дар «Самарқанд тахти назар» зиндагӣ мекарданд [54, С.71-72-83]. Ибни Арабшоҳ низ бар ин нукта ишора мекунад ва мегӯяд: «Дар ҳоле ки ҳар амир ба дасти ӯ асир ва ҳар хон дар баробари вай нотавон буд, чунонки хулафои ин замон дар дасти подшоҳон» [40, С.15].

Ҳамин тариқ, Темур тавонист бо роҳи фиребу найранг ҳокимиятро ав-вал аз дасти роҳбарони сарбадорони Самарқанд, сипас бо дастгирӣ ва кумаки бевоситаи ҳокимони Хатлон Шербаҳром ва Кайхусрав бо аз байн бурдани дӯсти деринаи худ амир Ҳусейн ба зери тасарруфи худ дарорад.

## I.3. Шуриши сарбадорони Самарқанд

Сокинони Самарқанд аллакай аз ду ҳамлаҳои қаблӣ нағз медонистанд, ки истилои муғул чӣ гуна таҳдидҳо дорад: куштор, ғоратгарӣ, асир гирифтан, duздии молу чорво, несту нобуд кардани зироат, марг ва харобиро ба бор меоварад. Вазъияти Самарқанд ҳам чандон хуб набуд, зеро аз замони Чингизхон шаҳр аз қалъа, девор ва ҳар гуна василаи дифоъ маҳрум буд.

Интизори касе шудан роҳи наҷот набуд. Сипас аҳолии Самарқанд худ барои дифои шаҳр бархостанд.

Ҷойи зикр аст, ки нахустин муҳаққиқе, ки роҷеъ ба сарбадорони Самарқанд таҳқиқоти илмӣ анҷом додааст, ин академик В.В. Бартолд мебошад. Мақолаи ӯ таҳти унвони «Народное движение в Самарканде в 1365г.» [148, С.362-379] аввалин бор дар соли 1907 ба чоп расид. Муаллиф, дар мақолаи мазкур возеҳу равшан ба масъалаи таърихи сарбадорони Самарқандро инъикос намуда ва тақрибан ба тамоми паҳлӯҳои норавшани ин шуриш ҷавобҳои саҳеҳ додааст. Таҳлили манобеи дасти аввал, баррасии муҳити сиёсӣ ва иҷтимоӣ ба вуқуъ пайвастани шуриши сарбадорони Самарқанд, таъйини нақши роҳбарон, хусусан ҷойгоҳи роҳбари аслии он Мавлонозодаи бухорӣ, ҳамчунин аз ҳилаву найранги Темур ва амир Ҳусайн ва рафтори ноҷавонмардонаи онҳо дар пахш намудани шуриш, муқоисаи ҷунбиши сарбадорони Самарқанд ва сарбадорони Хуросон аз ҷумлаи беҳтарин хулосаҳои ба даст овардаи В.В. Бартолд ба ҳисоб меравад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки таърихи шуриши сарбадорони Самарқанд баъд аз таҳқиқи Бартолд мавриди таваҷҷуҳи як идда муҳаққиқон дар оянда низ қарор гирифтааст [406, С.24-46; 469, С.124-133; 121, С.32-46; 267, 186, 259-264; 187, 474-478; 472, 270-281; 447, С.91-162; 213, С.158-162; 444, С.3-20; 127, С.299; 270, С.439-443; 193, С.805-808; 168, 167, 169, 380, С.187-199; 381, С.31-35; 382, С. 11-15; 383, С.71-78; 384, С.60-63; 385, С.178-199; 386, С.11-21; 224, С.433-438].

Бо гурехтани амир Ҳусайн ва Темур шаҳре, ки онҳо тарк карданд, ҳокимони худро аз даст дод ва дар муқобили неруҳои беруна бе дифоъ монд. Дар шаҳр беҳокимиятӣ ҳукмфармо буд, ки дар рафти он мардум дар вазъияти ногувор қарор доштанд. Бояд гуфт, ки барои мубориза бурдан ба муқобили аҷнабиёни муғул косибони Самарқанд ба ҷанг бархостанд.

Тавре ки Мирхонд менигорад: «Се тан аз шуҷоону мардони муборизи Самарқанд, ки ба авсофи сарбадорӣ мавсуф буданд, яъне Мавлонозодаи

Самарқандӣ ва Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва Абубакр Калавии Наддоф мардумро ба муқовамату пойдорӣ дар баробари муғулони ҷатта тарғиб карданд» [55, С.1019]. Сарчашмаҳои таърихии асримиёнагӣ танҳо номи се нафарро, ки роҳбарии мудофиаи Самарқандро ба зиммаи худ гирифтаанд: Мавлонозодаи Самарқандӣ, Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва Абубакр Калавии Наддоф ном бурдаанд. Ҳамзамон бояд иттилоъ дод, ки сарчашмаҳо дар бораи онҳо маълумотҳои нокифоя медиҳанд. Масалан, Низомуддини Шомӣ, Шарафуддини Алии Яздӣ, Мирхонд ва Хондамир номи ин се танро зикр мекунанд. Абдураззоқи Самарқандӣ ва Муинуддини Натанзӣ бошад танҳо аз Мавлонозода ном бурдаанду халос.

Муаррихони дарбории Темуриён баромади иҷтимоии Мавлонозодаи Самарқандиро чунин тавсиф кардаанд: Аз ҷумла, Абдураззоқи Самарқандӣ Мавлонозодаи Самарқандиро «марде донишманд аз бузургзодагони Бухоро, тирандози далер» [2, С.350], Муинуддини Натанзӣ «шахсе аз бузургзодагон» [66, С.228], Ҳофизи Абрӯ «марди донишманд аз бузургзодагони Бухоро» [101, С.344], Мирхонд «баҷуръат ва ҷалодат» [55, С.35], Хондамир «ба сифати ҷалодату мардонагӣ иттисоф (машҳур будан)» [95, С.406], ном бурдаанд. Аммо Низомуддини Шомӣ ва Шарафуддини Алии Яздӣ танҳо номи ӯро нишон медиҳанду халос.

Дар бораи сифати Мавлоно Хурдаки Бухорӣ бошад танҳо Мирхонд «марди тирандози далер» [55, С.36], Хондамир бошад «тирандози ҷалд (чусту чолок)» [95, С.406] навиштаанд. Низомуддини Шомӣ, Шарафуддини Алии Яздӣ ва Ҳофизи Абрӯ танҳо аз номи ӯ зикр мекарданду халос. Абдураззоқи Самарқандӣ ва Муинуддини Натанзӣ, умуман аз Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ҳарфе намегӯянд. Бояд ёдовар шуд, ки дар сарчашмаҳои таърихӣ дар тавсифи ин се роҳбар маълумотҳои начандон кофӣ пешниҳод шудааст.

Барои сокинони Самарқанд аз душмани беруна муҳофизат намудани шаҳр вазифаи аввалиндараҷа буд. Бояд гуфт, ки рафти ин ҳодисаро Абдураззоқи Самарқандӣ дар муқоиса бо дигар муаррихони дарборӣ хеле батафсил овардааст: «…лашкари муғул ба ҳаволии Самарқанд расид, аҳолии он ҷо дар

ин қазия ҳайрон буданд. Рӯзи ҷумъа хоссу ом дар масҷиди ҷомеъ омада, аммо ба ягон хулоса омада натавонистанд.

Дар ҳамин вақт марде донишманд аз бузургзодагони Бухоро, машҳур ба Мавлонозода, тирандозе далер, ба пой хост оҳиста-оҳиста рафта, ба болои минбар баромад ва салом карда овоз баровард, ки: «Ё маъшару-л-муслимин! Имрӯз ғалабаи куффор ба қасди хонумони мусулмонон омадаанд. Ва ҳокиме, ки ҷизяи мусулмониро «боҷу хироҷ» ном карда меситонад ва ба хотири худ мегирад, чун душман пайдо шуд, мусулмононро ба тарҳ рехт ва аз пеши куффор гурехт! Ва ҳар чанд аҳолии ин шаҳр амониву суде диҳанд, халос нахоҳанд ёфт. Ва рӯзи қиёмат суол аз шумо-бузургон хоҳад буд! Кист, ки мутасаддии ин амри ислом ва мутааҳиди хвоссу авом шавад, то мо низ сар дар қадами ӯ ниҳода, ба хидматгори қиём намоем?!

Маҷмуи акобири Самарқанд хомӯш шуда, касе ҷавоб надод. Мавлонозода гуфт: «Чун касе ба уҳда намегирад, агар ман мутааҳид шавам, мададу ҳамроҳӣ мекунед? Халоиқ мувофиқ шуда, ӯро ба сардорӣ қабул карданд» [2, С.350; 101, С.350]. Сарбадорон таҳти роҳбарии Мавлонозода ба ҳимояти Самарқанд омодагӣ мегиранд. Тибқи ахбори Муинуддини Натанзӣ «10000 ҷавони мусаллаҳ фавран ба ӯ савганд ёд карданд» [121, С.45]. Дар назди Мавлонозода вазифаи душвор, аз лашкари савораи душман муҳофизат кардани шаҳр буд. Дар ҳама чорабиниҳояш ӯ қобилияти баланди ташкилотчигӣ нишон додааст.

Ҷойи зикр аст, ки ахбори Муинуддини Натанзӣ, Ҳофизи Абрӯ ва Абдураззоқи Самарқандӣ дар бораи ташкили мудофиа маъмулан бо ҳам шабеҳанд, аммо ҳар кадоме баъзе ҷузъиётеро пешниҳод мекунанд, ки дигарашон дар таълифоти худ тасвир накардаанд. Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва Хондамир бошанд дар бораи дифои сарбадорон умуман маълумот надодаанд.

Дар атрофи ин қазия Муинуддини Натанзӣ чунин қайд кардааст: «Мавлонозода вақте аз масҷид баргашт, то 3-рӯзу шаб оромӣ надошт, хоб

набурд ва ором нагирифт» [121, С.45]. Маълумоти Абдураззоқи Самарқандӣ оид ба ин масъала чунин аст: «Мардуми бисёр пеши ӯ ҳозир шуда, дафтари кадхудоён ва муҷаррадону ғурабо ба даст овард» [2, С.350, 101, С.345].

Вобаста ба ин ҳодиса, тамоми аҳолии шаҳр ба дифоъ бархостанд, ки аксарияти онҳоро косибон ташкил мекарданд. «Вай дар назди дарвозаҳои шаҳр посбонҳо гузошта, дар ибтидои кӯчаҳои танг чунон баррикадаҳо месохт, ки саворaҳо аз онҳо гузашта наметавонистанд» [121, С.45]. «Ва сарҳои кӯчабоғҳоро чунон банд кард, ки савор дарнатавонад омад ва сарҳои бандро ба толорҳо маҳкам карда, тиркашҳои муварраб сар то сари кӯчаҳо фурӯ бурид [2, С.350]. «Сипас аз мардум дар Қуръон савганд гирифт, ки бо таҳдиди талоқ аз занонашон аз фармони ӯ сарпечӣ нахоҳанд кард» [121, С.45]. «Ва қавл кард, ки ҳеҷ офарида шабҳо ба хона наравад ва агар ҷойе ҷанги сахт воқеъ шавад, мақоми худ нигоҳ дошта, ба мадад наравад ва аз сари девору паси девор бо муғул қалоча накунад. Ва дар чаҳор ҳадди шаҳр камондорони ҷалд таъйин кард, ҷиҳати кӯмак» [2, С.350]. Ва як роҳ холӣ гузошта, ҷамъеро дар камин нишонд ва худ бо панҷсад [101, С.345; 2, С.350] пиёдаи тирандоз дар поёни кӯчабоғ қарор гирифта, омадани душманро интизор шуданд. Тибқи ахбори Муинуддини Натанзӣ: «Мавлонозода бо худ 1000 нафар дар кӯчаи асосӣ қарор гирифтанд [121, С.45].

Муҳаққиқ Л.В. Строева омодагии ҷангии мардуми Самарқандро бар зидди аҷнабиёни муғул чунин тасвир кардааст: «Тактикаи ҷангии Мавлонозода дар ин маврид танҳо роҳи мусбат буд, зеро мардуми Самарқанд лашкари саворанизом надоштанд то бо муғулон дар саҳро ба ҷанг раванд ва аз тарафи дигар кӯчаҳои шаҳр тангу борик буд ва дар натиҷа аспҳои душман имкони тохту тозро намеёфтанд ва инҳо барои торумор кардани лашкариёни саворанизоми муғул муҳити хуберо муҳайё мекард, ки дар ҳақиқат ин амр низ ба иҷро расид»[473, С.275].

Чунин иқдоми Мавлонозода дар шароити мавҷуда ягона роҳи наҷоти мардуми бумии Самарқанд аз зери зулму истибдоди аҷнабиёни муғул буд. Аз рафти амалиёти ҷангии сарбадорон фикри Ҳофизи Абрӯ ва Абдураззоқи Са-

марқандӣ ҷолиби диққат аст: "Қаровулони муғул ва ҷатта фориғу ғофил ба он кӯча даромаданд ва аз камингоҳҳо гузашта ба Мавлонозода расиданд. Ишорат кард, то дуҳул кӯфта санги дасту қалмосанг ва тиру чӯбдасте дар кор омад то муғулакон сари асп гардонида, ҳазор кас маҷруҳ ва сад кас гирифтор шуданд» [101, С.345; 2, С.351].

Чун муғулон чунин ҳол бидиданд донистанд, ки саъю кӯшиш дигар ба манфиати кор нест. Барои ҳамин, рӯзи дигар сипоҳиёни сар то по мусаллаҳи муғул саф кашида омаданд ва ҳар ҳилаву найранге, ки доштанд аз чап додан ва ҳамла намудан чунончи расми муғул бошад, ба ҷой оварданд ва натиҷае надод. Ҳофизи Абрӯ дар ин бора чунин менависад: «Чун ҷатта забту эҳтиёти тозикро бад-он масоба (мартаба, дараҷа, андоза) бидид, дандони тамаъ аз ғорати Самарқанд барканданд ва ба дорилтойӣ ва соварӣ (туҳфа) қаноат намуданд, он низ мабзул (қаноатманд) наяфтод» [101, С.345-346].

Бояд хотирнишон сохт, ки аз тамоми муаррихони дарбори Темуриён танҳо сабаби ақибнишинӣ ва шикаст хӯрдани муғулҳоро дар ҳифзи шаҳр қаҳрамонона амал намудани аҳолии Самарқанд мебинанд, ин Муинуддини Натанзӣ ва Ҳофизи Абрӯ воқеъбинона тасвир мекунанд. Муаррихони дигар, бошад, монанди Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ, Мирхонд ва Хондамир бар он назаранд, ки ақибнишинӣ бар асари вабои сахте, ки ба сари аспони муғул омада буд ва онҳоро маҷбур кардааст, ки пиёда ба Муғулистон баргарданд, қайд кардаанд.

Бояд гуфт, ки дар навиштаҳои Шарафуддин Алии Яздӣ роҷеъ ба дифои сарбадорон иттилооти муфассал вуҷуд надорад, балки таваҷҷуҳи асосиро ба амри тасодуф ҳавола кардааст. Тибқи назари ӯ танҳо ҳамин амр боис шудааст, ки шаҳр аз вазъияти душвор, яъне аз муҳосираи тӯлонӣ раҳо ёбад.

Бо муҷиби гуфтаҳои боло, чунин шикасти шармандавори муғулҳо аз ҷониби тоҷикони Самарқанд дербоз аз хотири аҷнабиён нарафта буд. Таърихнигор Муинуддини Натанзӣ оид ба ин масъала ишора мекунад, ки:

«…ҳанӯз дар Муғулистон он қиссаро ба достонҳо дар маҳофизу маҷолис ёд кунанд» [66, С.230].

Пас аз шикасти муғулҳо тибқи маълумоти Муинуддини Натанзӣ «Самарқандиён гардани итоат ба тавъу рағбат бар хатти фармони Мавлонозода ниҳода, ӯро бо имомӣ ва амирӣ қабул карданд» [66, С.230].

Инчунин муаллиф, бешубҳа, бо осори Низомуддини Шомӣ ошноӣ доштааст. Муинуддини Натанзӣ дар асари худ ривоятҳое ҷой додааст, ки дар таърихномаҳои расмӣ вонамехӯранд. Ховаршиноси машҳури рус В.В. Бартолд бар ин ақидааст, ки «Эҳтимол аст, ки бархе аз ин қиссаҳо, бахусус он воқеаҳое, ки оид ба шуриши сарбадорони Самарқанд аст, аз солномаҳои уйғурӣ гирифта шуда бошанд» [152, С.368]. Новобаста ба ин, асари таърихии ӯ роҷеъ ба ҳодисаҳои шуриши сарбадорони Самарқанд дар муқоиса бо дигар сарчашмаҳо дорои арзиши баланд мебошад.

Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ва Хондамир шикасти шармандавори аҷнабиёни муғулро аз ҷониби сарбадорон бо чунин мазмун, ки хоси муаррихони дарбории Темуриён буд, баён медоранд: «Аз чаҳор нафар якеро аспе беш нест ва ду-ду бар аспҳо нишаста мераванд. Ва аксари эшон тиркаш бар пушт баста, пиёда ба хона муроҷиат мекунанд» [71, С.31; 109, 84; 55, С.36; 95, С.406]. Мутаассифона, муаррихони дарбори дар осори худ аз тайёрии шуришчиён, рафти шуриш, муборизаи сарбадорон ба муқобили аҷнабиёни муғул, ҷасорати онҳо, теъдоди асирон ва кушташудагони муғулҳо хомӯширо ихтиёр мекунанд.

Вақте ки Темур хабари шикасти лашкари муғулро аз ҷониби роҳбарони сарбадорони Самарқанд мешунавад, Аббос баҳодурро бо саворе чанд то ҳадди Хузор фиристод, то ки аз вазъияти минтақа огаҳ шуда ба ӯ маълумот дастрас намояд. Мавлонозода низ як чанд саворро ба нияти тафтиш то канори рӯди Амударё равон карда буд. Мувофиқи маълумоти Муинуддини Натанзӣ ва Ҳофизи Абрӯ яке аз саворони Мавлонозода бо Аббос баҳодур вомехӯранд. Аббос баҳодур ӯро ба ҳабс гирифта ба назди Темур овард. Темур аз ин савор

аз вазъи сарбадорон огаҳӣ ёфт, маҷмуи ахборро муфассал навишта, бо қосиде ба амсоли бод назди амир Ҳусайн фиристод [66, С.231]. Чунин ахбори Муинуддини Натанзӣ ва Ҳофизи Абрӯро дар дигар сарчашмаҳои таърихи аҳди Темуриён пайдо накардем. Темур дар Бағлон бо амир Ҳусайн вохӯрда ба хулосае меоянд, ки бо фаро расидани фасли баҳор бояд озими шаҳри Самарқанд гарданд. Амир Ҳусайн ба Солисарой ва Темур бошад рӯ ба Қаршӣ меоваранд. Пас аз шикасти шармандаворонаи аҷнабиёни муғул аз ҷониби сарбадорони Самарқанд идораи шаҳр қариб як сол дар дасти сокинони худ монд. Бояд хотирнишон намуд, ки муаррихони дарборӣ баъд аз ба даст овардани ҳокимият роҷеъ ба тақдири минбаъдаи онҳо қариб, ки маълумоте надодаанд.

Аз маълумоти сарчашмаҳо бар меояд, ки амир Ҳусайн аввали баҳори соли 767/1366 бо лашкари Балх, Бадахшон, Қундуз, Хатлон, Ҳисор, Бағлон, Андхӯю Шибурғон озими Самарқанд шуд. Темур ва Ҳусайн аз мудофиакунандагони шаҳр ҳаросида, роҳбарони сарбадоронро бовар мекунониданд, ки онҳоро ҳамчун роҳбар эътироф мекунанд ва роҳбарии шаҳрро пурра ба зиммаи онҳо вомегузоранд. «Моро бар шумо эътимоди куллӣ аст ва шуморо аз маҷмуи умаро муҳаррамтару мушфиқтар медонем» [66, С.233; 101, С.348; 2, С.352], мегуфтанд ин ду золимон. Амир Ҳусайн ба сардорони сарбадори Самарқанд пайғом фиристод, то он даме ки ин ду амир бо лашкариёнаш ба саҳрои Кони Гил наоянд, умарои Самарқанд қасди мулоқот бо эшон накунанд ва ба истиқбол наёянд. Мавриди зикр аст, ки муносибати ин ду амир найранге барои ба дом афтондани роҳбарони шуриш буд. Сипас, дертар амир Ҳусайн ва Темур бо лашкариёни худ ба мавзеи Кони Гил расиданд. Роҳбарони шуриш бо ҳадяву туҳфаҳо ба урдугоҳи амир Ҳусайн ва Темур ба мавзеи Кони Гил рафтанд. Амир Ҳусайн намояндагони сарбадоронро қабул намуд ва онҳоро бозпас ба Самарқанд фиристод.

Рӯзи дигар роҳбарони сарбадорони Самарқанд ба урдугоҳи амир Ҳусайн ва Темур равона гардиданд ва ин дафъа низ ба амсоли рӯзи пешин бо ҳадяву туҳфаҳо ба мавзеи Карёс расиданд, амир Ҳусайн ва Темур бо лашка-

риёни худ онҳоро ба дом афтонданд. Ҳофизи Абрӯ чунин менигорад: «ба муҷиби фармуда амир Ҳусайн чунонки ҳар касро ба уҳдаи ҳар кас карда буд, ҳамаро бигирифтанд» [101, С.348].

Бо дастури амир Ҳусайн ва Темур дар мавзеи Карёс роҳбарони сарбадорони Самарқанд Абӯбакри Кулуйи Наддоф ва Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ба қатл расида шуданд. Муаррихи барҷастаи шуравӣ А.П. Новоселсев дар мақолаи «Об исторической оценке Тимура» [444, С.3-20] оид ба зулму истибдоди амир Ҳусайн ва Темур ва пахши бераҳмонаи шуришиён ва роҳбарони ҷунбиши сарбадорони Самарқанд чунин изҳори нигаронӣ менамояд: «…ҷунбиши сарбадорони Мовароуннаҳр ба навҳи бисёр золимонатар ва хунбортар аз неҳзати сарбадорони Хуросон, дар ҳам шикаста гардид ва фурӯ нишонда шуд» [444, С.10].

Аз байни онҳо танҳо роҳбари шуриш Мавлонозодаи Самарқандӣ бо даholати Темур аз таги дор раҳо карда шуд. Тибқи иттилои Мусавӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ ҳама бо шамшер ба қатл расиданд, вале ба ахбори Абдураззоқи Самарқандӣ ҳамагон ба дор овехта шуданд. Теъдоди кушташудагон на дар таърихи расмӣ-дарборӣ ва на дар навиштаҳои Абдураззоқ зикр нашудааст. Муинуддин Натанзӣ дар ин росто чунин менигорад: «Темур бо найрангҳои гуногун Мавлонозодаро аз марг наҷот дод» [121, С.46]. Бо ҳилаю найранг, ки хосси Темур буд, мехост, ки дар назди мардуми Самарқанд худро пуштибони онҳо тасвир кунад, аммо суде набахшид. Тавре ки муҳаққиқ Л.В. Строева иброз медорад: «Омма дар ин давра ва на баъдтар Темурро дастгирӣ намекард» [473, С.280].

Бо вуҷуди бераҳмона пахш карда шудани шуриши сарбадорони Самарқанд, як қисми шуришгарон дар тӯли солҳои зиёд борҳо бар зидди Темур сар бардоштанд, вале дар ниҳояти кор онҳо аз ҷониби Темур ба тариқи ваҳшиёна ба қатл расонида шудаанд. Тавре ки Ибни Арабшоҳ дар фасли «Ғавғои шуришиён ва ошӯбгарони Самарқанд ва ҳалоки онон», ишора мекунад, ки: «Ҳар замон ки аз Самарқанд оҳанги диёре менамуд, касеро ба ниёбат

дар шаҳр мегумошт ва чун дур мешуд, гурӯҳе аз он ҷамоат ба гумоштаи вай шурида, саркашӣ оғоз менамуданд. Темур аз сафаре боз нагашт, магар, ки бунёди давлаташ аз ҳам рехта ва риштаи умури кишвараш гусехта буд ва ногузир ба таҷдиди назми кишвар ва тамҳиди умури мамлакат мепардохт ва то кори мулк ба сомон кунад. Якеро азл ва дигареро насб мекард; баъзеро мекушт ва бархеро менавохт; биноҳо вайрон ва вайронаҳо obод месохт; ва чун бори дигар ба сафар мешуд, ин умур муқаррар мегашт. Ва бад-ин гуна нуҳ бор мамлакатро ошуфта ва парешон карданд» [40, С.47-48].

Чунончи Садриддин Айнӣ дар тақризаш ба китоби академик Б. Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» роҷеъ ба хислатҳои зишт ва нопоки ин ду тан амир Ҳусайн ва Темур чунин менависад: «Халқҳои меҳнаткаши Мовароуннаҳр аз аввали кор чӣ будани Темурро фаҳмида буданд, ки Темур як Чингизи дигар аст, ки дар либоси мусулмонӣ баромадааст. Онҳо нисбат ба муғулони бодиянишини ғайримусулмон чӣ қадар нафрат дошта бошанд, нисбат ба Темур, амир Ҳусейн ва саркардагони онҳо низ ҳамон қадар нафрат доштанд. Бинобар ин, аҳолии Самарқанд баъд аз рондани муғулони бодиянишин Темур ва ҳамроҳони ӯро низ ба шаҳр роҳ додан намехостанд.

Темур ва амир Ҳусейн ҳам ба ин маънӣ пай бурда, роҳбарони аҳолии шуришгари Самарқандро бо фиреб ба даст даровarда кушта, баъд аз он шаҳрро ишғол карданд» [127, С.299].

Бояд тазаккур дод, ки муаррих Мусавӣ он гуна ки сират ва сурати амир Ҳусейни муғулро тасвир кардааст, дар асари Шарафуддин Алии Яздӣ мавҷуд нест. Аз ҷумла, академик В.В. Бартолд иқтибосеро аз асари Мусавӣ дар ин мақола ҷой додааст, ки чуни наст: «Баҳодур, амири бағоят ситезакору якрав буд. Аз ғояти сиёсате, ки дошт, гурзи пулодӣ ба даст мегирифт ва дар девони мазолим менишаст. Агар чунончи муддаи бо муддаии муқобил дар сухани худ осеб мекарданд, ё ба пастии ҳукме, ки карда буд, намерасиданд, бо дасти худ бо он гурз эшонро мезад ва амсоле то ғояте дошт, ки ҷомаи карбосӣ

мепӯшид ва чун ҷомаи ӯро аз ин сифат замимаи пӯшида буд» [152, С.369]. Академик В.В. Бартолд аз ҷоҳилии ин ду ҳокими золимпарвар ба чунин хулоса меояд: «Мусаллам аст, ки ин қабил ҳокимон дар миёни мардуми мутамаддини кишвар эътибори чандоне надоштанд ва ба унвони роҳбари неруи низомии кишвар мақоми баландеро доро набуданд ва ҳатто қодир набуданд ҳамлаҳои хонҳои муғули вилояти Ҳафтруд ва Туркистонро дафъ намоянд» [152, С.370].

Низомуддини Шомӣ ва Хондамир роҳбарони сарбадорони Самарқандро чунин ғаразнок ба қалам додаанд : «он се мард ба сардорӣ мағрур шуда, зулму ҷавр пеша сохтанд ва халқ дар дасти ҷавру бедоди эшон гирифтор буданд» [71, С.32]. Ё худ Шарафуддин Алии Яздӣ шеъреро дар васфи сарбадорон бо чунин мазмуни таҳқиромез дар асари худ ҷой додааст: «Ё раб, мабодо он ки гадо муътабар шавад» [109, С.84]. Инчунин Муинуддини Натанзӣ, Ҳофизи Абрӯ ва Абдураззоқи Самарқандӣ низ чунин шеъри таҳқиромезро дар асарҳои худ ҷой додаанд:

Шағолеро, ки шерак ном карданд,

Ба шерак-шеракаш дар дом карданд [66, С.233; 101, С.348; 2, С.353].

Боиси таассуф аст, ки муаррихони асримиёнагии аҳди Темуриён аз зикри корнамоиҳои сарбадорон ва роҳбарони онҳо ба муқобили аҷнабиёни муғул, шармандаворона майдони ҳарбро тарк кардани амир Ҳусайн ва Темур ва фирори онҳо аз қаламрави Мовароуннаҳр ба Хуросон худдорӣ мекунанд.

Аз ҷумла, академик Б. Ғафуров аз суханронии муаррихони феодалӣ нисбат ба сарбадорони Самарқанд изҳори нигаронӣ намуда, қайд мекунад: «Маълумоти манбаъҳои хаттӣ роҷеъ ба ин ҷунбиш, ки дар таълифоти таърихнигорони феодалӣ оварда шудаанд, хеле ноқис ва ниҳоят бадғаразона мебошанд» [187, С.477].

Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки дар дилхоҳ ҷанг гурӯҳи алоҳидаи одамон ба duздию ғоратгарии молу амволи аҳолии осоишта даст мезананд ва чунин

рафтори зишти онҳоро набояд ба зиммаи роҳбарони ҷунбиш ҳавола кардани муаррихони дарборӣ аз рӯйи адлу инсоф нахоҳад буд. Тавре ки академик В.В. Бартолд қайд мекунад: «Қазоват мушкил аст ва ҳаққи онро надорем, ки аз ин сукути манобеъ натиҷа бигирем, ки ин гуна рафторҳои ғайриқобили қабул аз сӯйи сарбадорон набудааст ва муттаҳам шуданашон аз сӯйи таърихнигорони расмӣ беасос аст» [148, С.374].

Бояд зикр сохт, ки муаррихони давраи феодалӣ дар навиштаҷотҳои худ бештар манфиати доираи ҳукумронро ҳимоя мекарданд ва доир ба ҷунбишҳои сиёсӣ, махсусан мардуми ғаразнок ҳарф мезаданд ва ягона муаррихе, ки аз баёни номи Ҳусейн ва Темур худдорӣ намекунад, ин Абдураззоқи Самарқандӣ мебошад: «…ҳукми саркӯб кардани неҳзат на аз роҳи дуруст, балки бо истифода аз ҳила ва найранг, ки дар ҳангоми мулоқоти умаро муқаррар шуда буд, содир шуд» [148, С.374].

Муаррихи дарбории Темуриён Шарафуддин Алии Яздӣ низ шояд аз ноилоҷӣ маҷбур шудааст, ки корнамоии сарбадоронро бар зидди аҷнабиёни муғул то андозае эътироф кунад: «Муҳофизати мулк ва муқобила бо чунон лашкаре, ки амсоли он корҳои дархӯр ҳималоти мулук ва ҳавсалаи ноибони эшон тавонад буд, аз дасти раоё баромад» [109, С.84]. Воқеан он кореро, ки шуришчиёни Самарқанд бо роҳбарони онҳо бар зидди аҷнабиёни муғул ба анҷом расониданд, вазифаи ҷонии ин ду золим буд.

Аммо бояд қайд кард, ки манобеи таърихӣ аз тақдири минбаъдаи Мавлонозода ба чӣ анҷом ёфт, иттилооте намедиҳанд. Танҳо Хондамир муаллифи китоби «Ҳабибу-с-сияр» чунин менависад: «Мавлонозодаи Самарқандӣ, ки бинобар илтифоти хотири соҳибқирон сутуд муассир аз он маҳлука наҷот ёфт ва дигар пиромуни фузулӣ нагашта ба кошонаи инзиво ва инқитоъ шитофт» [95, С.407].

Олимони тоҷик Н. Ҳакимов ва Г. Азизқулова роҷеъ ба кушта шудани Мавлонозода аз ҷониби Темур чунин андеша доранд, ки «Мавлонозодаро бо фармони Темур дар дарёи Зарафшон ғарқ кунонданд (ба гарданаш санг баста, ба дарё партофтанду овоза паҳн карданд, ки Мавлонозодаро сели ногаҳонӣ бурд)» [334, С.163]. Мутаассифона, муаллифон ин манбаъро аз кадом сарчашмаи таърихӣ дастрас кардаанд, барои мо маълум нест. Аммо бояд гуфт, ки маълумоти ин ду муаллиф ба ҳақиқат наздикӣ дорад, зеро, ки Темур ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки чунин рақибе, ки дар байни мардуми Самарқанд, хусусан тоҷикон обрӯ ва эътибори хосса дошт, дар қайди ҳаёт бошад, зеро Темур хуб дарк мекард, ки ҳангоми лашкаркашиҳояш ба ин ё он минтақа хавфи аз нав сар бардоштани Мавлонозода бо ҳаммаслаконаш буд.

Ба муҷиби гуфтаҳои боло баъди ба тасарруф даровардани Самарқанд амир Ҳусайнро ҳирси ҷамъи мол бар ӯ ғолиб шуда, зулму бедод бунёд ниҳода, ба ҷамъи амволи раъият дастдарозӣ кард. Аз ҷумла, аз амирони Темур ба амсоли амир Ҷоку, амир Сайфуддин, Ҷорвард, Оқбуғо баҳодур, Давлатшоҳ баҳодурро маҷбур сохта буд, ки ба хазинаи ӯ ва хон, ҳар кадоме маблағи муайяне супорад. Чун амирони Темур пардохти ин маблағро надоштанд ба Темур муроҷиат карданд. Темур барои ёрӣ ҷавоҳироте, ки бо роҳи ғоратгарӣ ба даст оварда буд, бо гӯшвораи гаронарзиши Улҷой Турконоғо, ки хоҳари амир Ҳусайн ва ҳамсари Темур буд, дод. Вақте ки ҷавоҳиротҳоро ба амир Ҳусайн пешкаш карданд, ӯ гӯшвораи хоҳари худро шинохт, азбаски хеле хасис буд, онҳоро бо худ гирифт. Ҳамчунин, боз се ҳазор динор маблағи дигар боқӣ монда буд. Темур маҷбур гардид барои рӯйпӯш кардани он маблағ аспони хосаи худро низ фиристод ва амир Ҳусайн аспҳои ӯро шинохта аз гирифтани онҳо худдорӣ кард. Аммо таъкид кард, ки ман ба Солисарой меравам ва ин се ҳазор динорро нақд фиристад, ки ба Хоразм ҷиҳати дӯстамон, духтари амир Ҳусайн Сӯфӣ мефиристам. Пас аз чанд вақт Темур бақияи маблағро ба амир Ҳусайн фиристод.

Муҳаққиқ Л. В. Строева ҳам дар ҳамин мавриd чунин қайд менамояд, ки зулми мардуми Самарқанд аз ҷониби Темур муаррихини дарбории Темуриёнро дар тааҷҷуб наовардааст, балки «ба дасти як донишомӯзи мадраса гузаштани қудрат, тирандоз ва ҳунарманд боиси хашму ғазаби онҳо мегардад» [473, С.277].

Пӯшида нест, ки Муинуддини Натанзӣ ва Ҳофизи Абрӯ дар осори худ аз тоҷик будани роҳбарони шуриши сарбадорони Самарқанд ва корнамоии онҳо ишора кардаанд, ки ин боиси ифтихори ҳар як тоҷик мебошад.

Муинуддини Натанзӣ дар осори таърихии худ «Мунтахаб-ул-таворих» оид ба шармандаворона шикаст хӯрдани муғулҳо аз ҷониби сарбадорон ва то дер боз фаромӯш насохтани он ошубро чунин қайд мекунад: «Саворон аз таҳаввури (далерии) тоҷику мардонагии пиёдагони риҷола мутааҷҷиб монда,…ҳанӯз дар Муғулистон он қиссаро ба достонҳо дар маҳофил ва маҷолис ёд кунанд» [66, С.230]. Чунин тафсири ҷолиб аз ин шуриш дар ҳеҷ як манобеи дигар ба назар намерасад.

Боиси таассуф аст, ки чӣ муаррихони аҳди шуравӣ ва чӣ даврони соҳибистиқлол шояд аз мавҷудияти ин манбаъ воқиф набудаанд, ё худ аз баён доштани номи тоҷик дар ҳарос буданд. Ҳол он ки доир ба шуриши сарбадорони Самарқанд муаррих Л.Бойматов ба забонҳои тоҷикию русӣ рисолае таълиф намудааст.

Ҳамчунин Л. Бойматов дар рисолааш раванди корнамоии сарбадоронро аз забони Яъқуб Ожанд чунин шарҳ додааст. дар китоби худ «Қиёми шиъайии Сарбадорон» менависад: «пирӯзии (Сарбадорони Самарқанд) ба қадре шигифангез буд, ки лашкари Мовароуннаҳрро (амир Ҳусайн ва амир Темурланг) ба уъҷоб ва ваҳшат водошт, чун аҳолии шаҳр бо нирӯи имони худ коре карда буданд, ки онҳо бо лашкари ҷаррори худ дар муқобили муғул натавониста буданд, ин корро ба анҷом бирасонанд. Ин масъала барои ояндаи онҳо хатарнок буд, хусусан самарқандиён пас аз пирӯзӣ Мавлонозодаро ба имомӣ ва амирии худ интихоб намуда буданд» [168, С.16].

Боиси таассуф аст, ки аз чӣ бошад муаррихони дарбории хонадони аҳди Темуриён Фасеҳи Хавофӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Исфизорӣ дар бораи шуриши сарбадорони Самарқанд маълумот надодаанд.

Шарқшинос В.В. Бартолд, таҳлили асарҳои Абдураззоқи Самарқандӣ ва Мусавӣ, ки сарбадоронро зери тозиёнаи танқид гирифта, аз баёни нишон додани хизматҳои онҳо худдорӣ намудаанд, беасос дониста аз ҷумла, чунин қайд мекунад: «Эҳтимол намеравад, мо аз ин хомӯшӣ ҳаққи онро дошта бошем, то хулоса кунем, ки чунин аъмол набуданд ва дар ҳукми маҳкумияти таърихии расмӣ асосе надорад»[148, С.374].

Ҳамин тариқ, роҳбарони шуриши сарбадорони Самарқанд бо роҳу фиребу найранги Темур ва амир Ҳусейн ба қатл расиданд, лек бояд гуфт, ки маҳз ҳамин шуриш буд, ки аҷнабиёни муғулро, муддати қариб ду аср дар Мовароуннаҳр ба зулму истибдоди мардуми бумӣ машғул буданд, ба шикаст дучор сохт. Ҳоло он ки муҳофизати шаҳр вазифаи Темур ва амир Ҳусейн буд. Инчунин шикасти аҷнабиёни муғул, аз ҷониби роҳбарони сарбадорон барои мансабталошии Темур ва ворисони ӯ, ки зиёда аз як аср дар минтақаҳои мухталиф ҳукмронӣ кардаанд, заминаи мусоид фароҳам овард.

Гарчанде ки роҷеъ ба шуриши сарбадорони Самарқанд таълифоти зиёде мавҷуд бошад ҳам, аммо бисёр масъалаҳои муҳимми ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ он давр то ҳанӯз норавшан боқӣ мондааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои муҳимми таърихи сарбадорони Самарқанд, ки то замони мо боқӣ мондаанд, масъалаҳои мазкурро равшан хоҳанд кард.

## Боби II. Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV

### II.1.Ҳокимияти Самарқандро гирифтани Темур ва оғози забткориҳои ӯ

Баъд аз кушта шудани амир Ҳусайн ва ба тасарруфи худ даровардани Балх, тамоми амирон ва бузургони улуси чағатоӣ ва Мовароуннаҳр дар атрофи Темур муттаҳид шуда, бо ҳам аҳду паймон карданд. Аз ҷумлаи умаро, ки дар он ҷаласа ҳузур доштаанд, метавон аз амир Шайх Муҳаммад сулдӯз, амир Кайхусрави хатлонӣ, амир Улҷойту апардӣ, амир Довуди дуғлот, амир Сорбуғои ҷалоир, амир Ҷокуи барлос, Зиндаҳишам апардӣ, амир Муайиди арлот, шоҳ шайх Муҳаммади волии Бадахшон ва Ҳусайн баҳодур [109, С.156-157; 55, С.79-80; 189, С.285; 95, С.419] ва ҳамчунин Саид Барака ном бурд, ки обрӯ ва эътибори хосе назди Темур дошт ва пайваста Темур аз нуфузи маънавӣ ва мазҳабии ӯ истифода мекард [109, С.157; 55, С.80].

Бино ба ахбори Шарафуддин Алии Яздӣ ва Хондамир ин ҳодиса дар рӯзи чаҳоршанбе, дувоздаҳуми рамазон соли 771/27 апрели соли 1370 ба амал омад ва амир Темур, ки дар он ҳол сиву чаҳор сол дошт [55, С.158; 95, 419] дар Самарқанд ба тахт нишаст.

Темур баъд аз он ки амир Ҳусайнро ба қатл расонид, қалъаи Ҳиндувони Балхро вайрону валангор, молу амвол ва ҳарами ӯро ба даст овард.

Шарафуддин Алии Яздӣ менависад, ки «Соҳибқирон аз ҳавотин (занон)-и амир Ҳусайн Сароймалик-хонуми духтари Қазонсултонхон ва Улусоғои духтари Баён-сулдӯз ва ислом-оғо духтари Хизри Ясури ва Туғи Таркон-хотунро рақами ихтисос кашид (яъне ба никоҳи худ даровард)…ва Одил малики духтари Кайқубоди Хатлониро ба амир Ҷокӯ ва дигар…онро ҳар як ба касе номзад фармуд» [109, С.155; 55, С.78]. Пас аз кушта шудани Ҳусайн Темур ҳарами ӯро ба даст овард ва чор зани ӯро аз ҷумла Сароймулкхонум, духтари хон Қазонхонро ба занӣ гирифт. Сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки Темур аз Сароймулкхонум фарзанд надошт, лекин чун духтари хон-ӯ ҳамеша

зани калонии Темур маҳсуб мешуд. Ҳарчанд ки дар ҳарами амир Ҳусайн шоҳдухтари дигар-духтари хон Тармаширин буд, пас аз кушта шуданаш ба амир ҷалоири Баҳром хонадор шуд.

Ҳангоме ки Темур духтари Қазонхонро (1343-1346) ба никоҳи худ даровард, лақаби «Курагон», яъне «домод»-ро ба худ гирифт. Темур афзал медид, ки худро «амир» биномад ва муносибати хонаводагии худро бо Чингизхон нигоҳ дорад, аз ин рӯ, аз лақаби муғулии Гуракон (домод) истифода мекард. Ӯ то соли 1402 вафодории худро ба шоҳзодагони хонадони чингизӣ, яъне Суюрғутамиш (1370-1384) ва султон Маҳмуд (1384-1402) нигоҳ дошт. Он хонҳое, ки Темур ба сари қудрат гузошт, аз зумраи афродоне буданд, ки на танҳо аз дасташон ягон кор намеомад, инчунин дар иҷрои вазифаҳои худ ноуҳдабаро буданд. Дар ин ҷода муаррихи афғон Муҳаммад Ғубор бамаврид қайд кардааст: он «подшоҳ…дар Самарқанд вазифае ғайр аз таом хӯрдан надошт» [249, С.253].

Баъд аз ин ӯ, дар Балх писари Ҷуғоми барлосро ҳоким гузошт ва худ вориди Кеш шуд. Аз он ҷо ба Самарқанд рафт ва он шаҳрро ба таври расмӣ ба пойтахти худ мубаддал сохт.

Темур хост нахуст Хоразмро ба тобеияти худ қарор диҳад ва барои ӯ, пеш аз ҳама, пеш овардани баҳонае лозим буд. Оид ба баҳонаи лашкаркашии Темур ба Хоразм Мирхонд чунин менигорад: «Кот ва Хева таалluқ бо улуси Ҷағатой дорад ва ту чанд сол аст, ки аз он вилоят мол гирифтаӣ ва он арса дар таҳти тасарруф даровардаӣ, вазифа он ки акнун дасти татовул аз он мамлакат кутоҳ кунӣ то гумоштагонӣ мо забт намоянд” [55, С.87; 71, С.65; 66, 287; 109, С.173; 95, С.421] Темур назди Ҳусайн Суфӣ элчӣ фиристода, бад-ӯ пайғом дод, ки он ду мавзеъе, ки мутааллиқ ба Ҷиғатой аст ва ҳар минтақае бояд ки бо ҳар чӣ бад-ӯ таалluқ дорад, бояд тасарруфи девони подшоҳ гузорӣ, то роҳи дӯстӣ кушода ва асбоби ягонагӣ омода гардад.

Ҳусайн Суфӣ дар ҷавоб гуфт, ки ман ин вилоятро ба зарби шамшер гирифтаам, бинобар ин ба шамшер аз ман тавон гирифт. Темур дар ҷавоби Ҳусайни Сӯфӣ дар ғазаб омада, хост бо лашкари зиёд рӯ ба Хоразм биоварад, лекин Мавлоно Ҷалолуддини Кешӣ аз Темур хоҳиш кард, то ба Ҳусайн Суфӣ иҷозат диҳад, ки ба назди ӯ равад ва ба роҳи насиҳат ӯро аз ин роҳ баргардонад. Мавлоно Ҷалолуддин на танҳо Ҳусайн Суфиро бо роҳи рост ҳидоят карда натавонист, балки худи ӯро дастгир ва ба ҳабс кашиданд. Замоне ки ин хабар ба Темур мерасад, ӯ лашкари зиёде ҷамъ намуда, дар баҳори соли 773/1371-1372 ба Хоразм лашкар мекашад [55, С.88; 71, С.65; 95, С.422; 109, С.175]. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо ин нахустин лашкаркашии Темур ба Хорзм буд, ки вилоятҳои Кот ва Хеваро зери тасарруфи худ даровард.

Дар ин бора фикри Мирхонд қобили диққат аст ва чуноне ки дар «Равзату-с-сафо» қайд мекунад, Темур дар аввал мехост, бо макру ҳаял ҳокими Хоразм Ҳусайни Суфиро тобеъи худ гардонад, лекин амир Кайхусрави Хатлонӣ, ки нисбат ба Темурланг нафрат дошт, ба Ҳусайн Суфӣ пайғом дод, ки «бар аҳду паймони амир Темури Гуракон эътимод манамой ва дари сулҳу оштӣ макушой ва бетаҳошӣ аз шаҳр берун ой, ки аксари лашкари Самарқанд ба тохту ғорату атрофу ҷавониб рафтаанд» [55, С.89; 95, С.422]. Кайхусрави Хатлонӣ ба Ҳусайн Суфӣ ваъда дод, ки дар рӯзи набард ман ба тумани худ ба лашкари Хоразм пайвандам. Ҳусайн Суфӣ ба ваъдаи Кайхусрави Хатлонӣ дилпур шуда, бо пиёдаву савора аз шаҳр берун баромад.

Аммо Ҳусайн Суфӣ ба шикаст дучор шуда ва ба хотири раҳо ёфтани худ нақшаи Кайхусравро ба Темур ошкор месозад. Тибқи иттилои сарчашмаҳо Ҳусайн Суфӣ, ба муқобили Темур дар танҳоӣ муқобилият карда наметавонист. Бинобар ин, маҷбур мегардад, ки духтари яке аз бародаронаш Савинбекро бо номи Хондзода, ба писари

Темур Ҷаҳонгир ба занӣ диҳад. Сипас, Темур фармони берун шудани лашкарро аз Хоразм дод.

Темур Ҳусайни Сӯфиро шикаст дода, тибқи навиштаи Мирхонд фармон медиҳад, ки «Кайхусравро ҳозир оварда…ва баъд аз таҳқиқу тафтиш…ӯро банд карда ба Самарқанд фиристод, то навкарони амир Ҳусайн ба қасоси валинеъмати хеш…ҳаёташро аз шаҳристони бадан кутоҳ сохтанд» [55, С.90-91; 71, С.67; 90, С.968; 64, С.99-100; 345, С.29]. Тибқи иттилои Шарафуддини Алии Яздӣ ва Мирхонд гӯё Темур амир Кайхусравро ба навкарони амир Ҳусайн таслим кард, онҳо ӯро ба қасоси амир Ҳусайн ба қатл расониданд. Ин суханон асоси воқеӣ надоранд, зеро муаррихони дарборӣ бо ҳар навъ талош мекарданд, ки ҷиноятҳои Темурро пинҳон доранд. Ҳол он ки Низомуддини Шомӣ воқеиятро баён сохта, аз кушта шудани амир Кайхусрав аз ҷониби навкарони амир Ҳусайн иттилоъ надодааст [71, С.67]

Бояд тазаккур дод, ки Темур хеле хуб дарк карда буд, ки то он даме ки ҳокими Хатлон Кайхусрав дар қайди ҳаёт аст, даъвии истиқлолхоҳӣ хоҳад кард ва барои ин золим хоҳ-нохоҳ садди роҳ мешуд. Ҳамин тариқ, Темур яке аз ҳокимони саркаши худро аз байн бурд. Темур барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар Хатлон яке аз хешони Кайхусрави Хатлонӣ-Муҳаммад Мирка писари Шер Баҳромро ҳокими Хатлон таъйин менамояд. Ба қавли Мирхонд: «Мирка амире бузург буд ва Султонбахт Бегими духтари Темур зани ӯ буд ва ҳукумати Хатлону тавобеъи он бар ӯ муқаррар шуда буд» [55, С.164]. Тибқи ахбори Шарафуддин Алӣ Темур ба кушта шудани Кайхусрав тумони Хатлонро ба писари Шербаҳром-Муҳаммадмирка, ки хеши Кайхусрав буд, арзонӣ дошт [109, С.181; 189, С.290].

Аз баёни воқеаҳои минбаъда аз ҷониби Шарафуддин Алии Яздӣ бармеояд, ки натанҳо Кайхусрав, балки амирони дигар низ аз дар сари қудрат будани Темур норозӣ буда, мехостанд якҷоя ба муқобили ӯ баромада, Мовароуннаҳрро аз дасташ бигиранд. Чунончи, муаллифи сарчашма ин ҳодисаро чунин шарҳ додааст: «Баъд аз гирифтани Кайхусрави Хатлонӣ писари ӯ султон Маҳмуд, Абуисҳоқ писари Хизри ясурӣ ва Маҳмудшоҳи Бухорӣ аз мавкаби ҳумоюн тахаллуф (аз қавл гаштан) намуда ба Хоразм рафтанд ва ҳарифи маҷлиси Юсуфи Суфӣ шуда... » [55, С.91].

Баъди қатли Кайхусрави Хатлонӣ писари он султон Маҳмуди Хатлонӣ бо дастгирии як идда ашрофони зидди Темур ба Хоразм назди Юсуф Суфӣ рафта, ӯро ба муборизаи зидди Темур ташвиқ карда, шаҳри Котро ғорат менамоянд. Темур аз ин ҳодиса огаҳ шуда, дар баҳори соли 774/1373 лашкари зиёде аз гирду атроф ҷамъ оварда, бори дуюм ба муқобили Юсуф Суфӣ ба Хоразм ҳуҷум кард. Юсуф Суфӣ, аз лашкари гарони Темур дар ҳарос афтода, як идда аъёну ашрофро бо туҳфаҳои гаронбаҳо ба назди Темур фиристода ваъда дод, ки Хондзодаро тибқи ваъда дар вақти муайян гардида равона месозад. Темур рӯ ба Самарқанд овард. Тибқи ваъда Юсуф Суфӣ Хондзодаро бо шукуҳу шаҳомати хоса ба Самарқанд фиристод.

Бояд тазаккур дод, ки Темур пеш аз лашкаркашии сеюми худ ба Хоразм як идда амирон аз қабили Сори буға, Одилшоҳ, Хитой баҳодур ва Элчӣ буғоро бо сӣ ҳазор лашкар ба муқобили Қамариддин ба Дашти Қипчоқ равон кард. Сипас, Темур дар аввали фасли баҳори соли 777/1376 мутаваҷҷеҳи Хоразм шуд ва ба мавзеи Сепоя расид. Дар ин асно аз ҷониби Омуя Туркан гурехт ва Пӯлод аз ақиби ӯ ба таъҷил

равон шуд ва дар мавзеи Порёб ба ӯ расид. Се шабонарӯз байни онҳо ҷанги шадид ба амал омад. Ҳангоми дар Хоразм қарор доштани Темур амирони наздики ӯ Одилшоҳ, Хитой баҳодур, Элчӣ буғо ва Сори буғо аз Темур рӯй гардонда, бо лашкари зиёд қалъаи Самарқандро ба муҳосира гирифтанд. Чун аз ин ҳол Темур хабардор шуд, амирзода Ҷаҳонгирро пешакӣ ба муқобили исёнгарон равон кард. Ҷаҳонгир ба Бухоро омад ва Темур бошад ба Работи Малик расид. Ҷаҳонгир бошад дар мавзеи Кармина ба назди исёнгарон расид. Исёнгарон аз неруи бешумори Ҷаҳонгир дар ҳарос афтода, ба Дашти Қипчоқ гурехтанд ва ба Урусхон паноҳ бурданд.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо лашкаркашии чоруми Темур ба Хоразм ба соли 781/1379 рост омад. Дар ҳамин сол Темур ба муқобили Урусхон лашкар кашида буд. Юсуф Суфӣ бошад ба ҷониби Бухоро лашкар фиристода, вилоятро ғорату тороҷ кард. Темур Ҷалолуддин баҳодурро назди Юсуф Суфӣ элчӣ фиристод. Элчии Темурро Юсуф Суфӣ ба ҳабс гирифт. Темур нома ба Юсуф Суфӣ навишт, то ки элчӣ раҳо карда шавад, аммо ӯ на танҳо элчиро раҳо накард, балки сипоҳеро бо роҳбарии Тӯй буғо фиристод, то шутурони тарокимаро, ки дар навоҳии Бухоро буданд, ба Хоразм бурданд. Ин ҳодиса боиси қаҳру ғазаби Темур шуд ва дар баҳори соли 781/1379 ба ҷониби Хоразм лашкар кашид. Темур аз Дарёи Кӯҳна гузашта, шаҳрро дар муҳосира қарор дода ва мардуми зиёдеро ба қатл расонид ва боқимондаро ба асирӣ гирифт.

Муҳосираи Хоразм се моҳ давом кард ва дар натиҷа Юсуф Суфӣ бемор гардида оқибат вафот кард. Пас аз вафоти Юсуф байни аркони

давлати ӯ ихтилоф ба миён омад. Зумрае ҷониби Моник Суфиро гирифтанд ва қисми дигар бошад Хоҷа Локро дастгирӣ карданд. Хоҷа Лоқ худро мағлубшуда ҳисобида, дарвозаи шаҳр кушода ба назди Темур рафт, авзои дохилиро ба ӯ баён кард Темур бо лашкари зиёд деворҳои қалъаро рахна карда, вориди ва шаҳр шуданд. Хоразм бераҳмона ғорат карда шуда ва бо фармони Темур тамоми ҳунармандон, устоҳо ва олимони намоён ба Самарқанд бурда шуданд. Дар бораи олимону ҳунармандони Хоразм Ибни Арабшоҳ чунин меафзояд: "Мардуми Хоразм чун аҳли Самарқанд, ба лутф ва муҳаббат самаранд ва дар ҳашмату зарофат аз онон бартар. Ҳамагӣ адибу суханпардоз ва дар фазлу дониш бар дигарон мумтозанд; бавижа дар ҳунари мусиқӣ баландовоза ва машҳуранд, чандон ки гуфтаанд: "Чун кӯдаке аз онон дар гаҳвора ба гиря дарояд, ё бонге барорад, овои он бо гӯшае аз дастгоҳи мусиқӣ мутобиқ афтад" [40, С.50]. Дар Урганҷ ба номи Темур ва Суюргутамиш хутба хонда, танга сикка зада шуд [80, С.268; 55, С.91].

Мувофиқи маълумоти Мирхонд бори панҷум Темур дар соли 799/1388 озими Хоразм шуд ва дар мавзеи Эгриёр расид ва Куча уғлон, Темур Қутлуғ уғлон, шайх Алӣ баҳодур ва шайх Темур баҳодурро ба ҷониби Хоразм фиристод. Навкарони Темур огаҳ шуданд, ки Элйиғмиш ва Сулаймон Суфӣ мамлакатро тарк карда, рӯ ба гурез ниҳоданд. Темур як идда амирони худро бо лашкариёнаш ба мавзеи Қамканд фиристод ва мардуми зиёдеро ба қатл расонид ва молу асбоби бисёре ғанимат гирифтанд. Темурланг чанд рӯз дар Хоразм таваққуф карда, фармуд, ки то маҷмуи мардуми шаҳру вилоятро кӯч карда ба Самарқанд бурданд, шаҳрро ба замин ҳамвор сохта, ҷав кориданд [55, С.163].

Тавре ки Ҳофизи Абрӯ қайд мекунад “Ба муддати даҳ рӯз шаҳре бад-он маъмурӣ чунон харобу байёт сохтанд, ки дар ҳамаи саводу байёз ва даруну беруни он як нафас намонд ва деворе, ки як кас дар сояи он биёсояд, дуруст нагузоштанд” [105, С.338-339]. Темур баъд аз се сол иҷозат дод, то аз нав шаҳри Урганҷ пойтахти Хоразм барқарор карда шавад.

Темур барои Хоразми ҷанубу шарқӣ бо қунғуротҳо муборизаи дурудароз ва беамон мебарад ва танҳо баъди чор юриш (юриши якум дар баҳори соли 773 (1371-1372), дуюм-774 (1373), сеюм-777 (1376), чорум-781 (1379) ниҳоят ин қисмати Хоразмро ҳам ба зери тасарруфи худ даровард [152, С.25-178; 372, С.45-53; 410, С.3-6; 437, С.79-86]. Чунончи Низомуддини Шомӣ иттило медиҳад, ҳамзамон аз ин ҳодисаҳои Хоразми ҷанубу шарқӣ танҳо дар соли 781 (1379), яъне пас аз юриши чорум ба дасти Темур гузашт.

Аммо, бояд қайд кард, ки чунон ки дар манбаъҳо зикр мешавад, Темур дар соли 773 қурултойе баргузор кард, ки дар кори он тамоми умарои минтақаҳо аз Қандаҳор то Чин ширкат доштанд. Аз умаро танҳо Зиндаҳишам амири Шибурғон аз иштирок дар қурултой даст кашид, ки дар натиҷа ба қаҳру ғазаби Темур боис гардид. Сипас, Темур худ бевосита ба самти Шибурғон лашкар кашид ва Зиндаҳишамро дар муҳосира қарор дод. Пас аз муҳосираи тулонӣ Зиндаҳишам аз Темур авф хост, аммо боз аз нав бар зидди Темур исён бардошт. Темур ин дафъа низ ӯро мавриди авф қарор дод, аммо вақте фаҳмид, ки Зиндаҳишам бо иддае аз наздиконаш ба ҷони ӯ сӯйқасд доранд, ӯро фавран дар Самарқанд ба қатл расонид. Ҳоло он ки Зиндаҳишам ба ҳеҷ ваҷҳ Темурро ҳамчун амир дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон дидан намехост.

Сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, ки Темур соли 1380 ба султони Ҳирот малик Ғиёсуддин барои итоат кардан аз ӯ номае равон сохт.

Доир ба ин ҳодиса Ибни Арабшоҳ чунин менависад: «…аз ӯ хост, ки гардан ба итоати вай ниҳад ва пешкашҳои шоиста фиристад, вагарна чунон кунад, ки ӯ хостааст, кишвараш поймоли сипоҳи кинахоҳ ва мардуми он тобоҳ гардад» [40, С.20].

Ғиёсуддини малик дар ҷавоби мактуби таҳдидомези Темур посухи дағалонаеро муносиб донист. Ҳамин муаллиф дар ҷойи дигар зикр мекунад: «Ту он фармонбари дерин нестӣ, ки манат ба эҳсони хеш парвардам ва домани неъмат ва сояи иноят бар ту густурдам ва ту ҳаққи неъмат нашинохтӣ ва ба найрангу фусун пардохтӣ, ба қатлу ғорат даст баровардӣ ва кардӣ он чӣ кардӣ ва ин носипосии ту пас аз он буд, ки туро аз марг бираҳондам ва ба ҷойгоҳи иззат нишондам. Пас агар одаме нестӣ, ки ҳаққи эҳсон ба ҷой орӣ, чун саг бош, ки поси неъмат нигоҳ дорӣ» [40, С.20-21].

Азбаски Темур саргарми ҷанг бо Хоразм буд, имкон надошт, ки якуякбора ба ҷониби Хуросон лашкар кашад. Дар марҳилаи аввал ӯ роҳи созишро бо хонадони оли Курт маҳаки худ қарор дод.

Дар шуҳури санаи самон ва сабъин ва сабъумиа 778/1376-77 Темур ба назди ҳокими Ҳирот Малик Ғиёсуддин бо мақсади барқарор кардани риштаи «дӯстӣ» элчӣ фиристод. Малик Ғиёсуддин фирефтаи суханони Темур гардида дар ҷавоб гуфт, ки агар фарзандаш Пирмуҳаммадро ба хизматгорӣ қабул фармоянд мо ҳамагон дар хизмати ӯ хоҳем буд. Сарчашмаҳо иттиломедиҳанд, ки Темур дар Мовароуннаҳр барои Пирмуҳаммад тӯйю сури бошукӯҳе баргузор кард ва арӯсро ба Ҳирот фиристод. Малик Ғиёсуддин низ якчанд рӯз дар Ҳирот ҷашни пурдабдабае барпо кард [4, 519-520; 70, С.35; 193, С.755-756].

Пас аз чанд муддат дар охири санаи самон ва сабъин ва сабъумиа 778/март-апрели 1377) дар фасли баҳор Темур юриши Хуросонро ба ҷониби Эрон оғоз кард.

Чунон ки муаррихон маълумот медиҳанд Темур писари золими худ-Мироншоҳро дар синни чаҳордаҳсолагӣ ҳокими Хуросон таъйин мекунад.

Дар иртибот ба ин ҳаводис Шарафуддин Алии Яздӣ дар «Зафарнома», дар боби «Гуфтор дар фиристодани ҳазрати соҳибқирон амирзода Мироншоҳро ба Хуросон» зикр менамояд: «…Мувофиқи санаи иснайн ва самонин ва сабъамоиа 782 ҳ.қ./1380-81 фарзанди арҷманд амирзода Мироншоҳро бо он ки ҳанӯз дар синни чаҳордаҳсолагӣ буд, ба ҳукумати Хуросон номзад фармуд…ва дигар умаро бо панҷоҳ қушуни савор…мулозими маркаби ҳумоюн гардонида, ҳамаро хонакӯч ба савби Хуросон равон сохт» [109, С.225; 71, С.306; 90, С.979; 70, С.36; 64, С.119]. Мироншоҳро дар ҳолате фиристод, ки ҳанӯз Хуросон ба зери тасарруфи Темур надаромада буд. Баъд аз чанд муддат, Темур қосиде назди малик Ғиёсуддин Алӣ фиристод, то ки ӯ низ дар баробари дигар сипаҳсолорон дар қурултой иштирок бояд кунад. Малик Ғиёсуддин Алӣ ҳурмату эҳтироми қосидро ба ҷой оварда аз ӯ хоҳиш кард, ки то амир Сайфуддин наздаш ҳозир шавад ва ҳарду ба қурултой хоҳанд раванд. Темур амир Сайфуддинро ба пеши малик равон сохта, аз боби дӯстӣ сухан кард. Дар ин замон малик ба шаҳрбанде, ки ду фарсанг дарозӣ дошт, дар гирди Ҳирот бунёд карда, ба иморати он машғул буд. Амир Сайфуддинро бо ҳар баҳона назди худ нигоҳ медошт ва дар кори шаҳрбандӣ талошӣ зиёд мекард, то ба итмом расид. Амир Сайфуддин чунин вазъро дида, фаҳмид, ки малик ба рафтан майл надорад. Малик ӯро боспас фиристод ва ваъда кард, ки баъдтар ба назди Темур хоҳам омад. Баъд аз он ки амир Сайфуддин чигунагии вазъиятро ба Темур расонид, он боиси сар задани қаҳру ғазаби Мироншоҳ гардид.

Мироншоҳ тирамоҳу зимистони он солро дар Балху Шибурғон ба айшу ишрат гузаронида, баъд охири зимистон мулки Бодғисро ғорат карда ва молу амволи бисёр, аспу неъмати бешуморро бо худ гирифта, дар миёни Андхуд ва Мурғоб ворид шуд. Малик аз нақшаи ин золим ба хубӣ огаҳ буд ва аз рафтан ба назди Темур худдорӣ кард. Инчунин, малик медонист, агар ба назди Темур равад, ӯро ҳатман асир гирифта, сипас ба қатл хоҳад расонид.

Дар чунин вазъият амир Алибек ибн Арғуншоҳ назди Темур омада, оид ба лашкар кашидан бо ҳам машварат намуда, ба натиҷае расиданд, ки аввали фасли баҳор бо ҳам ба сӯйи Ҳирот ҳуҷум хоҳанд кард. Сипас, бо фаро расидани фасли баҳор Темур бо сипоҳи бешуморе дарёи Ҷайҳунро убур намуд. Малик Муҳаммад бародари малик Ғиёсуддин Пиралӣ, ки ҳокими Сарахс буд, назди Темур омад ва бо ӯ созиш кард. Темур қосиде ба талаби амир Алибек ибни Арғушоҳ фиристод ва ӯ ба ваъдаи худ вафо накард, аз омадан худдорӣ кард ва қосидро бошад бо худ нигоҳ дошта раҳо накард. Баъдан, Темур аз оби Мурғоб гузашта, ба ҷониби Ҷом ва қасабаи Қусавия равона шуд ва аз он ҷо ҷониби Тойиобод шуд.

Ҳамчунин, яке аз муҳаққиқони давраи мавриди назар Исфизорӣ доир ба ҳуҷуми Темур ба Хуросон ва вохӯрии ӯ бо яке аз мутафаккирони бузурги замон Мавлоно Зайнуддини Абӯбакр маълумоти ҷолибе додааст: «шахсеро ба назди вай фиристода то бигӯяд, ки Темур дар ин ҷост ва шуморо ба дидани ӯ мебояд, Мавлоно фармуданд, ки фақиро бо амир ҳеҷ муҳим нест. Сипас, Темур ба зиёрати Мавлоно рафт. Ва дар назди Мавлоно шикоят аз малик кард, ки чаро ӯро насиҳат намекунед, ки хамр мехӯрад. Мавлоно дар ҷавоб гуфтанд, ки ӯро гуфтам, нашунид, Ҳақтаъоло шуморо бар вай гумошт, шумо ҳам агар нашнавед дигареро бар шумо гуморад» [70, С.37; 90, С.979].

Мулоқоти Темур бо ин шахсияти бузурги руҳонӣ баҳонае беш набуд, зеро ӯ мехост бо роҳи осоишта бидуни ҷанг ба амсоли дигар минтақаҳо ин навоҳиро низ ба зери тобеияти худ дарорад. Дар ин бора, фикри Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ қобили диққат аст: «Дуруст аст, ки ин нузули Темурро ба Тойибод сарчашмаҳо на лашкаркашӣ, балки ҳамчун дидорбинии Амир бо …Мавлоно Зайнуддини Абӯбакр баррасӣ намудаанд, аммо дар ҳар сурат бо чунин лашкари гарон танҳо ба хотири мулоқот омадан аз мантиқ дур аст. Хулоса, амир бо баҳонаи «мулоқот» навоҳии мазкурро низ аз роҳи осоишта тасарруф намуд» [505, С.158].

Темур аз вохӯрӣ бо ин Мавлонои бузург пайваста қайд мекард, ки дар замони ҳукумати худ бо ҳар касе аз гӯшанишинон мулоқот кардаам, ӯ аз ман тарсид ва ман аз Мавлоно тарсидам. Темур пас аз вохӯрии Мавлоно озими Ҳирот шуд дар қасабаи Фӯшанҷ расида, бо мардуми он ҷо муддати як ҳафта муқовимат намуда, оқибат онро ба тасарруфи худ дароварда, қалъаро харобу валангор намуда, ҳар чӣ дар қалъа буд, талаву тороҷ кардаанд. Ва аз он ҷо ҷониби Ҳирот равон шуд, аммо бояд қайд кард, ки Ҳирот ба зудӣ ба зери тасарруфи Темур надаромад. Темур Ҳиротро ба муҳосира гирифта, майли ҳар чӣ зудтар кори онро ба анҷом бирасонад, то ки дар дохили лашкариёнаш изҳори норозигӣ ба миён наояд ва худ низ бевосита ба назди қалъа омад ва ҷанги шадиде ба миён омад. Ҳиротиён низ ба душман сар фуруд намеоварданд. Мувофиқи иттилои Мирхонд лашкариёни Темур «тиру санги мухолифинро ба сипар, балки ба дӯшу сар гирифта, қадам пеш ниҳоданд» [55, С.118; 102, С.526].

Дар натиҷаи задухӯрдҳои шадид лашкари Темур вориди шаҳр шудаанд. Дар ин ҳангом малик маҷбур гардид, ки дар даруни қалъа пинҳон гардад. Темуриён зиёда аз ду ҳазор ҳиравиёнро асир гирифта, мардуми шаҳрро фирефта ба онҳо хилъат тақдим карда, бо ваъдаҳои дурӯғ, ки хоси табиати ин золим буд, раҳо дод ва фармуд, ки ба мардуми Ҳирот хабар расонанд, ки аз малик дар ҷанг дастгирӣ накунанд ва дар натиҷа ин ҳилаю найранги Темур сабаб шуд, ки мардум аз ҷанг худдорӣ намоянд. Муинуддини Натанзӣ шумораи асирафтодагонро даҳ ҳазор нишон додааст [66, С.306-310]. Аммо бояд қайд кард, ки ба ақидаи инҷониб ин рақам шубҳаомез менамояд, чунки кулли сарчашмаҳо асиронро ду ҳазор нишон додаанд. Бо вуҷуди ин, Муинуддини Натанзӣ дар асараш аз мулоқоти Темур бо Мавлоно Зайнуддини Абӯбакр чизе намегӯяд.

Дар чунин вазъият гарчанде ки малик Ғиёсуддини Пиралӣ мардумро барои ҳифзи марзу бум бар зидди Темур даъват мекард, касе ба ӯ итоат намекард ва ҳатто гӯш намедод. Ва амир Искандар ба малик гуфт, «чанд касеро дар сари маҳаллаҳо сиёсат мебояд кард, то мардум битарсанд ва шаҳрро нигоҳ доранд. Малик гуфт: «Ман хуни ноҳақ чун кунам». Гуфт: «Пас шаҳр нигоҳ наметавон дошт» [70, С.40-41; 55, С.118]. Сипас, Темур ба ҷониби малик одам мефиристад, то ӯро ба таслим шудан водор созад. Малик Ғиёсуддин Пиралӣ ночор ба хотири кушта нашудани мардуми бегуноҳ ба пешниҳод розӣ мешавад. Малик аввал писари худро ба назди Темур мефиристад ва баъд худаш дар Боғи Зоғони Ҳирот бо Темур дидор анҷом дода худро таслими ӯ мекунад.

Бо фармони Темур тамоми биноҳои истеҳкомӣ харобу валангор карда шуданд. Дарвозаҳои шаҳр, ки оҳанкӯб буданд, бо алқоби мулуки Ғӯр зебу зинат дода шуда буд, бо дусад кадхудои номӣ ба Шаҳрисабз интиқол дод. Пас аз чанд рӯз Темур бо лашкариёнаш хазоину дафоини чандинсолаи оли Куртро, ки солҳо ҷамъ оварда буд, ба ҷорӯби торочу ғорат рӯфтанд. Ба замми ин, ба мардуми бечора товони вазнини ҷангро таҳмил кард ва дар муддати се рӯз он маблағро аз онҳо ситониданд. Бо истисноии Шарафуддин Алии Яздӣ дигар муаррихон ҷамъоварии маблағро се рӯз нишон додаанд [109, С.237]. Бо дастури Темур малик аз қалъаи Амонкӯҳ писарашро, ки аз итоат ба Темур худдорӣ мекард, ба наздаш овард. Бо ҳамин минвол моҳҳои март-апрели соли 1381 шаҳри Ҳирот аз ҷониби Темур тасарруф карда шуд. Ва охирин ҳукмрони оли Курт-Ғиёсуддини Пиралӣ бо тамоми аҳли хонадонаш асири Темур шуд ва онҳоро ба Самарқанд оварда зиндонӣ карданд.

Бино ба ахбори сарчашмаҳо Темур дастур дод, ки «ҳисори ҷадид ва қадими Ҳиротро бо замин мусовӣ сохтанд…мавлоно Қутбуддин ибни мавлоно Низомуддинро, ки муқтадои уламои Хуросон дар он замон ӯ буд, бо дувист кадхудои муътабар…аз шаҳру вилоят кӯчонида ба хиттаи Кеш расониданд. Ва чун бурҷу бораро хароб карданд, дарвозаҳои шаҳрро, ки муғаррақ ба оҳан

буд ва асомиву алқоби мулуки Ғӯр бар он сабт намуда буданд, бар ҳасаби фармуда ба Шаҳрисабз расониданд» [55, С.119; 109, С.237; 70, С.41; 95, С.431; 249, С.430; 241, С.325; 193, С.763].

Соли 1381 Темур пас аз тасарруфи Хуросон ба Мовароуннаҳр баргашт. Баъд аз бозгашти Темур мардуми Хуросон нисбат ба намояндагони ӯ муқобилият нишон додаанд. Нахуст, аҳли хонадони оли Курт ҳокими Ғӯр зери роҳбарии Муҳаммад Ғӯрӣ бар зидди андозҷамъкунандагони Темур сар бардоштанд. Темур аз ин ҳодиса огаҳ шуда, тамоми ҳукмронони оли Куртро, ки бо худ ба Самарқанд оварда буд, ба қатл расонид.

Аз чунин вазъият истифода бурда, аҳолии Исфизор низ бо роҳбарии Шайх Довуд ба муқобили Темур исён бардоштанд ва мавқеи Темурро танг карданд. Ӯ аз нав ба Хуросон лашкар кашида, шаҳрро ишғол ва мардуми зиёдеро ба қатл расониданд. Мирхонд менависад: «…ду ҳазор касро аз қалъа берун оварда, бар болои як дигар ниҳоданд ва ба гилу хишт устувор намуда, манора сохтанд, то эътибори дигар саркашону мутамарридон бошад» [71, С.91; 110, С.263; 55, С.133; 95, С.435; 102, С.594; 270, С.461].

Исфизорӣ қайд мекунад, ки пас аз фатҳи Ҳирот амакбачаҳои Ғиёсуддини Пиралӣ Муҳаммад ба Темур шикоят аз он кардаанд, ки дар вақташ ҳукмрононкунунии Ҳиротро бо роҳи зулму ситам ҳукуматро аз дасти мо гирифта буданд. Бо фармони Темур малик Муҳаммад ҳокими Ғӯр таъйин мешавад ва шаҳри Ҳиротро бошад ба наздикони худ мегузорад. Ва ин «лутфу марҳамат»-и Темур нисбат ба малик Муҳаммад ҳокими Ғӯр дер давом накард. Соли 1383 малик Муҳаммад аз Ғӯр ба шаҳри Ҳирот лашкар мекашад ва тамоми муғулонро ба қатл расониданд.

Тибқи ахбори сарчашмаҳо писари Темур-Мироншоҳ, ки бо лашкариёни худ дар Сарахс қарор дошт, бар зидди мардуми Ҳирот равон шуд ва шаҳрро вайрону валангор кард. Мироншоҳ, ки аз падари худ золимтар буд, исёни ғӯриёнро бераҳмона пахш карда, мардуми зиёдеро аз дами теғ гузаронид. Сипас, ба мақсади тарсонидани мардум бо амри Амироншоҳ аз сари кушташудагон дар Ҳирот калламанора сохтанд. Дар ин бора Мирхонд бераҳмию

золимии Мироншоҳро чунин тасвир кардааст: «Шикаст ба ғӯриён афтода, ҷамъе касир аз он тоифа ба қатл омаданд…Ва барои эътибор аз руус (сарҳо)-и куштагон чанд манора баровroutинд» [55, С.131; 109, С.259; 95, С.434; 288, С.72]. Сарчашмаҳои таърихӣ собит менамоянд, ки асосан бунёдкардани калламанора аз сари инсон кори дасти Амироншоҳи золим буд. Темур чунин «иқдом»-и писари золими худро ба табиати хоси худ муносиб донист ва ба хотири тарсу ҳароси мардуми бегуноҳ то дами маргаш дар минтақаҳои мухталиф давом дод.

Бино бар он чӣ дар боло зикр шуд, дар «Анониmi Искандарӣ»-и Муъинуддин Натанзӣ на Амироншоҳ, балки ду тан аз сарлашкарони Темур аз қабили Оқбуқо баҳодур ва Ҳоҷӣ Сайфиддин, ки дар канори рӯдхонаи Мурғоб қарор доштанд, чун хабари ошуб ба эшон расид, мутаваҷҷеҳи Ҳирот шуда, онро пахш мекунанд [66, С.319]. Бо вуҷуди ин, маълумоти Муъинуддини Натанзӣ вобаста ба ин масъала чандон саҳеҳ наменамояд, зеро кулли сарчашмаҳо дар пахш кардани ин ошуб Мироншоҳи золимро ном бурдаанд. Темур баъд аз ин ҳодиса фармон дод, ки «малик Ғиёсуддин Пиралиро, ки дар арки Самарқанд маҳбус дошт ва писараш амири ғӯриро, ки дар Узганд буд, фармуд ҳалок карданд» [70, С.44; 102, С.593; 55, С.171]. Ҳамин тариқ, сулолаи оли Курт аз байн рафт.

Дар сарчашмаҳо омадааст, ки Темур пас аз ин ҳодиса дар аввали рамазон ба Ҳирот меояд ва бо ғазаби тамом мардумони зиёдеро ба қатл мерасонад. Сипас, аз Ҳирот ҷониби Сиҷистон ва Исфизор равон шуд, дар ин ҷо низ мардумони зиёдеро аз дами теғ гузаронид. Исфизорӣ ва Ҳофизи Абрӯ дар бораи ин бераҳмию золимии Темур дар Хуросон нақл мекунад, ки: «Дар билоди Хуросон, хусусан дар Ҳирот ва Исфизор аз қатлу ғорат, азобу шиканҷа, асорат ва вайронии мавозеъ ва парешонии халоиқ дар ҳеҷ замон ва макон аломошола-вуқуъ наёфта бошад. Ва баъд аз ҳудуси ин воқеа то муддате дар гавиҳову бозорҳо мурдаву кушта бар якдигар афтода мунтан гашта буд, ки ҳеҷ касро ёрои он набуд, ки таҷҳизу такфини эшон кунад» [70, С.44-45; 102,

С.595; 55, С.133-134; 249, С.441]. Ҳамин тавр, дар соли 1383 бинобар қавли Муҳаммад Ғубор «ба ин сурат, охирин шамъи ларзони якунимкарнаи ҳукумати Курт дар Афғонистон хомӯш гардид» [249, С.423]. Дар ин бора Муинуддин Натанзӣ доир ба куштори Темур дар Ҳирот ва бунёди калламанора аз тарафи Мироншоҳ маълумот надодааст.

Бояд гуфт, ки дар аксари сарчашмаҳо доир ба золимию бераҳмӣ, фиребу найранг ҷоҳилӣ ва дигар ҳиллаҳои бераҳмона ва зидди инсонҳо доштаи Темур ёд мекунанд. Ҳатто, ӯ он рӯзҳои душвори ҳаёташро фаромӯш кард, ки ин хонадон ӯро аз марг раҳо бахшида буд. Ба малик Ғиёсуддин носипосӣ карда, ба тариқи ваҳшиёна ӯро ба қатл расонид ва мулкашро зери тасарруфи худ қарор дод.

Исфизорӣ дар бораи таъйин шудани Шоҳрух аз ҷониби падараш Темур чунин ёдоварӣ мекунад: «Дар санаи тасеъ ва тисъин ва сабумоя Шоҳрух…мамолики Хуросонро…аз ақсои Мозандарон то ҳудуди Ҳиндустон ба вай арзонӣ фармуд» [70, С.46; 109, С.573; 4, С.731; 264, С.2].

Аммо, бояд қайд кард, ки баъд аз панҷ соли ин воқеа дар соли 1388 мардуми Тӯс боз аз нав зери роҳбарии Юсуфхоҷа ва Ҳоҷибек исён карданд. Темур писараш Мироншоҳро фармон дод, ки барои пахши ин исён камар бибандад. Мироншоҳ дар Самарқанд маликзода Пирмуҳаммади Курт, яъне домоди Темуриҳоро, ки баъд аз куштани падар ва хонадонаш зинда ва дар зиндон буд, бо ду писараш ба қатл расонид ва бо лашкари гарон рӯ ба Тӯс овард ва бо куштани даҳ ҳазор нафар исёнро пахш намуд.

Ҳофизи Абрӯ ва Мирхонд дар ҳамин маврид чунин қайд менамояд, Темур пас аз қатли оми мардуми Хуросон дастур медиҳад, ки сар куштаҳо ҷамъ карда шавад: «…Лашкариёнро фармуд то ҳар як саре биёварданд. Филҳол дар қариб ним соат аз он мақтулон ва маҷруҳон қариб чаҳорсад-панҷсад сар ҷамъ шуд ва касоне, ки сар наёфтанд дар ақиби пиёдагон рафтанд ва эшонро гирифта, сар боз карда оварданд ва аз он

сарҳо манораи азим дар он мавзеъ баровderданд ва аз он сарҳо чанде ба Тӯс назди Амир Оқбуқо ва чанде ба Ҳирот назди Хонзода ва чанде ба ҷониби Самарқанд равон карданд, то бар фатҳи мамолики Хуросон шодмонӣ бинамоянд» [102, С.707; 55, С.173-174].

Вақте ки Темур вилояти Хуросонро тасарруф намуд, амир Шайх ном яке аз навкарони худро ҳокими Исфизор таъйин кард [71, С.91].

Ба ҳамин тариқ, лашкаркашиҳои Темур ба Хуросон бо тасвири пурраи воқеаҳо, сана, моҳ ва соли ишғоли ҳар як шаҳру вилоят дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, рисолаҳои Ғиёсуддини Алӣ, Шарафуддини Алии Яздӣ ва Мирхонд хеле мӯйшикофона тасвир ёфтааст. Ибни Арабшоҳ ва Клавихо ба иттилое, ки аз ин лашкаркашӣ доштанд, онро ба таври мушаххас баён кардааст. Бояд гуфт, ки масъалаи ҳуҷуми Темур ба Хуросон дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ возеҳу равшан инъикоси худро ёфтааст. Ҳамзамон, аз омӯзиш ва таҳлили манбаъҳои хаттӣ метавон хулоса кард, ки Темур ҳангоми ҳуҷум ба Хуросон на танҳо онро тасарруф кард, инчунин бисёр шаҳру қалъаҳои онро харобу валангор намуда, мардуми бегуноҳро аз дами теғ гузаронида, молу сарвати зиёдеро ба ғанимат гирифт. Ҳамчунин ин ҳуҷуми Темур ба Хуросон ба мардуми Ҳирот, Исфизор ва Систон фоҷеаҳои бузурги таърихиро ба бор овард.

Сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, ки Темур баъд аз бозгашти юриши панҷсолаи худ соли 1396 ба Самарқанд Шоҳрухро ҳокими Хуросон, Систон, Мозандарон, Фирӯзкӯҳ ва Рай таъйин кард [109, С.573].

Ҳамзамон Темур ҳангоми дар Ҳиндустон қарор доштанаш аз писари худ Мироншоҳ номае гирифт, ки дар он аз сари қудрат дур шудани ӯро мехост.

Бояд гуфт, ки муаррихи дарбории Темур Низомуддини Шомӣ лашкаркашиҳои Темурро бо ҷузъиёташ нисбат ба Ибни Арабшоҳ тасвир кардааст, аммо дар бисёр ҳолатҳо аз баёни ҳақиқат худорӣ кардааст. Ибни Арабшоҳ бошад, баръакс аз баёни ҷузъиёти воқеаҳо худдорӣ накарда, ҳодисаҳои

таърихиро воқеъбинона инъикос намуда, ба амалҳои зишти Темур воқеъбинона баҳо додааст.

Бояд гуфт, ки Ибни Арабшоҳ шояд аз аввалин муаррихоне бошад, ки дар асари худ номаи Мироншоҳ ба Темурро дар фасли «Номае, ки дар Ҳиндустон ба Темур расид ва ӯ гумон бурд, ки аз ҷониби фарзандаш Мироншоҳ аст», пурра тасвир кардааст: «Туро, ки нишони марг дар чеҳра падид аст, ба кори салтанат чӣ кор аст?…Ту бар ҳама ҷаҳониён чира шудӣ ва узл кардӣ, аммо аз дини Худо густурдайӣ, аммо бисоти ғорату яғмо…барангехтайӣ, аммо оташи ҷавру фасод ва фурӯ рехтӣ асоси кинаву бедод. Ту агар бар осмонҳо бар шавӣ хештан ба пойгоҳи Фиръавн нарасонӣ ва агар пояи коххо ба зирва (қулла)-и кӯҳҳо гузорӣ, яке чун биҳишти Шаддод сохтан натавонӣ…Пас беҳтар он ки корҳо ба кордон супорӣ ва хона ба хонаи Худо вогузорӣ ва фармони Худо ва Расул ва онон, ки ба дини вай даромаданд, пазирӣ, вагарна ту низ дар шумори он касон даройӣ, ки рӯйи замин ба ғалабаву қаър гирифтанд ва бедод барошуфтанд…» [40, С.86-88].

Вобаста ба масъалаи мазкур маълумоти комилеро дар ягон сарчашмаи дигар пайдо накардем. Бояд гуфт, ки Ибни Арабшоҳ ягона муаррихест, ки номаи таҳқиромези Мироншоҳро нисбат ба Темур дар асари худ хеле равшан мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз чӣ бошад, ки аксари муаррихони дарбори аҳди Темуриён аз баёни ин нома нисбат ба ҷаҳолатҳои ӯ хомӯширо ихтиёр кардаанд.

Пас аз ин ҳодиса Темур ҳангоми дар қайди ҳаёт будан дигар ягон мансабро ба Мироншоҳ муносиб надонист. Бояд гуфт, ки аз мазмуни мактуб баръало аён аст, ки Мироншоҳ бар тахти падар тамаъ дошт.

Ба маълумоти Темур расониданд, ки Мироншоҳ ба айшу ишрат дода шуда, нисбат ба корҳои мамлакат бепарвоӣ дорад. Бояд зикр кард, ки Мироншоҳ воқеан пас аз он ки аз асп афтида сараш осеб дид, дигар қудрати давлатро идора кардан надошт.

Темур амир Сулаймоншоҳро пештар барои ба эътидол овардани вазъи мулки Мироншоҳ ба Табрез фиристод. Ӯ бо намояндагони Мироншоҳ маслиҳат карда, Мироншоҳро бо якчанд нафар ба истиқболи Темур равон кард. Вақте ки Темур аз мавзеи Рай ва Шаҳрёр мегузашт, Мироншоҳ ба давлати пойбӯсӣ мушарраф шуд ва зону зада пешкаш кашид, лекин ба воситаи гуноҳе, ки аз ӯ содир шуда буд, бо ӯ ҳамсуҳбат нашуд [110, С.156].

Ёрону ҳамнишинони Мироншоҳро, ки иддае аз онҳо аз шахсиятҳои барҷаста буданд, бо гуноҳи «бероҳ» кардани писараш Мироншоҳ ба дастури Темур ҷазо доданд ва иддаеро ба монанди «Мавлоно Муҳаммади Қаҳистонӣ, ки бо вуҷуди вуқуф бар мусталаҳоти (истилоҳҳо) фунуни улум дар шеваи назму наср ва ҷидду ҳазл ягонаи даврон ва аъҷӯбаи замон буд ва устод Қутбиддини Нойӣ ва Ҳабиби Удӣ ва Абдулмӯъмини Гӯянда, ки ҳар як дар фанни мусиқӣ ягонаи рӯзгор ва саромади адвор буданд, ҳамаро бигирифтанд ва чун пойи дор овfavорданд,…» [110, С.156; 90, С.1005; 27, С.588; 95, С.483].

Муаррихи тоҷик Ҳамза Камол бар он назар аст, ки дар байни онҳо Камоли Хуҷандӣ низ буд, ки ӯро дар қалъаи сангӣ дар Ҷибол ҳабс карда буд. Аммо аҷиб дар он ки Камол чӣ гуна аз ҳабс халосӣ ёфт ва то охири умр чӣ гуна зиндагӣ кард, маълум нест [527].

Темур Мироншоҳро аз ҳукумати тахти Ҳалокухон Озарбойҷон, Табрез, Рай, Дарбанди Боку, Ширвонот, Гелонот барканор кард ва ба ӯ ягон ҷазо муносиб надид ва ӯро як муддати тулонӣ рикоби худ қарор дод.

Мироншоҳ соли 1407 дар Озарбойҷон аз ҷониби Қара Юсуфи туркман, ҳангоми ҷанг кушта шуд. Дар сарчашмаҳо зикр мешавад, ки 14-уми рамазони соли 809 (22 феврали соли 1407), каме дертар устухонҳои ӯро аз Озарбойҷон нафаре бо номи Шамси Ғӯрӣ ба Мовароуннаҳр бурда, дар Шаҳрисабз дафн карданд. Дар ин бора дар санги қабраш иттилооте нест. Ба қавли академик Бартолд [157, С.452]. дар бораи интиқоли Мироншоҳ аз Шаҳрисабз ба Самарқанд чизе хабар дода нашудааст. Дар ин бора дар катибаи санги мазор низ

маълумот дода нашудааст. Ин ҳам пурасрор аст, ки ин санги мазори Мироншоҳро кӣ ва кай сохтааст?

Аз рӯйдодҳои баъди метавон ба хулосае омад, ки дар байни хонадони Темур то чи андоза ихтилофу зиддиятҳо вуҷуд дорад. Темур ҳангоми ба юриши ҳафтсола рафтан Самарқандро ба Муҳаммад султон, писари Ҷаҳонгир ва Фарғонаро бошад ба Искандар писари Умаршайх вогузор кард. Тибқи иттилои сарчашмаҳо ҳанӯз зимистони соли 1399/1400 дар байни онҳо муноқиша ба амал омад. Баҳори соли 1400 Искандар бо фармони Муҳаммад султон ба Самарқанд оварда, ба ҳабс гирифта шуд, он вақт Искандар тахминан 16 сола буд ва 26 нафар навкарони ҳамроҳаш ба қатл расонида шуданд [110, С.161; 90, 1005].

Худи Темур дар ҳамин сол бародари калонии Искандар Пирмуҳаммадро дар Форс муҷозот кард. Ӯро бо баҳонаи бемории аз иштирок кардан дар як маърака, саркашӣ ва ба тайёр кардани баъзе намуди заҳрҳо бо мақсади номаълум гунаҳкор карданд. Мушовирони шоҳзодаро бошанд ба қатл расонида, худи ӯро ба назди Темур оварданд ва мувофиқи ҳукми «девони бузург» бо чӯб ҷазо доданд. Соли 1401 бо Искандар низ дар ҳамин шакл ҷазо дода шуд. Дар охири соли 1400 дар аснои муҳосираи Димишқ набераи Темур (писари духтараш) султон Ҳусайн ба тарафи муҳосирашудагон гузашта, бар зидди неруҳои худ меҷангад, ҳатто пеш аз таслим шудани шаҳр, дар вақти ҷанг ӯро дастгир карда ба назди Темур оварданд ва ӯ дастур медиҳад, то ифтихороти муғулияш-ду гесӯяшро бибуранд, ки ин барои султон Ҳусайн таҳқир ба ҳисоб мерафт.

Шоҳрух дар юришҳо ба самти Ғарб то Фаластин ширкат дошт, вале то охири умри Темур дар мартабае, ки Мироншоҳ фаъолияти худро оғоз карда буд, мансаби ҳокими Хуросон боқӣ монд. Ин вилоят макони ҳоким чун дар замони Мироншоҳ Ҳирот буд. Дар соли 1397 дар баробари Систон ва Мозандарон ба ӯ вогузор карда шуд.

Инчунин, соли 1404 Темур ҳангоми лашкаркашӣ ба Чин фарзандони хурдсоли Шоҳрухро бо худ гирифт, вале аз гирифтани Шоҳрух дар ин юриш худдорӣ кард. Сарчашмаҳо дар бораи сабабҳои муносибати Темур ба Шоҳрух иттилоъ намедиҳанд. Маълум нест, ки Шоҳрух дар замони зиндагонии Темур ба шариат ё худ беэҳтиромӣ ба қонунҳои Чингизхон кардааст ё на.

Соли 1404 Фахриддин Аҳмади Тусӣ, ки Темур фиристода буд, ҳукуматдорони Ҳиротро ба ҷавобгарӣ кашида, дар байни онҳо мағлубияти комил ба амал овард. Муаррих Фасеҳӣ дар асари худ номи як зумра хоҷаҳоеро номбар мекунад, ки дар робита ба ин таҳрир барои омӯзиш ба Ашпара ва Саурон [90, С.1011-1012] фиристода шуда буданд, вале ҳеҷ маълумоте нест, ки ин ҳодисаҳо ба муносибати Темур нисбат ба Шоҳрух ва устодаш Алоуддин Алӣ кукалтош таъсире гузошт ё на. Фахриддин Аҳмади Тусӣ пас аз бозгашт ба Самарқанд ба Темур пешниҳод кард, ки «…ҷамъеро аз Хуросон кӯч мебояд кард» [90, С.1011-1012]. Сипас Темур дастур дод, ки баъзе аз кадхудоён, бузургони Ҳирот бо элчиён супурда, кӯч карданд ва ба Ашпора ва Саурон burданд.

Ҷузъиёти ваҳшониятҳои содиркардаи Темури ноқисулақлро ҳангоми ҳуҷумаш ба Исфаҳон муаррихи араб Ибни Арабшоҳ ин тавр тасвир намудааст: «мардуми шаҳр шаш ҳазор тан аз ононро бикуштанд…». Сипас Темурланг «чун саги газанда ё паланги дарранда ба шаҳр даромад…бифармуд…хунҳо бирезанд ва бо пардагиён даровезанд, зиндагонро ба дасти марг супоранд…ободиҳо вайрон кунанд ва киштҳо бисӯзанд, пистони занон бибуранд ва кӯдаконро кушта, бар хок афкананд…» [40, С.40].

Бино ба иттилои К. Эноки, сафири дувуми Хитой, ки Руй Гонсалес де Клавихо дар Самарқанд бо ӯ вохӯрдааст, Чен-Тевен ном дошт. Вай соли 1397 ба талаби пардохти хироҷ, ки ба гуфтаи онҳо ҳафт соли пеш ба Хитой нарасидааст, ба Самарқанд омад, ӯро боздошт карданд ва танҳо соли 1407 пас аз марги Темур раҳо шуда ба ватанаш баргашт.

Аз ин рӯ, Темур пас аз гузоштани аввалин санги масҷиди ҷомеъи Самарқанд озими набардҳое шуд, ки ба «ҷангҳои ҳафтсола» машҳур аст. Ин

набардҳо ба муддати ҳафт сол аз ҳаштуми муҳаррам 802/10 сентябри соли 1399 шуруъ шуд ва то охири соли 807ҳ.к/ 1404 идома ёфт.

Темур ҳангоми истилои Ҳиндустон азм карда буд, ки дар Самарқанд масҷид месозад. Баъди бозгашт дар соли 1399 ба сохтани он масҷид, ки номи масҷиди Бибихонимро гирифт, шуруъ намуд. Хишти аввал дар чоруми рамазони /11 майи соли 1399 гузошта шуд. Дар сохтмон дусад банно аз Озарбойҷон, Эрону Ҳиндустон ва дигар ҷойҳо ва 500 мардикори сангбур бо 95 фили боркаш бо гурӯҳи калони меъморон ба кор машғул буданд [110, С.144; 71, С.212]. Темур шахсан ба кори ин сохтмон назорати қатъӣ мебурд. Ҳатто вақте ки ӯ бемор буд ва роҳ гашта наметавонист, амр мекард, ки то ӯро ба тахти равон савор карда, ба он ҷо баранд. Ӯ бо дастони худ, ба сохтмончиён, ки дар чуқуриҳо машғули кор буданд, гӯшти пухтаву пул мепартофт.

Дар ин зимн Клавихо мефармояд: «…дар ин даврон пиру барҷомонда шуда буд, на пиёда ва на савора роҳ рафта наметавонист. Ӯро танҳо дар сароҷа савор карда, ба ин ҷо биёранд. Ӯ фармуд, ки ҳар рӯз вайро дар сароҷа савор карда, ба ин ҷо биёранд» [75, С.172].

Сохтмон дар соли 1404 ҳангоме ки Темур дар Эрон буд, ба итмом расид. Баъди бозгашт ба Самарқанд дар соли 1404 Темур масҷидро аз назар гузаронида, ба хулосае омад, ки даромадгоҳи он бисёр паст аст. Даромадгоҳро аз нав шикаста, баланд бунёд карданд. Хоҷа Маҳмуди Довуд ва Муҳаммади Ҷалд, ки масъулони сохтмон буданд, ба сабаби мусолиҳакорӣ ва аз худ кардани маблағҳои сохтмонӣ дар мавзеи Кони гили Самарқанд бо амри Темур ба дор кашида шуданд [110, С.421; 40, С.180; 102, С.1026; 90, 1013; 4, С.1018; 55, С.476]. Ҳофизи Абрӯ, Мирхонд аз ин ду тан танҳо аз Аҳмади Довуд ном мебаранду халос.

Темур пеш аз лашкаркашӣ ба Хитой сентябри соли 1404 дар мавзеи Кони Гил ҷашни бузурге барпо намуд, ки он чил рӯз давом кард. Дар ин ҷашнвора Темур шаш наберагони худ аз қабили Улуғбек, Иброҳим султон (фарзандони Шоҳрух), Мирзо Ҷаҳонгир (фарзанди Муҳаммад султон), Мирзо Бойқаро, Саид Аҳмад (фарзандони Умаршайх) ва Эҷил (фарзанди Мирон-

шоҳ)-ро хонадор кард. Дар ин ҷашнвора дар баробари Клавихо сафирони давлатҳои Миср, Рум, Хитой, Муғулистон, Дашти Қипчоқ ва Олой низ ҳузур доштанд [4, С.1027; 40, С.177; 102, С.1026-1027]. Руи Гонсалес де Клавихо роҷеъ ба ин арӯсӣ менависад: «Рӯзи панҷшанбе-9-уми октябр амир фармуд, то базми калон барпо кунанд. Ин базм ба хотири тӯйи як набераи ӯ барпо карда шуд. Амир супориш дод, ки моро ба ин тӯй ҳозир кунанд» [75, С.153]. Ин ҷашн тибқи суннати муғулӣ ороста, ки ба ин ҷашн содоту айимма, ҷӯҷиёну умарои бузург ва элчиён, ки аз чаҳор гӯшаи ҳафт иқлим омада буданд ва соҳибҷашн «дар табақҳои тиллову нуқра муҳайё ва омода ва анвои машрубот ва аз бодаву қимиз ва болу мусаллас ва арақу шарбат муҳайё дошта» [110, С.436].

Дар миёни шоҳзодагоне, ки дар ҳузури Клавихо издивоҷ кардаанд, Улуғбеки даҳсола низ буд, ки бо хешдухтари худ бо номи Оқбек, духтари Муҳаммад султон хонадор шуд. Маросими ақди нигоҳ дар «Зафарнома»-и Шарофуддин Алии Яздӣ батафсил зикр гардидааст: «Ва баъд аз тасҳеҳи муқадамоти ақд ва риоёти шароити он имомияи даврон шайх Шамсуддин Муҳаммад Ҷазарӣ ба қироати хутбаи никоҳ маҳфилро мазиди иртиёҳу истирвоҳ бахшид. Ва қозии Самарқанд мавлоно Салоҳуддин ба талқини калимоти иҷобу қабул қиём намуд» [110, С.436].

Баъд аз поёни маросими динӣ тибқи расму оини муғулӣ маҷлиси ҷашну сурур баргузор гардид ва ба ҳамагон шароб пешкаш карданд. Чунин расм буд, ки баъд аз анҷоми маросими арӯсӣ худи Темур ба ҳиҷлагоҳ мерафт ва арӯсу домодро мавриди меҳрубонӣ қарор медод. Пас аз издивоҷи Улуғбек ва Иброҳим тамоми шоҳзодагон зери назари мураббиён боқӣ monданд. Ва то он даме ки Темур зинда буд, таълиму тарбияти онон идома дошт.

Аз рӯйи нақли Клавихо, ки ин воқеаҳоро дар асари худ бо ҷузъиёташ зикр намудааст, маълум мегардад, ки на танҳо мардон, балки тамоми занони ин хонадон, аз ҷумла, ҳамсари бузурги Темур, Бибихонум низ ба шаробнӯшӣ майлу рағбати зиёде доштааст.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ Темур пеш аз ҳуҷум ба Ҳиндустон нақшаи тасхири Хитойро дар сар дошт. Аз ин ахбор бармеояд, ки Темур ба зери тасарруфи худ даровардани кишвари Чинро аз ҳадафҳои худ қарор дода буд, аммо барои амалӣ намудани он фурсат меҷӯст. Баъди ба ҳокимияти худ ҳамроҳ кардани Ироқу Рум ӯ ба Самарқанд баргашта, барои лашкаркашӣ ба Чин тайёрӣ дид ва охири соли 1404 бо 200 ҳазор аскар ба ҷониби Чин ҳаракат кард [359, С.37].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ғорату куштор ва ҷаҳолатҳои зиёд яке аз воситаҳои асосии рӯзгузаронии лашкариёни Темур ва худи ӯ буд. Азбаски дар Мовароуннаҳру Хуросон ва минтақаҳое, ки дар зери тасарруфаш буд, дигар ҷойи ғорат мекардагӣ намонда буд, маҳз ба ҳамин хотир, ин пири фартут бо лашкари бешумор рӯ ба сӯйи Чин ниҳод. Сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки лашкариёни Темур он қадар майл ба ҷанги Хитой надоштанд, зеро тули ин солҳо аз ҷанг хаста буданд, аммо Темур ин лашкаркашии худро бо қонунҳои мазҳабӣ асоснок кард. Гӯё ки тӯли ин солҳо ба куштани мусулмонҳо машғул буданд, акнун ин гуноҳони худро танҳо дар сурати аз байн бурдани бутпарастони Хитой метавонад ҷуброн кунанд.

Муҳаммад Ғубор лашкаркашии Темурро ба Хитой ба ин тарз тасвир менамояд: «Сипоҳ ба азми кишвари Чин кашид то хунҳоеро, ки рехта буд, бори дигар ба хун бишӯяд» [249, С.430]. Бояд гуфт, ки бо фавти ин золим кишвари Чин аз балои азиме раҳо ёфт.

Дар боби шумораи умумии лашкари Темур ҳангоми лашкаркашӣ ба Хитой сарчашмаҳои таърихӣ ақидаҳои гуногун доранд. Чунончи Шилтбергер теъдоди лашкаркари Темурро ба Хитой бо худ 800 ҳазор мегӯяд [113, С.29]. Хондамир низ ин ақидаро тасдиқ менамояд [95, С.530]. Ибни Халдун бошад теъдоди як миллион нафарро ба артиши Темур нисбат додааст [18, С.73].

Бояд гуфт, ки Шилтбергер, Ибни Халдун ва Хондамир дар теъдоди лашкариёни Темур муболиға мекунанд, зеро сарчашмаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки теъдоди лашкариёни ӯ аз 200 ҳазор беш набуд. Муаррихи дар-

бори Темур Шарафуддин Алии Яздӣ менависад, ки «…аз Мовароуннаҳр, Туркистон, Хоразм, Балх, Бадахшон, Хуросон, Систон, Мозандарон, Қум ва қавми тотор, ки эшонро бо кӯч аз Рум нақл кардаанд ва хонакӯч Эронзамин, ки аз Озарбойҷон ва Ироқ оварданд, дувист ҳазор савору пиёда…ҷамъ мешавад» [110, С.13; 359, 37].

Ба муҷиби гуфтаҳои боло Мирхонд низ дар асари худ он маълумоте, ки Шарафуддин Алии Яздӣ аз он минтақаҳое, ки бояд ба ҷанг сафарбар карда мешуданд, бо теъдоди лашкариён айнан номбар кардааст. Аз ин бармеояд, ки Мирхонд ин матнро айнан аз «Зафарнома»-и Шарафуддини Алии Яздӣ рӯнавис кардааст [55, С.480]. Аз рӯйи ахбори ҳамин манбаъ теъдоди лашкариёни Темур сесаду ҳаштод ҳазору дувоздаҳ нафар савору пиёда буд [55, С.481]. Бояд тазаккур дод, ки ахбори Мирхонд дар ин самт, дар муқоиса ба ахбори Шилтбергер, Шарафуддини Алии Яздӣ, Ибни Халдун ва Хондамир ба ҳақиқат наздиктар мебошад.

Бино ба иттилои манбаъҳо Темур дер боз орзуи ба зери тасарруфи худ даровардани мулки Хитойро дошт. Гарчанде ки синну соли ӯ ҳангоми лашкаркашӣ ба Хитой ба ҷое расида буд, аммо ба пирию фартутии худ нигоҳ накарда, ҳирси ба даст овардани боигариву сарват ӯро водор сохт, ки 27 ноябри соли 1404 аз Самарқанд берун шавад. Темур муддати 28 рӯз дар Оқсалот қарор гирифт ва бештари умарову мулозимонро ба Тошкант фиристод. Рӯзи панҷшанбеи 25 декабри 1404 аз Оқсулот рӯ ба Утрор овард ва қадами номуборакаш рӯзи душанбеи 9 январи 1405 то ба мавзеи Утрор расид. Дар ин мавзеъ ӯ ҳамагӣ 40 рӯз қарор гирифт. Дар ин ҳангом дар Утрор зимистони қаҳратун ҳукмфармо буд, шиддати сармо ба дараҷае буд, ки бисёре аз лашкариён ва чаҳорпоён дар он роҳҳо талаф шуданд ва даст, пой ва бинии бисёре аз онҳоро сармо зад. Ҳамчунин дар ин мавзеъ Темур ба беморие дучор шуд, ки табибон дар табобати ӯ оҷиз монданд ва худ пайхас кард, ки умед ба шифо ёфтан нест.

Сарчашмаҳо ҳам дар ин маврид маълумот медиҳанд, ки Темур пеш аз фавти худ ба сарлашкаронаш васият карда, Пирмуҳаммад фарзанди Ҷаҳонгирро, ки волии Кобул, Ғазнин ва Қандаҳор буд, валиаҳду қоиммақоми худ таъйин кард.

Дар ин бора фикри Мирхонд қобили диққат аст: «Худи Темур дарёфт, ки дигар беҳбуд нахоҳад ёфт, пас занон ва хвосси умарои худро эҳзор кард ва васият кард, ки Пирмуҳаммади Ҷаҳонгир валиаҳду қоиммақоми ӯ бошад ва ӯ дар Самарқанд биншинад ва ҳамагон аз ӯ итоат кунанд. Ва ҳамаи умароро савганд дод, ки аз он васият сарпечӣ накунанд» [55, С.485; 110, С.489; 4, С.1040; 264, С.221]. Аз муаррихони дарбории Темуриён Ҳофизи Абрӯ аз чи бошад, ки дар бораи валиаҳд таъйин шудани Пирмуҳаммад аз ҷониби Темур маълумот надодааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ, «Зубдату-т-таворих»-и Ҳофизи Абрӯ ва «Ҳабиб-с-сияр»-и Хондамир асарҳое ҳастанд, ки дар онҳо муаллифон воқеаи ба тариқи даҳшатнок ҷон додани Темурро бо тамоми ҷузъиёташ тасвир кардаанд [40, С.267-269; 103, С.1032, 33, 34; 95, С.533-534].

Дар баёни ҳақиқати ҳол гӯё, ки аз истеъмоли зиёди шароб тайи чанд рӯз лахт-лахт аз даҳони Темур хун рафтанро муаррихони дарбор Муинуддини Натанзӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд, Абдураззоқи Самарқандӣ дар асарҳои худ зикр накардаанд.

Муаллифи «Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур», ки ҳодисаи мазкурро бо ҷузъиёташ тасвир кардааст, асоси воқеъӣ дорад: «…ҷомҳои паёпай нӯшид ва пиёлаҳои дамодам даркашид…Он арақ дар уруқ ва ҷавореҳаш асар бахшид…Пас пизишкон…дар он сармои сахти зимистон ях бар паҳлӯ ва шикамаш гузоштанд ва то се рӯз бад-ин гуна лахт-лахт хун аз даҳон фурӯ мерехт» [40, С.187; 529].

Ба қавли Ибни Арабшоҳ Темур пас аз ҷонканиҳои зиёд 18 феврали соли 1405 дар мавзеи Утрор вафот кард. Ибни Арабшоҳ оид ба рӯзи вафоти Те-

мур чунин менависад: «Ин воқеа дар шаби чаҳоршанбеи ҳафдаҳуми шаъбони соли 807 буд, ки Худои таъоло ба раҳмати худ бедоде чунон аз бандагонаш баргирифт…» [40, С.188; 90, С.1013].

Аммо бояд қайд кард, ки Хондамир дар «Ҳабибу-с-сияр» марги Темур-ро дар муқоиса ба дигар муаррихони дарбории Темуриён возеҳтару амиқтар арзёбӣ кардааст. Ӯ қайд мекунад, ки: «…чанд рӯз пайваста май аз дасти соқиёни нӯшлаб мегирифт ва ҳар шаб маҷлиси ҳумоюн аз фурӯғи бодаи ҳамри ӯ шуъои соғари саҳбосифат рӯшанӣ пазируфт, дар он асно рағбати арақ фармуд,…чунон ба арақ машғул намуд, ки аслан майли таъом нафармуд…чун мудаббири табиат дар он шароб асар кард, таб иштидод пазируфт ва дар рӯзи чаҳоршанбе ъошири шаъбони санаи сабъа ва самонумиа маразе саъб (мудҳиш) рӯй намуд, балки амрози мухталифаи махуфа, ки аз илоҷи яке дигаре қавӣ мешуд, муҷтамеъ гашт ва бо он ки аз зумраи атиббо Мавлоно Фазлуллоҳи Табрезӣ дар мулозимат буд ва дар мудовӣ яди байзо менамуд, ҳеҷ даво нофеъ наяфтод ва аслан маводи фосида мунқатеъ (қатъ) нагашт…» [95, С.533-534; 102, С.1032-1033-1034].

Муаррихи дигари давраи Темуриён Шарафуддин Алии Яздӣ бошад доир ба ин қазия чунин менигорад: «Ва дар чаҳоршанбеи даҳуми шаъбони санаи сабъа ва самонумиа (соли 807 ҳ.қ.) мизоҷи ҳумоюн аз наҳҷи эътидол инҳироф пазируфт ва таби муҳаррик (сӯзанда) торӣ шуд (рӯй дод) ва… мараз ва шиддати он замон то замон меафзуд…Ва бо он ки Мавлоно Фазлуллоҳи Табрезӣ, ки аз муҳраи атиббои ҳозиқ буд…дар муолиҷа ва тадовӣ саъйи балеғ менамуд, рӯз ба рӯз хастагӣ иштидод (шиддат) меёфт ва иллати дигар сар бар мекард, чунончи чанд марази махуф (хафнок)-и мухталиф ҷамъ омада, ки аз муолиҷаи баъзе, баъзе дигар издиёд (афзоиш) мепазируфт…баъд аз шиддат мараз тазоюд (зиёдшавӣ) пазируфт…ва чун шаб даромад…миёни шому хуфтан» [110, С.463-464-468] вафот кард.

Ва то ҷойе онҳо тасмим гирифтанд, ки бояд марги Темур махфиёна пинҳон дошта шавад. Мутасаддии интиқоли ҷасади Темур амир Хоҷа Юсуф

буд ва васияти умаро чунон буд, ки шабона ба шаҳр дароянд, то ки мардум аз ин ҳолат огаҳ наёбанд. Шаби душанбе бисту дуюми шаъбон 23 феврали 1405 шабона ҷасади Темурро махфиёна дар Самарқанд дар канори ҷасади набера-аш Муҳаммад султон дафн карданд.

Ба ҳамин тариқ, ки сарчашмаҳои таърихӣ роҷеъ ба санаи марги Темур маълумотҳои гуногун медиҳанд. Мутаассифона, ба андешаи инҷониб фикрҳо мухолифи якдигаранд. Ҳофизи Абрӯ марги Темурро дар миёнаҳои моҳи шаъбон, яъне миёнаҳои моҳи феврали соли 1405 ба қайд мегирад. Мирхонд бошад 10 шаъбон нишон додааст. Бино ба ахбори Шарафуддин Алии Яздӣ ва Ибни Арабшоҳ Темур дар 17-и шаъбони соли 809 ҳ.қ. (18 феврали соли 1405) фавтидааст. Инчунин, дар қабри нефрии Темур, дар оромгоҳи Гӯри Мир гуфта мешавад, ки ӯ шаби 14-уми шаъбон (15 феврал) вафот кардааст [464, С.58]. Муиниддин Натанзӣ низ ҳамин санаро рӯзи марги Темур нишон додааст. Дар адабиёти илмӣ санаи марги Темурро, Шарафуддини Алии Яздӣ, Ибни Арабшоҳ 18 феврали соли 1405 нишон додаанд ва маҳз муаррихон бештар ба ҳамин сана такя менамоянд [306, С.117; 411, С.504]. Ба қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ Темур «Ҳафтоду ду солу як моҳу ҳаждаҳ рӯз умр ёфт» [27, С.576]. Шарафуддин Алии Яздӣ бошад «ба ҳафтоду як сол расида буд» [110, С.469] ва Абдураззоқи Самарқандӣ низ «умри он ҳазрат ҳафтоду як сол буд» [3, С.1042] дар асарҳои худ маълумот додаанд.

Ибни Арабшоҳ маълумот медиҳад, ки ҷасади Темурро ба Самарқанд оварда, дар тобуте аз обнус дафн карданд [40, С.198]. Ҳамзамон, ӯ қайд менамояд, ки пас аз чанде ки кори гӯр ва сохтани бинои он ба поён шуд, ҷасади Темурро дар тобуте аз пӯлод, ки ба дасти яке аз устодони санъат дар Шероз сохта шуда буд,… дар он макони машҳур ба хок супурд [40, С.199]. Тибқи ахбори Абӯтоҳирхоҷаи Самарқандӣ, ҷасади ӯро ба сандуқи мармар ҷой карда ва дар поёни пойи ҳазрати Саид гӯронданд [13, С.174].

«Бояд бигӯем, ки вай сахт ба сунатҳои муғулӣ пойбанд буд, дар воқеъ пас аз марги вай пайравонаш маҷбур шуданд, оромгоҳи ӯро бар хилофи боварихои исломӣ, ба расми муғулӣ тарроҳӣ карда ва бисозанд» [315, С.141-142].

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо Темур пеш аз марги худ фармон дод, ки асбоби айшу нӯши ӯро, ки дар базмҳо истифода мекард, шикананд [102, С.1033; 3, 1039; 346, С.92-93].

Ҳофизи Абрӯ ва Ибни Арабшоҳ ба он бováранд, ки сабаби беморӣ ва марги Темур ин истеъмоли аз ҳад зиёди шароб будааст.

Тибқи иттилои Шарафуддин Алии Яздӣ ва Мирхонд «Дар рӯзи чаҳоршанбе шонздаҳуми рамазони санаи сабъ ва сабъмоя…ҳаштсаду ҳафт (18 марти 1405)…амирзода Халил султон ба дорусалтанаи Самарқанд даромад…амирзода Муҳаммад султон ва бародарзодаи амирзода Пирмуҳаммад султон валиаҳд буд бо исми хонӣ номзад ва ӯ дар он вақт нуҳсола буд» [110, С.505; 103, С.13; 3, С.1059-1060, 90, С.1014; 99, С.112]. Бояд тазаккур дод, ки Хондамир дар бораи рӯзу соли ба сари қудрат расидани Халил султон дар асари худ маълумот нададааст.

Пас аз асир шудани Халил султон дар соли 1409 аз тарафи Худойдод Шоҳрух вориди Самарқанд гардида, ба зиёрати гӯри падар шитофт ва азои ӯ барпой дошт…ва он чи аз либосу силоҳ ва дигар колоҳо бар сари гӯраш буд, ба хазоини хеш фиристод [40, С.230].

Баъдтар соли 1409 пас аз он ки Шоҳрух Самарқандро зери тасарруфи худ даровард, ҷасади Темурро бо ҷасади Муҳаммад султон ба ҷойгоҳи ҳозираи он-Гӯри Мир интиқол дод.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо гӯё Темур орзуи онро дошт, ки пас аз фавташ ҷасади ӯро дар поёни пойи Сайид Барака ба хок супоранд. Тавре ки Шарафуддин Алии Яздӣ қайд мекунад: «…баъд аз вафот марқади ӯ дар поёни қабри муртази Сайид мубарвар амир Сайид Барака бошад, баъд аз чанд гоҳ тобути ӯро аз Андхуд нақл карда дар қуббае, ки меъмори ҳимат…ба си-

фати хонақоҳи мазкур барафрошта буд, дафн карданд ва он ҳазратро чунон ки ният фармуда буда дар пойни қабри ӯ биниҳоданд» [110, С.511; 13, С.174; 157, С.446].

Шилтбергер дар ҷойи дигар аз ҳодисаи тааҷҷубоваре иттилоъ медиҳад, ки дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ вонамехӯрад. Аз ҷумла, қайд мекунад, ки: «…тааҷҷубовар аст, ки рӯҳониёне, ки дар маъбад буданд, тамоми сол нолаи ӯро (Темурлангро) шабона мешуниданд» [113, С.30]. Наздиконаш умед доштанд, ки шояд ба камбағалон садақа диҳанд, бо ҳамин доду фарёдҳо хотима ёбад. Сипас рӯҳониён пас аз машварат, аз писараш Шоҳрух хоҳиш карданд, ки асиронеро, ки падараш Темурланг аз кишварҳои гуногун асосан ба Самарқанд оварда буд, ба ватанашон раҳо кунад. Тибқи ахбори ҳамин манбаъ «Ҳамаи онҳо дар ҳақиқат озод шуданд ва доду фарёд фавран қатъ шуд» [113, С.31]. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки чунин ахбор дар дигар манбаъ ва сарчашмаҳои таърихии ин давра ба чашм намерасад. Лекин бояд гуфт, ки фармони Шоҳрух дар таърихи 5 ҷумодиулаввал 814/ 25 августи 1411 баромад ва ба тамоми асироне, ки дар замони Темурланг ба Самарқанд оварда шуда буданд, иҷозаи бозгашт ба ватанашон дода шуд [314, С.125-126; 196, 157]. Бояд тазаккур дод, ки матни фармони раҳо намудани асиронро муаллифи асари «Таърихи тоҷи Салмонӣ» ё («Зайли «Зафарнома») Тоҷуддини Салмонӣ, ки дар зебогии ҳусни хат беназир буд ва дар девони Улуғбек фаъолият мекард, навишта буд.

Бояд тазаккур дод, ки мардуми мамлакатҳои араби Шарқи Наздик ва Африкаи Шимолӣ низ нисбат ба Темур сахт нафрат доштанд. Муаррихи рус А.Марков дар асари хеш роҷеъ ба ваҳшониятҳои Темур дар мамлакатҳои араб содиркардааш аз забони муаррихи Миср ал-Айнӣ чунин маълумот додааст: «Сарбозони Темур дар шаҳрҳои забтшудаи мусулмонон кореро карданд, ки на лашкари салибҳо ва на лашкари юнонӣ ҳангоми забт кардани ягон шаҳри мусулмонӣ накардаанд», зулми лашкари ӯ дар шаҳрҳои забтшудаи мусулмонон «на ноболиғ, на калонсол, на ҳуқуқдон,

на амир, на ҷанговар ва на фақир дар шаҳрҳои забшудаи мусулмонон аз зулми лашкари худ раҳо ёфта натавонистанд «ҳамаро» ҷазо, бадбахтӣ ва душворӣ фаро гирифт» [49, С.27]. Дар ин бора ал-Асадӣ ва дигар муаррихони араб менависанд [477, С.531].

Аз Темур пас аз фавташ сиву шаш писару набера боқӣ монд [3, С.1068; 110, С.521-522; 90, С.1014; 55, С.499; 338, С.83].

Чун марги Темур наздик шуд, Пирмуҳаммад писари дигари Ҷаҳонгир-ро, ки ба ҳангоми маргаш волии манотиқи шарқии Афғонистон, яъне Кобул, Балх ва Қандаҳор буд, ба ҷонишинии худ интихоб кард [110, С.466]. Писари дуюми Темур Умаршайх ном дошт ва дар синни чиҳилсолагӣ дар Курдистон ба қатл расид.

Мирзо Ҷалолуддини Мироншоҳ писари сеюми Темур ҳанӯз чаҳордаҳ сол надошт, ки падараш ӯро ба ҳукмронии Хуросон таъйин кард. Ӯ дар акса-ри лашкаркашиҳову хунрезиҳои падараш ширкат доштааст.

Чаҳорумин ва охирин писари Темур, Шоҳрух буд. Ӯ ҳангоми марги па-дар бисту ҳашт сол дошт ва ҳукмрони Хуросон буд.

Ҳамин тариқ, бо хулосабарорӣ аз омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва осори илмӣ-таҳқиқотӣ метавон гуфт, ки авзои сиёсӣ дар солҳои 40-60 ум дар минтақа дар натиҷаи ҳуҷумҳои пайдарпай хонҳои муғул мураккаб гардида, ҳар кадом саъю талош мекард, ки ҳокимиятро дар ин ё он минтақа ба зери тасарруфи худ дарорад. Сарчашамаҳои таърихӣ маълумот медиҳанд, ки вазъи сиёсӣ дар Хуросон то андозае аз зулму истибдоди аҷнабиёни муғул озод буд. Ҳатто ҳуҷуми хони Мовароуннаҳр Қазаған ба Хуросон натавонист, ки ин минтақаро зери тобеияти худ қарор диҳад.

Аз оғози солҳои 60-ум ҳуҷумҳои пайдарпайи хонҳои аҷнабии муғул барои ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр авзои сиёсии минтақаро боз ҳам ноором гардонд. Дар ин давра аллакай парокандагии сиёсӣ дар

Мовароуннаҳр ба амал омада буд ва ҳар хону амир мулкеро худсарона ба зери тасарруфи худ дароварда буд ва аз итоат аз ҳокимияти марказӣ сарпечӣ мекарданд. Саъю талошҳои Темур ва амир Ҳусейн барои ҳарчи зудтар сади роҳи хонҳои муғул шудан бенатиҷа монд. Дар набарди "Ҷанги Лой" байни хони Муғулистон ва Темур инчунин амир Ҳусейн задухӯрди шадид ба амал меояд, ки боиси шикаст ва фирори шудани Темуру Ҳусайн мегардад.

Сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, ки муғулҳо бинобар сабаби аз ҷониби сарбадорони Самарқанд шикаст хӯрдан баъдан бо роҳи фиребу найранг ва кушта шудани роҳбарони ин шуриш ҳокимият боз ба дасти Темур ва амир Ҳусайн меафтад. Дере нагузашта байни ин ду амир мухолифат сар мезанад, ки дар натиҷа боиси кушта шудани амир Ҳусайн гардид. Баъди ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр Темур лашкаркашиҳои забткорона ва ғоратгаронаи худро дар минтақа, хусусан дар Хоразму Ҳирот оғоз кард, ки дар натиҷаи ин задухӯрдҳо мардуми зиёде кушта шуд ва шаҳру деҳот вайрону валангор гардид.

## II.2. Мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Темур

Аз ҳамон лаҳзае, ки ҷасади Темурро ба хок супориданд, аллакай мубориза барои ба даст овардани ҳокимият байни ҷонишинони ӯ оғоз гардид. Тавре ки аз сарчашмаҳо маълум аст аз фавти Темур якчанд рӯз нагузашта, дар дохили хонадони Темуриён байни Пирмуҳаммад ва Халил султон барои соҳиб шудани ҳокимият муборизаҳо сар шуд.

Академик В.В. Бартолд ҳам дар ҳамин маврид чунин қайд менамояд: «Мадорике мавҷуд аст, ки фармондеҳони артиши Темур мехостанд накшаи ҳамла ба Чинро амалӣ кунанд, аммо шуришҳои дохилӣ онҳоро аз ин кор боздошт» [145, С.250]. Бояд қайд кард, ки нахустин осори ин шуришҳо дар ба даст овардани ҳокимият миёни ҷонишинони Темур сар зад. Гарчанде ки Темур наберааш Пирмуҳаммадро валиаҳди худ таъйин кард, аммо сарони

низомӣ ин ҷонишинро шоистаи маснаду салтанат напазируфтанд ва Халил султон набераи дигари ӯро ба фармонравоӣ интихоб намуданд. Бо ин ҳама ҷанги қудратхоҳӣ ба анҷом нарасид. Баъд аз марги Темур наберааш Халил султон ҳокимиятро 18 марти соли 1405 дар Самарқанд ва писараш Шоҳрух бошад пойтахти Хуросон Ҳиротро соҳиб гардиданд.

Халил султон (1384-1411) писари Амироншоҳ аз фарзандҳои сеюми Темур яке аз золимтарин, хунхортарин ва бераҳмтарини ин хонадон ба ҳисоб мерафт ва то рӯзи фавти бобояш ҳукмрони Тошканд буд.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо Темур дар вопасин рӯзҳои зиндагияш худ васият кардааст, ки ҳар яке аз писарон ва наберагонашро ба сарзамине вогузор намояд, ки раёсати ҳамаи онҳо бар зиммаи фарзанди аршади ӯ бошад. Писари бузурги Темур мавсум ба Ҷаҳонгир дар синни бистсолагӣ дар соли 777/1376 даргузашт [109, С.201]. Аз ӯ ду писар Муҳаммад султон ва амирзода Пирмуҳаммад боқӣ монд. Бинобар ин, Муҳаммад султон писари Ҷаҳонгир ба валиаҳдӣ баргузида шуд. Аммо ӯ низ, ки дар сафар ба усмонӣ ҳамроҳи Темур буд, дар Оқшаҳр даргузашт [109, С.351; 40, 228]. Фавти Муҳаммад султонро дар муқоиса ба Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ дақиқтан дар рӯзи душанбеи ҳаждаҳуми шаъбон санаи хамс ва самонмоя дар Оқшаҳр нишон додаанд. Низомуддини Шомӣ бошад рӯз, моҳ ва соли фавти Муҳаммад султонро нишон надодааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки аввалҳои моҳи март ба маҳзи ин ки хабари марги Темур ба самъи Шоҳрух расид, ӯ оҷилан ҷониби Самарқанд раҳсипор гардид. Ҳарчанд ки Халил султон тавассути хазинаи аз Темур ба даст овардааш аъёну ашрофи бонуфузи Мовароуннаҳрро аз худ намуда буд, лекин дере нагузашта, ӯ дучори эътирозу шуриши амирон ва шоҳзодагони Темур мегардад. Нахустин шуда амирони Туркистон ва Фарғона-амир Худойдод бо шайх Нуриддин бар зидди Халил султон шуриш мебардоранд. Ҳатто бародари Халил султон амир Ҳусайн бо мақсади барқарор намудани ҳокимияти худ дар минтақаҳои соҳили чапи Амударё муқобили ӯ исён

мебардорад. Инчунин дар як вақт Пирмуҳаммад аз Амударё гузашта, зидди Халил султон ҷониби Насаф лашкар мекашад. Ба ҳамин тариқ, муборизаҳои шадид дар Мовароуннаҳр бар зидди ҳокимияти Халил султон хеле тезутунд мегирад.

Амир Шайх Нуриддин ва Шоҳмалик саъю талоши зиёде карданд, ки пеши роҳи Халил султонро гиранд, то ки васияти Темурро нисбат ба валиаҳди ӯ Пирмуҳаммад ба ҷо биёранд, лекин ин амал натиҷа надод.

Амир Шоҳмалик ва шайх Нуриддин савганди вафодорӣ ёд карданд, ки васияти ӯро ба ҷой меоранд. Баъди таъйин кардани Темур Пирмуҳаммадро вориси худ ҳеҷ кас ӯро эътироф накард ва бо номи ӯ танга сикка назад, ҳар яке аз ҳокимони собиқ, ҳам дар хутба ва чӣ дар тангаҳо номи Темурро бо номи худ иваз мекарданд. Шоҳрух низ вақте ки аз фавти Темур огаҳ мешавад, ӯ низ бо чунин кор даст мезанад. Ҳатто сардорони лашкарҳо, ки дар Утрор қарор доштанд, амир Шоҳмалик ва Шайх Нуриддин ба Темур ваъда дода буданд, ки аз ҷиҳати динӣ васияти ӯро ба ҷо меоранд, амалӣ накарданд. Занони Темурро бо шоҳзодаҳои ҷавон ба Самарқанд фиристода, ба онҳо маслиҳат доданд, ки пойтахтро ба Шоҳрух супоранд, то ки муноқишаи байни ҳамдигарӣ зуд хотима ёбад, зеро аз Қандаҳор омадани Пирмуҳаммадро интизор шудан мумкин нест. Шоҳзодагону амирон нақшаи лашкаркашӣ ба Хитойро мавқуф гузоштанд.

Амир Ҳусайн лашкари қаноти чапро, ки бо ӯ буданд, пароканда сохта [4, С.1046; 98, С.110] ва бо ҳазор савор аз оби Хуҷанд гузашта, озими шаҳри Самарқанд шуд, ба умеди он ки аҳолии онро фиреб дода вориди шаҳр гардад. Амир Шайх Нуриддин ва амир Шоҳмалик аз кирдори ӯ огаҳӣ ёфтанд ва мактубе пеши амир Арғуншоҳ, ки мутасаддии шаҳри Самарқанд буд, фиристоданд ва ӯро аз мухолифати ӯ хабар доданд ва таъкид карданд, ки ӯро нагузоранд, ки вориди шаҳр шавад. Пас аз ин ҳодиса, амирон аз ҳуҷум ба Хитой даст кашида, ҷониби Самарқанд раҳсипор шуданд. Хабар расид, ки дар Тошканд тамоми фармондеҳони дасти рост бо сардории амир Аҳмад ба Халил султон савганд ёд карданд. Халил султон ба амсоли Муҳаммад султон,

писари «духтари хон», мисли Улуғбек тарбиятгирандаи Сароймулкхонум буд. Вай маҳорати ҷангии худро ҳанӯз соли 1399 дар ҷанги Ҳиндустон нишон дода буд. Аллакай аз ҳамон вақт дар бораи муҳаббати хоси Темур ба ин набера маълум шуда буд [26, С.47]. Савганд ба Халил султон боиси ихтилофи роҳбарони марказ ва қаноти рост гардид. Аввалин дуюминро бо вайрон кардани васияти Темур айбдор кард. Охирин дар ҷавоб гуфт, ки омодаанд ба ин васият итоат кунанд ва савганд ба Халил султон танҳо муваққатист. Бояд гуфт, ки ҳатто дар Тошканд ба Пирмуҳаммад низ савганд ёд карданд. Аҳдномаи савганд, ки худи Халил султон ба он имзо ва муҳр гузоштааст, ба қосид супурда шуд. Қосид мебоист ин аҳдномаро назди шайх Нуриддин ва Шоҳмалик мебурд ва баъд аз он таъҷилан ба назди Пирмуҳаммад мебурд [110, С.491]. Қосиде, ки аз Тошканд фиристода шуд, дар урдугоҳи Шоҳмалик ва Шайх Нуриддин боздошт шуд ва то охири моҳи март дар Бухоро қарор дошт. Ҳадафи шайх Нуриддин ва Шоҳмалик ин буд, ки ҳар чӣ зудтар пойтахтро тасарруф намуда, ҳамзамон ба ҳаракати Халил султон ва лашкариёни ӯ монеъ шаванд. Барои убури лашкариёни Халил султон аз Сирдарё дар болои Шоҳрухия нуқтае ба нақша гирифта шуда буд, ки он пули киштиҳо буд. Лашкар дар се гурӯҳ кашонда мешуд. Пешоҳанг бо фармондеҳии амир Бурундуқ, қисми асосӣ бо Халил султон, лашкар таҳти фармондеҳии Худойдод Ҳусайнӣ, аз атобаки собиқи Халил султон, ки бо ӯ аз дер боз хусумат дошт [40, 197ғ198].

Бурундуқ бо созиши Шоҳмалик ва Шайх Нуриддин пас аз гузаштан аз дарёи Сайҳун пулро вайрон кард, ошкоро саркашӣ карда озими Самарқанд шуд. Худойдод Ҳусайнӣ ва лашкариёни ӯ аз Халил султон ҷудо шуда ба ҷониби Очиқ Фаркант рафтанд [110, С.493]. Дар ин вақт лашкариёни собиқи Темур бе ҳеҷ як монеа ҷониби Самарқанд аз Осқулот то ағбаи Қарчуқ дар ҳолати ҷангӣ бо Улуғбек таҳти фармондеҳии Шоҳмалик, бо Иброҳим султон зери фармондеҳии Шайх Нуриддин ҳаракат мекард. Шоҳмалик ва Шайх Нуриддин бе гуфтушуниди пешакӣ бо роҳбарони шаҳр ҷуръат накарданд, ки

лашкарро ба назди дарвозаҳои пойтахт баранд. Дар ағба Шоҳмалик аз лашкариён ҷудо шуда, рӯ ба Самарқанд овард ва дар он ҷо амир Арғуншоҳ, ки Темур ӯро дар он ҷо гузошта буд ва Хоҷа Юсуф, ки мутасаддии ҷасади Темур аз Утрор ба он ҷо расида буданд, роҳбарӣ мекарданд. Ин ду тан Шоҳмаликро роҳ надоданд, то ки вориди қалъа шуда, бо онҳо суҳбат кунад. Рӯзи сеюми март ин дафъа Шайх Нуриддин барои музокирот танҳо бе ягон миёнарав ба назди Арғуншоҳ рафт, аммо ин дафъа низ ба ӯ ҷавоби рад доданд. Пас аз ин ба хулосае омаданд, ки ба Самарқанд ба ҷуз писарони Шоҳрух танҳо занҳои Темур Саroймулкхонум, Тукалхонум ва Тумоноғоро бо шоҳзодагон бифиристанд. Ва баъд аз он маслиҳат дар он диданд, ки озими Бухоро шаванд. Шоҳмалик, Шайх Нуриддин бо Улуғбеку Иброҳим султон ва бо хазинаи Темур, ки дар он ҷо ба ҷуз пулу ҷавоҳирот, захираи либосу аслиҳа низ буд, мебоист ба Бухоро рафта, дар он ҷо қарор мегирифтанд [110, С.499]. Онҳо боварӣ доштанд, ки дар он ҷо ба муқовимат дучор нахоҳанд шуд, зеро дар Алиобод ба онҳо Рустам, ки яке аз фармондеҳони Халил султон, ки ба ӯ хиёнат кард, бародараш Ҳамза дар Бухоро буд, ҳамроҳ шуд. Тибқи иттилои Шарафуддин Алии Яздӣ амирон нияти аз Бухоро ба назди Пирмуҳаммад рафтанро доштанд, ба эҳтимоли зиёд аз Бухоро мехостанд бо Шоҳрух гуфтугӯ кунанд. Онҳо аз Алиобод ба роҳ баромада, рӯзи ҷумъаи бисту панҷуми моҳи муборaки рамазон ба наздикии ҳисори Дабусия расиданд [110, С.493; 3, С.1056]. То расидан ба Бухоро, онҳо огаҳ шуданд, ки Халил султон дар роҳ ба Самарқанд ба ҳеҷ гуна муқовимат дучор нашудааст, ҳамзамон дар мавзеи Шероз ӯро ашрофони самарқандӣ пешвоз гирифтанд. Дар соҳили Кӯҳак (Зарафшон) ӯро амир Арғуншоҳ пешвоз гирифта, ба ӯ калиди шаҳру қалъа ва хазинаи Темурро супорид [110, С.504; 3, С.1058; 55, С.498]. Даромади бошукӯҳи Халил султон ба пойтахт, каме дертар дар рӯзи таъйинкардаи мунаҷҷим Бадриддин рӯзи чоршанбеи 18-уми март баргузор шуд [110, С.505, 55, С.498].

Халил султон Самарқандро ишғол намуда, барои эҳтироми худ ба васияти Темур Муҳаммад Ҷаҳонгир писари вориси фавтидаи Темур Муҳаммад султонро «хон» эълон кард. Калидҳои хазинаҳои Темур, ки дар соҳили Зарафшон ба Халил султон дода шуда буданд, барои ӯ аз калидҳои шаҳр дида бештар манфиат дошт. Тавре ки Клавихо аз номи Халил султон қайд мекунад: «…хазина хеле калон аст ва агар он ба дасти ӯ бирасад, он гоҳ ҳама чағатоиҳо бо ӯ якҷоя мешаванд, чунки онҳо ҳарису гушначашм ҳастанд» [75, С.194]. Дере нагузашта маблағҳои Халил султон боз ҳам бештар шуд. Маблағҳое, ки аз Муғулистон ҳангоми лашкаркашии Чин ғорат шуда буданд, Шайх Нуриддин ва Шоҳмалик бо худ ба Бухоро бурданд. Ин маблағҳо ҳамчун моли Улуғбек ва Иброҳим султон, ки Темур мехост байни онҳо тақсим кунад ба дасти Халил султон гузашт [5, С.16; 183, С.390]. Ҳамчунин Бухоро низ бидуни муқовимат ба дасти Халил султон гузашт.

Бино ба иттилои Ҳофизи Абрӯ ва Абдураззоқи Самарқандӣ дар бораи аҳдномае, ки пас аз чанд вақт миёни Шоҳрух ва Халил султон баста шуда маълум мешавад, ки хазинаи Улуғбек ва Иброҳим султон дар он замон дар Самарқанд буд, аммо дар бораи чӣ гуна ва кай аз Бухоро бароварда шуд, маълумот дода нашудааст. Доир ба ин масъала дар асари «Шоҳрухи беном» маълумоти ҷолибе зикр шудааст. Бояд гуфт, ки Рустам ба ҷониби Халил султон гузашт ва мардуми шаҳрро мусаллаҳ намуда, ба қалъа ҳамлаи ногаҳонӣ кард, ки дар он вақт дар дохили қалъа Шайх Нуриддин бо ҳамроҳии Улуғбек ва Иброҳим султон буд. Шоҳмалик бошад маҳз ҳамон рӯз ба Хуросон рафт, то Шоҳрухро ҳар чӣ зудтар барои омадан ба Бухоро саросема созад. Шайх Нуриддин бо ҳамроҳии Улуғбек ва Иброҳим султон, бе ҳамсафари дигар, қалъаву хазинаро, ки аз тарафи «дуздони бозор» талаву тороҷ шуда буд, ба ихтиёри тақдир вогузор кард [152, С.78]. Шайх Нуриддин дар роҳи Амударё ба Шоҳмалик расида ҳамроҳ шуданд. Аз он ҷо Шайх Нуриддин бо Улуғбек ва Иброҳим султон шитобон Амударёро убур карда, ба назди Шоҳрух рафтанд ва бо ӯ дар Андхой вохӯрданд [152, С.78] ва Шоҳмалик бошад, барои посбонии гузаргоҳи дарё монд. Бояд зикр сохт, ки ҳамаи ин ҳодисаҳо дар

моҳи марти соли 1405 ба вуқуъ пайваст. Дар моҳи апрел бошад, аллакай дар соҳилҳои Амударё амалиётҳои ҷангӣ байни Шоҳрух ва Халил султон оғоз шуд. Аз қайдҳои муаллифи «Шоҳрухи беном» чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки Халил султон ҳанӯз дар моҳи рамазон ба деҳаи Кучмалик кӯчида, дар он ҷо то анҷоми рӯза дар сеяки аввали моҳи шаввол ба яке аз деҳаҳои ноҳияи Кеш моҳи рамазонро ҷашн мегирад. Халил султон аз ин деҳа бо фармондеҳии амирон Шамсуддин, Хоҷа Юсуф, Мубашшир ва Арғуншоҳ ба канори Амударё як қӯшуни даҳҳазорнафарарро фиристод. Вазифаи ин амирон иборат аз он буд, ки киштиҳои дар Амударё асир гирифтаашро аз Шоҳмалик гирифта, аз гузаргоҳи ишғолкардааш дур кунад. Пас аз бист рӯзи муборизаи бенатиҷа бо ризоияти Халил султон музокироти сулҳ оғоз шуд [103, С.21-22; 4, 15]. Дар вақти гуфтушунид худи Шоҳрух дар канори дарёи Амударё, дар яке аз деҳаҳои Шопурғон бо лашкараш қарор дошт. Гузашта аз ин, рафти гуфтушунид гувоҳӣ медиҳад, ки Халил султон худро мағлубшуда наҳисобид. Шайх Нуриддин барои бастани сулҳ ба назди Халил султон, Шамсуддин ва Арғуншоҳ ба назди Шоҳрух рафтанд.

Шоҳрух дар назди Халил султон чунин шарт гузошт, ки «Хоникаро бо баъзе аз хазоини…амирзода Пирмуҳаммад бини Ҷаҳонгир ба ҷониби Кобул фиристанд ва хазоини хоси махдумзодагон…Улуғбеки Гуракон…Иброҳим…ҳамчунон бо хозанон ва навкарони хосаи эшон, ки дар шаҳри Самарқанд монда буданд…равона гардонанд ва аз он тарафи Ҷайҳун Халил султонро бошад ва аз ин тарафи об бандагии ҳазратро» [103, С.24-25; 4, 16; 55, С.504; 95, С.556; 98, С.107].

Аммо бояд ёдовар шуд, ки дар хусуси баргардонидани молу мулки Шоҳрух, ин шарт аз ҷониби Халил султон то охири умраш амалӣ нашуд. Дар ин бора муаррих Фасеҳи Хавофӣ бо фармоиши Шоҳрух бо ҳамроҳии амир Абдусамад, писари амир Ҳоҷӣ Сайфиддин ва Бакана Бахш вазифадор мешаванд, ки барои овардани хазинаи хосаи он Шоҳрух ба Самарқанд назди шайх Умар Хозан ҳозир шаванд. Шайх Умар, хазинаро таҳвил намедиҳад ва қасди

ҷони намояндагони Шоҳрух мекунанд. Фасеҳ воқеаи гурехтани худ ва ҳамроҳонашро зимни ҳаводиси соли 808/1406 чунин баён мекунад: «…хазона надода, қасди гирифтани бандагон карда буданд ва дар шаб огаҳӣ ёфтем, аз Самарқанд ҳам дар шаб фирор карда ва он шаб ва рӯзу шаби дигар тохт кардем ва рӯзи дувум …аз Омуя убур карда ба шарафи бисотбӯс ҳазрати олӣ хоқонӣ…мушарраф шуд» [90, С.1020; 200, С.216]. Аммо бояд қайд кард, ки ин ахбори Фасеҳи Хавофӣ дар ягон манбаъ ва сарчашмаи дигари таърихӣ ба назар намерасад. Саволе ба миён меояд, ки чаро Абдураззоқи Самарқандӣ, Мирхонд, Хондамир аз баёни чунин вазъи баамаломада маълумот надодаанд.

Ҳамин тавр, Халил султон ба тахти Темур нишаст, ҳарчанд заминҳои воқеъ дар он тарафи Сирдарё, яъне Туркистон, Саурон, ки қаблан дар ҳайати империя буданд, дар ихтиёри Бердибек боқӣ монданд, аз ҷумла Тошканд, Ашпара, Хуҷанд, Фарғона ва Уротеппа ба Худойдод ва Хоразм пас аз марги Темур декабри соли 1405-январи соли 1406 аз ҷониби амири Урдаи тиллоӣ Эдигей забт карда шуд [4, С.1060; 152, С.80-81].

Бино бар он чӣ дар боло зикр шуд, пас аз фавти Темур барои ба даст овардани ҳокимият байни Халил султон, амир Ҳусайн ва Пирмуҳаммад муборизаҳо сар шуд. Шоҳрух дар мадди аввал ба мунокишаҳои ин се тан дахл накард ва дахолат карда ҳам наметавонист, зеро дар ин вақт пас аз вафоти Темур авзои сиёсии Хуросон низ ноором буд. Чунки исёну ошӯбҳо дар қаламрави Хуросон барои мустақилият ба даст овардан дар минтақаҳои гуногун ба амал омад ва Шоҳрух саргарми пахш кардани онҳо буд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки Темур ҳанӯз дар қайди ҳаёт будани худ аз вазъи ногувори Хуросон ва мардуми он, хусусан, тоҷикон огаҳ буд ва маҳз ба ҳамин хотир ӯ ҳангоми ҷашни тӯйи наберагонаш пеш аз ҳуҷум ба Хитой аз омадани Шоҳрух ба Самарқанд худдорӣ кард.

Муаррихи узбек Б.Ахмедов роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти сиёсии Улуғбек мақолаи калонҳаҷме зери унвони «Улугбек и политическая жизнь Мавераннахра первой половины XV в.» [135, С.5-66] ба тасвиб расондааст. Муаллиф

ҳангоми таҳқиқ ба худ суол медиҳад, ки «Оё Шоҳрух дар соли 807/1405 имкон дошт, то бо Халил-султон мухолифат кунад? Дар назари аввал вай ин корро бомуваффақият иҷро карда метавонист» [135, С.15]. Бо ҳамин монанд якчанд фарзияҳоро пешниҳод менамояд, ки гӯё Шоҳрух имкон дошт ба осонӣ ҳокимияти Мовароуннаҳрро аз дасти Халил султон гирад, дар мақолаи худ нишон додааст.

Чунин нукта мусаллам аст, ки Шоҳрух дар ин солҳо дар мулки худ, яъне Хуросон ташвишҳои зиёде дошт. Дар ин ҷо ноороми ва задухӯрдҳои беисти феодалӣ ҳукмрон буданд. Пас аз марги Темур дарҳол ҳокимони баъзе аз минтақаҳо ба писарони ӯ итоат накардани худро ошкоро баён карданд. Аз ҷумла, бар зидди Шоҳрух ошкоро исёнҳо бардоштанд. Ҳамзамон, муборизаи дохилии хонадони Темуриён Ҳусайн, Искандар, Абубакр, Умар ва дигарон барои ба даст овардани ҳокимият шиддат гирифт. Бартарияти Халил султон аз Шоҳрух дар он буд, ки якумин маблағҳои ҳангуфт, ки Темур солҳои тулонӣ аз минтақаҳои гуногун бо роҳи ғорату куштор ҷамъ оварда буд, «насибаш» гашт. Халил султон ҷанговарони чағатойӣ, хуросонӣ, ироқӣ ва дигар амиронро ҳангоми ҷангҳо аз ин маблағҳо ҳавасманд месохт. Беҳуда нест, ки Халил султон дар як муддати кӯтоҳи ҳукмронии худ тамоми хазинаи Темурро ба боди фано бурд. Дар ҳолати ҷангӣ Халил султон дарҳои хазинаро ба рӯйи амирону лашкариёнаш мекушод.

Ба ҳар ҳол, Шоҳрух аз амалиёти ҳарбӣ бар зидди Халил султон даст кашид ва Мовароуннаҳрро ба ихтиёри ӯ гузошт. Ба қавле ки талошҳои зиёди Шайх Нуриддин ва Шоҳмалик ва атрофиёни он низ барои васияти Темурро ба ҷой овардан, яъне ба сари қудрат овардани Пирмуҳаммад бенатиҷа анҷомид.

Амир Ҳусайн набераи Темур аз урдуи Шоҳрух фирор намуда, ба Кеш назди Халил султон рафт. Халил султон он хазинае, ки ҷиҳати мирзо Пирмуҳаммад муқаррар карда буд, надод. Пирмуҳаммад дар ин вақт дар Балх қарор дошт. Халил султон дар нимаи моҳи зулқаъда соли 807/майи 1405

ҷамъе умароро ба амсоли амир Аллоҳдод, мирзо Арғуншоҳ, Темурхоҷа, Хоҷаюсуф ва дигарон бо теъдоди 30 ҳазор лашкар дар рикоби мирзо султон Ҳусайн ба канори Ҷайҳун фиристод, то аз ҷониби мирзо Пирмуҳаммад, ки дар он вақт аз Кобул ба Балх омада буд, хабардор бошанд. Он гоҳ султон Ҳусайн ба даъвии салтанат бархост, ба баҳонаи машварат умаро ва сардоронро ба хилват ҷамъ намуд ва бист навкари худро аз ҷумла, амир Темурхоҷа ва Хоҷаюсуфро ба қатл расонид. Амирон Аллоҳдод, Арғуншоҳ, Мубашшир ва Саодат аз тарси ҷон ба зону зада, ба зориву тавалло даромаданд. Баъд аз зориву тавалло аз хуни эшон гузашт. Ва Хоника ҳарами мирзо Муҳаммад султонро, ки аз Самарқанд ба ҷониби Балх назди мирзо Пирмуҳаммад равона буд, талаву тороҷ карда байни лашкариён тақсим карда, озими Самарқанд шуд. Ибни Арабшоҳ дар бораи султон Ҳусайн чунин навиштааст: «Марде сабуксар ва густоху бешарм буд» [40, С.210]. Чун хабари ин воқеа ба Халил султон расид, ба лашкариён туҳфаҳои зиёд дода, мутаваҷҷеҳи султон Ҳусайн шуд.

Ҳанӯз ҷанг оғоз нагардида буд, ки амирон Аллоҳдод ва Арғуншоҳ, ки бо султон Ҳусайн буданд, бо лашкариёни худ ба ҷониби Халил султон гузаштанд, лашкари боқимонда ба ҳар тараф пароканда шуданд. Ба ҳамин тариқ, Халил султон 6 июли соли 1405 дар мавзеи Ҷикдалик султон Ҳусайнро шикаст дод. Пас аз чунин ранг гирифтани кор султон Ҳусайн бо гурӯҳи каме аз тарафдоронаш ба ҷониби Андхуд ва Шибурғон назди амир Сулаймоншоҳ, ки он вақт ҳукмрони Шофирғону Андхой буд, фирор намуда, паноҳ ёфт. Амирзода Пирмуҳаммад намояндагони худро назди Сулаймоншоҳ фиристода, аз рафтору кирдори султон Ҳусайн шиква намуда ва гуфт: «Ӯ (султон Ҳусайн) душмани ман аст ва ҳоло пеши ту омада, мебояд, ки ӯро бигирӣ пеши ман фиристӣ» [103, С.85; 4, С.40; 55, С.524; 95, С.557]. Амир Сулаймоншоҳ ба суханони Пирмуҳаммад эътибор надод. Пирмуҳаммад бо 3 ҳазор лашкар бар зидди Сулаймоншоҳ ва Ҳусайн шикаст дод. Онҳо аз ноилоҷӣ рӯ ба ҷониби Ҳирот оварда назди Шоҳрух паноҳ бурданд. Шоҳрух бо аркони давлат доир

ба онҳо машварат карда ба хулосае омаданд, ки амир Сулаймоншоҳро моли вилояти Сарахс суюрғоли ӯ бошад ва маблағи сад ҳазор динор кепакӣ ва чанд сар асп дода, ба ҷониби Хуросон фиристод [90, С.1022; 4, С.40; 55, С.524; 98, С.128]. Ҳадафи аслии Шоҳрух аз ҳам ҷудо сохтани ин ду тан танҳо ба хотири дар алоҳидагӣ аз байн бурдани онҳо буд.

Ба ҳамин хотир аксар аркони давлат ба хулосае омаданд, ки мабодо рӯзе султон Ҳусайн аз нав исён набардорад, ягона роҳи халосӣ аз ӯ аз байн бурдани ӯст. Бо дастури Шоҳрух султон Ҳусайн аз ҷониби Нушервони барлос дар беруни дарвозаи Ироқ дар паси боғи Зебида ӯро ба қатл расонид [103, С.88; 4, С.40; 90, С.1022; 55, С.524; 95, С.557]. Дар бораи кушта шудани султон Ҳусайн дар маъхазҳои хаттӣ маълумоти мухталиф оварда шудааст. Масалан, ховаршиноси машҳури рус академик В.В. Бартолд асли воқеаро аз асари «Аноними Шоҳрухӣ», ҳамзамони воқеаҳои мазкур Муинуддини Натанзӣ «Мунтахабу-т-таворих» овардааст, ки дар дурустии он шубҳае нест. Тибқи навиштаи Муинуддини Натанзӣ пас аз муддате бино ба тақозои Пирмуҳаммад султон Ҳусайн ба зиндон андохта шуд ва бо амри Шоҳрух косаи сарашро бо оташ пур карда ба хидмати Пирмуҳаммад фиристоданд ва ҷасадашро ба дарвозаи шаҳр овехтанд [152, С.82; 4, С.40; 103, С.88].

Тибқи иттилои Ибни Арабшоҳ амир Ҳусайн ба нӯшидани заҳри ҷонкоҳ ё ба марги Худоӣ фавтидааст [40, С.213]. Бояд тазаккур дод, ки муаррих Ҳасанбеки Румлу дар асари худ «Аҳсану-т-таворих» кушта шудани амир Ҳусайнро аз ҷониби Мироншоҳ дар мавзеи Колпуш нишон додааст, ки он ба ҳақиқат наздикӣ надорад [98, С.129].

Хондамир ҳам дар ҳамин маврид чунин қайд менамояд, ки Пирмуҳаммад, Шоҳмалик ва Улуғбек бо ҳам сарҷамъ шуда дар ҳаволии Насаф дар ҳолати ҷангӣ қарор гирифтанд. Бояд тазаккур дод, ки аз такягоҳи асосии Халил султон ҷанговарони чағатойӣ, Форсу Ироқ, Хуросон ва Ҳинду тоторҳое буданд, ки Темур ҳамчун асир бо худ ба Самарқанд оварда буд. Пас аз он ки онҳо тарки Халил султон карда ба ватани аҷдодии худ баргаштанд, то андо-

зае неруи ҳарбии ӯ заиф шуд. Тавре ки Ибни Арабшоҳ қайд мекунад: «Дар шаби душанбеи аввали шаввол (22 марти 1406) лашкариёни Ироқайн бо пайравону хонумон ва фарзандон, ки ҳамроҳ доштанд, аз макони худ берун шуданд. Пас ҳеҷ кас дар баробари эшон наистоду касе низ аз дунболашон барнахост…Наҳри Ҷайҳунро бурида, ба Хуросон расиданд» [40, С.216].

Тобистони соли 807/1405 аввалин шуда Сулаймоншоҳ ҳокими Тӯс бар зидди Шоҳрух исён бардошт. Сулаймоншоҳ писари амир Довуд Дуқлот ва шавҳари Султонбахтбегим духтари Темур буд. Тибқи ахбори Ҳофизи Абрӯ ва Фасеҳи Хавофӣ амир Сулаймоншоҳ вақте аз кушта шудани султон Ҳусайн огаҳ мешавад, қосиде назди Шоҳрух мефиристад ва пайғом дод, ки то он даме ки амир Шоҳмаликро аз худ дур накунад ва Нушервон барлосро ба қатл нарасонад, ман ба назди эшон нахоҳам омад [103, С.89; 90, С.1022; 4, С.41]. Ин пайғоми Сулаймоншоҳ боиси қаҳру ғазаби Шоҳрух гардид. Тавре ки Абдураззоқи Самарқандӣ қайд мекунад, сабаби ин аз ҷониби Шоҳрух қатл кардани султон Ҳусайн буд [4, С.40; 90, С.88]. Шоҳрух шахсан худаш бар зидди Сулаймоншоҳ лашкар кашид. Дар ин набард Улуғбек низ дар паҳлуи падараш қарор дошт. Вақте ки лашкар дар Ҷом қарор гирифт, ӯро ба сари оғруқҳо гузошт [4, С.42]. Шоҳрух аз эҳтимоли иттиҳоди Сулаймоншоҳ бо Мироншоҳ ва Абубакр, ки дар он рӯзҳо дар Мозандарон қарор дошт, ҳаросида аз Сулаймоншоҳ пешниҳоди сулҳ кард. Аммо гуфтушунид натиҷае надод. Сулаймоншоҳ аз ҷанги ошкоро гурехта, ба Калот рафт, вале дар он ҷо паноҳгоҳе пайдо карда натавонист. Сулаймоншоҳ дар зери фишори Сайидхоҷа, ки Шоҳрух ба муқобили ӯ фиристода буд, ба Самарқанд фирор кард ва дар он ҷо ба Халил султон ҳамроҳ шуд [4, С.42; 90, С.1023; 103, С.93; 55, 526]. Сайидхоҷа пули шинокунандаро, ки Сулаймоншоҳ дар дарёи Амударё сохта буд, валангор сохта ба Ҳирот баргашт.

Маҳз дар ҳамин вақт дар Систон амирон шоҳ Алӣ, шоҳ Ғиёсуддин ва писарони шоҳ Ҷалолиддин [4, С.43; 103, С.94] шуриш бардоштанд. Шоҳрух барои пахш кардани ин шуриш амир Ҳасан Ҷондорро бо лашкари бешумор

фиристода шуришиён ва роҳбарони онро аз дами теғ бераҳмона гузарониданд.

Акнун барои Шоҳрух вақти он фаро расид, ки алайҳи Халил султон амал намояд. Ҳамин тариқ, Шоҳрух дар соҳили чапи Амударё ба омодасозии лашкариён шуруъ намуд. Нахуст шуда Улуғбек ва Шоҳмалик бо ҳамроҳии қӯшунҳои пешсаф ба он ҷо раҳсипор гардиданд. Онҳо дар Андхуд таваққуф карданд. Аз паси онҳо худи Шоҳрух бо як қӯшуни бузург ба роҳ баромад ва дар Қизил-Работ дар мавзеи Бодғис қарор гирифт [4, С.44]. Аз рӯйи нақшаи Шоҳрух Улуғбек ва Шоҳмалик мебоист ба соҳили рости дарё гузашта, дар ин ҷо бо Пирмуҳаммад муттаҳид мешуданд. Халил султон дар ин вақт дар соҳили муқобили Амударё қарор дошт. Ба ӯ муяссар шуд, ки аз ҳуҷуми Шоҳрух сари вақт пешгирӣ намояд. Халил султон таъҷилан ба самти пули шинокунандае, ки пеш аз ин одамони Улуғбек сохта буданд, истифода ва посбононро торумор кард ва ба посбонони Улуғбек ва Шоҳрух, ки ҳанӯз дар соҳили чапи дарё қарор доштанд, задухӯрд кард. Дидбонгоҳи посбонон вайрон карда шуд. Улуғбек ва Шоҳмалик ба Халил султон пешниҳоди сулҳ карданд. Байни онҳо аҳдномаи сулҳ баста шуд ва Халил султон ба соҳили рост ва аз он ҷо ба Самарқанд баргашт [4, С.98; 55, С.527].

Абдураззоқи Самарқандӣ ҳам дар бораи шартҳои ин созишнома маълумоте надодааст. Чи тавре ки Муъинуддини Натанзӣ дар асари «Искандари беном» зикр мекунад, ки Халил султон ваъда додааст, то ганҷина ва амволе, ки ӯ дар Бухоро мусодира карда буд, ба Улуғбек баргардонад ва ҳамзамон занҳои Улуғбек ва хешовандони ӯро, ки дар Самарқанд буданд, бармегардонад [152, С.83]. Гузашта аз ин, ба қавли худи ҳамон муаллиф, таклифи сулҳ аз ҷониби Халил султон шудааст [152, С.83]. Ҳар ду ҷониб ба сулҳ эҳтиёҷ доштанд, зеро Улуғбек ва Шоҳрух он вақт бо он қувваҳое, ки дар соҳили Амударё доштанд, барои набард кардан кофӣ набуданд. Шоҳрух бошад бо қисми асосии лашкар дур буд. Пирмуҳаммад он вақт дар Балх қарор дошт. Халил султон низ ба пирӯзии комил умед баста наметавонист,

зеро ӯ низ аз мулки худ хеле дур буд ва дар он вақт аз шимол ба ӯ Худойдод Ҳусайн таҳдид карда, муғулонро ба ҷониби худ ҷалб карда буд [152, С.83].

Пас аз шикасти Улуғбек ва Шоҳмалик амирзода Пирмуҳаммад амир Шоҳмаликро ба Балх даъват карда, бо якдигар мулоқот карданд. Пирмуҳаммад аз Халил султон шикояти зиёд кард, ки мебоист мувофиқи васияти Темур тахту салтанат насиби ӯ мешуд. Мирзо Пирмуҳаммад элчӣ назди Халил султон фиристод ва пайғом дод, ки Темур куҷо васият фармуда, ки тахту мамлакат Халил султонро бошад. Мирзо Халил султон ҷавоб гуфт, ки он қодире, ки тахту мамлакат ба ҳазрати амир дода буд, ба ман низ иноят фармуд [4, 44-45; 103, С.98; 55, С.527]. Чун ин ҷавоб ба амирзода Пирмуҳаммад ва Шоҳмалик расид, лашкарҳо ҷамъ намуда, ба соҳили чапи Амударё гузаштанд. Улуғбек низ ки то ин вақт дар Андхуд маскан дошт, дарёи Амуро убур карда гузашт. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки аввалин шуда аҳдномаи сулҳро Улуғбек ва Шоҳмалик вайрон карданд. Ин се тан: Пирмуҳаммад, Улуғбек ва Шоҳмалик бо лашкариёни худ ба ҷониби Самарқанд бар зидди Халил султон лашкар кашиданд. Шоҳрух бошад дар Бодғис қарор дошт. Халил султон ба иттифоқчиён муқобилат карда онҳоро дар наздикии Қаршӣ шикаст дод [4, С.45; 103, С.100; 40, С.215; 98, 129]. Нахуст Халил султон амирони арлот ва мардуми онҳоро, ки чанде пеш ба Улуғбек ҳамроҳ шуда буданд, гурезонд ва сипас Пирмуҳаммад, Улуғбек ва Шоҳмаликро шикаст дода ба Хуросон фирор карданд [4, С.45; 90, С.1024]. Тибқи иттилои Ибни Арабшоҳ, Фасеҳӣ ва Хондамир ин воқеа дар дуюми моҳи рамазони соли 809/ 21 феврали 1406 ба вуқӯъ пайваст [40, С.124; 95, С.557]. Шоҳрух аз ин шикасти даҳшатнок дар Қизил-Работ огаҳ шуд [4, С.44]. Дар ҳамин вақт Мазид Ҷавони Курбонӣ ва Қаноширин аз Самарқанд паёми муҳимме оварданд, ки гӯё амирон Аллоҳдод ва Арғуншоҳ аз Шоҳрух талаб карданд, ки агар бар зидди Халил султон вориди ҷанг шавад, онҳо низ дарҳол муқобили Халил султон мебароянд. Шоҳрух лашкари худро ба соҳили Амударё равона кард ва Шоҳмаликро бошад ба Балх фиристод, то Пирмуҳаммадро шитобонад [4, С.47; 103, С.106; 55, С.529].

Бо вуҷуди ин, Шоҳрух ин дафъа низ бар зидди Халил султон вориди ҷанг шуда натавонист, зеро яке аз амирони ӯ Саидхоҷа майли ҳукумат ва истиқлол дар димоғ пайдо карда, ҷамъе аз амирзодагон мисли писарони амир Сайфуддин: Абдулсамад, Тоҳир, Фозил ва писарони амир Учқаро: Шамсуддин, Шер Алӣ, Абумуслим, Муҳаммадбек, Темурмалик, Дулдой ва Муҳаммад Фазлуллоҳ дар атрофи худ ҷамъ намуда ба муқобили Шоҳрух баромаданд. Амир Саидхоҷа намози шом ғурраи зулҳиҷҷа (20 майи 1406) ба иттифоқи ин ҷамоат мутаваҷҷеҳи Ҷом гашт [90, С.107; 55, С.529; 95, С.559].

Аммо бояд қайд кард, ки дар як вақт дар Ғӯр низ ошӯбҳо бар зидди Шоҳрух сар зад [4, С.49; 103, С.109]. Исёни Сайидхоҷа барои Шоҳрух бисёр хафнок буд. Фасеҳи Хавофӣ, Ҳофизи Абрӯ, Мирхонд ва Хондамир ба Абдураззоқи Самарқандӣ ҳамназаранд ва қайд менамоянд, ки ин амири тавоно мехостааст, ки шоҳзода Искандарро, ки он вақт дар Исфаҳон ҳукмрон буд, ба тахти Ҳирот нишонад, ки ин номае, ки ҳокими Ҷом Юсуф Халил аз Сайидхоҷа ба Искандар ба дасти худ гирифта буд, аз он шаҳодат медиҳад. Сайидхоҷа ошкоро навиштааст, ки барои ба тахти Хуросон шинонидани Искандар тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳад [4, С.49; 90, 1025; 95, С.559].

23-уми зулҳиҷҷаи 808/11 июни 1406 Шоҳрух муқобили Сайидхоҷа баромад карда ҷониби Тӯс раҳсипор шуд. Аз қайдҳои «Равзату-с-сафо» чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки ин ҳодиса рӯзи 26 моҳи муҳаррами соли 1406/16 марти соли 1407 рух додааст. Аммо, бояд қайд кард, ки муаллифи «Зафарнома» бар он назар аст, ки ин ҳодиса субҳи рӯзи чоршанбеи 27 моҳи муҳаррами соли 1406/ 17 марти соли 1406 рӯй додааст. Ӯ таъкид мекунад, ки мубориза дар тамоми моҳи муҳаррам ва сафари 808/18 июн то 3 июли 1406 идома ёфт [4, С.49-51; 90, С.1025; 103, С.110]. Сайидхоҷа аз ҷанги ошкоро худдорӣ карда, ҷониби Калот рафт ва дар қалъаи он ҷо пинҳоӣ ихтиёр намуд ва дар ин ҷо бо ӯ Хоҷа Алӣ Насруллоҳ Туршизӣ ҳамроҳ шуд. Онҳоро лашкари наздик омадаистодаи Шоҳрух пеш карданд, вале шикаст дода натавонистанд.

Баъдан, онҳо бо амир Пирподшоҳ, ки дар Мозандарон шуриш бардошта буд, муттаҳид шуданд [4, С.52].

Бино бар он чи дар боло зикр шуд, Шоҳрух танҳо пас аз як сол, яъне дар рӯзи душанбеи 10 сафари 809/28 июли 1407 ба муқобили Пирподшоҳ ва ба сӯйи Хабушон раҳсипор шуд [90, С.1032]. Аз он ҷо Менгли Темур Найманро бо пешниҳоди сулҳ ба Астраобод назди Пирподшоҳ фиристод, зеро дар Форс миёни Абубакр писари Мироншоҳ ва мирзо Рустам писари Умаршайх ҷанг оғоз гардид [4, С.56]. Аммо Пирподшоҳ пешниҳоди сулҳро рад кард ва Астраободро ба қароргоҳи ҳарбии худ табдил дода, ба ҷанги зидди Шоҳрух омода шуд [4, 57; 103, С.130-131].

Ҷанги ҳалкунанда дар мавзеи Сиёҳ Билод дар наздикии шаҳри Астраобод ба вуқуъ омад. Ниҳоят, ғолибият насиби Шоҳрух гашт. Пирподшоҳ ба ҷониби Хоразм Сайидхоҷа ва Абдусамад ба Шероз гурехтанд ва хоҳарзодаи Сайидхоҷа Шамсуддин ва Сайид Ҳисомуддин ба Шоҳрух таслим шуданд [103, С.136; 4, С.58; 88, С.10; 55, С.535]. Ба қавли Ҳофизи Абрӯ ин ҳодиса рӯзи якшанбеи бисту шашуми рабеулохир 809/1407 рух додааст. Сипас, Шоҳрух Улуғбекро ҳокими Хуросон ва Гургон, Астраобод вилояти Домғон ба мирзо Умар писари Мироншоҳро, ки дар ибтидои соли 809/1407 аз Форс бар асари бетартибиҳо ва ошӯбҳо гурехта буд, таъйин кард [4, С.59; 103, С.138; 55, С.536]. Бояд ёдовар шуд, ки соли 1407 бар муқобили Шоҳрух як қатор исёну ошубҳо сар заданд, ки онҳо аз ҷониби ӯ ба таври бераҳмона пахш карда шуданд.

Дар таърихи 4 моҳи рамазони 809/3 феврали соли 1407) дар Балх вазири Пирмуҳаммад Пиралии тоз, Пирмуҳаммад ва тамоми зану наздиконашро кушта, ҳокимиятро ба дасти худ гирифтанд [4, С.62; 103, С.146; 55, С.537]. Бояд гуфт, ки Пиралии тоз дар гузашта аз одамони наздики Халил султон буд. Пиралии тоз аз Халил султон ҷудо шуда ва рӯ ба Балх овард ва ба дарбори Пирмуҳаммад ба ҳайси вазир ба кор шуруъ кард. Ба қавли Абдураззоқи Самарқандӣ худи Пирмуҳаммад Пиралии тозро аз ҳеҷ чиз ба мартабаи амирӣ

бардоштааст. Ба гуфтаи Ҳофизи Абрӯ бошад, Пиралии тоз дарҳол пас аз марги Темур Халил султонро тарк карда, ба Балх меояд. Шояд нақшаи пешакии ин ду тан дар оянда маҳз аз байн бурдани Пирмуҳаммад буд. Манбаъҳои таърихӣ собит месозанд, ки Халил султон ба Пиралии тоз пас аз байн бурдани Пирмуҳаммад ваъдаи додани мулки Мозандаронро дошт.

Сарчашмаҳо дар бораи сабабҳою дасисаҳои Пиралии тоз ва ҳаммаслакони ӯ чизе намегӯянд. Аммо кирдорҳои минбаъдаи Пиралии тоз гувоҳӣ медиҳад, ки ин фитна бо иштироки бевоситаи Халил султон, ки он вақт дар наздикии Тирмиз бо сипоҳиёни бешумор қарор дошт, сурат гирифтааст.

Дар иддае аз таҳқиқот, аз ҷумла таҳқиқоти олими узбек Б.Ахмедов санаи рӯзи табаддулот 4-уми рамазон нишон додааст, ки ба назари инҷониб саҳеҳ нест. Ҳофизи Абрӯ бошад 14-уми рамазон ба қайд гирифтааст, ки ин то андозае ба ҳақиқат наздикӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки Шоҳрух аз ин ҳодиса огаҳ шуда, як идда амирон ва лашкариёни худро ба Балх мефиристад. Вобаста ба ин қазия Абдураззоқи Самарқандӣ, Ҳофизи Абрӯ, Мирхонд зикр мекунанд, ки Шоҳрух 19 муҳаррам 810/27 июни 1407 аз Бодғис ба Балх омад ва дар оғози моҳи сафар 810/июли 1407 ба Андхуд расид. Пиралии тоз аз Балх ба Хатлон фирор кард ва Шоҳрух шаҳрро ишғол кард. Аммо Пиралии тоз маҷбур шуд, аз он ҷо низ фирор кунад, зеро ҳокимони Хатлон султон Маҳмуд ва Солисарой Хоҷа Алӣ писари амир Улҷойту бо Шоҳрух иттифоқ баста, бо ӯ алайҳи Пиралии тоз изҳори итоат карданд. Ин дафъа Пиралии тоз ба Бадахшон фирор кард.

Таҳлилу муқоисаи сарчашмаҳои боэътимод нишон медиҳанд, он рӯзҳое ки Шоҳрух дар Балх қарор дошт, миёни ӯ ва Халил султон музокироти сулҳ баргузор гардид. Ба онҳо аз номи Шоҳрух амир Ҷаҳонмалик ва Фармоншайх ва аз ҷониби Халил султон-Аллоҳдод ва амир Мансур роҳбарӣ мекарданд [103, С.190; 4, С.74-75]. Миёни ин ду тан сулҳ баста шуд. Шоҳрух қалъаи Ҳиндувонро, ки дар замони қатли амир Ҳусайн 39 сол пеш аз ҷониби Темур

вайрону валангор карда шуда буд, таъмир карда вилояти Қандаҳор, Кобул ва Ғазнин, то канори оби Синд ва Афғонистон, ки дар замони Темур ба мирзо Пирмуҳаммад дода буд, Шоҳрух ба фарзанди ӯ мирзо Қайду иноят фармуд. Амирон Шамсуддин Учқа ва Тукал барлосро, ки навкарони Шоҳрух буданд, ба мирзо Қайду вогузор кард. Амир Ҷаҳонмулкро дастур дод, ки якчанд вақт дар Балх тавақкуф кунад, ки мамлакат бар мирзо Қайду қарор гирад. Шоҳрух бошад ба Шибурғон рафт. Бояд гуфт, ки Шоҳрух дар ин ҷо дер боз наистод, хиттаи Андхудро суюрғоли Сайид Аҳмад бини Умаршайх сохта дар ибтидои рабеъулохир 809/19 сентябри 1407 ба Ҳирот баргашт [4, С.75; 103, С.192; 90, С.1036; 55, С.542].

Дар ҳамин вақт аз ҷониби Ғӯр ба Шоҳрух хабар расид, ки Муҳаммад Сипаҳбади Ғӯрӣ исён бардошта, ҷамъе аз ғӯриёну сиҷистониён бо ӯ ҳамроҳ шуданд [103, С.159; 90, С.1029; 4, С.66; 55, С.537-538; 270, С.487]. Муҳаммад Сипаҳди Ғӯрӣ аз ҷониби Ҳиндустон озими вилояти Ғӯр шуд. Хонадони онҳо, ки тайи солҳои 643/1245-783/1381 дар Хуросон истиқлол доштанд, аз ҷониби Темур тариқи ваҳшиёна кушта шуда буданд. Чун фурсати муносиб пеш омад хостанд бо шикасти Шоҳрух аз нав ҳокимияти аҷдодии худро дар ин минтақаи тоҷикнишин барқарор намоянд. Аз ҷониби шуришчиён якчанд тан андозҷамъкунандагон ба қатл расонида мешаванд. Шоҳрух барои пахш кардани «ошубгарон» амир Ҳасан Ҷондор ва амир Ҷаҳонмаликро бо лашкариёни зиёд ба Ғӯр фиристод. Азбаски шуриш он ҷо пурзӯр буд, лашкариёни фиристодашуда аз уҳдаи пахш кардани ин издиҳом баромада натавонистанд. Шоҳрух бошад маҷбур мешавад, ки дар аввали шавволи 809/1407 бар зидди онҳо амирон Ҷаҳонмалик, Сайидаҳмади Тарҳон ва Фармоншайхро бо нуҳ қӯшуни иловагӣ ҷиҳати ёрӣ додан фиристад.

Як идда муаррихони аҳди Темуриён монанди Ҳофизи Абрӯ, Мирхонд, Абдураззоқи Самарқандӣ нисбат ба ғӯриён назари худро ироа карда, қайд екунанд, ки онҳо (Ғӯриён-М.А) фасодкорони разил буданд. Ба андешаи инҷониб, тавсифоти онҳо дар бораи ғӯриён қобили қабул нест, зеро зулму

истибдоди хироҷгундорони Шоҳрух худ аз он шаҳодат медиҳад, ки мардум аз фишори сахти ситонидани боҷу хироҷҳои миёншикан ба дод омада, аз ноилоҷӣ ҷони худро дар хатар гузошта даст ба чунин иқдом задаанд.

Чунон ки Н. Амиршоҳӣ қайд мекунад, «ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон чунин ҷунбиши бузурги мардумиро, ки воқеан ду мамлакат (Систону Ғӯр)-ро дар бар мегирифт, тӯдаи авбошу роҳзан муаррифӣ кард» [270, С.486]. Маҳз ҳамин андеша қобили таваҷҷуҳ аст, ки аз ҷониби Шоҳрух бар зидди шуришгарон фиристодани «нӯҳ кушун» худ аз он шаҳодат медиҳад, ки теъдоди шуришгарон зиёд буда ва онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон ба як тӯдаи роҳзанон раво донист.

Ҳарчанд шуриши ғуриён мубталои шикаст шуд, аммо ошубҳо дар Систон ҳанӯз идома доштанд. Ҳатто дар баъзе минтақаҳои гирду атрофи Ҳирот мардум ба зудӣ аз ошубҳо даст намекашиданд. Пайдост, ки Мирхонд ҳангоми баррасии ҳодисоти соли 1408 навиштааст, ки Шоҳрух пас аз як соли ҳодисаи Ғӯр маҷбур шуд, ки шахсан бо сипоҳи бешумор ба сӯйи «ошубгарон»-и Исфизору Фарох сафарбар шавад. Лашкари Шоҳрух рӯзи ашара ҷумодиулаввал/1 октябри 1408 сӯйи Систон равона шуд. Ҷанги шадиде ба вуқуъ пайваст ва Шоҳрух маҷбур шуд шаҳрро дар муҳосираи тулонӣ қарор бидиҳад. Дар яке аз қалъаҳои Систон бо номи Ҳисори Овақ муҳосира дуру дароз давом ёфт, аҳволи мардуми қалъа вазнин шуд ва танҳо бо оби чоҳ рӯзгор мегузарониданд ва лашкариён нақб зада, оби чоҳро қатъ карданд. Мардуми қалъа маҷбур шуданд, ки даст аз муҳосира кашанд. Шоҳрух дар ғазаб шуда амр кард, ки қалъаҳоро вайрону валангор созанд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ оид ба ҳуҷуми Шоҳрух ба Систон ва вайрону валангор сохтани он бо ҳам шабоҳат доранд. Вале дар рисолаҳои Ҳофизӣ Абрӯ ва Мирхонд таваҷҷуҳи муаллифон нисбат ба аъмоли зишти Шоҳрух бештар эҳсос мегардад.

Аммо, бояд қайд кард, ки дар осори Ҳофизи Абрӯ ва Мирхонд тавақҷуҳи муаллифон нисбат ба аъмоли зишти Шоҳрух равона шудааст. Чунончи Мирхонд зикр мекунад: «Оташи хашми ҷаҳонсӯз забона ба фалаки асир кашида, Шаҳнаи қаҳр (яъне Шоҳрух) фармон дод, ки саддҳои Систон, ки аз аҳди Рустами Дастон баста буданд, бишикастанд ва ҳамаро вайрон сохтанд ва даст ба наҳбу ғорати он вилоят баровcovарданд. Ва дар он мавзеъ аз мазореъ (киштзор) асар нагузоштанд ва бо вуҷуди он, ки дар он мамлакат ғалла бисёр мебошад, дар андак замоне дуди қаҳт аз дудмони мардум баромад ва харобии беҳад дар он ҳудуд зуҳур ёфт» [55, С.584-585; 270, С.487].

Аз ҷониби Шоҳрух хароб кардани қалъаҳо, сарбандҳои обӣ дар Систон боиси беобӣ ва сар задани гуруснагӣ гардид. Ба гуфтаи Ҳофизи Абрӯ қалам рави Систон, ки боғзор буд, ба шаҳри хароба табдил ёфт. Дар ин шаҳр ягон қасру хонаи обод намондааст ва дар натиҷаи ҷанг шаҳри Систон ба дараҷае харобу валангор шуда буд, ки тасаввур кардан душвор буд. Фасеҳи Хавофӣ дар боби ин амали ваҳшиёнаи Шоҳрух чунин менависад: «Баъзе аз он то ин ғоят ҳанӯз иморат наёфта» [90, С.1040; 98, С.161]. Мутаассифона, то имрӯз ҳама асари шум ва ногувори он ваҳшигарии Шоҳрух боқӣ аст.

Муҳаққиқ Н. Амиршоҳӣ дар таҳқиқоти худ аъмоли зишти Шоҳрухро дар Систон чунин тасвир мекунад: «Иттифоқан агар нафаре аз онон «фарҳангӣ»-ю «одил» ҳам буда бошад, вале дар лаҳзаҳоти «даркорӣ» метавонист аз худ ваҳшонияте зоҳир кунад, ки ба солҳову асрҳо дигар ислоҳ напазирад. Ва пурра вайрон шудани сарзамини қобили кишту зироате чун Сиистони афсонавӣ танҳо тавассути ана ҳамин гуна ақвоми ваҳшӣ сурат гирифта метавонист, ки Шоҳрухи «илмпарвар»-и онон бад-он нуктаи таммат гузошт» [270, С.487].

Ба ин тариқ, исёни мирзо Умар ба Шоҳрух мусибати зиёде ба бор овард. Мирзо Умар нахуст ба Рай сипоҳ фиристод ва баъд бар зидди Абубакр ҷанг оғоз кард ва ду ҳазор хонаводаи муғулро иҷборан аз Рай ба Мозандарон кӯчонд, сипас бо амирони аз Шоҳмалик норизо муттаҳид шуда, ба сӯйи

Хуросон ҳаракат кард [90, С.1029]. Абдураззоқи Самарқандӣ бар он назар аст, ки ин амирон мирзо Умаро барои забт кардани Хуросон ташвиқу тарғиб карданд. Шоҳмалик ҳамроҳи Улуғбек он замон дар Тӯс қарор доштанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо гӯё Шоҳрух аз шӯриши мирзо Умар 13 шавволи 809/24 марти 1407 огаҳӣ доштааст. Сипас, Шоҳрух 18 шавволи 809/29 марти 1407 аз Ҳирот ба Бодғис равон шуд. Ба амир Мизроб дастур дод, ки гузаргоҳҳои Амударёро посбонӣ кунад ва аз дасисаҳои Халил султон ва Пиралии тоз эҳтиёт бошад ва худ ҷониби Ҷом раҳсипор гардид. Бино ба гуфтаҳои боло задухӯрди Шоҳрух ва мирзо Умар дар рӯзи душанбеи тисеъи зулҳиҷҷа 809/1407 дар мавзеи Бардавияи Ҷом ба вуқуъ пайвастааст ва дар натиҷа бо шикасти дуввумин анҷом ёфт [103, С.158; 90, С.1030; 55, С.539]. Улуғбек низ дар ин муҳориба дар паҳлуи Шоҳрух қарор дошт. Мирзо Умар пас аз шикаст хӯрдан рӯ ба фирор меоварад, вале дар наздикии Мурғоб сахт захмӣ шуда, асири дасти амир Мизробмешавад ва 25 зулқаддаи 809/6 майи 1407 дар роҳ ҷониби Ҳирот вафот кард [103, С.162; 90, С.1030; 55, С.540; 135, С.21]. Улуғбек илова бар Хуросон Мозандаронро низ ҳамчун мерос гирифт.

Маълум аст, ки солҳои 807-811/1405-1409 Озарбойҷон аз империяи Темур дур мешавад. Ҳанӯз дар рабеъуллавал 1 808/августи 1406 Қароюсуф 790/1388-823/1420 аз сулолаи туркманҳои қароқюнлу аз Абубакр ва Мироншоҳ бархе аз Озарбойҷон ва шаҳри Табрез дар охири зулқайдаи 810/марти 1408-Султония ва боқимондаи Озарбойҷон инчунин Ироқро гирифт.

Шоҳрух аз воқеаҳои Озарбойҷон ба хубӣ огоҳ буд, вале пеши роҳи онҳоро гирифта наметавонист, зеро ҳанӯз Пиралии тозро аз сари роҳи худ дур накарда буд. Инчунин, дар вилояти Ғӯр исёнҳо бар зидди Шоҳрух ҳанӯз ҳам идома доштанд ва ниҳоят дар зимистони соли 810/1407-1408 нооромиҳо дар пойтахт дар робита ба қаҳтии даҳшатбор ба вуқуъ пайваст. Илова бар ин, Халил султон боиси нигаронии муайяне гардид, ки вай барои таҳкими сохторҳои мудофиавии соҳили Амударё корҳои зиёд анҷом дод.

Чун Шоҳрух аз юриши Балх ба Ҳирот расид, навкари мирзо Улуғбек арз дошт, ки Пирподшоҳ бо ҳамроҳии Ҷони Қурбонӣ ва Тукал мардуми зиёдеро ҷамъ карда, ба Мозандарон омада, қалъаи Астарободро муҳосира дорад.

Шоҳрух ҳаждаҳуми ҷумодиулохир 809/20 октябри 1407 ба муқобили Пирподшоҳ бо сипоҳи зиёд равона гардид. Пирподшоҳ вориди ҷанг нашуд ва ба сӯйи Хоразм фирор кард. Шоҳрух боз аз нав бо фармони махсус Мозандаронро ба писари худ Улуғбек вобаста кард.

Чи тавре, ки болотар ишора кардем, зимистони соли 810/1407-1408 Ҳирот ва умуман Хуросонро гуруснагии даҳшатборе фаро гирифт ва ин сабаб гардид, ки сиёсати молиявии соҳибдевони молия Хоҷа Ғиёсуддин Солор нархи маводи ғизоӣ боло рафтан гирад. Дар байни мардум ва лашкариён норозигӣ ва эътирозҳо нисбат ба сиёсати Шоҳрух боло гирифтанд, ки дар натиҷа баъзе аз амирони баландпоя, монанди амир Ҷаҳонмалик, Ҳасан Ҷондор, писараш Юсуф Халил, Саодат бини Темуртош, Баҳлул бини Боёнтемур, султон Боязид, Усмон ва Намадак дар салхи зулқайда 809/27 апрели 1408 бо якдигар аҳд карда, ба муқобили Шоҳрух исён бардоштанд [4, С.78; 103, С.210; 55, С.545].

Шоҳрух аз ин исён огаҳ шуда, роҳбарони онҳоро дастгир кард ва ба қатл расонид. Ҳасани Ҷондор ва Юсуф Халил раҳо ёфта, ба Исфаҳон назди шоҳзода Искандар фирор карданд [4, С.79; 103, С.214]. Ба ин тариқ, дар худи ҳамин моҳ Пиралии тоз бо дастгирии шоҳони бадахшон барои тасхири Балх равона шуданд. Мирзо Қайду аз Балх қосид назди Шоҳрух фиристод ва сурати ҳол боз намуд. Шоҳрух Ёдгоршоҳ арлот, Хизрхоҷа, Усмон тавочӣ ва ҷамъе дигаронро бо лашкари гарон ба ҷониби Балх равон кард. Дар ҳаволии Балх ба Пиралии тоз вориди ҷанг шуданд ва дар ҳамлаи аввал бадахшониён тарки ҷанг карда ба вилояти худ гурехтанд. Сардорони ҳазораи Пиралии тоз бо ҳам машварат намуда, сари ӯро аз тан ҷудо ва пури коҳ карда, ба Ҳирот назди Шоҳрух фиристоданд [4, С.80; 90, С.1036; 103, С.216; 55, С.546]. Бояд

гуфт, ки Шоҳрух бо кушта шудани Пиралии тоз аз яке аз рақибони сарсахти худ дар минтақа раҳо ёфт.

Тирамоҳи соли 811/1408 бошад Шоҳрух маҷбур шуд, ки боз аз нав бар зидди Абубакр ва Шоҳ Қутбуддин, ҳокими Систон, ки бо ӯ муттаҳид шуда буд, вориди ҷанг шавад. Абубакр, ки дар баҳори соли 810/1408 дар Озарбойҷон аз Қара Юсуфи туркман шикаст хӯрд, бо роҳи Язд ба Кирмон гурехта, аз он ҷо озими Систон шуд ва Шоҳ Қутбуддин бо ӯ ҳамроҳ шуда, даъвии истиқлолиятхоҳӣ карданд.

Ҳанӯз дар соли 1406 Халил султон барои пешгирӣ аз ҳуҷуми Пирмуҳаммад ба Қаршӣ омада, аз он ҷо лашкареро бо сардории амир Бурундуқ ба ҷониби Ҳисор фиристода буд. Вале ин ҳуҷум ба мақсади худ нарасид. Рӯзи иди рамазон (1 шаввол 808-22 марти 1406) дар маҳалле бо номи Ҷикдалик дастаҳои ироқие, ки дар лашкари Халил султон буданд исён бардошта, аз ӯ ҷудо шуда аз Самарқанд озими Хоразм карданд [4, С.166]. Халил султон ночор ба Самарқанд баргашт. Инчунин Халил ба назди амир Бурундуқ, ки ба самти Ҳисори Шодмон мерафт, кас фиристода, ӯро низ баргардонид.

Баъди бозгашт ба Самарқанд хабар омад, ки амир Пирмуҳаммад бо ташвиқи амири худ Пиралии тоз ба Мовароуннаҳр ҳамла карда, Ҳисорро ба зери тасарруфи худ даровардааст. Лозим ба таъкид аст, ки Пиралии тоз дар аввал вазири Халил султон буд ва аз ӯ ҷудо шуда ба Балх рафт. Ба амирзода Пирмуҳаммад шурид ва даъвии истиқлол кард. Халил султон аз тарси он, ки мабодо Худойдоди Ҳусайнӣ ва шайх Нуриддин ба Самарқанд ҳуҷум накунанд, иддае аз лашкариёни худро дар Самарқанд гузошта, худ бо як қисми лашкараш соли 1406 ба самти Ҳисор равона гардид.

Халил султон дар давраи зимомдории худ то ба дасти Худойдоди Ҳусайнӣ асир афтоданаш дар соли 811/1409 назар ба навиштаи Тоҷиддини Салмонӣ, «шаш ё ҳафт маротиба ба Ҳисори Шодмон рафта, боре ҳам аз он ҷо шодмон барнагашта буд» [189, С.298]. Бояд зикр сохт, ки ҳуҷумҳои пай дар пайи Халил султон тӯли солҳои ҳукмронииаш ба Ҳисор дар дигар сарчаш-

маҳои аҳди темуриён мавҷуд нест. Муаллиф аз кадом манбаъ истифода бурдааст, барои мо маълум нест.

Гарчанде ки тарафдорони ба сари тахт нишастани Пирмуҳаммад зиёд буданд, аммо ӯ аз идора кардани давлат баромада натавонист. Ӯ то марти соли 1409 дар Самарқанд ҳукмронӣ кард. Бояд гуфт, ки ҳокимияти ӯро ҳеҷ кас эътироф намекард. 30 марти соли 1409 дар шимоли Самарқанд ӯ аз ҷониби амир Худойдод асир гардид.

Халил султон бошад аз ҳокимияти Мовароуннаҳр ба фоидаи Шоҳрух (1397-1447), фарзанди чаҳоруми Темур даст кашид ва ба ҷойи он Райро гирифт.

Аз қайдҳои муҳаққиқи давраи мавриди назар Ибни Арабшоҳ маълум мегардад, ки мавсуф дар асараш «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур» ҳодисоту рӯйдодҳои замони Халил султонро аз ҳама бештар мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дар муқоиса бо дигар муаррихони аҳди Темурӣ маълумотҳои якандоза нисбатан пурра гуфтан мувофиқи матлаб аст.

Бо назардошти ин, баъзе сарчашмаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки Халил султон ошиқи зане бо номи Шодмулк буд ва дар ишқи ӯ достонҳо аз худ боқӣ гузоштааст. Ганҷинаҳои хунолуди Темур дар Самарқанд сарфи айшу ишрати Шодмулк гардиданд.

Баъдан, мувофиқи маълумоти маъхазҳо Шодмулк ҳамсари амир Сайфуддин яке аз сарлашкарони наздики Темур будааст. Аз маълумотҳои Ибни Арабшоҳ бар меояд, ки: «Халил султон Шодмулк-завҷаи амир Сайфуддинро ба занӣ гирифт ва ҳавои васли ӯ чунон вайро даррабуд, ки ба якбораш ба доми хеш даркашид…» [40, С.224; 3, С.1067].

Ва Ибни Арабшоҳ низ як омилҳои асосии ноустувор ва бебақо будани давлати Халил султонро дар идора шудани мамлакат аз ҷониби ҳамсари ӯ Шодмулк ба қалам медиҳад. Ӯ дар фасли «Оташе, ки ба ҷони Халил султон даргирифт» чунин қайд мекунад: «Амре аз ҷониби ӯ ҷуз ба андешаи Шод-

мулк судур намеёфт…Халил султон зимоми кор ба дасти ӯ супурда…ва ин аз бисёре нодонӣ ва сабуксарӣ буд. Чӣ гуна растагор тавонад зист он кас, ки инон ба дасти занон супорад?» [40, С.225].

Дар «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд омадааст, ки Темур пеш аз лашкаркашиаш ба Хитой аз Халил султон талаб кард, ки аз баҳри ҳамсари худ Шодмулк барояд. Аммо Халил султон ҳеҷ аз Шодмулк дил канда наметавонист. Темур ҳатто дастури қатли Шодмулкро медиҳад ва танҳо бо дахолати ҳамсараш Сароймулкхонум ин зан аз марг раҳо меёбад.

Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки Темур нисбат ба набераааш Халил султон муҳаббати бештар доштааст. Халил султон сарфи назар аз ҷавониаш ҳанӯз дар синни понздаҳсолагиаш дар ҷанги Ҳиндустон иштирок дошт ва ҷасорате низ аз худ нишон додааст. Ва бо хоҳиши Темур як дебочаи асари «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсуддин Алӣ ба Халил султон бахшида мешавад.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо Темур чӣ аз фарзандон ва чӣ аз наберагонаш ҳамонеро бештар дӯст медоштааст, ки ба амсоли худаш бераҳму қотил бошад. Ва дар набардҳои Ҳиндустон маҳз чунин чеҳраро дар симои набераааш Халил султон аз писари золимаш Амироншоҳ дарёфт кард.

Ҳамчунин аз корнамоии Халил султон дар ҷангҳои Ҳиндустон Низомуддини Шомӣ дар асари худ «Зафарнома» чунин тасвир кардааст: «Дар он ҳангом, ки оташи корзор забона зад, амирзода Халил султон баҳодур дар синни понздаҳсолагӣ, пеш аз ҳама шамшер расонид ва пиле гирифта, дар бандагии ҳазрат (манзур Темур) ҳозир гардонид» [71, С.191].

Руи Гонсалес де Клавихо фиристодаи Ҳонри сеюм подшоҳи Костил дар сафарномааш баъди марги Темур ба сари қудрат омадани Халил султонро дар Самарқанд батафсил инъикос намуда, аз ҷумла, чунин қайд мекунад: «Ин Халил султон муқарраби бобои худро кушта, худи ҳамон замон ба қалъа рафт, хазинаро соҳиб шуда, шаҳрро ишғол кард ва ҷасади бобояшро гӯронд» [75, С.194]. Дар ҷойи дигар ҳамин муаллиф оид ба синну соли Халил султон

чунин мегӯяд: «Халил султон, ки ҳамагӣ бисту ду сол дорад, сафедпӯст, бузургҷусса буда, ба падараш монанд аст» [75, С.194].

Ба ҳамин тариқ, Халил султон аз рақибони худ осудахотир гашта, соҳиби тамоми хазинаву захираи Темур, ки дар тули сиву шаш сол аз минтақаҳои мухталиф ҷамъ карда буд, гардид. Чи тавре ки Шарафуддин Алии Яздӣ қайд мекунад: «Чӣ аз асбоби шавкату комгорӣ ва муқаддамоти мулкситонӣ ва ҷаҳондорӣ, он чӣ амирзода Халил султонро ба ҳасби иттифоқ аз ибтидои офариниш даст дода буд, камтар касеро боз аҷибор касеро муяссар шуда бошад» [110, С.512].

Халил султон дар замони Темур ба таври пинҳонӣ Шодмулкро ба никоҳи худ даровардa буд. Ҳамчунин ӯ Ҷаҳонсултон духтари амирзода Алиро дар ақди никоҳ дошт. Ва амирзода Алӣ хоҳарзодаи Темур буд. Ба Темур аз ин боб шикоят карданд. Темур чандин маротиб фармони қатли Шодмулкро содир кард [95, С.552; 110, С.454]. Аммо ба чораҷӯйиҳои Халил султон ва мусоидати Сароймулкхонум Шодмулк аз марг раҳо ёфт. Пас аз вафоти Темур Халил султон ба сари қудрат нишаст ва Халил султон Шодмулкро бонуи занони дарбор сохт. Тибқи иттилои Шарафуддин Алии Яздӣ «Муддати сиву шаш сол молу хироҷи рубъи маскун ба андак замоне ба ҳеҷ баромад ва ба арзи чаҳор сол аз маҷмуйи он хазоину амвол ва шавкату ҷалол асаре боқӣ намонд» [110, С.513; 95, С.551].

Чуноне ки дар боло зикр ёфт, Темур пеш аз фавти худ (18 феврали 1405) дар Утрор васият кард, ки ҷонишини ӯ ва соҳиби тоҷу тахти Самарқанд набераи ӯ Пирмуҳаммад бини Ҷаҳонгир бошад. Ба ақидаи Клавихо [75, С.156], азбаски Темур писараш Ҷаҳонгирро бисёр нағз медид, аз ин рӯ, набераш Пирмуҳаммад, писари Ҷаҳонгирро низ бисёр дӯст медошт. Ҳофизи Абрӯ низ дар асари худ қайд мекунад, ки Пирмуҳаммад дар ин вақт «…волии мамолики Балх, Тахористон, Хатлон, Қандаҳор, Кобул ва Ғазнин то сарҳади соҳили Синд ва ақсои мамолики Ҳинд буд» [103, С.54].

Шоҳрух бошад писари дигари Темур дар Хуросон зимоми ҳокимият дар дасташ боқӣ монд. Пирмуҳаммад ҳокими Ҳинду Кобул гардид. Ӯ пас аз

даст рафтани ҳокимияти Мовароуннаҳр якчанд маротиба кӯшиши ба даст овардани Самарқандро намуда, бо ташвиқи яке аз амирони худ Пиралии тоз ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, соли 1406 Ҳисорро ба зери тасарруфи худ даровард. Баъд аз чанд рӯзи муҳосираи Ҳисор Халил султон маҷбур гардид, ки бо Пирмуҳаммад сулҳ бандад. Байни онҳо аҳд баста шуд, ки ноҳияҳои Ҳисор ва Навандак ба тобеияти Пирмуҳаммад дохил шавад. Халил султон баъди аз даст рафтани як қисми қаламраваш барои аз байн бурдани Пирмуҳаммад бо Пиралии тоз амири ӯ бо ҳиллаю найранг забон як кард, ки дар ҳолати аз байн бурдани Пирмуҳаммад вилояти Мозандаронро ба ӯ хоҳад дод. Дар Балх 22-юми феврали 1407 бо роҳбарии вазири Пирмуҳаммад Пиралии тоз табаддулот ба миён омад. Дар натиҷаи ин табаддулот Пирмуҳаммад ва занону наздиконаш ба қатл расиданд.

Халил султон бошад пас аз ба даст овардани ҳокимият ба айшу ишрат дода шуда, дар идора кардани давлат фориғболӣ зоҳир сохт.

Пас аз чор соли ҳукмронии Халил султон Худойдоди Ҳусайнӣ ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, Самарқандро ба тассаруфи худ даровард. 30 марти соли 1409 Халил султон аз ҷониби Худойдоди Ҳусайнӣ асир гирифта шуд [4, С.95; 103, С.279; 98, С.162]. Сипас, амир Худойдод аз Шоҳрух хоҳиш кард, ки Мовароуннаҳрро ба Муҳаммад Ҷаҳонгир супорад.

Бо дарназардошти ин гуна сурат гирифтани воқеа 7-уми апрели соли 1409 Шоҳрух, ки дар Ҳирот қарор дошт, аз чунин фурсати муносиб истифода карда, бо лашкари зиёд озими Мовароуннаҳр шуд. Шоҳрух вақте ки вориди Самарқанд шуд, Худойдод бо Халил ба ҷониби Муғулистон барои кӯмак пурсидан аз муғулҳо рафт. Худойдод ба муғулҳо умед баста, аммо аз ҷониби онҳо кушта шуд ва сарашро бо ахбори Ибни Арабшоҳ [40, С.232], ба сӯйи Халил султон ва бо Абдураззоқ [4, С.104] бошад ба назди Шоҳмалик фиристод. Ҳамин тариқ, Шоҳрух фарзандони Ҷаҳонгир, Умаршайх ва Амироншоҳро аз сари қудрат дур карда, фарзандони худ Иброҳим султон ва Суюрғутамишро дар минтақаҳои мухталиф ба сари қудрат овард.

Бояд тазаккур дод, ки Халил султон аз рақибони худ осудахотир гашта ва соҳиби тамоми хазинаву захираи Темур, ки дар зарфи сиву шаш сол аз минтақаҳои мухталиф бо роҳи ғоратгарӣ ҷамъ карда буд, гардид. Чи тавре ки Шарафуддин Алии Яздӣ қайд мекунад: «ба арзи чаҳор сол аз маҷмуи он хазоину амвол ва шавкату ҷалол асаре боқӣ намонд» [110, С.513].

Шоҳрух Халил султонро 13 майи соли 1409 аз асирӣ раҳо намуда, Худойдодро дастгир ва ба қатл расонид. Шоҳрух баъди ба эътидол овардани вазъият ҳукумронии Мовароуннаҳрро соли 1409 ба писари худ Улуғбек, Ҳисори Шодмонро ба мирзо Муҳаммад Ҷаҳонгир, Фарғонаро ба мирзо Мирак Аҳмад фарзанди Умаршайх вогузор кард. Бояд гуфт, ки Шоҳрух ҳангоми бозгашт аз Мовароуннаҳр Халил султонро бо худ 16 шаъбони 811/8 январи соли 1410 ба Ҳирот овард.

Баъди омадани Халил султон ба Ҳирот Шоҳрух ҳукумронии «…вилояти Рай, Қум, Ҳамадон ва Дайнавар то ҳудуди Бағдод бад-ӯ (яъне, Халил султон) арзонӣ дошт…» [27, С.637]. Аз рӯйи маълумоти Абдураззоқи Самарқандӣ, Фасеҳи Хавофӣ ва Хондамир рӯзи ҷумъаи шашуми зулқайда (13 марти соли 1410) Шоҳрух Халил султонро бо лашкари 10 ҳазорнафара озими Ироқу Озарбойҷон барои аз байн бурдани туркманон фиристод [4, С.122; 90, С.1050; 95, С.581]. Мирхонд теъдоди лашкариёни Халил султонро баръакс ҳазор нафар нишон додааст, ки ҳақиқати воқеӣ надорад [55, С.605]. Бояд гуфт, ки Халил султон, дар минтақаҳои зикршуда ҳамагӣ дуву ним сол ҳукмронӣ кард. Ва 3-уми ноябри соли 1411 дар Рай вафот кард [27, С.637; 90, С.1059; 98, С.173; 154, С.536]. Ӯ ҳамагӣ бисту ҳашт сол умр дид.

Мувофиқи ахбори Ҳусайни Мирҷаъфарӣ [338, С.86] ва Муҳаммад Аҳмади Паноҳӣ, [262, С.271] гӯё Халил султон дар Қошғар фавтидааст ва ҳамзамон ҳамсари ӯ Шодмулк худро бо ханҷар ба қатл расонида, ҳар дуро дар як гӯр ба хок супоридаанд. Бояд зикр сохт, ки Халил султон на дар Қошғар, балки дар Рай фавтидааст, зеро кулли сарчашмаҳо аз он шаҳодат медиҳанд. Тибқи иттилои Е.Э. Бертелс гӯё Халил султон аз ҷониби Шоҳрух заҳр дода кушта мешавад [165, С.7; 135, С.25]. Ин фарзия то андозае воқеият

дорад, зеро ки Шоҳрух аз Халил султон ҳанӯз ҳам хавфи ба муқобили ӯ бархостанро дошт.

Шоҳрух дар 27 зулҳиҷҷа 811/13 майи соли 1409 Мовароуннаҳрро аз дасти бародарзодааш Халил султон бини Амироншоҳ гирифта ба фарзанди худ Улуғбек вобаста кард. Ва Шоҳмаликро ба хидмати ӯ вогузор кард.

Аз ҳукмронии Улуғбек дар Мовароуннаҳру Туркистон ҳанӯз на камтар аз се моҳ гузашта буд, ки ба муқобили ӯ шайх Нуриддин ва мирзо Муҳаммад Ҷаҳонгир ҳокими Ҳисори Шодмон бархостанд. Бояд зикр сохт, ки Туркистон бо ном ба Улуғбек тааллуқ дошт, ҳол он ки дар итоати шайх Нуриддин қарор дошт. Шайх Нуриддин Улуғбекро эътироф намекард.

Дар миёнаҳои моҳи марти соли 1411 Шайх Нуриддин роҳи Самарқандро пеш гирифт. Ба ғайр аз ҳисориён аз ҷониби Шайх Нуриддин, писари Худойдод, Ҳусайн, амир Абдухолиқ ва ӯзбекҳои бодиянишини Ак-Орда таҳти фармондеҳии Чингиз-уғлон, ки қаблан дар назди Темур хизмат карда буданд, бархостанд.

Улуғбек ва Шоҳмалик бар зидди онҳо бархостанд. Ҷанг рӯзи душанбеи 18 зулҳиҷҷа 813 (чоршанбеи 24 апрели 1411) дар мавзеи Қизилработ ва оби Ём, воқеъ дар Ғарби Самарқанд бо пирӯзии Шайх Нуриддин ба анҷом расид. Улуғбек баъди шикаст аз Шайх Нуриддин ба Калиф гурехт, Шоҳмалик бошад, аввал ба Қаратеппа ақибнишинӣ карда, сипас дар кӯҳҳои Ала-караг, ки дар байни Самарқанду Кеш воқеъ аст, пинҳон мешавад [4, С.124; 103, С.362-363; 90, С.1050-1051; 98, С.184]. Ҳамин тариқ, роҳ ба сӯйи пойтахт кушода шуд. Амир Тағой-Буғоро Шайх Нуриддин барои забт кардани Бухоро фиристода, Чингиз-уғлонро ба Кеш ва худ мутаваҷҷеҳи Самарқанд шуд ва амир Шайх Ҳасан барои забт кардани қалъаи Киргин, ки дар соҳили Амударё воқеъ буд, фиристода шуд, ки зоҳиран Улуғбек дар он ҷо паноҳ бурда буд [4, С.126].

Шайх Нуриддин ва Чингиз-уғлон дар яке аз боғҳои Темур дар Боғи Дилкушои Кони Гил маскан гирифта, Муҳаммад ном шахсро ба Самарқанд

сафир мефиристад, то ки шаҳрро таслим кунанд. Аммо шахсони олирутба ва сарони руҳониён Хоҷа Камолуддини Абдулаввал, Хоҷа Исомуддин, қозии шаҳр Мавлоно Салоҳуддин, Мавлоно Қутбуддин, Мираки Донишманд, Хоҷа Фазлуллоҳ ва дигарон дифои шаҳрро ташкил намуда, даъвоҳои Шайх Нуриддинро рад карданд [4, С.365]. Шаҳр ба худи Шайх Нуриддин, ки шахсан дар охири зулҳиҷҷа 813 (охири апрели 1411) ба дарвозаи Шаҳзода расид, таслим нашуд. Ин воқеаҳо дар Ҳирот ба Шоҳрух танҳо дар охири моҳи апрел расид ва Шоҳрух 4 муҳаррами 813/10 май 1411 ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, амалиёти ҷангии худро ба муқобили Ироқ ва Озарбойҷон алайҳи Қара Юсуф ба таъхир андохт [4, С.127].

Шайх Нуриддин Чингиз-уғлон ва амир Абдулкаримро ба муҳосираи Термиз ва султон Боязидро ба Келиф фиристода, то ки пеши роҳи Улуғбекро гирад. Ва худ бо Муҳаммад Ҷаҳонгир ба Самарқанд рафтанд ва Шоҳмаликро шикаст дода ва ҷамоати самарқандиён гурехтанд. Лашкари амир Шайх Нуриддин эшонро думболагир карда ва аксариятро бараҳна карда, тиру камон ва аслиҳаи эшон ба ҷумлагӣ биситониданд. Ва ин шикасти дуюми Шоҳмалик аз ҷониби амир Шайх Нуриддин буд. Рӯзи ҷумъаи 17 сафар 2 июли 1411 Шоҳрух аз Амударё дар рӯ ба рӯйи Келиф гузашт. Улуғбек, ки дар ин ҷо дар муҳосира буд, аз қалъа гурехта, ба назди падараш омад. Лашкариёни султон Боязид,Чингиз-уғлон ва Абдулкарим бо наздик шудани Шоҳрух ба бетартибиҳо даст зада берун аз Мовароуннаҳр шуданд. Шоҳрух Улуғбек ва амир Мизробро ба Насаф фиристода ва фармуд, ки мардумро ба ҷанги Шайх Нуриддин сафарбар кунанд. Дар ин ҷо аз рафтори Мираки Аҳмад, ки аз ҷониби Шоҳрух як сол қабл ба унвони ҳокими Фарғона таъйин шуда буд, зикр накардан мумкин нест. Шоҳрух пеш аз рафтан ба Мовароуннаҳр қосиде наздаш фиристод, ки таъҷилан лашкари Андиҷон ва Ахситро сарҷамъ намуда, то ба Улуғбеку Шоҳмалик дар мубориза бар зидди Шайх Нуриддин кумак кунанд. Аммо Мираки Аҳмад ба мадади Шоҳмалик хеле дер расид, танҳо пас аз омадани Шоҳрух ба Самарқанд. Зиёда аз ин ӯ танҳо бо шумораи панҷсад са-

вор ба мадади амир Шоҳмалик омада буд [4, С.127; 55, С.598; 103, С.371; 98, С.185; 152, С.92].

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо задухӯрди байни Шоҳрух, Улуғбек ва мирзо Аҳмад Мирак бар зидди Шайх Нуриддин, Муҳаммад Ҷаҳонгир, Чингиз уғлон ва Абдулхолиқ, дар мавзеи Қизилработ 13 июли соли 1411 ба вуқуъ пайвастааст. Ҳар ду ҷониб тамоми рӯз ҷангиданд ва аз ду ҷониб мардуми бисёр захмдору кушта шуданд ва дар ниҳоят пирӯзӣ насиби Шоҳрух гардид [4, С.128; 55, С.598; 152, С.92; 98, С.185]. Пас аз шикаст Шайх Нуриддин ба Саврон ва Муҳаммад Ҷаҳонгир ба Ҳисор гурехт. Шоҳрух пеш аз тарки Мовароуннаҳр Шоҳмаликро аз дунболи Шайх Нуриддину ҳамроҳонаш ба Утрор ва амир Мизробро аз пайи Муҳаммад Ҷаҳонгир ба Ҳисор равона сохт [4, С.129; 103, С.383].

Муҳаммад Ҷаҳонгир дар соли 816/1413 духтари Шоҳрух-Майрам султонро ба занӣ гирифта, то дами маргаш 7-уми зулқаъдаи соли 836/25 июни соли 1433 ҳокими Ҳисори Шодмон ва аз он ҷумла-Хатлон буд [4, С.173; 152, С.92; 82, С.121; 189, С.299].

Шайх Нуриддин бошад, то соли 815/1412 бар зидди Улуғбек ё бо амир Абдухолиқ, ҳокими Сайром ва Янгӣ, ё бо муғулҳо ё узбекҳои бодиянишинӣ Ок-урда меҷангиданд [4, С.145].

Вале бо Шоҳмалик муяссар шуд, ки иттифоқи худро бо онҳо вайрон кунанд. Шайх Нуриддин илоҷи дигаре надошт, ки бо Улуғбек ва Шоҳмалик сулҳ кунад. Ӯ аз Чингиз-уғлон хост, ки миёнарав дар кори оштӣ бошад ва ӯ яке аз навкарони худ бо номи Рамазон Ӯзбак ба Сурон фиристод [4, С.148; 98, С.194]. Аммо Шоҳмалик аз суҳбат дар бораи сулҳ худдорӣ кард ва сафиронро бозпас фиристод ва ба онҳо гуфт, ки то Туман-оғо, бародари ӯ Шайх Ҳасан ва навкараш Шункам ва писараш Маҳмудшоҳро ба ӯ баргардонида нашавад гуфтушунидро оғоз намекунад [4, С.148]. Олими узбек Б. Ахмедов дар мақолаи калонҳаҷми худ номи асирони Шайх Нуриддинро Шайх Чин ва дигареро Муҳаммадшоҳ овардааст, ки чандон саҳеҳ наменамояд, чунки номи

аввалин Шайх Ҳасан ва дувумин Муҳаммадшоҳ мебошад. Сипас, Шайх Нуриддин таклиф кард, ки бо Шоҳмалик шахсан вохӯрда ва бо худ ду навкар гирад. Бояд гуфт, ки Шоҳмалик бо макру ҳила яке аз навкарони худ Ҳарқадоқро, ки мебоист ҳамроҳаш меомад, ба куштани Шайх Нуриддин дар вохурӣ вогузор мекунад. Тибқи нақша вақте ки ин ду дӯст дар ҷойи таъйин шуда Саурон вомехӯранд, якдигарро ба оғӯш мегиранд, Ҳарқадоқ аз фурсат истифода бурда, ба пӯшти Шайх Нуриддин ду ханҷар зада, ӯро ба қатл расонид [40, С.221; 4, С.151; 103, С.433; 95, С.583; 98, С.195].

Дертар Шайх Ҳасан, бародари Нуриддин Савронро ба Улуғбек тобеъ кард ва қудрати олии ӯро эътироф кард [98, С.152]. Инчунин Улуғбек Янгӣ ва Сайрамро, ки қаблан ба амир Абдулхолиқ тааллуқ дошт, ба мулки худ ҳамроҳ кард.

Аммо, бояд қайд кард, ки муаррихони дарбории Темуриён муносибати бад шудани Улуғбекро бо Шоҳмалик дар он баён мекунанд, ки гӯё Шоҳмалик мустақилона давлатро идора мекард. Инчунин, ҳангоми гуфтушунидҳо бо мухолифинаш аз номи худ баромад менамуд. Ба андешаи мо, ин суханон асоси воқеӣ надоранд, зеро омили асосии дурӣ ҷустани Улуғбек ва Шоҳрух аз Шоҳмалик он буд, ки пас аз байн бурдани амир Худойдод ва амир Шайх Нуриддин дигар рақибе вуҷуд надошт, ки ба муқобили онҳо сар боло кунанд. Ҳамзамон, Шоҳрух ҳарос аз он дошт, ки аз бетаҷрибагӣ ва ҷавонии Улуғбек Шоҳмалик истифода карда, ба амсоли Худойдод ва Шайх Нуриддин рӯзе исён набардорад. Ба ҳамин тариқ, Шоҳрух бо баҳонаи он, ки наздикони Шайх Нуриддини кушташуда бо Шоҳмалик мунокиша накунанд, ӯро бо худ ба Хуросон бурд.

Шоҳрух Шоҳмаликро соли 1413 ҳокими Хоразм таъйин кард ва то дами маргаш 829/1425-1426 дар он ҷо ҳукмронӣ намуд. Пас аз фавти Шоҳмалик ба ҷойи ӯ писараш амир Иброҳим ҳокими Хоразм таъйин шуд. Бояд зикр кард, ки ҳанӯз дар соли 1412 Шоҳрух Хоразмро аз зери тасарруфи султонҳои Дашти Қипчоқ бароварда, ба мулки худ ҳамроҳ карда буд. То аз байн рафта-

ни давлати Темуриёни Хуросон дар соли 1507 аз ҷониби Шайбонихон, Хоразм як ҷузъи сарзамини зери итоати Ҳусайн Бойқаро, ҳокими Хуросон ба шумор мерафт.

Ин нукта шоёни зикр аст, ки чун Умаршайх бародари Шоҳрух дар ҷавонӣ кушта шуд, Темур дастур дод то Шоҳрух Мулкатоғо зани ҷавони бародар ва модари Пирмуҳаммад, Рустам, Искандар ва Бойқаро писарони Умаршайхро дар ҳиболаи никоҳи хеш даровард ва бад-ин тартиб Шоҳрух падари фарзандони бародари худ гардид [98, С.116].

Соли 816 байни Шоҳрух ва Искандар писари Умаршайх ихтилоф ба амал омад. Рӯзи якшанбеи 18 раҷаб (15 октябри соли 1413) Шоҳрух аз Ҳирот бо лашкари худ барои зимистонро дар Мозандарон гузаронидан рафт, то баҳори оянда бар зидди Қаро-Юсуфи туркман, ки соҳиби Озарбойҷон буд, ҳамла кунад. Шоҳрух аз нақшаи худ мактубе навишта Искандарро огаҳ кард. Искандар пайхас кард, ки амалиёти тарҳезишуда маҳз ба зидди ӯ нигаронида шудааст. Бояд гуфт, ки Искандар дар ҷавоби мактуб бо исёни ошкоро бархост. Муқаррар шуд, ки дар намози ҷумъа номи Искандар зикр шавад. Инчунин номи Искандар ба ҷойи номи Шоҳрух дар сикка зада шавад ва ин хабарро бо мактуб ба минтақаҳои мухталиф фиристод. Дар натиҷа Шоҳрух маҷбур шуд, ки амалиёти зидди туркманҳоро мавқуф гузошта, бар зидди Искандар, ки аз соли 815/1412 пойтахти он шаҳри Исфаҳон буд ва аз писари дигари Умаршайх Рустам гирифт, иваз кунад. Шоҳрух рӯзи чоршанбеи 14 муҳаррами 817/4 апрели соли 1414 аз Мозандарон раҳсипор шуд. Дар охири моҳи май ва аввали июн Искандар дар зери деворҳои Исфаҳон шикаст хӯрд ва маҷбур шуд, ки худро дар ин шаҳр пинҳон намояд. Рӯзи якшанбеи 3 июн муҳосираи Исфаҳон оғоз шуд, ки тақрибан 50 рӯз давом кард ва 20-уми июл Искандар таслим шуд ва ба бародараш Рустам супорида шуд ва Шоҳрух Исфаҳонро ба ӯ баргардонд. Худи ҳамон рӯз Рустам ба чашми бародараш мил кашид. Аз рӯйи гуфтаҳои Ҳофизи Абрӯ [103, С.548] ва Абдураззоқи Самарқандӣ [4, С.218] ин бар хилофи хоҳиши Шоҳрух рух додааст. Ба қавли

Давлатшоҳи Самарқандӣ [27, С.667-686] Шоҳрух бо дастури ҳамсараш Гавҳаршод ба нобино кардани Искандар розӣ шудааст. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Тағрибардӣ нисбат ба Ҳофизи Абрӯ ва Абдураззоқи Самарқандӣ дақиқтар аст, зеро Шоҳрух дар давраи зимомдории худ маҳз бо дастури ҳамсараш шахсиятҳои бузурги бегуноҳро ба қатл расондааст.

Пас аз ин Шоҳрух фармуд, ки Искандарро ба назди бародари дигар-Бойқаро, ки баъдан ҳокими Ҳамадон таъйин шуд, фиристоданд. Дар зери таъсири Искандар-Бойсунқар пас аз чанд вақт исён бардошта ба Шероз рафт ва дар соли 1414 Шоҳрух писари худ Иброҳимро ҳоким таъйин кард. Искандар дар яке аз задухӯрдҳо асир шуда ба Исфаҳон ба назди Рустам фиристода шуд, аммо Бойқаро рӯзи ҷумъа 7 июни соли 1415 бо пирӯзӣ вориди Шероз шуд. Рустам аз ин ҳодиса огоҳ шуда Искандарро ба қатл расонд.

Санаи 22 раҷаби 817/1414 таърихи бозгашти Шоҳрухро пас аз ғалабаи Искандар ба Ҳирот низ Ҳофизи Абрӯ ва Абдураззоқи Самарқандӣ тасдиқ кардаанд. Ин рӯз ба қавли Ҳофизи Абрӯ душанбе будааст, ки аз он метавон хулоса кард, ки 8 октябри соли 1414 ба назар мерасад.

Маврид ба зикр аст, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон он замон, яъне асри XV дар байни аҳли ҳунар тариқати нақшбандӣ нуфузи зиёде дошт.

Соли 830/1427/23 рабеъулохир-22 январ дар масҷиди ҷомеи Ҳирот шахсе бо номи Аҳмади Лур баъд аз адои намози ҷумъа ба баҳонаи тақдими ариза бо Шоҳрух наздик гардид ва бо корд ба ӯ ҳамла намуд. Аммо захми корд маъюбаш кард ва Шоҳрух аз ин сӯйқасд ҷон ба саломат бурд ва Аҳмади Лур бошад дар ҷойи воқеа ба қатл расид.

Исфизорӣ ин воқеаро дар равзаи сездаҳуми асари хеш зикри ҳаводиси сӯйқасд ба ҷони Шоҳрухро чунин баён кардааст: «Рӯзи ҷумъа бисту сеюми рабеъулохир санаи салосин ва самонумиа…баъд аз шароити адои салвата аз мусалло бархоста, азимати берун омадан кард. Дар даруни масҷид шахсе намадпӯш Аҳмади Лур ном аз тобеони мавлоно Фазлуллоҳи Астарободӣ ҳуруфӣ ба сифати додхоҳон қоғазе дар даст пеш омад. Он ҳазрат ба яке аз

муқаррабон фармуд, ки ҳоли ӯ таҳқиқ намуда ба арз расонад. Аҳмади Лур…корде чун қатраи об дар остин дошт ба шиками он ҳазрат расонид…он корд коргар наёмад. Ва Аҳмади Луро мулозимони ҳазрат ҳам дар масҷид пора-пора карданд» [70, С.84; 90, С.1114; 95, С.553; 55, С.692; 4, С.381-382; 98, С.319; 278, С.235].

Пас аз ин ҳодиса садҳо одамони бегуноҳро бо туҳмати иштирок дар кори Аҳмади Лур дастгир намуда «ҳамаро қатл карда бисӯхтанд» [70, С.84-86; 4, С.381-382].

Яке аз ҳаводиси ногувори замони Шоҳрух ба рӯзи тоун дар Ҳирот дар соли 838/1435 буд. Дар асари ин бемории мардуми зиёде дар Ҳирот ва атрофи он ҷон супурданд. Абдураззоқи Самарқандӣ ва Фасеҳи Хавофӣ дар ин бора навиштаанд: «Гӯянд як рӯз дар шаҳр шумурданд чаҳор сад ҳазору ҳафтсад тобут аз дарвозаҳо берун бурданд. Ғайри он ки ҳамолони бетобут бардоштанд ва бисёре бар улоғон бор карданду ба дар бурданд ва дар мағок андохтанд ва хок парешон рехта, ниҳон сохтанд» [4, С.451-452; 90, С.1133, 70, С.92; 55, С.692; 95, С.553]. Агарчи ин адад бисёр муболиғаомез бошад, вале ба ҳар ҳол аз шиддати воқеа ҳикоят мекунанд. Муъинуддин Исфизорӣ низ иддаи мурдагонро шашсад ҳазор ва маҷмуи онҳоро бо кушташудагони ҳамаи шаҳр як миллион нафар зикр кардааст [70, С.94].

Ҳамин тариқ, пас аз фавти Темур барои ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр байни намояндагони хонадони Темуриён хусусан Халил султон ва Шоҳрух задухӯрдҳои шадид ба миён омад, ки боиси кушта шудани аҳолии таҳҷоӣ ва вайрону валангор гардидани шаҳру деҳот дар минтақа гардид. Тибқи иттилои сарчашмаҳои таърихӣ баъди ба сари қудрат омадани Улуғбек дар Мовароуннаҳр авзои сиёсӣ ба эътидол наомад. Аз ҳукумронии Улуғбек дере нагузашта яке аз амирони наздики Темур Шайх Нуриддин бар зидди Улуғбек дар Мовароуннаҳр сар бардошт.

Дар Хуросон бошад бар зидди Шоҳрух низ амирони алоҳида ва мардуми бумӣ пайваста исён мебардоштанд. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки зимомдории Шоҳрух дар минтақа бештар бо пахш кардани ошубу исёнҳо равона гардид. Хусусан дар пахш кардани исёни мардумони Ғуриён, Систон ва Хатлон бераҳмиҳои зиёде аз худ боқӣ гузошт. Бояд қайд кард, ки Шоҳрух низ ба амсоли дигар намояндагони хонадони Темуриён дар зимомдории худ бо маслиҳати ҳамсари худ Гавҳаршодоғо такя кард, ки то андозае ба қатли шахсиятҳои бузург даст зад, ки обрӯ ва эътибори ӯро дар минтақа коста гардонид.

## Боби III. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳр ва Хуросони нимаи дуюми асри XV дар осори ҳамзамонон ва таҳқиқотҳои таърихӣ ва ховаршиносӣ

### III.1. Мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Шоҳрух. Улуғбек ва нокомиҳои ӯ дар умури давлатдорӣ

Тибқи иттилои сарчашмаҳо ваҳшониятҳои Улуғбек дар Ҳирот на камтар аз ваҳшониятҳои содиркардаи бобояш Темур дар вайрону валангор кардани масоҷидҳо ва носипоси нисбати аҳли уламо буд. Ва ё дар ҷойи дигар муаллиф чунин менигорад: «…баъд аз се рӯз акобири шаҳр шафоат карданд ва мирзо Улуғбек ҳукм фармуд, ки лашкар даст аз ғорат боздоштанд ва мусулмононро дар хонаҳои холӣ гузоштанд. Ва дар он айём сармои қавӣ буд ва иди сиём қариб» [5, С.661; 70, С.143; 55, С.753; 96, С.29].

Ё худ дар ҷойи дигар муаррих чунин навиштааст: “Шахсе, ки тамоми ҷомаҳои ӯ ба тороҷ бурда буданд ва ба тойи нон муҳтоҷ сохта, рӯзи ид урён ба сони бед меларзид ва пеши аспи мирзо Улуғбек медавид ва ба зории зор менолид ва мегуфт: Подшоҳи одил! Хуш иде додӣ дарвешонро. Умр ва давлати ту афзун бод”[5, С.662; 96, С.29].

Воқеан, бояд қайд кард, ки Улуғбек сарлашкари ноком буд [135, С.36; 313, С.119]. Тибқи ахбори сарчашмаҳо, ӯ аз уҳдаи идораи давлатдорӣ на танҳо дар Мовароуннаҳр, балки дар Хуросон низ баромада натавонист. Ба пиндори олими англис Фредерик С. Старр дар бораи Улуғбек хеле ҷолиб ва воқеъбинона баҳогузорӣ карда, зикр намудааст, ки: “Улуғбек сагвор меҷангид, вале дар қалбаш вай сарфармондеҳ набуд, ҳатто султон ҳам набуд” [304, С.540]. Ба ҳамин минвол ҳукумронии кутоҳмуддати дусолаи Улуғбек дар Хуросон, ки саршор аз иштибоҳ ва сиёсати нодурусти сиёсӣ буд, таназзул ёфт. Он чӣ дар таърих дар бораи ӯ навишта шудааст, симоии воқеии шахсе бо номи Улуғбек нест [313, С.118].

Дар тамоми манотиқи Мовароуннаҳр номи Шоҳрух аввал дар хутба зикр шуда, дар Самарқанд бошад ба номи ӯ сикка зада мешуд. Улуғбек бо хоҳиши аввалини Шоҳрух ҳамчун ҳокими мустақил ба назди ӯ лашкар мефиристод ва ӯро дар юришҳои ҳарбӣ дастгирӣ мекард. Вай зуд-зуд ба Ҳирот рафта, тамоми кору кирдори худро бо падараш мутобиқ мекард, шахсан ё хаттӣ ба Шоҳрух маълумот медод, барои юришҳои ҳарбӣ ба ҷониби Муғулистон иҷозати падар мегирифт, ки аксар вақт ба нокомӣ анҷом меёфт. Баҳори соли 1427 ба Улуғбек маҳз Шоҳрух дастур дод, ки зидди ӯзбекҳо лашкар кашад, аммо ин лашкаркашӣ боиси шикасти Улуғбек ва паст шудани обрӯ ва эътибораш дар минтақа гардид. Нокомиҳои ҳарбии писараш Шоҳрухро маъюс кард, ҳатто мехост, ӯро аз қудрати Самарқанд раҳо кунад. Мутаассифона, дар иддае аз тадқиқотҳо қайд шудааст, ки гӯё Улуғбек ҳокими соҳибихтиёри Мовароуннаҳр буд, ва бо падараш Шоҳрух ҳеҷ вобастагие надошт [216, С.371; 214, С.337; 404, С.11]. Чунон ки дар боло зикр кардем, ҳангоми сикка задан ба номи Шоҳрух номи ӯро дар хутба зикр намуда, тамоми аъмоли худро бо ӯ мувофиқа мекарданд, ки ин аз вобастагии Улуғбек дар идораи Мовароуннаҳр аз Шоҳрух гувоҳӣ медиҳад. Шоҳрух ба фарзанди худ Улуғбек дар зимомдории Мовароуннаҳр бовар надошт ва одамони худро бевосита аз болои ӯ аз қабили Шоҳмалик то соли 1411, сипас Насуриддин Насрулло Хафовиро вогузор кард. Ин мансабдорон масъул буданд, дар назди Ҳирот даромади солонаро назорат мекарданд [376, С.54].

Тибқи иттилои сарчашмаҳо, Улуғбек гарчанде ки ҳокими Мовароуннаҳр буд, то фавти падараш зимомдории Мовароуннаҳр дар дасти Шоҳрух буд ва ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки фарзандону наздиконаш мустақиман давлатро идора намоянд.

Улуғбек аз бисёр ҷиҳат аз падараш Шоҳрух ба куллӣ фарқ мекард ва бештар ба бобояш Темур наздикӣ дошт ва аксар вақт бо ӯ тақлид мекард, ҳоло он ки Темур ба номи ӯ калимаи «курагон»-ро зам карда, кӯшиш мекард, ки ӯ давомдиҳандаи кори вай бошад, вале ӯ ба ин муваффақ нашуд.

Агар Шоҳрух дар баробари дигар корҳои давлатӣ вазифаи асосии худро дар риояи ҳамаи талаботи шариат риоя намудани тобеонаш медонист, пас Улуғбек дар Самарқанд фазои дигареро ба вуҷуд оварда, аксар вақт бо ҳузури мардону духтарони сароянда [313, С.119] зиёфатҳо ташкил мекард, ки ин ба иззати нафси руҳониён мерасид. Ӯ ҳокими муғулӣ буд, на аз мусулмонон. Улуғбек ба амсоли бобояш Темур қонунҳои ёсои чингизиро аз қонунҳои исломӣ-шариат дида муҳимтар медонист. Аз ин рӯ, ихтилофи байни намояндагони руҳониёни мусулмон ва Улуғбек рӯз то рӯз авҷ мегирифт. Руҳониёни машҳур бо сарварии пешвои тартиби нақшбандия Хоҷа Аҳрор дар Мовароуннаҳр ва шайхулислом Баҳоуддини Умар дар Хуросон бар зидди ӯ пайваста мубориза мебурданд.

Дар охири умри Шоҳрух писарону наберагони ӯ бар зидди якдигар бархостан гирифтанд, ки чунин ҳолат иқтидори ҳукумати марказиро рӯз то рӯз суст мекард. Соли 1446 набераи Шоҳрух султон Муҳаммад бе розигии бобояш Исфаҳонро забт намуда, Шерозро ба муҳосира гирифт. Шоҳрух бар зидди ӯ лашкар кашида, исёнро пахш кард, вале ҳангоми бозгашт 25 зулҳиҷҷаи 850/12 марти 1447 дар Рай баъди ҳукумронии 42-сола вафот кард ва дар мадрасаи Гавҳаршод дар шаҳри Ҳирот ба хок супурда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки Шоҳрух низ ба амсоли Темур натавонистааст интиқоли қудратро ба вориси худ таъмин кунад. Ӯ бисёр мехост, ки писараш Муҳаммад Ҷӯкӣ, ҳокими Балхро пас аз худ ҳокими сарзамини беканори Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон бубинад. Аммо Муҳаммад Ҷӯкӣ дар соли 1444 вафот кард. Аз панҷ писари Шоҳрух танҳо Улуғбек дар қайди ҳаёт буду халос [5, С.618-619].

Шоҳрух дар муқоиса бо падар ва се бародари худ то андозае шахси тақводор буд. Вақте ки аз ҷониби Темур дар синни бистсолагӣ ҳокими Хуросон таъйин мешавад, тамоми ёсо ва қонунҳои чингизиро дар қаламрави давлати худ, ки ба дини ислом мухолиф буд, манъ кард. Ибни Арабшоҳ дар бораи шахсияти Шоҳрух чунин менигорад: «Гуфтаанд, ки Шоҳрух ёсои Чингизиро ба кор набаст ва фармуд, ки сиёсати мулк, бар асоси қавоиди ис-

ломӣ гузаронд ва маро ин сухан дуруст наёяд, ки эътиқоди эшон бад-он кеш бисёр сареҳу ошкор мебуд» [40, С.237].

Бояд гуфт, ки муаллиф аз мусулмони комил будани Шоҳрух ба амсоли падараш Темур низ бо шубҳа менигарист, зеро кулли ин хонадон воқеан ба ёсоқи чингизӣ такя мекарданд. Дар маҷмуъ бо вуҷуди таъсири ислом расму оини Чингиз то аз байн рафтани сулолаи темуриён аз ҷониби Муҳаммад Шабонихон идома дошт.

Мирзо Муҳаммади Ҷӯкӣ ибни Шоҳрух мирзо-Муҳаммад Ҷӯкӣ писари Шоҳрух-набераи Темур дар соли 1401-1402 таваллуд ёфтааст. Дар 17 солагиаш бо яке аз духтарони амирзодаҳои муғул хонадор шудааст. Ҷӯкӣ аксари вақташро дар Ҳирот мегузаронид. Падараш Шоҳрух дар соли 1427 Ҷӯкиро бо дастаи калони ҷанговарони қандаҳорию ҳиротӣ барои ёрӣ расонидан ба Улуғбек дар муқобили ӯзбекҳо ба сӯйи Самарқанд фиристод. Ҷӯкӣ дар роҳи байни Самарқанду Сиғноқ ба Улуғбек пайваст ва якҷоя ба сӯйи Сиғноқ, ки ӯзбакҳо дар он ҷо ба муқобили муғулҳо исён бардошта буданд, равона гардиданд.

Дар наздикиҳои Сиғноқ, ки начандон дуртар аз дарёи Сир воқеъ аст, Улуғбеку Ҷӯкӣ беэҳтиётӣ зоҳир карданд ва лашкари ӯзбак ногаҳон ба сари онҳо ҳуҷум овард. Дар натиҷа Улуғбеку Ҷӯкӣ шикаст хӯрда ба сӯйи Самарқанд гурехтанд.

Ҷӯкӣ дар лашкаркашиҳои падараш ба Эрони Ғарбӣ доимо иштирок меварзид. Шоҳрух ӯро дар соли 1433 ҳокими вилояти Гармсер, ки дар он ҷо афғонҳо мезистанд, таъйин кард. Баъдтар дар соли 1443 ӯро дар Балх падараш ҳоким сохт. Шоҳрух бисёр мехост, ки Ҷӯкиро валиаҳди худ барои тахти Ҳирот эълон намояд. Аммо модараш Гавҳаршод шоҳзодаҳо Аловуддавлаю Абдулатифро барои валиаҳдӣ тайёр мекард ва намегузошт, ки Муҳаммад Ҷӯкӣ ба девони давлатӣ наздик шавад. Он ду шоҳзода бошанд, бо амри Гавҳаршод аксари вақти худро дар девон мегузарониданд.

Вале дар ҳар сурат, Ҷӯкӣ бар тахти падар тамаъ дошт. Чунончи, вақте ки дар соли 1444 Шоҳрух дар Ҳирот сахт бемор шуд, Ҷӯкӣ зуд ба Ҳирот омад. Дар он ҷо ӯ фаҳмид, ки сарлашкари падараш Ҷалолиддини Фирӯзшоҳ ба амри Гавҳаршод барои валиаҳд таъин шудани Алоуддавла қасам ёд кардааст. Аммо Шоҳрух ба зудӣ сиҳат ёфт. Ҷӯкӣ бошад дар ҳамон соли 848/1444-5 вафот кард. Ҷасади ӯро дар мақбараи Бойсунқари назди мадрасаи Гавҳаршод дар Ҳирот ба хок супориданд.

Темур ба меросхӯрони худ мероси зиёд гузошт ва Шоҳрух бо машаққати зиёд тавонист онро дар дасти худ нигоҳ дорад. Шоҳрух ба амсоли падари худ Темур тамоми солҳои ҳукмронии худро дар маъракаҳои низомӣ гузаронд. Вале онҳо на ба васеъ кардани империя, балки баръакс, аз парокандашудани он нигоҳ дошта мешуданд. Шоҳрухро дар ин солҳо дар Ироқ ва Озарбойҷон дидан мумкин буд, ки дар он ҷо бо туркманҳои сулолаи Қароқуюнлу, дар Афғонистон бо қабилаҳои саркаш, дар Эрони Ҷанубӣ бар зидди писарони Мироншоҳ, мирзо Искандар, Бойқур, Муҳаммад султон писари Бойсунқур ва ғайра ҷанги сахт кардааст.

Пас аз даргузашти Шоҳрух, Улуғбек танҳо фарзанде, ки аз ӯ боқӣ монда буд, ба ҷойи падар бар тахт нишаст, аммо аз ҳифзи сарзаминҳои ӯ оҷиз монд. Бахусус, ки писарони Бойсунқар, аз ҷумла, мирзо Алоуддавла дар Мозандарон, султон Муҳаммад дар Ироқ ва мирзо Бобур дар Ҳирот даъвогарӣ тоҷу тахт шуданд. Улуғбек дар соли 851 бо кумаки писараш мирзо Абдулатиф Ҳиротро забт кард ва бар тахт нишаст. Аммо андаке баъд пас аз шӯриши Ёралии туркман шикаст хӯрд ва Хуросон ба дасти Бобур афтод.

Бояд ёдовар шуд, ки пас аз фавти Шоҳрух барои ба даст овардани ҳокимияти Хуросон байни намояндагони хонадони Темурӣ: Гавҳаршод, Улуғбек, Абдулатиф ва Алоуддавла мунокиша оғоз гардид, ки ин то андозае ба заиф гардидани давлатдории онҳо дар оянда мусоидат кард.

Улуғбекро мебоист барои ба сари қудрати Хуросон расидан ин се танро аз сари роҳи худ дур месохт. Ӯ дарёи Ҷайҳунро убур намуда, вориди Балх гардид. Ва тасхири мулки Эронро дар сар мепарварид. Дар чунин ҳолат

воқеае рӯй дод, ки боиси ақибнишинии Улуғбек гардид. Абдулатиф дар 13 сафари соли 851/29 апрели соли 1447 ҳангоми дар Нишопур будан дучори ҳамлаи ногаҳонии лашкариёни Алоуддавла шуд ва асир гардид. Ба фармони Алоуддавла Абдулатиф дар қалъаи Ихтиёриддин зиндонӣ шуд. Улуғбек бо машварати мушовирони худ аз ҷангу ҷидол сарфи назар кард ва розӣ шуд, ки бо Алоуддавла роҳи музокираро интихоб намояд. Ба ҳамин тариқ, намояндаи худ мавлоно Низомуддин Мирак Маҳмудро ба ҷониби Алоуддавла равон сохт ва супоришҳои Улуғбекро, ки бештар хосияти насиҳатомез доштанд, бо ӯ ирсол намуд ва ҳамзамон ёдовар шуд, ки Улуғбек ба ҳеҷ ваҷҳе қасди Алоуддавла ва мардуми Ҳирот надорад. Алоуддавла низ майли ҷанг кардан надошт, зеро бо ӯ хабар расида буд, ки Абулқосим Бобур дар ноҳияи Ҷом мудофини Ҳиротро мағлуб карда ва Ҳиротро таҳдид мекунад. Алоуддавла пешниҳоди Улуғбекро қабул кард, паймони сулҳ баста шуд, бино бар он муоҳида ҳудуди кишвари Алоуддавла минтақаи Чачкату таъйин гардид. Мирзо Алоуддавла рӯ ба Ҳирот оварда, Абдулатифро аз зиндон раҳо карда ва ҳар ду шоҳзода бо якдигар аҳду паймон бастанд, ки бо ҳам хилоф накунанд. Улуғбек бошад вилояти Балхро ба расми суюрғол ба писараш Абдулатиф иноят фармуд ва худ аз Ҷайҳун убур намуда вориди Самарқанд шуд [5, С.662].

Алоуддавла тибқи шартномаи сулҳ мебоист он лашкариёни Абдулатифро, ки асир гардида буданд, раҳо месохт. Алоуддавла баръакс онҳоро дар зиндон ба қатл расонда ва ба самти Балх лашкар кашид, харобиву валангории зиёд аз худ боқӣ гузошт. Пас аз ин ҳодиса Улуғбек азм ҷониби Хуросон кард ва бо лашкари зиёд Ҷайҳунро убур намуд.

Абдулатиф лашкарҳои Хатлон, Қундуз, Бағлон, Арҳанг, Солисарой, Бадахшон, Балх, Андхуд, Шибурғон, Маймана, Форёб то навоҳии оби Мурғобро ҷамъ намуда ба урдуи Улуғбек ҳамроҳ шуд [70, С.137; 98, С.440]. Алоуддавла аз ин омодагии Абдулатиф огаҳ шуда ба набард омода гардид ва ганҷҳои зиёде, ки Шоҳрух муддати панҷоҳ сол ҷамъ карда буд, байни лашкариёни худ тақсим намуд. Дар саҳрои

Тарноб, ки чаҳордаҳ фарсахии Ҳирот аст, задухӯрди шадид ба вуқуъ пайваст, ки бо шикасти Алоуддавла анҷом ёфт. Лозим ба таъкид аст, ки ин фатҳро Улуғбек на ба Абдуллатиф, балки ба писари дигари худ Абдулазиз муносиб донист, ки ин боиси ранҷурии Абдулатиф шуд. Улуғбек ба Абдулатиф иҷозат дод, ки баъди ғалаба дар Ҳирот бимонад. Ӯ " мехост ба мардуми Ҳирот нишон бидиҳад, ки замони Шоҳрух гузаштааст ва Ҳирот бо минтақааш боз ҳам мисли замони Темур ба як қудрати хос табдил меёбад"[152, С.153].

Алоуддавла пас аз шикаст рӯ ба гурез ниҳода беист то Машҳад дар ягон манзил мақом ва дар ҳеҷ макон ором нанамуд аз он ҷо ба қалъаи Имод рафта дари хазинаи онро кушода ва амволи зиёде ба мардум дод. Аз он ҷо озими Астаробод гашт ва дар вилояти Хабушон бо Абулқосим Бобур бародари худ вохӯрд. Гавҳаршодоғо ва бародарони ӯ амир Муҳаммад Сӯфӣ тархон, Хоҷа Ғиёсуддин Пираҳмад ва амир Султон Абусаид доруға, ки дар Ҳирот буданд, чун хабари фирори мирзо Алоуддавларо шуниданд, равонаи Ироқ шуданд. Ҳангоми фирор султон Абусаид дар асnoи роҳ гирифтор шуд ва дигарон ба саломат ба мамлакати Ироқ расиданд.

Бино бар он чи дар боло зикр шуд, ки лашкариёни Самарқанд ҳангоми бозгашт аз мавзеи Тарноб ба Ҳирот дар мавзеи Чиҳилдухтарон манзили Шайхулислом Баҳоуддин Умар қудс сараҳро, ғорати ом карданд. Ва ин ҳодиса бар Улуғбек ва аркони давлати ӯ муборак наёмад. Муаллиф шеъри Мавлонои Румиро хеле бамаврид тасвир кардааст:

То дили марди Худо н-омад ба дард,

Ҳеҷ қавмеро Худо расво накард.

Бино ба маълумоти Абдураззоқи Самарқандӣ дар он замон, ки шайх аз ҷониби лашкариёни Улуғбек ғорати ом ёфта буд, дар ҳузури мардум мисли мавлоно Юсуф Аттор, мавлоно Ҳасан бини Абдулқодир табиби Улуғбек фармуд, ки зуд бошад, ки Абдулатиф мирзо Улуғбекро ба қатл расонад [5, С.651].

Сипас, Улуғбек бо писараш Абдулатиф озими Ҳирот шуд ва аз ҳисори Ихтиёриддин, ки хазинаи пурганҷе дар он ҷо маҳфуз буд, дидан намуданд.

Абдураззоқи Самарқандӣ чунин қайд менамояд, ки «Ва аз мирзо Абдулатиф чанд ҳазор мисқол тилло ва дигар овони зару сим ва дувист тумон нақд, ки дар замони азимати ҳазрати хоқон саид ба ҷониби Ироқ мирзо Абдулатиф дар он ҳисор махзун сохта буд, мирзо Улуғбек бо он ки аз футуҳоти Хуросон чизе ба фарзанд иноят нафармуд» [5, С.653; 98, С.441].

Вақте ки хабари вохӯрии Алоуддавла бо бародараш Абулқосим Бобур ба Улуғбек расид, лашкари зиёде ҷамъ оварда ба самти Машҳад раҳсипор шуд. Дар Родикон ӯро элчиёни Абдулқосим Бобур бо ҳадяву туҳфаҳои зиёд пешвоз гирифтанд, ки Улуғбекро соҳибихтиёри худ эътироф намуда, номи ӯро дар хутба дохил ва ба номи ӯ танга сикка зананд. Баъди рафтани элчиён Улуғбек бо таъҷил аз дунболи онҳо раҳсипор гардида то Исфароин расид ва дар он ҷо бист рӯз таваққуф кард. Аз ҳамин ҷо Абдулатиф ва Абдуллои Шерозиро бо лашкари зиёд ба ҷониби Бастом ва Астраобод фиристод. Ва Улуғбек то Пули Абрешим рафта аз он ҷо баргашт. Абдулатиф аз чунин ҳолати падар огоҳ шуда бозпас гашт. Бояд гуфт, ки падару писар аз якдигар бо шубҳа менигаристанд, зеро ҳар ду дар талоши мулки Хуросон буданд. Дар чунин вазъ ба Улуғбек хабар расид, ки Ёралии туркман ва султон Абӯсаид доруға, ки дар қалъаи «Нарату» маҳбус буданд, раҳо ёфтанд. Ва Ёралӣ лашкар ҷамъ оварда азимати тасхири Ҳирот намуд. Ва чун ба навоҳии Карух расида амир Ҷалолиддин Боязид, ки ҳокими Ҳирот буд, ҳукм кард ки ҳар касе улоғе дошта бошад, бо Ёралӣ берун равад. Ёралӣ ҳабдаҳ шабонарӯз шаҳри Ҳиротро дар муҳосира мегирад. Дар ин вақт Улуғбек аз ҷониби Машҳад бо лашкари зиёд рӯ ба Ҳирот оварда, Ёралӣ ба ҷониби қалъаи Нарту рӯ ба гурез ниҳод ва лашкариёнаш ба ҳар тараф пароканда шуданд. Улуғбек вориди шаҳри Ҳирот шуд ва амир Ҷалолиддин Боязид гуфт мардуми беруни шаҳр бо Ёралӣ ҳамроҳ шуданд, вагарна ӯро ҷасорате набуд, ки даст ба чунин

иқдом занад. Сипас, Улуғбек дар ғазаб гардида ба лашкариёнаш фармон дод, ки даст ба ғорати Ҳирот зананд.

Улуғбек бо лашкаркашии худ Хуросонро харобу валангор кард ва то дер боз осораш боқӣ монд [313, С.116; 152, С.154]. Абдураззоқи Самарқандӣ, ки яке аз наздикони Шоҳрух ва аҳли хонадони ӯ буд, зимни тавсифи ҳодисаҳои Ҳирот роҷеъ ба қатли мардуми бегуноҳ ва харобиҳои Хуросон маълумотҳои ҷолиб овардааст, ки худи муаллиф шахсан шоҳиди он воқеот будааст. Аз ҷумла чунин менигорад: «Мирзо Улуғбек фармони ғорати шаҳри Ҳиротро медиҳад…гурӯҳи анбӯҳ…хунҳои мусулмонон ба ноҳақ рехта ба қатл оварданд ва се шабонарӯз ғорати ом карданд…Қандилҳои масоҷид мешикастанд ва имомон овехтанд ва обрӯи азизон бар хоки хорӣ мерехтанд ва мадориси работ ба ҷой дуо дуруду суруд мегуфтанд”[5, С.660-661; 70, С.143; 224, С.457].

Мавриди қайд аст, ки муаррихони дарбории Темуриён Мирхонд, Исфизорӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ ва Хондамир дар асарҳои худ аз баёни ғоратгариҳо ва ваҳшониятҳои зоҳиркардаи Улуғбек дар Ҳирот инчунин дар вайрону валангор сохтани масоҷид ва носипосӣ нисбати уламои дин худдорӣ намудаанд, бар замми ин Улуғбек аз ҳад зиёд таърифу тавсиф шудааст, ки албатта, сабаби он дар наздикӣ доштани онҳо ба аҳли дарбор буд.

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар рисолаи худ ҳуҷуми Улуғбекро ба Хуросон ва вайрону валангор кардани он чунин баён намудааст: «Улуғбек аз Мовароуннаҳр ба Хуросон лашкар кашид…ва тамоми Хуросонро мусаххар сохт. Ва навад ҳазор лашкаре дошт ва дар он ҳуҷуму издиҳом Хуросон харобу беоб шуд. Ва осори он харобӣ алявм зоҳир аст» [27, С.649; 138, С.13]. Бояд тазаккур дод, ки ягона муаррихе, ки теъдоди лашкариёни Улуғбекро ҳангоми ҳуҷум кардан ба Хуросон нишон додааст, ин Давлатшоҳи Самарқандӣ мебошад.

Дар охири моҳи ноябри 1448 вақте ки Улуғбек бо лашкариёнаш саргарми куштору ғорати мардуми бегуноҳи Ҳирот буд, лашкари ӯзбак низ ба навоҳии Самарқанд омада, гирду атрофи шаҳрро ғорат кард, боғҳову ман-

зилҳои Улуғбек ва чинихонаи ӯро низ вайрону валангор сохтанд. Улуғбек масъалаи Хуросонро ҳал нокарда наъши Шоҳрух ва аз он ҷумла, чанд завҷа, дарвозаи фулодие, ки Шоҳрух аз Табрез оварда буд ва бар мадрасаи Гавҳаршодоғо мансуб буд ва амволи зиёд ва хазоини фаровон гирифта, ба қасди Самарқанд тарки Ҳирот кард.

Дар ин вақт Абдулатиф дар Машҳад қарор дошт. Вақте ки хабари омадани мирзо Абулқосим Бобур ба Машҳад расид, Абдулатиф мутаваҷеҳи Ҳирот гардид. Мирзо Улуғбек салтанати Ҳиротро ба мирзо Абдулатиф иноят фармуд ва ба суръати тамом азимат ҷониби Мовароуннаҳр намуд.

Замоне ки лашкариёни Улуғбек аз рӯдхонаи Ҷайҳун мегузаштанд, мавриди ҳамлаи ӯзбакон қарор гирифтанд, иддае асир гардиданд ва амволи зиёде ба ғорату тороҷ рафт ва лашкар бо машаққати зиёд вориди Бухоро гардид. Улуғбек бошад фасли зимистонро дар Бухоро паси сар кард ва аз ҳамон ҷо ҷасади Шоҳрухро ба Самарқанд фиристод, то дар мақбараи Темур дафн шуд [5, С.664; 70, С.146; 96, С.29; 157, С.452-453].

Абулқосим Бобур дар ҳоле ки ба сӯйи Сарахс пешртозӣ мекард, як қисме аз лашкариёни худро низ барои аз байн бурдани Абдулатиф ба Ҳирот фиристод. Абдулатиф баъд аз фирори Улуғбек понздаҳ рӯз дар Ҳирот ҳукумронӣ кард. Чун овозаи омадани лашкари Абулқосим Бобур ва амирзода Ёралии туркмон аз ҷониби қалъаи Найзату бишнид дигар маҷоли таваққуф намонд ва шабе аз Ҳирот берун рафт ва аз гузаргоҳи Андхӯд гузашта ба Мовароуннаҳр расид ва қосид ҷониби Самарқанд фиристод. Улуғбек нишон фиристод, ки вилояти Балх суюрғоли ӯст ва он ҷо рафта ба забти он талош намояд. Вақте ки Абдулатиф ба Балх омад бар зидди падар исён бардошт. Ва қонуни молиёти тамғо «домғо»-ро, ки Улуғбек махсусан дар ноҳияи Балх, ки дар роҳи Мовароуннаҳр ва тиҷоратии Ҳиндустон воқеъ шуда буд, бекор кард [211, С.382].

Ба муҷиби гуфтаҳои боло Улуғбек ҳангоми лашкаркашӣ ба Хуросон аз чанд ҷиҳат муносибати худро бо писараш Абдулатиф сард

сохт. Якум, хазинаи ӯ, ки дар қалъаи Ихтиёриддин маҳфуз буд, ӯро аз он бенасиб гардонд. Дуюм, дар Ҳирот, ки солҳо ба азимат гузаронида буд, дар ҳолати фалокатбор нигоҳ медошт ва сеюм, ӯро дар сарҳади Бастом, Машҳад ва Ҳирот дар ҳолати ногувор гузошт. Чаҳорум, мавқеи бародари ӯ мирзо Абдулазизро аз ҳар ҷиҳат аз Абдулатиф болотар гузошт.

Инчунин дар асари воқеаи соли 851/1447 обрӯ ва нуфузи Улуғбек дар байни лашкариёнаш комилан аз байн рафта буд. Бо ҳамин мақсад Улуғбек ба хулосае омад, ки дар баҳори соли 853/1449 Хуросонро ба ҳар тартибе бошад ишғол намояд, лекин барои ӯ лозим буд, қабл аз иқдом бо ин кор бо фарзанди худ вориди ҷанг шавад.

Чун хабари бекор кардани андози "тамғо" аз ҷониби Абдулатиф ба Улуғбек расид, Абдулазизро дар Самарқанд қоиммақоми худ гузошта, бо лашкари зиёд ба канори Ҷайҳун шитофт ва мирзо Абдулатиф садди роҳи ворид шудани Улуғбек ба Хуросон шуд.

Лашкариёни Улуғбек ва Абдулатиф дар як вақт дар ду тарафи дарёи Ҷайҳун саф кашиданд ва аз қайдҳои Давлатшоҳи Самарқандӣ чунин натиҷагирӣ кард, ки онҳо се моҳ [27, С.650] дар он вазъ монданд ва натавонистанд аз он убур кунанд. Талоши тарафайн барои гузаштан аз дарё бенатиҷа буд ва гоҳе Абдулатиф муваффақ мешуд. Дар яке аз амалиётҳои ҷангӣ Абдуллоҳ бини Иброҳим асир гардид. Улуғбек ғайр аз муқобилият бо неруҳои Абдулатиф маҷбур буд, вазъи ногувори дохилии лашкарро низ фурӯ нишонад. Ҳамзамон, аз Самарқанд пайваста ахборе бо Улуғбек мерасид, ки дар урдуи Абдулазиз низ вазъ чандон хуб нест. Ин ахбори такондиҳанда то андозае руҳияи лашкариёнро руҳафтода карда буд, ки тасмим гирифтанд Улуғбекро дастгир карда ба писараш Абдулатиф таслим намоянд. Улуғбек маҷбур гардид, ки рӯ ба Самарқанд биёрад.

Абдулатиф аз вазъи ногувори дохили Самарқанд истифода бурда, аз дарёи Ҷайҳун гузашта, ба Шаҳрисабз омад ва чанд рӯз тарҳи иқомат

андохт ва лашкарҳои он навоҳӣ ҷамъ сохт ва рӯ ба Самарқанд ниҳод. Байни падару писар дар наздикии Димишқ аз ҳаволии Самарқанд дар шаъбони 853/1449 ҷанги хунине даргирифт [5, С.683-684].

Лашкариёни Улуғбек пас аз задухӯрдҳои шадид дучори шикаст шуданд. Абдулатиф пас аз шикасти Улуғбек ба доруссалтанаи Самарқанд омада соҳиби тоҷу тахти падар гардид. Улуғбек интизор дошт, ки дар қалъаи Самарқанд битавонад коре анҷом диҳад, лекин ба дастури Мироншоҳи қувчин дарвозаи шаҳрро ба рӯйи ӯ бастанд ва вориди шаҳр шудан намонданд. Улуғбек ночор бо Абдулазиз ва чанд тан аз навкари дигар ба ҷониби Шоҳрухия равона шуд. Доруғаи он ҷо Иброҳим Пӯлод хост, ки ӯро дастгир карда, ба Самарқанд, назди Абдулатиф фиристад. Улуғбек чун аз нияти он мард огаҳ шуд, аз қалъа берун шуд ва барои таслим шудан роҳи Самарқандро пеш гирифт. Абдулатиф мувофиқат кард, ки падараш ба зиёрати Маккаи муаззама мушарраф шавад ва барои анҷоми ин кор низ яке аз ҳоҷиёнро бо номи ҳоҷӣ Амир ҳамроҳ таъйин кард. Боиси таассуф аст, ки Абдураззоқи Самарқандӣ дар бораи ба ҳаҷ фиристодани Улуғбек аз ҷониби Абдулатиф ва кушта шудани ӯ аз ҷониби Аббос ном шахс маълумоте надодааст. Хондамир бошад номи шахсе ки мебоист бо Улуғбек ҳамсафари ӯ ба ҳаҷ мешуд, ҳоҷӣ Муҳаммад Хусрав ном бурдааст. Ҳамзамон, аз чи бошад, ки Хондамир дар асари худ санаи рӯзу моҳ ва соли кушта шудани Улуғбекро нишон надодааст.

Улуғбек тавассути Аббос ном, ки фармони қатли вайро Абдулатиф содир карда буд, дар беруни шаҳри Самарқанд дар соҳили канали Суҷ ба таърихи ҳаштуми моҳи рамазон 853/27 октябри соли 1449 ба зарби шамшер ба қатл расид. Абдулатиф баъд аз куштани падари худ се рӯз қабл аз қатли падар, бародари худ Абдулазизро низ ба қатл расонид.

Ӯ ҳатто ба иддае аз амирон ба амсоли амир Маҳмудёнтуқ, султон Ҷунайд, султон Юсуф, амир Исмоил Сӯфӣ тархонро, ки дар вақти мухолифати падару писар, ҷониби падарро гирифта буданд, бадгумон

шуд ва ҳамаи онҳоро дар маҷлиси хос талабида ба қатл овард [96, С.42; 55, С.762].

Ба ҳамин тариқ, Улуғбек тайи солҳои 1411-1447 Мовароуннаҳрро идора намуд, дар сиккаҳо ва хутбаи намози ҷумъа номи падараш Шоҳрухро ҳамчун подшоҳ зикр намуд. Бино ба ахбори Абдурраззоқи Самарқандӣ ва Фасеҳи Хавофӣ, Улуғбек тайи солҳои 1414, 1417, 1418, 1422, 1425 ва 1435 барои арҷ гузоштан бо падари худ Шоҳрух озими Ҳирот шудааст [4, С. 205, 245, 264, 325, 364, 444; 90, 1070, 1083, 1088, 1103,1111, 1128].

Пас аз қатли Улуғбек аз ҷониби писараш Абдулатиф байни намояндагони хонадони темурӣ задухӯрдҳо барои соҳиб шудани тахту тоҷ оғоз шуд. Абулқосим Бобур, писари Бойсунғар бар Ҷурҷон соҳиб шуд ва дар соли 853 Ҳиротро низ ба зери тасарруфи худ даровард. Абдулатиф пас аз қатли падар ба сарзамини Мовароуннаҳр қаноат карда Хуросонро бошад ба Абдулқосим Бобур мусаллам гардид. Бино ба маълумоти Абдураззоқи Самарқандӣ «лашкари ӯзбак, ки ҳар зимистон то панҷ фарсахи Самарқанду Бухоро метохтанд ва амволи бисёр ва асири бешумор мебурданд, он зимистон аз ҳайбати сиёсату сатвати савлати ӯ аз сад фарсах оҳанги он вилоят накарданд» [5, С.687].

Абдулатиф бар хилофи падар бо аҳли дарвешу уламо муносибати нек надошт. Давраи кӯтоҳи ҳукмронии Абдулатиф аз назари мардуми оддӣ дар муқоиса ба давраи Улуғбек на он қадар хуб буд. Ӯ афродеро, ки дар иҷрои дастурҳояш хурдтарин хатогиҳоро содир мекарданд, бераҳмона ҷазо медод. Ва тибқи иттилои Мирхонд «Бағоят тундхӯй ва бо сиёсат буд ва бо гуноҳи андак уқубати бисёр кардӣ ва ҳеҷ кас аз хосу муқаррабон ӯро маҷол набуд, ки аз фасоду салоҳи мамлакат бо ӯ сухан гӯяд, ё ба ҷиҳати некхоҳии ӯ ҳадис ба арз расонад» [55, С.772]. Аз чунин кирдори номуносиби ӯ баръало аён буд, ки мардум низ ҷасорат карда наметавонистанд, ки алайҳу ӯ изҳори норозигӣ намоянд. Манбаъҳои таърихии он давр аз он шаҳодат медиҳанд, ки аз рӯзҳои нахустини дар сари қудрат омадани Абдулатиф атрофиёни Улуғбек нақшаи

аз байн бурдани ӯро ба миён гузошта буданд. Ҳатто аз нақшаи сӯйқасд ба ҷонаш огаҳӣ ёфта буданд, аммо касе ҷуръат намекард, ки ба ӯ ин хабарро расонанд. Дар 26 рабеъулаввали соли 854/8 май 1450 пас аз шаш моҳи дар сари қудрат будан Абдулатиф дар асари сӯйқасд ба қатл расид [5, С.696; 96, С.42-43].

Бино ба иттилои Абдураззоқи Самарқандӣ Абдулатиф ҳангоми аз Боғи Чанор ба ҷониби Самарқанд равона шудан мавриди дучори тире гардид. Наздикони ӯ бо мушоҳидаи ин ҳол пароканда шуданд ва он гурӯҳ худро ба ӯ расонида, сарашро аз тан ҷудо карда, аз пеши тоқи мадрасаи Улуғбек овехтанд. Қотили аслии ӯро Бобо Ҳусайн муаррифи кардаанд [5, С.696-697; 55, С.772; 96, С.42-43; 27, С.651-652; 211, С.382]. Хондамир чунин меафзояд: “...шаби ҷумъа...дар вақте ки он шаҳриёри девонасор аз Боғи Чанор ба тарафи шаҳр меомад, тире ба сӯи ӯ андохтанд” [96, С.42].

Интихоби кушандаи Улуғбекро Абдулатиф маҳз ба Аббос вогузор кард, зеро мувофиқи маълумоти муаррихи асримиёнагӣ Мирхонд Аббос писари Сайид Ошиқ, яке аз рӯҳониёни барҷастаи Самарқанд буд. Саид Ошиқ бо фармони Улуғбек дар солҳои 40-уми асри XV ба қатл расонида шуд [55, С.761; 96, С.33; 287, С.87-88]. Абдулатиф Аббосро фармуд, ки пеши хон зону зада шикоят аз он кунад, ки Улуғбек падари манро ноҳақ куштааст ва розигии хонро мегирад.

Муаллифи “Ҳабиб-ус-сияр” Хондамир вақте ки дар бораи Сайид Ошиқ маълумот медиҳад, аз эътирози ӯ ба Улуғбек, ки дар хатнасури писараш Абдулазиз мардумро бо шароб зиёфат карда буд, нақл мекунад. Сайид Ошиқ ба Улуғбек мегӯяд: “Дини Муҳаммадӣ барандохтӣ ва расми куффор зоҳир сохтӣ” [95, С.159-160]. Дар ҷойи дигар ҳамин муаллиф навиштааст, ки”ҳаммоме, ки Хоҷа Исомуддин дар Самарқанд тарҳ андохта буд, ба итмом расид ва дар он шабе, ки он ҳаммомро гардон месохтанд, занони муғанния (сароянда) ба сари ҳаммом рафта, дар миёни мардон нишастанд ва оғози тағаннӣ (сурудхонӣ) карданд. Ва Сайид Ошиқ бар ин сурат муталлеъ шуда, назди Хоҷа Исомуддин рафт ва гуфт ”Эй шайхулисломи беислом, ба кадом

мазҳаб ҷоиз аст, ки занону мардон дар як маҷлис нишаста суруд гӯянд? [95, С.160]. Ҳамчунин муаллифи «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзомуҳаммад Ҳайдари Дуғлот суҳбати зерини мирзо Улуғбекро бо амир Худойдод овардааст, ки он бори дигар аз пайрави кардани ӯ ба ёсои Чингизӣ зоҳир мегардад. Улуғбек ба ӯ мегӯяд: «Ҳеҷ кас чун шумо аз тӯри Чингизӣ огаҳӣ надорад. Лутфан аз шартҳо ва шароити он қисса кунед, мо ба ин эҳтиёт дорем». Ва амир ҷавоб дод: «Мо тӯрҳои Чингизиро нораво донистем, аз онҳо пурра даст кашидему ба қонунҳои шариат таваҷҷӯҳ намудем. Ва аммо агар тартиботи чингизӣ барои Мирзо хушоянданд ва сарфи назар аз олимии худ, шариатро вогузошта, онро пайравӣ карданӣ бошанд, пас мо Мирзоро ба ин ойин меомӯзем» [54, С.96].

Зимнан таъкид кард, ки Улуғбек сарлашкари ноком буд [135, С.36]. Воқеан Улуғбек аз уҳдаи идораи давлатдорӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон баромада натавонист. Давлатшоҳи Самарқандӣ ҳукмронии Улуғбекро дар Хуросон ҳашт моҳ нишон додааст [27, С.654], ки ин саҳв аст. Тибқи иттилои сарчашмаҳо Улуғбек дар Хуросон ду солу ҳашт моҳ дар сари қудрат буд [21, С.252; 241, С.340]. Ҳамин тавр, ҳукумронии кӯтоҳмуддати Улуғбек дар Хуросон, ки саршор аз иштибоҳ ва сиёсати нодурустӣ сиёсӣ буд, ба зудӣ завол ёфт.

Муаррихони ӯзбек Б.А.Ахмедов, О.Д.Чехович ва А.Ю.Якубовский доир ба ҳаёт ва фаъолияти сиёсии Улуғбек таҳқиқоте ба анҷом расонидаанд, ки дар кори худ доир ба ин давраи таърихӣ бештар ба «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ такя кардаанд, аммо бояд қайд кард, ки онҳо маҳз аз баёни ғорату ваҳшониятҳои Улуғбек ва лашкариёни ӯ дар Ҳирот худдорӣ кардаанд. Бешубҳа, метавон гуфт, ки ин муаррихон ба хотири бадном насохтани «ин чеҳраи маъруф» дар саҳифаи таърих барои насли оянд ин иқдомро пешаи худ қарор додаанд.

Инчунин ба муҷиби гуфтаҳои боло, муаррихи тоҷик Н. Турсунов ҳам дар асари худ “Таърихи халқи тоҷик” дар боби “Халқи тоҷик дар давлати

Темур ва Темуриён” [324, С.486-522], пажуҳише анҷом додааст, ки он аз баёни ғорату ваҳшониятҳои Улуғбек дар Ҳирот сарфи назар кардааст.

Ҳамин тариқ, пас аз фавти Шоҳрух бо ба сари қудрат омадани Улуғбек дар Мовароуннаҳру Хуросон авзои сиёсии минтақа аз нав мутаашшаниҷ гардид. Хусусан, муноқишаҳои дохилии хонадони онҳо барои ба даст овардани ҳокимият дар ин ё он минтақа боиси боз ҳам тезу тунд гардидани авзои сиёсӣ мегашт. Лозим ба ёдоварист, ки эътироф нагардидани зимомдории Улуғбек аз ҷониби аҳолии таҳҷои дар Мовароуннаҳру Хуросон пеш аз ҳама дар он буд, ки ӯ ба рукнҳои исломӣ умуман майл надошт ва бештар ба расму оини муғулӣ такя мекард.

Аз ҷумла, андози “тамғо”, ки дар аҳди муғулҳо барои аҳолии таҳҷоӣ ҷорӣ гардида буд, хеле гарон буд. Талошҳои шахсиятҳои руҳонӣ ва тоҷирон барои аз байн бурдани ин андоз дар аҳди зимомдории Улуғбек натиҷае надод. Лашкаркашии Улуғбек ба Хуросон боиси вайрону валангор гардидани Ҳирот ва куштору қатли омм кардани мардуми таҳҷоӣ дар ин минтақа гардид. Тавре ки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, осори ин вайронаҳо то дербоз боқӣ монда буд.

## III. 2. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар солҳои 50-60-уми асри XV

Дар заминаи маълумоти сарчашмаҳо пас аз кушта шудани Абдулатиф Абӯсаид (1142-1469) бо кӯмаки бевоситаи қабилаҳои бодиянишинӣ ӯзбак, ки зери роҳбарии Абдулхайрхон сарҷамъ гардида буданд, ҳокимияти Мовароуннахрро бе ҳеҷ як муқовимате аз дасти Абдулло султон, ки пас аз кушта гардидани Абдулатиф ба сари ҳокимият омада буд ва бо кушта гардидани Абдуллоҳ ба зери тасарруфи худ даровард. Абдуразоқи Самарқандӣ қайд мекунад, ки Абусаид, рӯзи шанбеи бисту дуюми ҷимодиулаввали 855/21 июни 1451 ба тахти Самарқанд нишастанд [5, С.710].

Баъд аз вафоти Шоҳрух ва аз ҷониби Абдулатиф кушта шудани Улуғбек аз нав мунокишаҳои дохилии хонадони темуриҳо авҷ гирифт ва оромии нисбии мамлакат халалдор шуд. Як муддат Ҳирот беҳоким монд. Султон Абӯсаид (1412-1469) дар Самарқанд ва Ёдгор мирзо дар Астаробод аз бесарусомонии мамлакат истифода бурда, ба ташкили ҳукумати хонадони худ шуруъ карданд.

Ҳатто султон Абусаид баъди ба даст овардани ҳокимият аввалин “иқдоме”, ки даст ба он зад, қотилони мирзо Абдулатифро дастгир ва дар ҳамон маҳалле, ки Абдулатиф кушта шуда буд, куштанд ва сипас оташ заданд.

Абусаид ба амсоли Улуғбек унвони курагонро ба худ муносиб донист, ки ин робитаи ӯро на танҳо ба Темур, балки тавассути ӯ бо чингизиён низ тасдиқ кард. Абӯсаид солҳои 1451-1457 ҳокими Мовароуннаҳр буд. Дар ин вақт набераи Шоҳрух Абулқосим Бобур (1452-1457) бародараш султон Муҳаммадро феврали соли 1449 ба қатл расонда ба тахти Хуросон соҳиб шуд. Тибқи иттилои Исфизорӣ Абӯсаид ҳамеша дар сар орзуи ба зери тасарруфи худ даровардани тахти Ҳирот ва Хуросонро мепарварид.

Аммо, бояд қайд кард, ки дар Хуросон он замон чанд подшоҳе буданд, ки бо якдигар душманӣ доштанд. Мирзо Ҷаҳоншоҳ шоҳи Озарбойҷон, ҳар ду Ироқ ва минтақаи Астраобод то Сабзаворро ишғол кард. Мирзо султон Абусаид, ҳокими Мовароуннаҳр ва Туркистон дар Балх нишаста буд. Мирзо Алоуддавла, ки аз Дашти Қипчоқ ва кишвари ӯзбакҳо бармегашт, дар Абевард буд. Султон Санҷар дар Марв иқоматгоҳ дошт ва мирзо Шоҳмаҳмуд дар Тӯс ва минтақаи қалъаи Имод сукунат дошт. Малик Қосим ҳамроҳи Халил Систонро то минтақаи Фароҳ ва шаҳри Исфизор забт кард. Ҳатто ҳар як қалъа ҳоким дошт ва худро мустақил мепиндошт. Парокандагии феодалии Хуросонро Абдураззоқи Самарқандӣ ва Исфизорӣ нисбат ба дигар муаррихон беҳтар тасвир кардаанд. «Аҷибтараш ин аст, ки ҳар як қалъае, ки дар он кишвар буд, дар ихтиёри кадом як роҳбар буд; Мавлоно Аҳмади

Ясавул қалъаи Ихтиёриддинро забт кард, ба касе эътибор надод; қалъаи Нарату ба дасти Парка Муғул афтод, қалъаи Сарахсро амир Абдуллоҳ посбонӣ мекард; қалъаи Сӯълуқ аз они Худойдод ва қалъаи Табас аз они амир Ховандшоҳ буд ва касе аз онҳо ба касе итоат намекард чунин ҳолатҳо кам рӯй медиҳанд» [5, С.821-822, 70, С.208-209].

Султон Абӯсаид ба мулки Мовароуннаҳр қаноат накарда соли 858/1454 Амударёро убур намуда ба ҷониби вилояти Балх раҳсипор гардид ва як қатор минтақаҳоро аз ҳудуди Бадахшон то канори Мурғоб дар қабзаи тасарруфи худ даровард. Дар ин вақт Абулқосим Бобур дар Мозандарон қарор дошт.

Абдураззоқи Самарқандӣ дар бораи омодагии Абулқосим Бобур дар соли 858/1454 ба Мовароуннаҳр бар зидди султон Абусаид иттилоъ медиҳад, ки Абулқосим Бобур ба амир Хоҷа Ваҷеҳиддин Исмоил Симнонӣ фармон дод, ки бо як идда умарои изом аз аҳолӣ хироҷ, "забти лашкар" ва "зари лашкар" ҷамъоварӣ кунанд. Абулқосим Бобур пас аз ситонидани андозҳои зарурӣ тамоми маблағҳои ҷамъшударо ба умаро ва лашкариён тақсим карда, рӯ ба Мовароуннаҳр овард [5, С.755, 247, С.87].

Сипас, Абулқосим Бобур аз роҳи Арҳанг, Солисарой ба Ҳисори Шодмон омада дар он ҷо барои хастагии худ ва лашкариёнро баровардан каме таваққуф мекунанд. Ва сентябри 1454 аз он ҷо бо теъдоди сад ҳазор лашкар рӯ ба Самарқанд меоранд. Султон Абӯсаид аз лашкаркашии Бобур огаҳ шуда, Амударёро убур карда, озими Самарқанд гашт. Бояд гуфт, ки султон Абусаид интизор набуд, ки Абулқосим Бобур ба зудӣ ба Мовароуннаҳр лашкар мекашад. Тибқи ахбори Мирхонд султон Абӯсаид пас аз убури Ҷайҳун лашкариёнашро иҷозат дод то ба хонаҳои худ раванд [55, С.791]. Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки сипоҳиёни султон Абусаид аз Хуросон молу амволи мардуми бумиро ба ғорат бурда, дигар на он қадар майли ҷанг кардан доштанд. Абулқосим Бобур бошад, бе ҳеҷ як муқовимате дар як фарсахии Самарқанд қарор гирифт ва дар ин ҳолат аз сипоҳи Самарқанд ҳеҷ кас дар муқобили лашкари Хуросон қарор нагирифт. Ва

сипоҳи Хуросон хотир бар он қарор доданд, ки мардуми Самарқандро қуввати муқовимати эшон нест. Султон Абӯсаид бошад дар чунин вазъ бо амирони худ тарки мубориза кардан ва фирор ба ҷониби Туркистон дошт ва Хоҷа Аҳрор садди роҳи ӯ мешавад. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки мардуми Самарқанд зери роҳбарии шахсиятҳои руҳонӣ пеш аз ҳама Хоҷа Аҳрор бахри дифо ба муқобили лашкариёни Хуросон бархостанд. Ва ҷанги шадиде ба вуқуъ пайваст ва хуросониён талафоти зиёде доданд. Инчунин, яке аз сарлашкарони бонуфузи Абулқосим Бобур Халил асир меафтад. Ба қавли Абдураззоқи Самарқандӣ дар ин ҷанг зиёда аз сад ҳазор уштур ба ҳалокат мерасад. Аз ин фарзия бармеояд, ки теъдоди лашкариёни Абулқосим Бобур хеле зиёд будаанд. Чунончи Абдураззоқи Самарқандӣ :«...гурӯхе анбӯҳ асир...Ва баъзе ба теғи қаҳр ба қатл омаданд...» [5. С.744; 70, С.178; 55, С.794]. Дар ҷои дигар ҳамин муаллиф чунин менигорад: “...ҳар киро медиданд, мекуштанд ва баъзеро гӯшу бинӣ бурида...” [5, С.750; 55, С.794; 535]. Бино ба ахбори Исфизорӣ самарқандиён хуросониёни зиёдеро кушта ва асир гирифтанд [70, С.203]. Байни ду подшоҳ зиёда аз чил рӯз ҷангҳо идома ёфта, Абулқосим Бобур ночор бо фаро расидани фасли сармо маҷбур шуд, ки ба сулҳ бастан розӣ шавад. Мутобиқи аҳдномаи сулҳ султон Абӯсаид мебоист бо мамлакати Мовароуннаҳр қаноат карда, ба заминҳои Хуросон дахолат намекард [96, С.52-53; 147, С.115; 491, С.36-44; 225, С.58]. 25 декабри соли 1454 Абулқосим Бобур тарки Самарқанд карда ба Ҳирот рафт. Бояд тазаккур дод, ки Абдураззоқи Самарқандӣ соли 1454 шоҳиди бевоситаи муҳосираи Самарқанд аз ҷониби лашкариёни Абулқосим Бобур буд [207, С.44].

Академик В.В.Бартолд оид ба мудофиаи самарқандиён ва шикасти Бобур дар асари худ «Мир-Али-Шер и политическая жизнь» чунин менависад: «Бобур дар соли 1454 барои забт карданӣ Самарқанд кӯшишаш барор нагирифт ва пас аз бастани сулҳ бо Абӯсаид, 25 декабри ҳамон сол ба Ҳирот баргашт» [147, С.115; 225, С.58]. А.Ю.Якубовский низ доир ба рафти

ин мудофиа навиштааст, ки Бобур Самарқандро забт кардани буд, вале юриши ӯ дар соли 1454 бебарор анҷом ёфт [358, С.383].

Ҳамзамон, оид ба мудофиаи Самарқанд муаррих О.Д. Чехович дар мақолааш «Мудофиаи Самарқанд дар соли 1454» [491, С.36-44] бо истифода аз сарчашмаҳои хаттӣ дар маърази таҳлил қарор дода, хулосаҳои ҷолиб бардоштааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки дар ин лашкаркашӣ набераи Умаршайх (писари Темур) султон Ҳусайн Бойқаро низ иштирок дошт. Султон Ҳусайн як қисми ашрофони низомӣ буд, ки дар атрофи Абулқосим Бобур муттаҳид шуда буд. Пас аз бастани аҳднома байни Абусаид ва Абулқосим Бобур султон Ҳусайн ва чанд тани дигар аз авлоди Умаршайх ба Ҳирот барнагашта, дар Самарқанд назди Абусаид монданд. Амакзодаи султон Ҳусайн султон Увайс бар зидди Абусаид исён бардошт, ки ин боиси он гардид, ки Абусаид нисбат ин султонҳо шубҳа пайдо кард. Сипас, Абусаид фармон дод, ки султон Ҳусайн ва 13 нафар аз хешовандонашро дар қалъаи Самарқанд зиндонӣ кунанд. Вақте ки ин хабар ба Ҳирот расид, модари султон Ҳусайн-Фирӯзабегим ба Самарқанд рафта, то писарашро раҳо созад. Фирӯзабегим аз ҷониби модараш набераи Мироншоҳ буд ва писари амаки Абусаид буд. Абусаид хоҳиши ӯро ба ҷо овард ва султон Ҳусайн ба Ҳирот баргашт ва боз ба хизмати Абулқосим Бобур даромад.

Бино ба гуфтаҳои Абдураззоқи Самарқандӣ Абулқосим Бобур ҳама вақт майл ба шаробнӯшӣ дошт ва ҳатто рӯзи маргаш низ сешанбеи 25 рабеъулсонӣ санаи иҳдӣ ва ситтин ва самонмоя 861/марти соли 1457 дар Машҳад аз нӯшидани шароб худорӣ накард [5, С.873; 70, С.188; 96, С.57; 138, С.14]. Ҷасади ӯро аз Машҳад ба Ҳирот оварда дар гунбази мадрасаи Шоҳрух дафн карданд.

Бояд гуфт, ки муддати ҳукмронии Абулқосим Бобур дар тамоми Хуросон, Мозандарон, Симнон, Домғон то вилояти Бадахшон ва аз соҳили Ҷайҳун, Марв ва Мохон то ҳудуди мамлакати Систон ва

Зобулистон даҳ сол буд. Ва мамолики Ироқу Форсро низ ба зери тасарруфи худ даровarда буд.

Сарчашмаҳо собит месозанд, ки бо марги Абулқосим Бобур Хуросон боз ба майдони задухӯрдҳои хунин, толону тороҷ ва бетартибӣ мубадал гардид. Касе набуд, ки ҳокимиятро ба дасти худ гирад, гарчанде ки даъвогарони тоҷу тахт зиёд буданд. Дар миёни довталабон ҳокими Мовароуннаҳр Абусаид тавонист ҳокимиятро бемуқовимат дар Хуросон ба даст орад. Ба ҳамин тариқ, аз соли 1457 Мовароуннаҳру Хуросон боз аз нав муттаҳид гардид.

Ҷаҳоншоҳ ҳукмрониаш (1436-1467) тавонотарин ҳокимони Қароқуюнлу буд. Ӯ дар замони Шоҳрух худро тобеи ӯ медонист ва бо моликияташ дар Озарбойҷони Ҷанубӣ, Арманистон ва Ироқи Араб қаноат мекард. Аммо пас аз марги Шоҳрух аз низоъҳои дохилии темуриён дар Хуросон истифода бурда, худи Ҷаҳоншоҳ унвони султониро гирифт ва дар байни солҳои 1453-1457 Форси Ироқ, Хузистон, Форс ва Кирмонро забт кард. Ин истилои нави Эрони Ғарбӣ аз тарафи кӯчманчиён бо харобиҳои хунин, махсусан, ба Султония ва Исфаҳон таъсир расонд. Ҷаҳоншоҳ соли 1458 Хуросон ва Ҳиротро низ ишғол кард, аммо ҳамлаи султон Абусаид аз Мовароуннаҳр ва хабари шӯриши феодалӣ дар Озарбойҷон Ҷаҳоншоҳро маҷбур сохт, ки Хуросонро шитобкорона тарк кунад. Байни султон Абусаид ва Ҷаҳоншоҳ шартнома баста шуд, ки тибқи он биёбони бузурги Эрон (Дашти Кевир) сарҳади мулки онҳо эътироф карда шуд. Ҳамчунин соли 1459 байни онҳо иттифоқи ҳарбӣ баста шуд, ки ин ба ҳардуи онҳо имкон дод, ки ба муқобили низоъҳои дохилӣ ва ҷунбишҳои мардумӣ дар давлатҳои худ мубориза баранд.

Соли 1453 тамоми ноҳияҳои Ғарбии Эронро намояндаи туркманҳои қарақуюнлу (гӯсфандони сиёҳ)-Ҷаҳоншоҳ забт карданд. Дар ин сол вилоёти Ироқу Форс аз ҳудуди вилояти Озарбойҷон то соҳилҳои дарёи Умон ба ҳайати мамлакати туркмон дохил шуд ва мамолике ба он зиёда аз ҳаштод сол дар қабзаи иқтидори Темур ва Темуриён буд, аз таҳти

тасарруфи ин давлат берун рафт. Бояд гуфт, ки пас аз ихтилофу кашмакашиҳои шоҳзодагону амирон, аз даст ба даст гузаштани ҳокимият дар миёни онон, харобии шаҳрҳо ва қаҳтию гуруснагиро ба миён овард. Абдураззоқи Самарқандӣ дар баёни воқеаҳои соли 861/1456 зимни зикри ин ҳаводис, ки метавонад намунаи равшан аз ин гуна нобасомониҳо дар ин аҳд бошад, чунин инъикос менамояд: “Ва аз ғароиби вақоеъу бадоеъ аҷоиб, ки дар авоили ин сол воқеъ буд, он аст, ки дар мамлакати Хуросон чанд подшоҳ нофузи фармони мухолифати якдигар буданд” [5, С.821; 70, С.190].

Мувофиқи маълумоти маъхазу сарчашмаҳо пас аз марги Бобур тамоми қаламрави Хуросон дучори нооромиҳо ва ҷангҳои дохилӣ гардид, касе набуд, ки ҳокимиятро ба дасти худ гирад, гарчанде ки даъвогарони тоҷу тахт зиёд буданд, вале ҳеҷ яке аз онҳо муваффақ нашуданд. Бо истифода аз ин вазъи нобасомони Хуросон ҳокими Мовароуннаҳр султон Абусаид ба ин сарзамин ҳуҷум карда, ҳокимиятро бемуқовимат ба зери тасарруфи худ даровард. Ба ҳамин тариқ, аз соли 1457 Мовароуннаҳру Хуросон боз аз нав муттаҳид гардиданд. Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки султон Абӯсаид ҳамеша дар сар орзуи ба зери тасарруфи худ даровардани тахти Ҳирот ва Хуросонро мепарварид [5, С.805; 70, С.201].

Соли 1458 Ҷаҳоншоҳ кӯшиш кард, ки Ҳиротро аз дасти Темуриён бозпас гирад, аммо ба ин муваффақ нашуд. Дар соли 1459 байни ду тараф шартнома баста шуд, ки тибқи он Эрони Ғарбӣ бояд дар таҳти хукмронии Ҷаҳоншоҳ, Хуросон бошад дар зери ҳукмронии Абусаид мемонад.

Мувофиқи маълумоти Исфизорӣ Абусаид дар санаи арбеъ ва ситтин ва самонмоя, ки тамоми Мовароуннаҳр, Туркистон то ҳудуди Қошғар ва низ Кобул ва Завол ва соири билоди Хуросон ва Мозандарон дар таҳти фармони султон Сайид даромад [70, С.236].

Ҳасани Румлу зикр мекунад, ки дар ҳамин сол амир Халил Ҳиндука, ки ҳокими Систон буд, даъвии истиқлол карда, бо ҷамъе аз лашкариёни худ рӯ ҷониби Хуросон меоварад. Чун мардумони булукоти Ҳирот аз ин қазия

огаҳ шуданд, худро ба шаҳр андохтанд ва бо иттифоқи амир Аҳмад барлос ва паҳлавон Муҳаммад бурҷу бораро ҳифз карданд.

Амир Халил дар дувоздаҳуми рамазон дар ҳаволии Ҳирот нузул фармуд вориди ҷанг шуд. Бояд тазаккур дод, ки бар зидди Халил аҳолии Ҳирот бархост, ки боиси шикасти ӯ шуд. Дар ин ҳолат султон Абусаид дар Астаробод саргарми дафъи султон Ҳусайн буд, вақте аз ин ҳодиса огаҳ мешавад, рӯ ба Ҳирот меорад ва аз он ҷо ба Систон равона шуда Халилро маҷбур сохт, ки таслим шавад. Пас аз таслим шудани Халил султон Абусаид ӯро афв карда, мулки Систонро ба Шоҳёёҳ иноят намуд [99, С.606].

Бояд гуфт, ки дар давраи зимомдории Абусаид Хоҷа Аҳрор дар дарбор нуфузу эътибори хосса доштанд. Абусаид дар рафти мубориза зидди исёнгарон дар Мовароуннаҳр ва мубориза барои ба даст овардани ҳокимият дар Хуросон пас аз марги Бобур (1457) вобаста ба шароит аз нуфузи Хоҷа Аҳрор бархурдор буд. Хоҷа Аҳрор, махсусан дар муҳосираи тӯлонии Шоҳрухия, ки писари Абдулатиф Муҳаммад Ҷӯкӣ, ки бар зидди Абусаид шӯриш бардошта буд, баръало зоҳир шуд. Ин шуриш дар соли 1461 оғоз ёфт. Дар бораи шӯриш аз Абдураззоқи Самарқандӣ дида бештар Масъуди Кӯҳистонӣ дар асари худ «Таърихи Абдулхайрхонӣ» маълумот додааст. Муҳаммад Ҷӯкӣ бо дастгирии Абдулҳай ва занаш духтари Улуғбек такя кард ва як қисми лашкари Улуғбек ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Лашкари Абусаид то омадани ӯ шикаст хӯрд ва шӯришгарон аллакай ба Куфил дар наздики Кармина расида буданд. Бори аввал рӯйдодҳои Хуросон ва Мозандарон Абусаидро маҷбур карданд, ки муҳосираро бардоранд ва бо Муҳаммад Ҷӯкӣ «сулҳгунае дарҳам баст» [5, С.901; 96, С.80] ба даст орад. Тибқи иттилои Исфизорӣ Абусаид бо Муҳаммад Ҷӯкӣ, гургоштӣ карданд [70, С.256].

Баъд аз ба эътидол омадани авзои сиёсии Хуросону Мозандарон султон Абусаид соли 1462 бори дуюм ба Мовароуннаҳр лашкар кашида, қалъаи Шоҳрухияро аз нав ба муҳосираи тулонӣ қарор дод. Султон Абусаид аз Самарқанд ду маротиб барои музокира ба назди шуришчиён омад, вале гуфтушунид бенатиҷа буд. Ёдовар шуд, ки пири силсилаи нақшбандияи

Мовароуннаҳр Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор на танҳо дар байни аҳолии Мовароуннаҳр, балки дар назди султон Абусаид низ обрӯ ва эътибори хоса дошт. Султон Абусаид се маротиб Хоҷа Аҳрорро ба гуфтушинид ба назди муҳосирашудагон фиристод. Ва бори сеюм байни исёнгарон ва Хоҷа Аҳрор созиш ба миён омад ва султон Абусаидро водор кард, ки то ба имони худ қасам ёд кунад, ки исёнгарони таслимшударо азобу шиканҷа намедиҳад. Пас аз як соли муҳосира, дар тирамоҳи соли 1463 Муҳаммад Ҷӯкӣ маҷбур шуд, ки ба султон Абусаид таслим шавад. Султон Абусаид ҳамаи исёнгаронро раҳо сохт ба ҷуз аз Муҳаммад Ҷӯкӣ, ӯро бо худ ба Ҳирот оварда аввали моҳи январи соли 1464 дар қалъаи Ихтиёриддин дар зиндоне, ки ба сурати манора дар миёни ҳисор сохта буданд ҳабс шуд ва дар ҳамон сол вафот кард [5, С.926; 55, С.847-848; 70, С.265; 96, С.82-83; 99, С.627].

Ҳатто баъди истилои Хуросон аз ҷониби Абусаид фаъолияти Хоҷа Аҳрор бо Мовароуннаҳр маҳдуд нашуд. Соли 1460 Абусаид воқиф шуд, ки амир Нур-Саид, ки дар кӯҳсори назди деҳаи Нури Бухоро зиндагӣ мекард, дар атрофи Самарқанд ва Бухоро ҳуҷум мекунад. Ба назди ӯ шахси боваринок фиристода шуд, то ӯро ба итоат дарорад, дар сурати барор нагирифтани ин кӯшиш ба Абусаид лозим омад, ки ба Хоҷа Аҳрор муроҷиат намояд. Оқибат Нур аз Самарқанд пеш карда шуда, дере нагузашта ба шуришиёни Муҳаммад Ҷӯкӣ ҳамроҳ шуд. Баъд аз ин ҳодиса Хоҷа Аҳрор ба Ҳирот рафта, аз 23 сафар 865/8 декабр то 11 рабеъулаввал 25 декабри 1461 дар он ҷо зиндагӣ мекард. Абусаид бо хоҳиши ӯ ба барҳам додани тамғои Самарқанду Бухоро розӣ шуда, ваъда дод, ки дар оянда тамғо ва ҳамаи он чи ки дар тамоми молу мулк мамнӯъ аст, бекор карда мешавад [70, С.250; 274, С.13-19].

Хоҷа Аҳрор дар тахриби низоъҳо дар замони ҳукмронии Абусаид дар Мовароуннаҳру Хуросон ҳамчун миёнарав ва сулҳпарвар баромад мекунад. Дар сарчашмаҳо қайд карда шудааст, ки Хоҷа Аҳрор баҳри ба даст овардани сулҳу осоиш талоши зиёд кардааст. Гумон меравад, ки ба шарофати дахолати ӯ мушкилоте, ки дар чаҳор ҳолат ба вуҷуд омадаанд, бартараф

карда шудаанд: Дар муҳосираи Абулқосим Бобур (1454), дар замони шӯриши Нур Сайид дар солҳои 1460-1461, ҳангоми шӯриши Муҳаммад Ҷӯкӣ бар зидди султон Абусаид дар Шоҳрухия (1461-1463), дар ҷанги писарони Ҳусайн Бойқаро ва писарони Абусаид (1463-1464).

Соли 1464 бори дуюм Ҳусайн Бойқаро ба Хуросон лашкар мекашад. Дар мавзеи Туршиз байни султон Абусаид ва Ҳусайн Бойқаро задухӯрд ба амал меояд, ки боиси шикасти дуюмин мегардад. Султон Ҳусайн дар ин набард бо ҳаштод нафар ва султон Абусаид бошад бо теъдоди 1500 кас вориди ҷанг мешаванд. Бояд тазаккур дод, ки сарчашмаҳо теъдоди лашкариёнро гуногун инъикос кардаанд. Аз ҷумла, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар тазкираи худ теъдоди сипоҳи султон Ҳусайнро навад ва лашкари Абусаидро бошад даҳ ҳазор кас тасвир кардааст [27, С.932]. Хондамир бошад, теъдоди сипоҳи мухолифро "се-чаҳор ҳазор савор" [96, С.130] ва султон Ҳусайнро ҳаштод нафар, Ҳасани Румлу, ададй лашкариёни Ҳусайн Бойқароро 80 нафар ва теъдоди сипоҳи султон Абусаидро 1500 кас нишон додааст [99, С.634].

Аз таҳлил ва муқоисаи ин санаҳо ба чунин бардоште расидан мумкин аст, ки ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ ба ҳақиқати таърихӣ мувофиқат менамояд, зеро ин муаллиф шоҳид ва иштирокчии ин воқеаҳо буд.

Моҳи ноябри соли 1467 ҳарбиёни Аккоюнлу дар Арманистони Ҷанубӣ лашкариёни Каракюнлуро торумор карданд. Урдун Ҳасан сари Ҷаҳоншоҳи кушташударо ба ҳампаймонаш Абусаид ва сари писари Ҷаҳоншоҳро ба султони усмонӣ Маҳмад 2 фиристод. Баҳори соли 1468 лашкари Аккоюнлу Озарбойҷони Ҷанубиро бо Табрез ишғол кард, ки Узун Ҳасан онро пойтахти худ кард. Ҳамин тавр, давлати Каракюнлу аз байн рафт ва ба ҷойи он давлати Аккоюнлу таъсис ёфт, ки ба ғайр аз Арманистон ва кӯҳҳои Курдистон, Арабҳои Ироқ, Озарбойҷони Ҷанубии Эрон ва як қисми шимол то дарёи Кур, инчунин Форс, Ироқ, Хузистон, Форсу Кирмон, ба ибораи дигар, тамоми Эрони Ғарбӣ. Дар ин сарзамин аз соли 1468 то соли 1502 давлати Аккоюнлу вуҷуд дошт.

Пас аз фавти Ҷаҳоншоҳ султон Абӯсаид аз афзоиши қудрати Оққуюнлуҳо ҳаросида бо лашкари зиёд ба Озарбойҷон лашкар кашид ва ба умеди он, ки агар муваффақ шавад, Эрони Ғарбӣ ва Озарбойҷони Ҷанубиро ба мулки худ ҳамроҳ намояд. Аммо Абусаид бо лашкариёнаш муваффақ нашуданд. Лашкариёни Абусаид ҳангоми зимистонгузарони дар Дашти Муғон қариб ҳамаи аспҳои худро аз даст доданд ва онҳоро дар муҳосира қарор доданд. Ин муҳосира лашкари Абусаидро ба гуруснагӣ дучор кард ва кор ба дараҷае расид, ки лашкар рӯ ба гурез ниҳод. Султон Абусаид низ фирор кард, вале ба дасти лашкариёни Аккоюнлу асир афтода, ӯро дар 22 раҷаб 873/5 феврали 1469 ба Ёдгор Муҳаммад набераи бузурги Шоҳрух, ки ба Узун Ҳасан паноҳ оварда буд, таҳвил доданд. Ёдгор Муҳаммад ба хотири Гавҳаршод ҳамсари Шоҳрух, ки дувоздаҳ сол қабл (1457) ба дастури султон Абусаид дар Ҳирот ба қатл расида буд, қасди ӯ гирифт ва ба қатлаш расонд [313, С.125].

Аз таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки пас аз фавти Шоҳрух, ва қатли Улуғбек аз ҷониби писараш Абдулатиф авзои сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон боз аз нав муташшаниҷ гардид. Мубориза барои ба даст овардани ҳокимият байни намояндагони хонадони Темуриён хусусан Абусаид ва Абулқосим Бобур аз нав авҷ гирифт.

Мувофиқи маълумоти маъхазу сарчашмаҳо пас аз марги Бобур тамоми қаламрави Хуросон дучори ноороми҅ҳо ва ҷангҳои дохилӣ гардид, касе набуд, ки ҳокимиятро ба дасти худ гирад, гарчанде ки даъвогарони тоҷу тахт зиёд буданд, вале ҳеҷ яке аз онҳо муваффақ нашуданд. Бо истифода аз ин вазъи нобасомони Хуросон ҳокими Мовароуннаҳр султон Абусаид ба ин сарзамин ҳуҷум карда, ҳокимиятро бемуқовимат ба зери тасарруфи худ даровард. Ба ҳамин тариқ, аз соли 1457 Мовароуннаҳру Хуросон боз аз нав муттаҳид гардиданд. Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки султон Абӯсаид ҳамеша дар

сар орзуи ба зери тасарруфи худ даровардани тахти Ҳирот ва Хуросонро мепарварид.

Бояд қайд кард, ки баъди ба сари қудрат расидани ҳокимияти Мовароуннаҳру Хуросон ба Абусаид авзои сиёсӣ дар минтақа ба эътидол наомад. Абусаид низ пайваста дар пахш кардани шуришу исёнҳо қарор дошт.

## Боби IV. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV дар манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқон

### IV. I Вазъи сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XV

Баъд аз фавти султон Абӯсаид аз ӯ даҳ писар боқӣ монд [55, С.870]. Султон Аҳмад, ки бузургтарин фарзанди султон Абусаид буд, пас аз марги падар ҷонишини ӯ шуд ва ба қасди тасарруфи Хуросон озими он диёр гардид чун ба Андхуд расид иттилоъ ёфт, ки султон Ҳусайн Бойқаро Ҳиротро ба зери тасарруфи худ даровардааст. Сипас, султон Аҳмад рӯ ба ҷониби Самарқанд овард ва то дами маргаш соли 899/1494 дар Самарқанду Бухоро дар сари қудрат буд.

Аммо бояд зикр кард, ки писари дигари Абусаид султон Маҳмуд низ баъд аз кушта шудани падараш ба Ҳирот омада талоши ба даст овардани мулки Хуросон кард, аммо ӯ низ муваффақ нашуд. Сипас, султон Маҳмуд бо як қатор ҷонибдорони худ ба Самарқанд назди бародари худ султон Аҳмад омад. Султон Маҳмуд пас аз чанд вақт бо одамони худ рӯ ба Ҳисор овард ва ин мулкро ба зери тасарруфи худ даровард. Назар ба ахбори Бобур мирзо пас аз чанд вақт вилоятҳои Хатлон, Бадахшон, Қундуз, Бағлон, Тирмиз ва Чағониёнро ба зери тобеияти худ даровард [35, С.39; 96, С.97]. Султон Маҳмуд муваффақ шуд, ки дар як муддати кутоҳ як қисми вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросонро соҳиб шавад.

Ба қавли Абдураззоқи Самарқандӣ султон Аҳмад баъд аз рафтани бародараш ба Ҳисор аз дунболи ӯ сипоҳи зиёдеро равона сохт. Байни ин ду лашкар задухӯрд ба вуқуъ пайваст, ки бо шикасти султон Маҳмуд анҷом ёфт. Султон Маҳмуд ба ҷониби Амударё фирор кард. Лашкариёни султон Аҳмад талоши аз байн бурдани султон Маҳмудро надоштанд ва бозпас рӯ ба ҷониби Самарқанд оварданд. Султон Аҳмад хеле хуб медонист, ки Ҳисор мулкест, ки ӯ ва лашкариёнашро бо озуқаворӣ таъмин карда метавонад.

Ҳамзамон Ҳусайн Бойқаро низ доимо дар сар орзуи мулки Ҳисорро дошт ва борҳо бо сипоҳиёни зиёд бар зидди султон Маҳмуд вориди ҷанг шуд.

Султон Маҳмуд соли 875/1470-1471 ба Балх ҳуҷум карда онро ба зери тасарруфи худ даровард. Сипас, ба ҷониби Андхуд раҳсипор шуд ва дар мавзеи Чакман байни лашкариёни султон Маҳмуд ва Ҳусайн Бойқаро задухӯрди шадид ба вуқуъ омад. Дар ин набард султон Маҳмуд ба шикаст дучор мешавад. Ҳусайн Бойқаро Балхро ба яке аз амирони худ Аҳмади Муштоқ арзонӣ медорад. Пас аз чанд вақт Аҳмади Муштоқ аз итоати султон Ҳусайн Бойқаро сарпечи намуда даъвии истиқлолиятхоҳӣ кард ва ба Мовароуннаҳр қосидони худро назди султон Аҳмад ва мирзо Маҳмуд фиристод ва ҷонибдории худро аз онҳо иброз дошт. Ҳусайн Бойқаро бо лашкариёни худ рӯ ба Балх оварданд ва муддати зиёда аз се моҳ Балхро дар муҳосира қарор дода муваффақ нагардид [56, С.81; 147, С.234]. Дар рафти муҳосира лашкариёни Ҳусайн Бойқароро гуруснагӣ таҳдид кард ва қисми зиёди лашкариёнаш ӯро тарк намуданд, аз лашкариёнаш танҳо ду ҳазор нафар бо ӯ боқӣ монду халос. Барои наҷоти лашкариёни Ҳусайн Бойқаро Алишер Навоӣ ба вилояти Хуросон барои ҷамъоварии ғалла вобаста карда шуд. Дар чунин вазъ ба султон Ҳусайн Бойқаро иттило расид, ки султон Маҳмуд аз Ҳисор бародараш султон Аҳмад аз Самарқанд бо лашкари гарон дар наздикии Амударё қарор доранд. Султон Ҳусайн маҷбур шуд, ки ақибнишинӣ кунад. Султон Аҳмад ва Маҳмуд Амударёро убур карда султон Ҳусайнро думболагир карданд. Дар чунин ҳолат хабар расид, ки мирзо Абубакр дар Бадахшон лашкар ҷамъ оварда, майли ҳуҷум ба Ҳисори Шодмон дорад. Сипас, султон Аҳмад ва Маҳмуд маҷбур шуданд рӯ ба Мовароуннаҳр биёранд. Хондамир иттилоъ медиҳад, ки то омадани султонҳо мирзо Абубакр ба ҳудуди Ҳисори Шодмон дохил шуда онро талаву тороҷ кард. Баъди омадани султон Аҳмад ва Маҳмуд мирзо Абубакр ба кӯҳистони Бадахшон фирор кард [56, С.86; 96, С.168]. Ҳусайн Бойқаро Аҳмади Муштокро афв кард ва аз масаби волигии Балх озод намуд ва ба ҷойи ӯ амир Музаффарро таъйин кард.

Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо августи соли 1494 подшоҳи Мовароуннаҳр султон Аҳмад вафот кард. Баъд аз марги султон Аҳмад дар соли 899/1494 бародараш султон Маҳмуд ҳукмрони Хатлон, Тирмиз ва Бадахшон ба курсии фармонравоии Мовароуннаҳр нишаст ва чандин бор бо султон Ҳусайн Бойқаро муқовимати сахт нишон доданд. Бояд гуфт, ки ҳукумати ӯ беш аз чанд моҳе давом накард ва ӯ низ дар соли 900/1495 фавтид. Сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, ки ӯ аз ҳеҷ гуна зулму ситам нисбат ба мардуми Самарқанд даст намекашид, чӣ тавре ки Муҳаммад Бобур мирзо дар хотироти худ султон Маҳмудро марди золиму шаробхор ва гунаҳкору фосиқ муаррифӣ намудааст [35, С.34; 338, С.101].

Бояд ёдовар шуд, ки вазъи сиёсии Моварооуннаҳру Хуросон дар солҳои 1495-1500 дар як қатор асарҳои муаррихон ба амсоли В.В. Бартолд, А.А. Семёнов, Р.Г. Мукминова, Б. Казакова ва Ҳ. Камол мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Аз ҷумла, муаррих Б. Казаков дар мақолаи худ «Сыновья Ходжи Ахрара и последние Тимуриды» [413, С.80-91] рафти амалиёти исёнгаронро бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор додааст.

Пас аз марги Абусаид писари калониаш Аҳмад султон, ки ҳанӯз дар замони зиндагии падараш волии Самарқанду Бухоро буд, ба тахти Моварооуннаҳр нишаст. Тибқи иттилои Бобур мирзо «султон Аҳмад мирзо чизе нахондааст, бесавод буд. Ҳарчанд дар шаҳр ба воя расида бошад ҳам, оддӣ ва нобино буд ва дорои истеъдод набуд…Хуб менӯшид ва дар он рӯзҳое, ки як пиёла намехӯрд, бисёр доруҳои ангезанда мехӯрд» [35, С.29]. Мирзо султон Аҳмад ба Самарқанд баргашта, то охири умраш ҳокими Моварооуннаҳр буд.

Писари дигари ӯ Маҳмуд султон волии Тирмиз, Чағониён, Ҳисор, Хуталон, Қундуз ва Бадахшон то кӯҳҳои Ҳиндукуш буд [35, С.39]. Султон Абусаид вилояти Фарғонаро ба писари дигараш Умаршайх ва чанде пас Тошканду Сайрамро дод. Умаршайх бо макру найранг Шоҳрухияро забт

намуда, муддате дар он ҷо ҳукмронӣ кард. Солҳои охир Тошканду Шоҳрухия аз ӯ дур шуданд ва танҳо Фарғона, Хуҷанд ва Уротеппа дар ихтиёри ӯ монданд [35, С.18].

Дар рӯзи чоруми моҳи рамазон 899 ҳ./8 июни соли 1494 ҳокими Андиҷон Умаршайх ибни султон Абусаид ба гуфтаи Бобур «дар баробари кабутарҳо ва кабутархона ба ҷарӣ парвоз карда», дар синни сию нуҳсолагӣ [35, С.16] аз олам дар гузашт. Ва тибқи фарзияи дигар дар натиҷаи тахриби хона ба ҳалокат расидааст [54, С.153].

Султон Аҳмад мирзо хабари марги бародараш Умаршайхро шунида, «барои он ки муғулҳо ҳокимиятро нагиранд» [54, С.153], Уротеппа, Хуҷанд ва Марғинонро гирифта, ба сӯйи Андиҷон лашкар кашид [35, С.26]. Бо дастгирии амирони Умаршайх писараш Заҳуриддин Муҳаммад Бобур ба тахт нишаст ва чунон ки худи ӯ менависад: «дар моҳи рамазони соли ҳаштсаду наваду нуҳ дар синни дувоздаҳсолагӣ соҳиби вилояти Фарғона шудам» [35, С.26]. Бобур барои кумак ба амаки худ ва ҳокими Тошканд Маҳмудхон муроҷиат кард. Султон Аҳмад дар роҳ бемор шуд ва дар Марғинон монд. Дар миёнаи моҳи шавволи соли 899 ҳиҷрӣ/июли соли 1494, пас аз чиҳил рӯзи марги Умаршайх, Аҳмад мирзо, ки ба Оқсу, дар наздикии Уротеппа расид, дар синни чилу чорсолагӣ аз касалии табларза даргузашт [35, С.26; 56, С.132]. Султон Аҳмад мирзо ҳокими олӣ набуд ва бо унвони «султон» аз соли 1469 то дами маргаш танҳо соҳиби Мовароуннаҳр буд. Дар баъзе тадқиқотҳо хато навиштаанд, ки гӯё султон Аҳмад фарзанд надошт [222, С.30-31]. Бобур иттилоъ медиҳад, ки «ӯ (Аҳмад мирзо) ду писар дошт, ки дар кӯдакӣ фавтиданд ва панҷ духтар» [35, С.30]. Азбаски Аҳмад мирзо писар надошт, ки пас аз ӯ ба тахти ҳокимият шинад, бародараш султон Маҳмуд мирзо (писари сеюми султон Абусаид мирзо), ки ҳокимияти Ҳисори Шодмон, Қундуз, Бағлон, Хуталон ва Бадахшонро [93, С.81] ба уҳда дошт, ба Самарқанд омад.

Маҳмуд низ ҳокими олии темуриён набуд. Ӯ писари калониаш Масъуд мирзоро ҳокими Ҳисор таъйин карда, Бухоро ва Қароқулро ба ихтиёри писа-

ри дигараш султон Бойсунқур мирзо вогузор кард [45, С.62]. Тибқи иттилои Бобур, султон Маҳмуд мирзо «ба зулм ва ифроткорӣ майл дошт, пайваста май менӯшид ва бачаи бисёр нигоҳ медошт. Агар дар ҷое дар мулки ӯ як ҷавони зебову берише пайдо шавад, мирзо ӯро маҷбур кард, ки бо ҳар роҳе набошад, ӯро ба бачахона биёранд…Ин аъмоли бад дар замони ӯ чунин паҳн шуда буд, ки ягон нафар (бой) бе бача набуд» [35, С.38]. Маҳмуд мирзо «ба Самарқанд омада, дарҳол ба ҷорӣ намудани қоидаву тартиботи нав, боҷ ва андозҳо шуруъ кард» [35, С.34].

Султон Маҳмуд мирзо ҳокими тозатаъйини Самарқанд пас аз шаш моҳ [45, С.62-63; 54, С.153] аз оғози салтанати худ ба бемории шадид гирифтор шуд ва дере нагузашта дар моҳи дуюми раби соли 900 ҳиҷрӣ (охири декабри соли 1494) вафот кард ва писари дигари ӯ Бойсунқур мирзо ба тахт нишаст [35, С.42; 96, С.200; 93, С.81].

Миёни бозмондагони хонадони темурӣ Маҳмуд мирзо дар Мовароуннаҳр барои тахт муборизаи шадид ба амал омад. Ба навиштаи маъхазҳо, моҳияти ин фитна ва фитнаҳои дохилӣ дар он буд, ки Бойсунқур мирзо ба ашрофони ҳисорӣ (соли таваллудаш 882 ҳиҷрӣ/1477-1478 дар Ҳисор) афзалият дода буд, ки бо онҳо дӯстии дерина доштааст ва барои ашрофони Самарқанд намепайвандад [35, С.49; 252, С.79].

Ҳокими Тошканд Маҳмудхон ба умеди ба даст овардани тахти Самарқанд ба Мовароуннаҳр раҳсипор шуд. Аммо дар мавзеи Канбой [35, С.43] Бойсунқур мирзо ба вай зарбаи сахт зад.

Дар моҳи рамазони соли 901/май-июни 1496 шӯриши тархонҳои Самарқанд бо роҳбарии Дарвешмуҳаммад [35, С.49-50; 413, С.81] амаки султон Аҳмад мирзо ва султон Маҳмуд ба амал омад. Бойсунқур мирзоро асир эълон карда, бо кумаки тарафдорони худ аз Насаф (Қаршӣ) султон Алиро ба Самарқанд даъват карда, ӯро ҳокими Самарқанд эълон намуд. Аммо ҳукмронии султон Алӣ ҳамагӣ ду рӯз давом кард. Бобур менависад, ки султон Алӣ қабл аз волии Самарқанд шудан аз номи Бойсунқур мирзо дар Уротеппа ҳукмронӣ мекард. Бобур бо лашкариёни худ барои забт кардани Уротеппа рафт. Султон

Алӣ аз ҳуҷуми лашкари Бобур огаҳ шуда, «ба Палғар (Фалғар) ва ба кӯҳистони Мастчоҳ рафт» [35, С.44] ва эҳтимол аз он ҷо ба Қаршӣ рафт.

Аммо бояд қайд кард, ки Бойсунғур аз асорат фирор карда бо ҷонибдории яке аз руҳониёни бонуфуз Хоҷа Мукаррам ҳукуматро дубора ба даст гирифта, Дарвешмуҳаммади тархонро ба қатл расонид ва амр дод то чашмони бародараш султон Алӣ мирзоро бо оҳани тафта сӯзонанд. Аммо султон Алӣ бо фирор аз ин ҷазо эмин монд ва ба манзили Хоҷа Муҳаммади Яҳё-писари Хоҷа Аҳрор паноҳ бурд. Бо кумаки ин Хоҷа султон Алӣ ба Бухоро фирор кард ва аз ҷониби ҳокимон ва аъёну ашрофи Бухоро хуш пазируфта шуд. Бо иттилои ин хабар Бойсунғур ба ҷониби Бухоро лашкар кашид, аммо дар ин набард лашкари Бойсунғур аз ҷониби лашкари султон Алӣ шикаст ёфт ва Бойсунғур ба Самарқанд ақибнишинӣ кард. Пас аз чанд вақте султон Алӣ ба тарафи Самарқанд лашкар кашид ва дер замоне ин шаҳрро дар ҳалқаи муҳосира гирифт.

Дигар аз намояндагони хонадони темурӣ Заҳируддин Бобур-ҳокими Андиҷон, ки ба қавли худаш «дар сар ҳавои ҳокимияти Самарқандро мепарварид» [35, С.51] 4 шавволи 901 ҳиҷрӣ (16 июни 1496) аз Андиҷон саросемавор баромад ва султони темурӣ Масъуд, ки ҳукмрони Ҳисор буд, бо ҳамин мақсад лашкари худро баровард, ба Шаҳрисабз расид. Сабаби ба Самарқанд лашкар кашидани Бобурро муаллифи «Таърихи Рашидӣ» Муҳаммад Ҳайдари Дуғлот, ки писархолаи Бобур аст, дар он медонад, ки дар асари муборизаҳо ва муҳосираи тӯлонии Самарқанд ҳам лашкари Бойсунғур ва ҳам сипоҳи султон Алӣ заиф гашта буданд ва шаҳри Самарқанд бидуни муқовимат таслим мешуд [54, С.265].

Ҳокимони номбурда лашкари худро дар атрофи Самарқанд ҷамъ оварда буданд. Сарбозони Бобур, ки аз Андиҷон, ва лашкари султон Алӣ, ки аз Бухоро омада буданд, Самарқандро муҳосира карданд ва тамоми Мовароуннаҳр ба майдони задухӯрдҳои хунини байни намояндагони сулолаи темуриён табдил ёфт.

Хоҷа Яҳё бо мақсади ҳарчи зудтар аз Самарқанд рондани Бойсунғур дар моҳи июни соли 1496 бо ҳамроҳии Камолиддини Биноӣ ва Муҳаммад Солеҳ ба қароргоҳи Бобур рафт, то имкони иттифоқи байни султон Алӣ мирзо ва Бобурро баррасӣ кунад. Бо миёнҷигарии Хоҷа Яҳё Бобур ва султон Алӣ ба мувофиқа расиданд, ки зимистонро дар мулки худ мегузаронанд ва дар баҳор боз Самарқандро муҳосира мекунанд [35, С.53; 96, С.230; 413, С.85]. Бобур ба Андиҷон ва султон Алӣ бошад ба Бухоро баргаштанд.

Бино ба маълумоти маъхазҳо вазъи Бойсунғур дар Самарқанд бад шуд ва ӯ соли 1497 аз Шайбонихон, ки дар Дашти Қипчоқ буд, имдод хост. «Бойсунғур мирзо пайваста ба Туркистон ба назди Шайбонихон одамон фиристода, ӯро ба кумак даъват мекард» [35, С.58]. Шайбонихон ба баҳонаи кумак, аммо дар асл барои тасхири Самарқанд ба шаҳр наздик шуд, аммо ба сабаби он ки гӯё Бойсунғур мирзо ба ӯ таваҷҷуҳи хоссе накардааст, ба Туркистон бозгашт [35, С.58]. Аз сабаби норасоии озуқаворӣ вазъи шаҳри муҳосирашуда рӯз то рӯз мушкилтар мешуд. Бойсунғур ҳафт моҳ муҳосира нигоҳ дошт ва бинобар рӯз то рӯз бад шудани вазъ дар моҳи ноябри соли 1497 ба самти Қундуз ба назди Хусравшоҳ ақибнишинӣ кард. Дуюмин бо Бойсунғур муносибати хуб карда, ӯро ҳокими Ҳисор таъйин кард [35, С.71; 189, С.310]. Хусравшоҳ дар соли 905 ҳиҷрӣ/1499 мехост ба Балх лашкар кашад ва Бойсунғуро ба Қундуз назди худ даъват кард. Бойсунғур ва бекони ӯро дастгир карда, ба гардани Бойсунғур мирзо ресмон баст ва 10-уми моҳи муҳаррами 905 ҳиҷрӣ/17 августи соли 1499 Бойсунғур аз дасти Хусравшоҳ кушта шуд [35, С.84; 96, С.244; 54, С.265; 261, С.43; 190, С.56-57].

Дар охири моҳи рабеулаввали соли 903 ҳиҷрӣ, охири моҳи ноябри соли 1497 Бобур лашкари худро рӯ ба пойтахти Мовароуннаҳр овард, Самарқандро ба зери тасарруфи худ даровард, вале шаҳрро муддати дароз дар дасти худ нигоҳ дошта натавонист ва пас аз сад рӯз, яъне дар моҳи раҷаби 903/феврали 1498 аз он берун рафт [35, С.68; 96, 234; 252, С.81; 413, 86; 224, С.463]. Тибқи ахбори Камолиддин Биноӣ сабаби ақибнишинии Бобур дар он буд, ки ӯ ногаҳон бемор шуд [252, С.82-83]. Худи Бобур иттилоъ медиҳад, ки ӯ ба да-

раҷае сахт бемор шуд, ки дар муддати чаҳор рӯз забонашро гирифта, «аз як пораи пахта қатра ба қатра об менӯшиданд» [35, С.67]. Ба муҷиби гуфтаҳои боло ин ягона ақибнишинии Бобур дар Самарқанд набуд. Муҳосираи тӯлонӣ, фитнаҳои дарборӣ ва кашмакашиҳои темуриён боиси гуруснагии даҳшатнок дар шаҳр гардид. Ба Самарқанд расонидани ғалла ва дигар маҳсулот ғайриимкон буд, гирду атрофи шаҳр дар натиҷаи задухӯрдҳои байни якдигар харобу валангор гардид. Бобур менависад, ки «ин минтақаҳои мутеъ набояд ғорат карда шаванд ва чӣ тавр метавонист аз минтақаҳое, ки ба ин қадар харобӣ дучор шудаанд, чизе ба даст овардан мумкин аст?» [35, С.66]. Азбаски лашкарро чизе барои хӯрондан надошт дар Самарқанд гурусна монда натавонистанд. Бекҳову ҷанговарон муштоқи хонаю ҷой «як-як, ду ба ду гурехтан шуданд» ва қариб ҳазор нафар дар назди Бобур монданд [35, С.66]. Ба замми ин, Ҳасанбек ном шахс, хабари бемории Бобурро шунида, шаҳри Андиҷонро забт кард ва хешовандони наздики ӯро асир гирифтанд. Гузашта аз ин, лашкари султон Алӣ ба Самарқанд наздик мешуд ва мушкилоти болозикр боиси ақибнишинии Бобур ба сӯйи Фарғона дар моҳи раҷаби 903/феврали 1498 гардид. Бо шунидани ин хабар, ки Бобур Самарқандро тарк кардааст, султон Алӣ мирзо бо лашкари худ вориди Самарқанд шуд ва ҳокимияти Мовароуннаҳрро ба зери тасарруфи худ даровард Тибқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ султон Алӣ мирзо (1498-1500) писари хурдии султон Маҳмуд мирзо, аз ҳокимони заифиродаи хонадони темурӣ дар Самарқанд ба ҳисоб мерафт.

Бино бар он чи дар боло зикр шуд, дар ин давра мардуми Самарқанд аз гуруснагӣ ва бадбахтӣ азоб мекашиданд ва пойтахти Мовароуннаҳр тамоми шукӯҳу шаҳомати пешинаашро аз дода буд.

Шайбонихон аз ин вазъият истифода бурда ба Самарқанд лашкар кашид [225, С.56]. Аҳолии шаҳр ба ёрии касе умед набаста, ба мустаҳкам намудани истеҳкоми шаҳру атрофи он шуруъ намуда, ба мудофиа тайёрӣ медиданд. Шайбонихон ба муқовимати мардуми Самарқанд дучор шуд, ба ҷониби Насаф (Қаршӣ) ва Кеш (Шаҳрисабз) рафта, ин шаҳрҳоро талаву тороҷ карда,

ба Дашти Қипчоқ бозпас баргашт. Пас аз баргаштан ба Дашти Қипчоқ Шайбонихон аз ҷонибдорони худ даъват ба амал овард, ки бораи ишғоли сарзаминҳои Мовароуннаҳр омода бошанд. Дар он вақт ҳокими Самарқанд султон Алӣ шахси заиф ва тарсуе буд. Шайбонихон ба юриши зидди темуриён тайёрӣ дида, талош мекард, ки он султону бекҳое, ки бо хунхорӣ, ғоратгарӣ ва саргузашти худ овоза пайдо карда буданд, ба худ ҷалб кунад. Ӯ наздикони худро ба минтақаҳои мухталифи Мовароуннаҳр фиристод, то султонҳои ӯзбакро, ки дар вақташ ба хизмати темуриён рафта буданд, ба ҷониби худ ҷалб созад. Ҳамин тавр, ба Шайбонихон муяссар гардид, ки дар як муддати кӯтоҳ лашкари зиёд ҷамъ намояд.

Бо истифода аз мухолифатҳои шадиди охирин намояндагони сулолаи темуриён ки барои ба даст овардани ҳокимият аз ҳама гуна воситаҳо истифода мекарданд ва ҳатто аз душманони хонадони худ дар барандохтани ҳамдигар кумак мехостанд. Муҳаммади Шайбонӣ аз Дашти Қипчоқ бо қабилаҳои зери фармони худ ба сарзамини Мовароуннаҳр ҳуҷум кард.

Парокандагии сиёсию иқтисодӣ, таҷзияталабии ҳокимони вилоятҳои мухталиф ва шиддат ёфтани ихтилофоти дохилӣ давлати Темуриёнро заиф намуд ва заминҳоеро барои мутеъ сохтани Мовароуннаҳр ба бодиянишинони Дашти Қипчоқ фароҳам овард.

Ба муҷиби гуфтаҳои боло С.Айнӣ хеле ба таври амиқ зикр намудааст: «Мовароуннаҳр ва аз ин ҷумла Самарқанд дар давраи Темуриён ба бисёр харобиҳо дучор гардид» [127, С.164]. Дар ҷойи дигар муҳаққиқ изҳори нигаронӣ менамояд, ки «Дар натиҷаи ҷанги Шайбонихон бо Темуриён ва сер кардани аскарони ӯ, ки тамоман аз дашт бо як аспу қамчин омада буданд, Мовароуннаҳр, хусусан Самарқанд боз ҳам хароботар шуд» [127, С.164]. Воқеан баъд аз ворид шудани Муҳаммад Шайбонихон ба Мовароуннаҳр ҷангу ҷидолҳо барои ба даст овардани ҳокимият ба сари мардуми таҳҷоӣ харобиҳои зиёдеро ба бор овард.

С.Айнӣ дар ҷойи дигар навиштааст: «Самарқанд, ки дар он вақтҳо маркази давлатии Мовароуннаҳр ба шумор мерафт, дар ҷангҳои байни Шайбонихон ва авлоди Темур (масалан Заҳириддин Бобур) ҳар рӯз аз дасте ба дасте мегузашт ва соат ба соат хароблар мешуд…» [127, С.164].

Бино ба маълумоти Хондамир Маҳмуд мирзо панҷ писар ва ёздаҳ духтар дошт [96, С.98]. Баъд аз султон Маҳмуд байни се писари ӯ Масъуд, Бойсунқар ва Алӣ [56, С.870] бар сари тасарруфи Мовароуннаҳр кор ба ҷангу пайкор кашид, аммо салтанати ҳеҷ як аз онҳо давоме надошт. Ин ҷангҳои дохилӣ ва муноқишаҳои хонаводагӣ боиси лашкаркашӣ ва ҳуҷуми бегонагон шуд ва заминаро барои аз байн рафтани давлати Темуриён муҳайё сохтанд. Дере нагузашта Муҳаммадхон Шайбонӣ ин сарзаминро бе ҷанг ба зери тасарруфи худ даровард. Ҳамин тариқ, соли 1500 гаҳвораи тамаддуни миллати тоҷик шаҳри бостонии Самарқанд аз нав ба зери тобеияти аҷнабии дигар Шайбонихон даромад [187, С.514].

Ҳамин тариқ, дар аҳди зимомдории фарзандони Абусаид дар Мовароуннаҳр авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ рӯ ба таназзул оварда, боиси сар задани исёну ошубҳо дар минтақа гардид. Тибқи иттилои сарчашмаҳои таърихӣ дар ин давра пайваста байни ҳокимони Мовароуннаҳру Хуросон барои ба даст овардани ин ё он минтақа мубориза ҳои шадид ба амал меомад, ки боиси вайрону валангор гардидани шаҳру деҳот мегардид. Хусусан шаҳри Самарқанд аз тохтутози Шайбониён ва Темуриён ба харобазор мубаддал гардид, ки боиси гуруснагию қаҳти дар Мовароуннаҳр оварда расонд.

Ҳамаи ин ҳодисот боиси таназзули ҳокимияти Темуриён дар Мовароуннаҳр гардид. Бо ҳуҷуми Муҳаммад Шайбонихон намояндагони хонадони Темуриён садди роҳи душманро гирифта натавонистанд, ки боиси аз байн рафтани ҳокимият дар Мовароуннаҳр гардид.

### IV.2. Ҳукумати султон Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон

Дар натиҷаи мунокишаҳои оилавӣ фарзандон, ки ҳар яке дар минтақае ҳукмронӣ мекарданд, ба муқобили падари худ бархостанд. Оқибати ин рақобати оилавӣ ба исёнҳо оварда расонд, ҳатто фарзандон дар охири умри Ҳусайн Бойқарро ба муқобили ӯ бархоста вилоятҳои худро мустақил эълон карданд.

Дар чунин вазъият дар Хуросон байни ҳокими он султон Ҳусайн Бойқаро ва писараш Бадеъуззамон ихтилофи шадид ба вуҷуд омада буд. Роҷеъ ба зиддияту ихтилофҳо миёни султон Ҳусайн ва писараш сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, ки сабаби ин мухолифатҳо дар он буд, ки Бадеъуззамон бе иҷозати падараш аз Астраобод бар зидди ҳокими Ҳисор ва Қундуз-Хусравшоҳ вориди ҷанг шуд ва ба ҷойи худ писараш Муҳаммад Муъминро дар он ҷо вогузошт. Баъд аз ин ҷанг Бадеъуззамон ҳокими Балх таъйин гардид. Султон Ҳусайн писари дигари худ Музаффар Ҳусейнро бошад ҳокимии Астарободтаъйин кард [127, С.12]. Баъд аз ин ҳодиса Бадеъуззамон ба писараш дастур дод, то ба Музаффар Ҳусейн иҷозат надиҳад то ки вориди Астарободгардад. 2 майи соли 1497 Бадеъуззамон бар зидди падари худ исён бардошт, аммо боиси шикасти ӯ гардид. Сипас, баъд аз як рӯз Муҳаммад Муъмин дар Астарободба дасти Музаффар Ҳусейн асир афтод ва ба Ҳирот фиристода шуд, ки дар моҳи сафари соли 903 (сентябри 1497) дар қалъаи Ихтиёруддин ҳабс карда шуд. Сипас, модари Музаффар Ҳусейн-Хадичабегим ба воситаи вазир Низомулмулк ва писарони вай аз ҳолати мастии султон Ҳусайн истифода бурда дастури қатли набераaш Муҳаммад Муъминро гирифтанд. Вақте ки султон Ҳусайн ба худ омад, тааҷҷилан қосиде ба Ҳирот фиристод то ки Муҳаммад Муъминро ба қатл нарасонанд. Аммо аллакай дер шуда буд. Чунин ҳодиса боиси он шуд, ки то аз нав байни Бадеъуззамон ва султон Ҳусайн Бойқаро зиддияту ихтилофҳо авҷ гиранд. Бояд гуфт, ки дар кушта шудани Муҳаммад Муъмин Ҳусайн Бойқаро розигии вазири худро, яъне Низомулмулкро мегирад. Тибқи иттилои Восифӣ

пас аз кушта шудани Муҳаммад Муъмин бо фармони Ҳусайн Бойқаро Низомулмулк бо ду писараш ба тариқи ваҳшоният ба қатл расонида шуданд.

Боя таъкид кард, ки аз байни маълумоти фавқ, ки роҷеъ ба баъзе лаҳзаҳои кушта шудани Низомулмулк ва писараш оварда шудаанд, асноди ҳеҷ як муаллиф ба андозаи маводи «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-Восифӣ муътамад ва дақиқ нест. Аз ҷумла, чунин қайд мекунад: «рӯзе ки ин фармон омад, камина бо падари худ дар даруни қалъа будем. Низомулмулк намози бомдодро хонда ба аврод машғул буд, ки фармонро ба дасти ӯ доданд. Ӯ чун фармонро мутолиа кард рӯй ба осмон карда оҳе кашид, ки аз салобати он қалъа ба ларза даромад» [127, С.29]. Аз ин рӯ, маълумоти Восифиро метавон аз муҳимтарин сарчашмаи таърихӣ ба ҳисоб гирифт. Инчунин муаллиф дар ҷойи дигар чунин иброз медорад: «Оқибат ҳар дуро кушта пӯст канданд ва пӯсташонро пури коҳ карда аз дарвозаи Малик овехтанд» [127, С.29].

Дар муҳаррами соли 906 (аз 28 июли 1500) султон Ҳусайн ба Астраобод ба муқобили Муҳаммад Ҳусайн, ки аз он исён кард, ҳаракат кард, ин дафъа низ Ҳиротро ба Алишер ва амир Муборизиддин вогузор карданд.

Зимнан бояд қайд кард, ки Ҳусайн Бойқаро ба майхурӣ дода шуда ва дар охири умр бисёр пиру фартут шуда буд, занону фарзандон дигар касе ӯро итоат намекард. Ҳангоми ҳуҷуми Муҳаммад Шайбонихон ба Ҳирот, вазъияти ӯро Фредик С.С. бисёр возеҳу равшан дар асари худ ҷой додааст: «Ҳирот, ки дар он ҷо Ҳусайн Бойқарои солхӯрда ба майнушӣ, ҷанги хурӯсҳо ва ҷанги қӯшқорҳо саргарм шуда буд, ҳеҷ муқобилият нишон надод» [304, С.552].

Дар робита ба авзои сиёсию иҷтимоии ин давраи таърихӣ адабиётшиноси тоҷик А. Мирзоев дар рисолаи худ бо номи «Биноӣ» оид ба ҳукмронии Ҳусайн Бойқаро чунин қайд мекунад: «…гӯё дар давраи ҳукмронии ин намояндаи хонадони темуриён муқобилиятҳои дохилии синфӣ, ҷабру зулми феодалӣ ва ниҳоят разилии ахлоқ тақрибан вуҷуд надошта, он чизе ки дар ин соҳа мавҷуд буд, хеле ба майнӯшӣ дода шудани худи Султон Ҳусейнмирзо будааст» [251, С.18].

Султон Ҳусайн аксар вақт маҷбур мешуд, ки ба Ғарб, Шарқ ва Ҷануб лашкар кашад, на ҳамеша бомуваффақият, аммо дар маҷмуъ то охир соҳиби сарзамини паҳновар бо пойтахт Ҳирот боқӣ монд.

Тибқи ахбори Бобур, мулки ӯ аз Хоразм дар шимол то Қандаҳору Систон дар ҷануб, аз Балху ҷануб, то Балху Ғазна дар шарқ, то Домғону Бистом дар ғарбро дар бар мегирифт [35, С.192].

Зимнан бояд қайд кард, ки солҳои охири ҳукмронии Ҳусайн Бойқаро вазъи сиёсии Хуросон муташанниҷ гардид. Вақти ӯ бештар дар мубориза бо писарони якрав ва тобеони саркашаш паси сар шуд. Султон Ҳусайн аз чунин рафтори писараш сахт хашмгин шуда, ӯро бо фиреб ба наздаш даъват карда, ваъда дод, ки мехоҳад ӯро вориси худ таъйин кунад. Аммо султон Ҳусайн писари хурдии худ Муҳаммад Муъминро вориси худ таъйин кард. Бадеъуз-замон дар Ҳирот бо Алишер Навоӣ вохӯрда, ишорат мекунад, ки бо омадан ба Ҳирот ӯ хато кардааст. Ӯ ду моҳ дар хонаи Алишер Навоӣ монд ва дар ин муддат Ҳусайн Бойқаро ӯро қабул накард.

Султон Ҳусайн пас аз як ҳамлаи нобарор алайҳи Ҳисор дар соли 1495-96 ба сӯйи Қундуз ақибнишинӣ кард ва аз он ҷо рӯ ба ҷониби Балх овард. Ӯ мулки Балхро ба Бадеъузамон ва мулки Астарободро бошад ба Музаффар Ҳусайн пешниҳод кард. Бояд тазаккур дод, ки чунин ранг гирифтани кор боиси дилранҷии Бадеъузамон гардид. Тавре Бобур менигорад: «Бадеъузамон аз ин хафа шуд. Сабаби тули ин солҳо душманӣ ва ноорожмӣ маҳз ҳамин вазъият буд» [35, С.49].

Бадеъузамон дар додани мулки Астраобод ба бародараш Музаффар мирзо розӣ набуд, зеро Астраобод аз ҷиҳати аҳолӣ, сарват ва аҳаммияти тиҷоратӣ калонтарин маркази маъмурӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ва аввалин шаҳр пас аз Ҳирот дар давлати султон Ҳусайн ба шумор мерафт. Соли 1497 вақте ки Бадеъузамон дар Балх қарор дошт, бар зидди падараш исён бардошт. Рафти ин набардро Бобур чунин тасвир кардааст: «Дар мавзеи Пули Чироғ, дар поёни Гарзувон султон Ҳусайн мирзо аз поён ва Бадеъуззамон мирзо аз

боло. Рӯзи чоршанбе, рӯзи аввали моҳи рамазон 902 ҳиҷрӣ/аввали майи 1497 Абулмуҳсин мирзо бо чанд беки султон Ҳусайн мирзо ва як дастаи савора ба пеш ҳаракат карданд. Ҳанӯз ҷанги воқеӣ оғоз нашуда буд, ки Бадеъуззамон шикаст хӯрд» [35, С.55]. Султон Ҳусайн пас аз шикасти Бадеъуззамон рӯ ба Балх овард. Ва Балхро бо Иброҳим Ҳусайн мирзо вогузор кард.

Тирамоҳи соли 1498 бошад ду писари дигари Ҳусайн Бойқаро, ки дар Марв ва Абевард ҳукмронӣ мекарданд, ба зидди падар бархостанд. Инчунин соли 1499 Хусравшоҳ, ки яке аз ҳокимони наздики султон Ҳусайн ба ҳисоб мерафт, шуриш бардошт. Роҷеъ ба шахсияти Хусравшоҳ Бобур чунин қайд менамояд: «Шахси нопок, фосиқ, аблаҳ, беақл, хиёнаткор ва носипос буд» [35, С.41].

Ҳамчунин, дар натиҷаи ба вуҷуд омадани сулолаи аргунҳо, ки асосгузори он Зуннунбеки Арғун, аз авлоди Элхонони муғул буд, ҳокимияти султон Ҳусайн бар як қисми зиёди моликияташ заиф шуд. Ба қавли Бобур, амир Зуннун, ки таҳти фармони султон Абусаид мирзо буд, бо баъзе сабабҳое, ки ӯ мушаххас намекунад, ба назди султон Ҳусайн мирзо меравад [35, С.200; 56, С.90; 96. С.170].

Дар аввал султон Ҳусайн ба Зуннунбек вилоятҳои Ғуру Систонро вогузор кард. Пас аз чанд вақт ба Зуннун муяссар шуд, ки қабилаҳои ҳазора ва некудариро дар атрофи худ муттаҳид созад ва сипас минтақаҳои Зобулистонро низ соҳиб шуд ва Қандаҳорро маркази худ интихоб кард ва ҳамзамон як ҳокими мустақили сарзаминҳои васеъ гардид. Соли 1498/99 Зуннун аз сокинони Ғӯр, Заминдовар ва Қандаҳор лашкари зиёд ҷамъ оварда ба Ҳирот ҳуҷум мекунад. Пас аз фавти амир Ҳусайн амир Зуннун заминҳои гирду атрофи Ҳиротро низ ба зери тасарруфи худ даровард [35, С.200; 96, С.171].

Соли 1500 султон Ҳусайн ба Астаробод бар зидди писари исёнгари худ Муҳаммад Ҳусейн ҳамла кард, ки он ба мусолиҳаи байни онҳо анҷом ёфт. Дар ин вақт Шайбонихон барои Самарқанд бо ҳокимони Темурии Мовароуннаҳр меҷангид. Султон Ҳусайн аз муваффақиятҳои Шайбонихон дар Мова-

роуннаҳр сахт нигарон буд, вале ба ҳокимони Самарқанду Бухоро ҳеҷ гуна ёрӣ намерасонад.

Тибқи ахбори сарчашмаҳо Самарқанд бе ҳеҷ як муқовимат ба зери тасарруфи Муҳаммад Шайбонихон даромад. Омили ба осонӣ зери тасарруфи Шайбонихон қарор гирифтани Самарқандро муаррихи «Ҳабибу-с-сияр» Хондамир чунин тасвир кардааст: «Зуҳрабегӣ-оғо-модари султон Алӣ мирзо ба сабаби қиллати ақлу хирад ва касрати майл ба висоли шавҳаре муҷаддад, ба тариқи ниҳонӣ қосиде назди хони Шайбонӣ фиристод ва ба забони муҳаббат ва иттиҳод пайғом дод, ки агар ҳазрати хон қабул намояд, ки ин заифаро ба ақди издивоҷ дарорад, ман камари хидмат бар миёни ҷон баста, дарвозаи Самарқандро мегушоям …» [96, С.277; 35, С.95-97; 418, С.58-59].

Дар байни асилзодагони Темурӣ низову нифоқ ба амал омад. Дар натиҷа, якбора ду писари султон Ҳусайнро ба тахт нишонданд, ки онҳоро ду гурӯҳи ашрофи соҳибнуфуз пуштибонӣ мекарданд. Шайбонихон чунин вазъи номуносибро мавриди истифода қарор дод. Бобур мирзо чунин мегӯяд: «Ин амрест ғариб: ҳеҷ гоҳ касе нашунидааст, ки дар як мулк ду подшоҳ якҷоя ҳукмронӣ кунанд». Ҳама минтақаҳои Омӯ то кӯҳҳои Ҳиндукуш, ғайр аз Бадахшон, тобеи ӯ буданд. [35, С.212].

Аз рӯи нақли Бобур, ки ин воқеаҳоро бо ҷузъиёташ зикр намудааст, маълум мегардад, ки султон Ҳусайн Бадеуззамонро ба Қундуз, Музаффар мирзо ва амир Муҳаммад Бурундуқи барлосро бо як қисми лашкар ба Хутталон фиристода, худаш ба сӯи Ҳисор роҳ пеш гирифт.

Ба ҳамин тариқ, пас аз Ҳирот шаҳрҳои Бодғис, Ҷом, Машҳад, Қандаҳор ва Астаробод аз ҷониби лашкари узбак мавриди истило ва қатлу куштор қарор мегиранд. Яке аз ҷойнишинони Султон Ҳусайни марҳум- Бадеуззамон ба воситаи Озарбойҷон ба Туркияи Усмонӣ паноҳ мебарад. Соли 913 ҳ//1507 /08 милодӣ қисмати Хуросони салтанати Темуриён ҳам ба тобеияти Шайбонихон медарояд.

Шайбонихон пас аз истилои пурраи Мовароуннаҳр ва саркӯб кардани бозмондагони темурӣ, ба мақсади ниҳоии худ, яъне дастёбӣ ба Хуросон ноил мегардад. Ба ҳамин тариқ, соли 913 ҳ. 1507/08 милодӣ бар пурқудраттарин ворисони Темуриёни он тарафи Омӯ низ ғолиб мешавад ва бар Хуросони ошӯбзадаву ноором ҳам, ки ҳангоми лашкаркашии ӯ бе шоҳ монда буд, тасаллут меёбад [286, С.311].

Ҳамин тавр, охири асри XV ибтидои асри XVI шикасти империяи бузурги Темур тавсиф мешавад. Он бо қувваи силоҳ ба вуҷуд омада, пас аз марги Темур завол ёфт. Парокандагии сиёсию иқтисодӣ, майли ҷудоихоҳии моликияти ҷудогона, ки ба ҳайати давлати Темуриён дохил мешуданд, ҷангҳои пайвастаи байни Темуриён қудрати сиёсии давлати онҳоро хеле заиф намуда, тадриҷан заминаҳои ҳуҷуми кӯчманчиёни ҷанговари ҳамсояро ба вуҷуд меовард. Заиф шудани давлат низ ба тезутунд шудани зиддиятҳои дохилии синфҳои алоҳидаи ҷамъият, алалхусус, байни деҳқонон ва заминдорон мусоидат мекард.

Зимомдории Ҳусайн Бойқаро натанҳо ба бетартибию бесарусомонӣ дар дохилӣ хонадони онҳо буд, балки ба Хуросон Сафавиён аз Ироқ сар бардошта буданд ва онҳо ният доштанд, тамоми Хуросонро ба зери тасарруфи худ дароранд. Онҳо дар сафарҳои ҳарбии худ мазҳаби шиагиро шиори худ қарор дода буданд ва бо гуноҳи суннигӣ мардумро аз дами теғ мегузарониданд ва бо талаву тороҷи шаҳрҳо мепардохтанд.

-Яке аз сабаби дигари шикасти Темуриён дар он зоҳир меёбад, ки мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз дар замони Халил султон, Шоҳрух ва Ҳусайн Бойқаро занон ба корҳои давлатдорӣ дахолат мекарданд.

Ҷонишинони Темур ба васияти ӯ амал накарда дар сарзаминҳои мухталиф барои худ ҳукуматҳои мустақиле ташкил доданд ва бо якдигар ба ситезу мухолифат бархостанд. Улуғбек ба дасти фарзандаш ба қатл расид ва муд-

датҳо султон Ҳусайн Бойқаро бо фарзандаш Бадеъузамон мирзо дар ҳолати ҷанг қарор дошт, ки чунин ҳолат низ боиси заволи давлати темуриён гардид. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки кашмакашиҳои хонадони Темуриён барои ба даст овардани ҳокимият ба буҳрони шадиди сиёсӣ оварда расонд. Ҳамзамон мағлубиятҳои пайдарпай Ҳусайн Бойқаро дар ҷангҳо бар зидди ҳокимон ва фарзандони худ ба сари мардуми Мовароуннаҳру Хуросон тово-ни андозҳои гаронро меовард.

# Боби V. Инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон

## V.1. Инъикоси вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ

Маълум аст, ки дар натиҷаи ҳуҷуми аҷнабиёни муғул авзои сиёсию иҷтимоии Мовароуннаҳр ва Хуросон бениҳоят мураккабтар гардид. Онҳо бо амалҳои ваҳшиёнаи худ мардуми маҳаллии зиёдро сар бурида, шаҳру деҳот ва маҳаллаҳои дигари аҳолинишини ин сарзаминро тороҷу валангор сохтанд, ки ҳамаи ин ба вазъи хоҷагидорӣ ва кишоварзӣ ин минтақа бетаъсир намонд. Қабилаҳои кӯчманчӣ бештари заминҳои киштзорро ба чарогоҳҳо табдил дода, дар натиҷа мардуми муқимӣ ҷойи зисти худро тарк карда, рӯ ҷониби кӯҳистон оварданд. Бар замни ин, бинобар сабаби омилҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз ҷумла, чи навъе ки дар болотар ишора кардем, тораф мураккаб гардидани вазъи сиёсию иқтисодӣ шабакаҳои обёрӣ низ пурра хароб гардида, миқдори зиёди заминҳои кишт хароб шуда, дар натиҷа ба таназзулёбии иқтисодиёт оварда расонд.

Дар мавриди авзои иҷтимоии давраи Темуриён иттилооти зиёде мавҷуд нест, аммо бояд гуфт, ки дар ҳолатҳое, ки оромии нисбӣ вуҷуд дошт, авзои иҷтимоӣ гоҳе бо душвориҳо рӯбарӯ мешуд. Аз ҷумла, дар аҳди Темуриён бемориҳое зиёде ба амал меомад, ки боиси марги зиёди одамон ва холӣ шудани шаҳрҳо аз аҳолӣ мегардид. Бояд гуфт, ки вабо ва тоун яке аз бемориҳое буд, ки дар ин давра бисёр ба амал меомад. Аммо шадидтарини он касалии тоун буд, ки соли 1435 дар Ҳирот ба амал омада буд. Дар натиҷаи ин бемории аҳолии ин минтақа ҷойи зисти худро тарк карданд. Мардуми зиёд низ ҷони худро аз даст доданд.

Бояд ин нуктаро ишора намуд, ки дар илми таърихнигорӣ масъалаи атрофи ҷанбаҳои гуногуни шабакаҳои обёрӣ аз лиҳози сиёсию

иҷтимоӣ ва иқтисодӣ силсилаи калони осори таҳқиқӣ анҷом дода шудааст. Таҳқиқоти аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик анҷомдодашуда дар асару монографияҳои академик Б. Ғафуров, А.А. Молчанов, Н. Маҳмудов., А. Саидов, Л. Додхудоева, У. Эшонқулов ва Л. Бойматов ва дигарон ба таври муфассал ва мушаххас таҳлил карда шудаанд. Аммо бояд қайд кард, ки то ҳол бисёр ҷанбаҳои масъалаи таҳқиқ, аз ҷумла, таърихнигорӣ аз ҷониби ҳеҷ як аз муҳаққиқони ватанӣ ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқи комил қарор нагирифтааст. Бояд гуфт, ки вазъи сиёсии Мовароуннаҳр пас аз фавти Чингизхон ва ворисони ӯ, инчунин муборизаҳои тоҷу тахтталабии онҳо, муборизаи беамони Темур бо амир Ҳусайн ба муқобили хонҳои муғул ва шикасти онҳо, шуриши сарбадорони Самарқанд, ба сари қудрат омадани Темур, лашкаркашиҳои ӯ ба минтақа, куштору ғоратгариҳои ӯ дар боби 5-уми китоби “Тоҷикон”-и Б. Ғафуров [188, С.533-577] то андозае ба таври мухтасар баррасӣ гардидааст. Дар иддае аз таҳқиқот, аз ҷумла монографияи Н. Маҳмудов [247] масъалаҳои категорияҳои гуногуни замин, заминҳои давлатӣ, вақф ва милкҳои феодалӣ, номгӯйи андозҳо, ошубҳои мардумӣ ва дигар масоили ба мавзуи мо рабтдошта таҳқиқу таҳлил шудааст. Муаррих У. Эшонқулов [349, С.470-478] низ дар ҷараёни баррасии масъала вазъи системаи обёрии ин минтақаро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Чунин ҳукм дар пажуҳиши бархе таърихнигорони дигар низ қайд шудааст. Аз ҷумла дар таҳқиқоти анҷомдодаи А. Саидов [290, С.470-505] “Социально-экономическое положение Мавераннахра и Хорасана во второй половине XIV-XV вв” масъалаҳои муҳимтарини авзои иҷтимоӣ, иқтисодӣ таҳқиқ шудааст. Муҳаққиқ Л. Додхудоева [197] дар рисолаи “Темуриды: Тенденции политического, социального и экономического

развития”низ ба масъалаи мавриди назар дахл карда масъалаи таърихнигории андозгириҳои ғайриқонунии маъмурони хироҷ, муқовимати ошкори оммаи халқ бар зидди ҳукуматдорон ва дигар масъалаҳои иқтисодию кишоварзӣ аз ҷониби ӯ таваҷҷуҳи камтар зоҳир шудааст. Муҳаққиқ Л. Бойматов дар таҳқиқоти худ «Социально-экономическое положение Центральной Азии в XIII-XIV вв» [169] танҳо ба масъалаҳои авзои иҷтимоӣ ва ошубҳои мардумӣ, аз ҷумла аҳди муғулҳо бештар таваҷҷуҳ кардааст.

Новобаста бо ин, лозим ба таъкид аст, ки охири асри XIV ва асри XV, дар замоне ки Темур ва хонадони ӯ амалиётҳои бераҳмонаи ғоратгаронаи худро берун аз қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон мегузаронианд, ҳолати вазъи кишоварзӣ дар ин минтақа то як дараҷа ба эътидол меояд.

Таҳлилу қиёси сарчашмаҳо собит месозад, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон асрҳои XIV-XV моликияти замин ба чор категорияи асосӣ табақабандӣ мешуд, яъне заминҳои давлатӣ, вақф, милкҳои феодалӣ ва суюрғол.

Академик Б. Ғафуров дар осори мондагори худ “Тоҷикон” баробари таҳлили авзои сиёсию иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросон дар давраи Темур ва Темуриён, инчунин доир ба масъалаи андозситонии давраи мазкур махсус таваҷҷуҳ менамояд: «Андози асосии замин дар замони Темур ва Темуриён хироҷ буд, ки ба ду шакл: яке ба тариқи мол, яъне ҳиссае аз маҳсул ва дигаре аз рӯйи масоҳати замин ба тариқи пул ситонида мешуд» [187, С.487].

Лозим ба зикр аст, ки Темур дар баробари дигар корҳо, инчунин ҳамвора бар ҷамъоварии андоз назорати ҷиддӣ мебурд ва дар баъзе ҳолатҳо шахсан ба таври мустақим дахл мекард. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки ӯ ҳангоми бозгашт аз юриши панҷсола аз Эрон Хоҷа Аҳмади Тусиро барои

ҷамъоварии хироҷ ба Хуросон мефиристод. Ускуфи Султония бошад хабар медиҳад, ки Темур ҳангоми ситонидани андоз аз мардум нисбат ба зердастонаш золимию бераҳмии зиёдеро аз худ зоҳир мекард: «Расми Темурбек ин аст, ки писари ҷавон ва ё бародари ҷавони подшоҳ, ё амиреро, ки хироҷгузорӣ ӯ мебошад, гаравгон мегирад ва онҳо дар диёри Темурбек зиндагӣ мекунанд. Манзури Темурбек аз гирифтани гаравгон ин аст, ки салотину умарое, ки хироҷгузори ӯ ҳастанд, шӯриш накунанд ва бидонанд, ки ҳаргоҳ мубодират ба шӯриш намоянд писар ё бародарашон ба дастури Темурбек ба қатл хоҳад расид» [47, С.428].

Темур пеш аз лашкаркашии худ ба Хитой фармоне интишор сохт, ки доруғагони тамоми кишварҳое, ки дар зери тобеияташ буданд, дар ситонидани андоз аз мардум ба худсарӣ ва зӯроварӣ роҳ надиҳад [110, С.454-455]. Дар робита ба ин масъала бояд гуфт, ки ҳароси Темур пеш аз ҳама дар он буд, ки амали ситонидани бераҳмонаи андози зиёд метавонад норозигии оммаи халқ, низоҳо ва ҳатто исёну ошӯбҳоро ба миён оварад.

Муаррихи арманӣ Фома Месопкий дар хусуси андозситонии ғайришаръии намояндагони Темуриён маълумот медиҳад, ки «ҳангоми андозгирӣ, ҳам аз халқи мо ва ҳам тоҷикон ӯ қонуншиканӣ мекард» [60, С.77].

Сафири испанӣ Клавихо бошад роҷеъ ба то кадом андоза дар ситонидани андоз золиму бераҳм будани Темур назари худро ин тавр изҳор кардааст: «Темур дар тамоми хоки кишвар, барои нигоҳбинӣ аспу гӯсфандҳои бисёри худро ба сарбозон месупорид: ба яке ҳазор сар, ба дигаре даҳ ҳазор сар, вале агар бо нахустин талаби вай онҳоро барнагардонанд ё чанд сари он нарасад ва ба ягон хел созиш ё додани маблағи камомад розӣ нашаванд, он молҳоро, чӣ қадаре бошанд, кашида мегирад ва гунаҳкоронро мекушад» [75, С.184].

Ба ин тариқ, сарчашмаву маъхазҳо собит месозад, ки заминҳои давлатӣ дар асрҳои XIV-XV аз ҷиҳати ҳаҷм дар байни дигар категорияҳои феодалӣ ҷойи муҳимро ишғол мекард. Аз ҷумла, захираи замини давлатӣ калонтарин буд, вале танҳо як қисми андоз-рента ба хазинаи ҳукумати марказӣ дохил мешуд, зеро мисли замони пеш дар ин давра навъҳои гуногуни ҷуброн вуҷуд доштанд [247, С.33-34].

Дар асрҳои XIV-XV, тибқи маъхазҳои хаттӣ заминҳои давлатиро заминҳои «мамлака» ном мебурданд. Дар ҳуҷҷатҳои вақф ҳангоми муайян кардани сарҳади қитъаҳои ба вақф табдилёфта заминҳои мамлак зикр шудаанд. Чи тавре ки дар ҳуҷҷати вақфи соли 1383 мураттибшуда зикр шудааст: яке аз ҳудуди қитъаи замин ба заминҳои давлатӣ (заминҳои мамлака) ҳамшафати вақф табдил ёфтааст [247, С.35; 487, С.56-57]. Дар Оинномаҳои вақфи Хоҷа Аҳрор ҳангоми муайян кардани марз номи мамлак низ зикр шудааст [247, С.35; 490, С.241].

Инчунин, дар ин давра заминҳои ба ҷамъиятҳои деҳот тааллуқдошта низ вуҷуд доштанд, ки дар бораи мавҷудияти онҳо дар оинномаи вақфи давраи таҳқиқшуда маълумотҳо мавҷуданд. Заминҳои коммуналӣ моликияти давлатӣ буданд. Ба ғайр аз заминҳои коммуналӣ заминҳои давлатӣ низ дохил мешуданд, ки дар онҳо боғҳои сершумори ҳукмрон бунёд карда шуда буданд [188, С.550; 247, С.35; 487, С.56-57].

Сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, ки заминҳои вақф дар асрҳои XIV-XV мисли пештара (институти) муассисаҳои вақф [400, С.95-107; 280, С.247-251] ҳамчун категорияи махсуси моликияти заминдории феодалӣ вуҷуд доштанд. Вақфро амволи манқул ва ғайриманқул-заминҳои корам, осиёб, канал ва дигар иншооти обёрӣ, дар шаҳрҳо устохонаҳои ҳунарӣ, дуконҳо, майдончаҳои савдо, корвонсаройҳо ва ғайра меномиданд [280, С.247; 247, С.54].

Баробари ин, ҳар як муассисаи руҳонӣ ва макони муқаддас барои вақфи худ ҳуҷҷате дошт, ки онро қозӣ дар ҳузури шоҳидон тартиб медод,

“вақфнома” ном дошт. Ҳар он чизе ки васият шудааст, моликияти муассисае ба ҳисоб мерафт, ки ба он вақф таъйин шуда буд ва он даромади аз вақф гирифтаашро истифода мекард. Молу мулки вақфро фурӯхтан, ба гарав гузоштан, ҳадя кардан ё ба дасти шахси воқеӣ додан мумкин набуд. Вақф бо амри бегонагон ва шартҳое, ки меросгузорон ҳамчун амволи ғайриманқул муқаррар намудаанд, ҳамчун шакли шартии заминдории феодалӣ дида мешуд [280, С.247].

Дар давраи Темуриён, аз ҷумла дар сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон ва кишварҳои зери тобеияти онҳо сарбории зиёдатӣ, ки боиси кам гардидани иқтидору нуфузи ҳукумати марказӣ ва бори гароне барои мардум гардид, ин суюрғол буд. Сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, ки баъзан вилояту кишварҳо ба аъзоёни хонадони амирон, сарлашкарон ва арбобони дин ба расми суюрғол дода мешуданд. Абдураззоқи Самарқандӣ вобаста ба ин қазия қайд мекунад, ки соли 1409 ба мирзо Кайду баҳодур Қандаҳору Афғонистон то сарҳади Ҳинд, соли 1414 Форсро ба мирзо Иброҳим, соли 1415 Қум, Кошон ва Раю Рустамдорро то ҳудуди Гелон ба Илёсхоҷа баҳодур ва соли 1419 вилоятҳои Кобулу Ғазнин ва Қандаҳору Афғонистонро бо тамоми Синду Ҳинд ба Суюрғотмиш суюрғол додани Шоҳрух иттилоъ медиҳад [5, С.222]. Мувофиқи маълумоти Муиниддини Исфизорӣ султон Абусаид ба шоҳзода султон Маҳмуд тамоми мулки Мозандаронро ба расми суюрғол туҳфа карда будааст [70, С.260]. Инчунин Ҳусайн Бойқаро ба Сайид Ҷаъфари Нурбахш ба тариқи суюрғол милкеро дода будааст, ки соле 5000 ашрафӣ даромад доштааст [14, С.272]. Хусусияти сурғол дар он буд, ки соҳибони он на танҳо тамоми даромаду андозҳои аз аҳолии он ҷо рӯёндашударо мегирифтанд, балки ҳокими мустақили он мавзеъҳо ба ҳисоб мерафтанд ва андози мулкҳои суюрғолшуда ба зиммаи мардуми ҷойҳои дигар гузошта мешуд, ки дар натиҷа хазинаи ҳукумати марказӣ кам нагардида, вазнинӣ ба дӯши меҳнаткашон меафтод [251, С.27-28; 321, С.182-183; 138, С.19].

Бино ба таъкиди муаррихону муҳаққиқон ҳуҷҷатҳои вақфҳои зиёде мавҷуд буданд, ки ба асрҳои XIV-XV тааллуқ доштанд. Яке аз ин ҳуҷҷатҳо, ки соли 1383 мураттаб шуда буд, шаҳодат медиҳад, ки муассиси вақф тамоми замини деҳаи Нита, ки дар шимоли Самарқанд, сеяки деҳаи Рифон тақсим нашуда ва инчунин якчанд қитъаҳои алоҳидаро ба вақф табдил додааст [247, С.55; 487, С.56]. Дар санади дигари вақфи меросӣ, ки соли 1464 ба мақбараи Ишратхона воқеъ дар Самарқанд таълиф шудааст, омадааст, ки вақфдиҳанда Ҳабиба Султонбегим духтари амир Ҷалолиддини Суҳроб нисфи заминҳои деҳаи Сарвиро ба дини мубини худ табдил додааст. Тибқи шартҳои вақфдиҳанда худи ӯ бояд мутаваллии ин вақф бошад ва пас аз маргаш вазифаи мутаваллӣ бар дӯши бузургтарини авлодаш гузашт [247, С.55; 178, С.123].

Сиёсати андоз дар Мовароуннаҳр ва Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV ба манфиатҳои ҳукмрони бодиянишини турк-муғул, соҳибони калони замину чарогоҳҳо ва чорводорони кучманчӣ равона карда шуда буд. Лозим ба зикр аст, ки аз аввали қарни гузашта чи дар таърихнигории аҳди шуравӣ ва чи тоҷик таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои дигари шаклҳои сиёсати андозситонӣ бештар гардид. Ин ҷо метавон аз пажуҳишҳои анҷомдодаи В.В. Бартолд [152, С.25-178], И.П. Петрушевский [280], А.А. Молчанов [438, С.153-169], С. Азимҷонова [122], А. Урунбаев [484, С.154-165], Я. Гулямов [404, С.5-23], Н. Маҳмудов [247, С.69-97], С. Хатиби [332], А. Саидов [290, С.470-505], Л. Додхудоева [197, 196], М. Абдураимов [360, С.5-32], Л. Бойматов [169], Н. Турсунов [324, С.504-511; 325, С.397-402] ва дигарон ёдовар шуд, ки дар онҳо масъалаҳое монанди сиёсати андоз, вазифаҳои андоз, усулҳои андозситонӣ ва амсоли инҳо баррасӣ гардидаанд.

Аммо бояд қайд кард, ки дар асару таҳқиқотҳои олимони мазкур доир ба ҷанбаҳои асосии тараққиёти иқтисодии давлати Темур ва Темуриён

маълумотҳои дорои хусусияти молиявӣ дошта, ҳатто тадбирҳои муҳим, ба мисли ислоҳоти пулию молиро возеҳу равшан инъикоси худро наёфтааст.

Бино ба таъкиди олимони номбурда пас аз фавти Шоҳрух ихтилоф ва кашмакашиҳои шоҳзодагону амирон ва даст ба даст шудани минтақаҳо дар байни онҳо, харобии шаҳрҳо ва қаҳтию гуруснагиро ба миён овард. Муинуддин Исфизорӣ дар баёни воқеаҳои соли 861 зимни зикри ҳаводис, ки метавонад намунаи равшан аз ин гуна нобасомониҳо дар ин аҳд бошад, чунин қайд мекунад: «Дар ин сол, ихтилол (бесарусомонӣ)-и тамом ба аҳволи Хуросон роҳ ёфт ва дар ҳар гӯша муфасиде (вайронкор) ва мутағаллибе (забардаст) сар бароварда, хаёли истиқлол дар сар андохт. Ва дар ҳар ноҳияте шарире ва муфтанӣ хурӯҷ карда, савдои истиқлол дар димоғ ва ба сабаби адами подшоҳии зи шавкат, ки ба дафъи мазори ахтор (хатар) ва инзиҷор (безор шудан) фаҷор ва асрори иқдом намояд. Дар атрофи мамлакат салбу наҳб ва харачу марач зоҳир шуд…Ва пайдост, ки дар чунин аҳвол, дасти зулмаву фасада ба ҷону мол ва аърозу навомиси мардум кушода мешуд ва иҷҳофоти (зулм) гуногун аз қувва ба фаъл дар меояд» [70, С.191].

Муҳаққиқ ҳангоми баррасии масъалаи мавриди назар инчунин оид ба ситонидани андозҳои аз ҳад зиёд аз аҳолӣ чунин менигорад: “аз ҳар хонае як динор молиёт бигиранд, дафъатан бар ҳар диноре нӯҳ динори дигар афзуданд. Оташи зулму бедод боло гирифт ва мардум аз уқубату шиканҷаи бисёр, аҳлу аёлро гузошта ва фирор намуданд ва баъзеи дигар наздик ба ҳалок расида [70, С.191].

Дар илми таърихнигорӣ чунин тавсифи авзои иқтисодию иҷтимоӣ, ки дар нишондиҳандаҳои кишоварзӣ, тиҷорату ҳунармандӣ зоҳир мегардад дар як қатор осори таҳқиқӣ инъикоси худро ёфтаанд. Аз хусуси мавқеи ҷуғрофӣ бошад, он дар маркази асар ҷой дошта, муаллиф доир ба мавқеи ҷуғрофии тамоми шаҳру навоҳии Хуросон, масофаи байни онҳо, инчунин дар хусуси

оламии табиату заминҳои ҳосилхези ин сарзамин маълумотҳои комиле пешниҳод кардааст.

Дар сарчашмаҳо омадааст, ки гӯё Хоҷа Аҳрори Валӣ дар ҳар вилояти Мовароуннаҳр заминҳои зиёд ва дар шакли муридон деҳқонон-ғуломони бисёре доштааст. Танҳо дар вилояти Қаршӣ се ҳазор ҷуфти гови ӯ фаъолият мекардааст, ки танҳо аз ғалла ба ҳукумати Темуриён беш аз 15 ҳазор пуд андоз медодааст.

Муҳаққиқи ин давра Хондамир, ки замони ҳукмронии султон Ҳусайн Бойқароро дар Ҳирот ба таври муфассал тавсиф кардааст, иттилоъ медиҳад, ки баъзе мулкҳои вақфҳо ба андозае калон буданд, ки зарурати таъйини чанд мансабдор ба вазифаи садр, ки ба вазифаашон назорати давлатӣ аз болои фаъолияти ин шакли моликият дохил мешуд [96, С.321].

Мувофиқи маълумоти Хатибӣ солҳои 1363-1364 дар Хуросон 3 амир ноиби девон буданд, ки маоши онҳо 90 ҳазор динор буд [332, С.30].

Маълум аст, ки пас аз марги Шоҳрух дар давраи ҷангҳои байни ворисони ӯ ва тасарруфи ҳокимият ҳодисаҳои ситонидани андозҳои зиёда аз аҳолӣ ва зулми тобеон бештар гардид. Ҳар як шоҳзода ҳокимиятро дар як минтақаи муайян ба даст оварда, барои таъмини лашкариёни худ ба маблағ ниёз дошт, ба андозбандии ғайриқонунии аҳолӣ муроҷиат мекарданд. Ҳангоми ситонидани ин андозҳо аксар вақт ба зӯроварӣ даст мезананд. Баъзан дар натиҷаи аз тарафи дигарон зуд иваз кардани ҳокимият баъзе шоҳзодаҳо якбора аз аҳолӣ якчанд сол пайиҳам андоз ситонида мешуд.

Чунончи Мирхонд ва Исфизорӣ зикр мекунанд, ки дар соли 861/1457 дар ҷангҳои байниҳамдигарии дар робита ба марги Абулқосим Бобур ба вуҷуд омада, дар тӯли сол аз деҳқонони Ҳирот харҷи сесола ҷамъоварӣ карда мешуд. Дар аввал мирзо Шоҳмаҳмуд ба хироҷ супориш дод, пас аз сукути Шоҳмаҳмуд ва гузаштани кишвар ба ҳукмронии мирзо Иброҳим, бори дигар хироҷ ҷамъ карда шуд. Аммо қудрат кутоҳмуддат шуд ва дар тӯли як сол бо-

ри сеюм аст, ки хироҷро Абӯсаид ҷамъ кард [55, С.815; 70, С.203; 96, С.63]. Дар соли 862/1458, вақте ки боз қудрати мирзо Иброҳим дар Хуросон ба муддати кӯтоҳ дубора боло гирифт, дарҳол ҷамъоварии хироҷи имсоларо талаб кард. Мутаассифона, дере нагузашта Хуросонро мирзо Ҷаҳоншоҳи туркман, ҳокими Озарбойҷон забт мекунад. Бо вуҷуди он ки мирзо Иброҳим дар он сол хироҷ ҷамъоварӣ карда буд, дар моҳи ҳут ва ҳамал мирзо Ҷаҳоншоҳ амр дод, ки бори дуюм хироҷро ҷамъ кунанд [3, С.837].

Мавриди зикр аст, ки ситонидани андозҳои такрорӣ боиси харобии деҳқонон, камбағалон ва сокинони шаҳр гардид, ки дар натиҷа дар кишвар гуруснагӣ хуруҷ кард. Гурӯснагии сахт тамоми Хуросон ва махсусан Ҳиротро фаро гирифт, ки дар натиҷа рӯзе ҳафтод-ҳаштод нафар ҷон медоданд [55, С.826]. Дар солҳои минбаъдаи ҳукмронии Абусаид ба муносибати тадриҷан мустаҳкам шудани ҳокимияти ӯ вазъияти муътадил барқарор гардид. Абусаид кӯшиш мекард, ки дар ҷамъоварии андоз ба худсарӣ ва зуроварӣ роҳ надиҳад. Дар мавридҳое, ки вайронкориҳо ошкор карда шудаанд, ба гунаҳкорон ҷазо дода, маблағи ғайриқонунӣ ситондашударо ба соҳибонашон гардонда медод. Ҳамин тавр, вақте ба Абусаид хабар расид, ки андозситонҳо аз деҳқонони Кусавия зиёда аз муқаррарнамудаи қонун ситондаанд, фармуд, ки маблағи зиёдатии ситонидашударо ба андозсупорандагон баргардонанд [55, С.842].

Баъди марги Абусаид, вақте ки дар мамлакат мубориза барои ба даст даровардани ҳокимият авҷ мегирифт, ҳодисаҳои вайрон кардани аз меъёри муқарраргардидаи андозҳо боз ҳам зиёдтар гардид.

Муаллифони осори таҳқиқие, ки ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании нимаи дуюми асри XV таваҷҷуҳ намудаанд, аксар вақт ба дастовардҳои фарҳангии он замон маҳдуд шуда, аммо масъалаҳои пай бурдан ва дуруст баҳо додан ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии феодалии он давра аз назари онҳо дур мондааст.

Маълум аст, ки давраи ҳукмронии султон Ҳусайн Бойқаро барои халқҳои Осиёи Миёна то андозае «давраи тиллоӣ» маҳсуб ёфта, худи султон Ҳусайн бошад ҳамчун шоири мумтоз, яке аз ташаббускорон ва муаррифгарони асосии илму фарҳанги он давра зоҳир мегардид. Таҳлилу баррасии сарчашмаҳо собит месозад, ки гӯё дар ин давра мухолифатҳои синфӣ, зулму истибдоди феодалӣ, фисқу фасодӣ, ахлоқии пасти ҳукматдори қариб, ки ба назар намерасид, аммо танҳо паҳлуи сояафкани ҳукмронии ин намояндаи сулолаи Темуриён, ки ба даврони Алишер Навоӣ бахшида шудаанд, ҳамин гуна тамоюлро мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳатто тасвири ҳаёти сиёсиву фарҳангии ин давра дар мақолаҳои А.Ю.Якубовский «Черты общественной и культурной жизни эпохи Алишер Навои» [356], «Эпоха Алишера Навои» [503] ва «История народов Узбекистон» [211] аз ин нуқтаи назар холӣ нест. Бояд гуфт, ки агар ба маълумотҳои маъхазу манбаъҳо амиқтар рӯ оварем, мебинем, ки рӯйдодҳои зиёди даҳшатангези давраи Темур ва Темуриён дар саҳифаҳои таърих осори зиёде боқӣ гузоштааст.

Лозим ба зикр аст, ки давраи аввали ҳукмронии султон нисбатан орому осуда гузаштааст ва дар дохили давлат қариб ҳеҷ гуна низоъҳои феодалӣ ба амал наомадааст. Бояд гуфт, ки назар ба маълумоти сарчашмаҳои муътамад, ҳатто дар ин давра вазъи амну иқтисодии минтақаҳои гирду атрофи Ҳирот то дараҷае хуб будааст. Ҳамзамон, мавқеи ҷойгиршавии шаҳр ва махсусан сарватҳои зиёди табиии заминҳои гирду атрофи Ҳирот дар рушди босуръати иқтисодии ин минтақа нақши муайяне бозидааст, ки мутаассифона, ин ҳолат аз назари аксари муҳаққиқон дур мондааст. Чунон ки Исфизорӣ овардааст: дар замони Ҳусайн Бойқаро 9 ноҳияи ҳамсояи Ҳирот эҳтиёҷоти аҳолии шаҳрро ба ғалла, чӯбу тахта, ҳезум, меваю сабзавот ва ғайра ба осонӣ қонеъ мекард. Фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини эҳтиёҷоти иқтисодӣ мавқеи Ҳиротро ҳамчун маркази сиёсӣ ва маъмурӣ мустаҳкам намуд.

Аз қайди муҳаққиқин бармеояд, ки гӯё давраи дуюми ҳукмронии султон Ҳусайн ба зиддиятҳои байни ҳокимияти марказӣ ва вилоятҳои тобеи он ба ноором гардидан ва тезутунд шудани муносибати ҳокимон оварда расонидааст. Дар натиҷа он оромии нисбӣ, ки вуҷуд дошт, ба задухӯрдҳо ва ҷангҳои байниҳамдигарӣ, ки паваста байни султон Ҳусайн ва писаронаш рух медод, табдил ёфт. Ин боис шуд, ки ҳолати андозсупориҳо, ки дар байни аҳолӣ, аз ҷумла меҳнаткашон боз ҳам зиёд карда шуд. Мунокишаи байни гурӯҳои дарбори феодалӣ, ки дар давраи аввали ҳукмронии султон Ҳусайн аз хусумати хоҷа Фазлиддин ва Низомулмулк оғоз шуда буд, нахуст боиси зиндон ва бадарға шудани Хоҷа Маҷудиддин, баъд аз ваҳшиёна қатл кардани Низомулмулк ва писаронаш ва пирӯзии Хоҷа Фазлиддин гардид. Ин задухӯрд пас аз соли 1497 байни ҷонибдорони ҳар се вазир аз ашрофони дарборӣ идома ёфт ва ба заиф шудани ҳукумати марказӣ мусоидат кард.

Маълум аст, ки дар ибтидои моҳи июли соли 1470 дар Ҳирот шуриши сокинон оғоз ёфт, ки дар натиҷаи суйистеъмоли андоз ба амал омадааст. Дар ин вақт ба Ёдгор мирзо муяссар шуд, ки аз шуриши халқ истифода бурда, Ҳиротро ишғол намояд [5, С.1037; 56, С.54; 96, С.146; 147, С.230]. Аммо, дере нагузашта Ёдгор мирзо асир гардида аз ҷониби Ҳусейн Бойқаро ба қатл расонда шуд. Пас аз ин ҳодиса султон Ҳусайн амр дод, ки аҳолиро аз андозҳои иловагӣ ва хароҷоти нигоҳдории лашкар дар давоми ду сол озод кунанд. Ин далел аз он шаҳодат медиҳад, ки зиддиятҳои синфии он замон ва тадбирҳоеро, ки ҳукмрон барои ором кардани аҳолӣ ва мустаҳкам намудани ҳокимияти худ кушиш мекарданд, равшан нишон медиҳад.

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ва манбаъҳои муътамад солҳои 80-уми асри XV ҳукумати султон Ҳусайн ба мубталои буҳрони ҷиддии молиявӣ мегардад. Ин аз як тараф, дар натиҷаи харҷҳои зиёди бефоида, аз тарафи дигар ба айшу нуш дода шудани султон Ҳусайн ва фарзандонаш боис мегардад, ки хазинаи давлат холӣ шавад. Аз ҷониби дигар вазъи икти-

содии мардуми кишвари ин минтақа дар натиҷаи афзоиши андозҳо ва худсарии мансабдорон торафт бо вазнин шудани зиндагии мардум оварда мерасонад вазнинтар мешавад, ки дар натиҷа норозигии оммаи халқро ба вуҷуд меоварад.

Назар ба қавли адабиётшинос ва муаррих С. Айнӣ, ки овардааст: «Авлоди охирини Темур дар байни ҳама кушокушиҳо ва дар зери хун ва оташ, агар ягон соат фурсати фароғат ёбанд, он фурсатро ба айшу нӯш ва ахлоқвайронӣ сарф мекарданд, балки дар пеши чашми аҳолии мазлум дар кӯча ва бозор ҳам аз маст шуда гаштан ибо наменамуданд» [127, С.164].

Муҳаққиқини ин давра Абдураззоқи Самарқандӣ, Мирхонд ва Хондамир иттилоъ медиҳанд, ки Ҳусейн Бойқаро ҳангоми ба сари ҳокимият омаданаш маҷбур мешавад, ки тобеонашро аз ситонидани як қатор андозҳо ба муддати ду сол озод намояд [5, С.1048; 56, С.62; 96, С.152; 434, С.33].

Султон Ҳусайн дар оғози салтанати худ дар вазъияти тантанавӣ ҳангоми зиёрати мазори Хоҷа Абдуллоҳ Ансорӣ мавлоно Камолуддин Шайхро, ки бо аъмоли Ҳирот хиёнат карда буд, даъват намуда, ӯро ба риояи қоидаҳое, ки дар замони Абусаид вуҷуд дошт, фармуд. Султон Ҳусайн ҳамзамон изҳор дошт, ки агар барои ӯ, бародар ё писараш маблағ лозим бошад ва бар хилофи аҳкоми шариат фармон барои ҷамъоварии ин маблағ содир шавад, на бояд ин амрҳоро иҷро кунад ва аз ӯ андозҳои ғайриқонунӣ ситонад [5, С.1049].

Чунон ки А.А. Семёнов қайд намудааст, ин тадбирҳо то як андоза ба беҳтар шудани аҳволи оммаи халқ мусоидат кард, барқарор намудани хоҷагии харобгардидаи онҳо ва беҳтар шудани вазъияти иқтисодии давлат оварда расонд [466, С.69-82]. Мутаассифона, дар асарҳои минбаъдаи таҳқиқӣ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ камтар зоҳир шудааст. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки боре ба султон Ҳусайн ба миқдори муайян маблағ лозим шудааст. Аммо вазирони ӯ Низомулмулк ва Хоҷа Фазididдин ҳатто ин маблағро аз хазина пайдо карда натавонистаанд. Дар баробари ин, яке аз наздикони Хоҷа

Муҷадиддин ваъда додааст, ки агар идораи молия ба ӯ вогузор карда шавад, корҳои молиявии давлатро дуруст ба роҳ мемонад ва дар айни замон некуаҳволии тобеонаш ҷанговарону деҳқононро таъмин мекунад.

Бино ба таъкиди муаллифони «Равзату-с-сафо», «Ҳабибу-с-сияр» ва «Бобурнома» дар ин давра гӯё хоҷа Маҷидиддин мансаби хостаашро соҳиб шуда бошад ва аз иҷрои ин ваъдааш баромада тавонистааст. Воқеан, вақте ки ӯ масъули молия буд, хазинаи давлат рафта-рафта то андозае ғанӣ мегардад ва аҳволи мардум то дараҷае низ беҳтар мегардад. Муҷадиддин бо роҳи барқарор намудани муносибатҳои хуб бо аҳолӣ ба он муваффақ шуда, кӯшиш мекард, ки пеши роҳи ҳокимони худсари вилоятҳо ва амалдорону ғоратгарон ва андозгиронро гирифта, хазинаи давлатро пурра зери назорати худ қарор диҳад. Дар натиҷа дарбориён ва мансабдорон душмани ӯ гардида ва бо роҳи дасисаву найранг ба он муваффақ шуданд, ки султон Хоҷа Маҷидиддинро ба зиндон андохта, молу мулкашро мусодира намоянд [96, С.196-197; 147, С.247].

Аз таҳлилу қиёси манбаъҳои судманд бармеояд, ки баъди ба эътидол омадани авзои сиёсӣ дар Хуросон муносибати султон Ҳусайн Бойқаро бо Алишер Навоӣ сард мегардад. Лозим ба ёдоварист, ки дар солҳои аввали ҳукмронии Ҳусайн Бойқаро Алишер Навоӣ ҳамчун муҳрдор фаъолият мекард. Соли 1472 бошад султон Ҳусайн ӯро ба вазифаи амири девони андоз таъйин кард. Пас аз чанд вақт хазинаи давлати султон Ҳусайн қариб холӣ гардид. Муҳаққиқон бар он назаранд, ки яке аз омилҳои асосии сард гардидани муносибати Ҳусайн Бойқаро бо Алишер Навоӣ маҳз дар ҳамин буд. Муҳаққиқ Ҳамза Камол вобаста ба ин қазия қайд мекунад, ки: «…аз масраф кардани Алишер Навоӣ тамоми хазинаи султониро барои сохтмонҳои хеш…» [223, С.31].

Муҳаққиқон зикр менамоянд, ки Хоҷа Афзалиддин Муҳаммад дар соли 878/1473-1474 вазир таъйин мешавад ва пас аз чанд муддат бо Алишер Навоӣ барои бадном кардани Маҷидиддин дар назди Ҳусейн Бойқаро нақша мекашанд. Дар натиҷа кор ба он анҷом ёфт, ки Муҷадиддин маҷбур мешавад, 60 ҳазор динор нисор намояд. Ҳарчанд ӯ мақоми парвоначиро нигоҳ дошт, аммо қоидае маъмул буд, ки ӯ набояд ба корҳои девон дахолат кунад. Мавқеи Маҷидиддин дар иҷрои ин вазифа қариб нӯҳ сол давом кард [147, С.234]. Пас аз ин воқеаҳо чанде пас Ҳусайн Бойқаро мехост Маҷидиддинро баргардонад, то вазоратро аз нав идора кунад, вале Алишер Навоӣ, ки бо Маҷидиддин хусумат дошт, ба ин иҷозат надод. Дар соли 1487 Навоӣ ҳокими Астраобод таъйин шуд ва пас аз рафтани ӯ худи ҳамон сол Маҷидиддин вазир таъйин шуд ва ба ӯ ваколатҳои зиёде дода шуд. Чи навъе ки дар сарчашмаҳо омадааст: «Ба ӯ лозим омад, ки аз номи подшоҳ мухр бизанад, ҳама хабару шикоятҳоро баррасӣ мекард, бидуни огоҳии ӯ на аз амирон, на аз садрҳо, на аз вазирон ва на аз «ашрофони дохилӣ» ва на аз наздиконаш оид ба масъалаҳои идоракунии молиявӣ хабар намедод. Ба ӯ унвони «амини султон ва салтанат» дода шуд» [147, С.241].

Пас аз ин, Хоҷа Афзалиддин аз тарси сарнавишти минбаъдаи худ, аз Муҷадиддин иҷозат гирифта, ҷониби Астаробод шуд ва аз он ҷо бо маслиҳати Навоӣ ба зиёрати Макка рафт. Алишер Навоӣ бошад аз ҳокимият дур карда шуд. Барои тамаҷуйиҳои қаблӣ бисёре аз мансабдорон ба ҷавобгарӣ кашида шуданд, ки баъд аз он ягон мансабдор ҷуръат намекард, ки тобеъонашро ба тамаҷуии ғайриқонунӣ гунаҳгор созад. Ин тадбирҳои қатъӣ шумораи душманони Маҷидиддинро зиёд карда, пас аз се сол аз вазифа барканор шуд ва ба Макка рафт ва дар мавзеи Табук моҳи зулқайдаи 899/августи 1494 дар роҳ вафот кард [96, С.198; 147, С.242].

Воқеан, ҳангоми аз назари таҳлил гузаронидани манбаъҳо маълум мегардад, ки дар аҳди Шоҳрух ва Ҳусайн Бойқаро ба соҳаи кишоварзӣ та-

ваҷҷуҳи махсусе карда мешуд, зеро ин соҳа ба хазинаи давлат фоидаи зиёд ворид менамуд ва барои беҳтар гардидани вазъи иқтисодии кишвар мусоидат мекард.

Аммо, бояд қайд кард, ки ин маънои онро надорад, ки дар замони султон Ҳусайн умуман андозҳои ғайриқонунӣ вуҷуд надоштанд. Султон Ҳусайн бо мақсади ба даст даровардани маблағ дар мазори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ муқобили гуфтаҳои ӯ амал намуда, аз мардуми маҳаллӣ андозситонӣ мекард. Хазинаи Ҳусайн бойқаро, ки аз ҳисоби сафарҳои ҳарбиаш, ки бар зидди фарзандони исёнкораш сурат мегирифт, ҳамеша аз ҳисоби андозҳои фавқуллода ғанӣ мегашт. Ҳатто замоне ки Ҳусайн Бойқаро бар муқобили писари исёнкори худ Фаридун Ҳусайн дар минтақаи Мозандарон набард мекард, ба Муҳаммад Валибек фармоиш додааст, ки бинобар зарурати ба миён омад, аз мардуми маҳалии сокинони Ҳирот ва инчунин гирду атрофи он дар ҳаҷми 100 ҳазор динори кебек ҷамъ карда, ҷониби ӯ фиристад. Дар натиҷа Муҳаммад Валибек аз деҳқонон ва сокинони ин ноҳия дар ҳаҷми 50 ҳазор динор ситонда, ният дошт, ки пули боқимондаро боз аз сокинони Ҳирот ҷамъоварӣ намояд, аммо кор ба ҷамъоварии маблағи охирин нарасид.

Мувофиқи иттилои сарчашмаҳо дар ин давра Алишер Навоӣ, ки аз дарбор ронда шуда буд, аз ин амали ноодилона огоҳ шуда пеши роҳи Ҳусайн Бойқароро аз ҷамъоварии маблағи ҳангуфт мегирад: «Аҳолӣ тамоман афтода ва гадо шудаанд, қудрати як танга ҳам додан надоранд. Аҷаб нест, ки ба сабаби ин андоз шуриш кунанд» [127, С.13]. Ва ин маблағро Алишер Навоӣ аз моли хусусии худ пардохт кард ва аҳолиро аз он бори гарон наҷот дод [404, С.21; 127, С.13; 360, С.31].

Ба муҷиби гуфтаҳои боло инчунин ҳодисаҳои дигаре низ буданд, ки гӯё Алишер Навоӣ аз ҳисоби маблағҳои худ барои аҳолӣ ва мардуми маҳаллӣ андозҳои ғайриқонунӣ месупорид [404, С.21].

Баъзе маълумотҳо дар бораи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии Мовароуннаҳр дар охири асри XV дар иддае аз таҳқиқот, аз ҷумла асари Бобур мирзо ба тафсил зикр шудааст. Ӯ вазъи кишварро дар замони султон Маҳмуд мирзо чунин тавсиф мекунад: «Ба Самарқанд омада, дарҳол ба ҷорӣ намудани қоидаҳои нав, боҷҳо ва андозҳо шуруъ намуд. Одамоне, ки ба Хоҷа Убайдуллоҳи гиромӣ алоқаманд буданд, ки бисёре аз гадоёни бечора бо сарпарастии ӯ қаблан аз таҳқиру суиистифода дар боҷ ва андоз озод шуда буданд, ба ҳар гуна зулм ва сахтгирӣ шуруъ карданд» [35, С.].

Аз маълумоти Бобур мирзо ба чунин бардоште расидан мумкин аст, ки андозбандии ғайриқонунӣ ва вуҷуд доштани азобу шиканҷа нисбат ба мардуми маҳаллӣ аз Хуросон дида, дар Мовароуннаҳр, бештар ба амал меомадааст.

Бояд тазаккур дод, ки Ҳусайн Бойқаро дар солҳои аввали зимомдории худ дар идораи мамлакат маслиҳатҳои Алишер Навоиро мепазируфт, ҳатто ӯро ба дараҷаи вазирӣ баровард инчунин, тамоми назорати молӣ, мулкӣ ва маъмурии мамлакатро ба ихтиёри ӯ вогузор кард.

Аммо, бояд қайд кард, ки Ҳусейн Бойқаро то ба охир ба роҳнамоӣ ва маслиҳатҳои Алишер Навоӣ такя накард. Ҳангоме ки авзои сиёсии мамлакат ба эътидол омад, хазинаи давлат низ ғанӣ гардид ва ӯ қариб ҳама вақт ба айшу нӯш ва исрофкорӣ дода шуда дар натиҷа дар як муддати кутоҳ хазинаи давлат холӣ гардид ва барои харҷҳои давлатӣ монеа эҷод шуд.

Бино ба маълумоти сарчашмаҳо Шоҳрух низ ба монанди Темур бо мақсади ба ҷониби худ моил сохтани амирон, лашкар ва фарзандонаш вилоятҳои Ҳисори Шодмон, Дамғон, Сарахс, Андхуй ва Хоразмро ҳамчун суюрғол инъом кард. Аз ҷумла, ба фармоиши ӯ вилоятҳои Кобул, Ғазна ва Қандаҳорро ба яке аз писаронаш Суюрғатмишхон ҳамчун суюрғол ҳадя карда шуд.

Дар Мовароуннаҳр низ фарзандони Абусаид ва Аҳмад мирзо Маҳмуд ба Астаробод, мирзо Улуғбек ба Кобул, Абӯбакр ба Бадахшон, Умаршайх ба Фарғона ҳамчун суюрғол соҳиб гаштанд.

Дар аҳди Темур ва Темуриён моликияти заминӣ, каналҳо, коризҳои хусусии шахсон, ки бо хизмати давлатӣ вобаста набуданд ва озодона ба мерос мемонданд, «мулк» ном доштанд. Заминҳои мулк ба намудҳои мулкҳои бо андоз фаро гирифта шуда, аз ҳама гуна боҷу хироҷ озод шуда бо номи «мулки мутлақ» тақсим мешуданд. Мулкҳое, ки андоз мепардохтанд, мисли пештара аз намудҳои хироҷӣ ва ушрӣ иборат буданд. Қисми асосии заминҳои мулк моликияти феодалҳои калон ҳисоб меёфтанд. Аз соҳибони моликияти калони замини давраи Темуриён дар манбаҳои хаттӣ номҳои мураббии Шоҳрух Алӣ Кукалтош, амири лашкар Фирӯзшоҳ, амалдори султон Аҳмад Абдулкарим Ашраф, феодали руҳонӣ Хоҷа Аҳрор, писари ӯ Муҳаммад Яҳё, шоири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, хоҷаи мулки Хуҷанд, Исфара ва Конибодом Қамбаралӣ сабт шудаанд. Дар ин хусус муаррих Н. Маҳмудов қайд мекунад, ки ба таркиби заминҳои мулк баробари киштзорҳо, инчунин заминҳои дохили шаҳрҳо дохил мешуданд. Ин гуна заминҳо барои сохтмонҳои тиҷоратӣ ва хоҷагӣ мисли дӯконҳо, корхонаҳо, биноҳои муассисаҳои савдо, ҳаммомҳо истифода мешуданд [247, С.51].

Кор то ба ҷойе расида буд, ки амволи манқул ва ғайриманқул, яъне заминҳои корам, шоҳрудҳо, дигар иншоотҳои обёрӣ ва дар шаҳрҳо бошад корхонаҳои пешаварон, дӯконҳо, корвонсаройҳо, ғайр аз ин ғуломон, ҳайвони корӣ ва ҳоказо ба фоидаи муассисаҳои динӣ-масҷидҳо, мадрасаҳо, хонақоҳҳо, мақбараҳои авлиёҳо, ҳукмронон, муассисаҳои хайрия ба вақф табдил меёфтанд. Султонҳои темурӣ амирони лашкар, феодалҳои калон ҳамчун вақфдиҳандагон амал мекарданд.

Намуди асосии андоз аз замин «хироҷ» ё «мол» ном дошт. Ҳолатҳое мешуд, ки Темур ва Темуриён ба муносибати ин ё он ҷашн деҳқононро ба муддати як ё якчанд сол аз супоридани хироҷ озод мекарданд. Ин гуна озод-

кунӣ бештар барои мардуми Самарқанд раво дида мешуд, ҳатто хироҷро дар шакли абрешим, аспҳо, говҳои ҷӯшоӣ, инчунин дар намуди пул аз мардум мерӯёнданд.

Сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, ки пас аз фавти Шоҳрух ҳаногоме ки ситезаҳои хунини байни ворисони ӯ барои ба даст даровардани ҳокимият давом мекард, ҳодисаҳои ситонидани андозҳои аз ҳад зиёд аз аҳолӣ ва бедодгарӣ нисбат ба мардум бештар мегардад. Чунин андозҷамъкуниҳои такрорӣ боиси торафт мураккабтар гардидани вазъият гардида, дар натиҷаи ин амалҳо гуруснагӣ дар минтақа паҳн кард. Дар охири солҳои 50-ум гуруснагии сахт тамоми Хуросонро фаро гирифт. Тибқи ахбори Мирхонд аз асари гуруснагӣ «…ҳар рӯз ҳафтод-ҳаштод кас аз гурӯснагӣ ҷон медоданд» [55, С.826].

Дар иртибот ба ин масъала Мирхонд қайд мекунад, ки баъди марги Абулқосим Бобур (1457) аз сокинони Ҳирот андозҳои барзиёд ҷамъ карда мешуд, ки ин боиси сар задани низову ошӯбҳо дар байни аҳолӣ гардид. Чунин омадааст, ки яке аз сарлашкарони Абулқосим Бобур амир шайх Абусаид аз Сарахс ба Ҳирот омада, ба сабаби хурдсолии ворисони тахт шоҳзода мирзо Шоҳ Маҳмуд, ки он вақт ҳамагӣ ёздаҳсола буд, ҳокимиятро ба зери тасарруфи худ мегирад. Абдураззоқи Самарқандӣ [5, С.788] синну соли Шоҳ Маҳмудро 11 сол ва Мирхонд бошад 15 сол нишон додааст [55, С.806]. Вай дар давоми 2-3 рӯз ба сари аҳолии Ҳирот андози «саршумор»-ро бор кард ва ба ин васила аз онҳо пул меситонид.

Ҳасани Румлу зикр мекунад, ки дар соли 1459 султон Абусаидро хабар мерасонанд, ки дарвозабонони шаҳр аз ҳар деҳқононе, ки ғалла ва мева ба шаҳр меоваранд, миқдори муайяни маблағ меситонанд. Дар натиҷа султон Абусаид мефармояд, ки ҳеҷ як дарвозабон аз касе чизе нагирад ва агар гирад мубталои ҷазо ё сиёсат хоҳад гардид [99, С.606].

Дар аҳди Темуриён нисбат ба деҳқонон ҳамчун табақаи андоз ва боҷу хироҷдиҳанда маҳфуми «раийа»-ро истифода мебурданд. Онҳо дар

алоқамандӣ бо вазъи иқтисодиашон ба се гурӯҳ 1) деҳқонони мулкдори соҳиби қитъаҳои хурди замин; 2) деҳқонони ҷамоатҳо ва зироаткороне, ки дар заминҳои давлатӣ кор ва зиндагӣ менамуданд; 3) иҷорагирон-шарикон тақсим мешуданд.

Дар ин хусус муҳаққиқон И.П. Петрушевский, П.П. Иванов, Н.М. Маҳмудов дар осори таҳқиқии худ зикр мекунанд, ки бо мустаҳкам гардидани мавқеи дини ислом дар байни аъёну ашрофи муғул ва турк, инчунин афзоиши нуфузи руҳониёни мусулмон, ки ҳуқуқи озодии шахсии муъминонро эътироф мекарданд, дар даврони Темуриён пойбандкунии деҳқонон ба замин ва тобеъияти шахсии онҳо аз заминдорони бузург ва давлат, яъне муносибатҳои крепостноӣ дар мамлакат асоси юридикӣ ва эътибори амалӣ надошт.

Бояд гуфт, ки дар зинаи пасти сохтори иҷтимоии замони Темуриён ғуломон қарор доштанд. Теъдоди зиёди ғуломону канизон ба сарзамини тоҷикон баъди ҷанги Темур бар зидди Тӯхтамишхон соли 1391 аз ҷонби Олтин Ӯрда ва Оқ Ӯрда асир гирифта шуда буданд. Барои муҳофизати Темур аз ин ғуломони каниз 5 ҳазор нафар таъйин шуданд. Бар асари задухӯрдҳои пайдарпай шумораи зиёди асирону ғуломон дар Ҳиндустон ба дасти лашкари Темур афтоданд. Бино ба маълумоти Ғиёсуддин Алӣ баъди истилои Деҳлӣ ҳар як ҷанговари Темур 150 нафар мард, зан ва бачаро ҳамчун ғулом асири худ гардонида аз шаҳр баровард. Тибқи ахбори Давлатшоҳи Самарқандӣ баъди лашкаркашиҳои Темур ба Ҳиндустон Хуросон аз ғуломони ҳиндӣ пур шуд ва ба Ҳиндустони дуюм табдил ёфт. Вобаста ба ин қазия чунон ки Муинуддини Исфизорӣ қайд мекунад дар замони Ҳусайн Бойқаро дар бозори ғуломфурӯшии Ҳирот ҳар сол наздики 20 ҳазор ғуломони ҳинд ва турк бо нархи гарон савдо мешуданд. Ин буд, ки Шаҳобуддин Абдурраҳмон Лисонӣ ва аҳли дарбори Шоҳрух соҳиби сарвати бисёр ва ҳазорҳо нафар ғуломони зархарид шуд.

Ғуломону канизон дар корхонаҳои пешаварӣ, корҳои наздиҳавлигӣ, иншоотҳои бузурги давлатӣ васеъ истифода мешуданд. Барои таъмини беха-тарии шахсии Темур лашкари 10-ҳазорӣ, ки аз ғуломони зархарид иборат бу-данд, хидмат мекард. Ғуломону канизон дар хоҷагиҳои қишлоқ ба деҳқонӣ машғул буданд. Бисёр вақфкунандагон баробари замин ва амволи дигар ғуломону канизонро низ ба вақф табдил медоданд.

Дар натиҷаи ин рақобати оилавӣ шоҳзодагон, ки ҳар кадом ба вилояте ҳоким буданд, ба муқобили падари худ, ки побанди Хатичабегим буд, кор мекарданд. Ин зиддиятҳои оилавӣ боиси сар задани ошубу исёнҳо мегардид. Хусусан, дар солҳои охири ҳаёти амир Ҳусайн Бойқаро фарзандонаш бар зидди ӯ бархостанд ва ҳар кадом вилоятҳои худро мустақил эълон карданд. Ҳусайн Бойқаро ба ҷойи он ки пеши роҳи душманро гирифтан ба пахш кар-дани ошубҳои фарзандони саркашаш машғул буд.

Чунончӣ, Шарофуддини Яздӣ маълумот додааст, ки баъди истилои Ҳурмуз Темур хироҷи солонаи мардуми онро ба маблағи 300 ҳазор динор муайян кард. Хондамир қайд мекунад, ки вазири шинохтаи Шоҳрух Хоҷа Ғиёсиддин Пир Аҳмад Хофӣ, ки ин вазифаро қариб 30 сол ба зимма дошт, ба корҳои девон чунон роҳбарӣ кард, ки аз он хазинаи давлат зарар надид ва фуқаро низ азият накашид [95, С.601].

Пас аз фавти Шоҳрух дар вақти задухӯрдҳои хунини байни ворисони ӯ ва забти ҳокимият ҳодисаҳои ситонидани андозҳои аз ҳад зиёд аз аҳолӣ ва бедодгарӣ нисбати фуқаро зиёд гаштанд. Ин гуна андозҷамъкуниҳои такрорӣ боиси хонахаробшавии деҳқонон, камбағалони шаҳр ва сар задани гуруснагӣ дар мамлакат гардид. Дар охири солҳои 50-ум гуруснагии сахт тамоми Хуро-сонро фаро гирифт ва танҳо Абӯсаид ва султон Ҳусайн Бойқаро барои эъти-дол овардани вазъият то андозае муваффақ шуданд.

Бино ба маълумоти сарчашмаҳои хаттӣ, аз ҷумла рисолаи «Тарассул»-и Абдуллоҳ Марворид, мадраки Дарвеш Алӣ Кукалтош-бародари Алишер Навоӣ, инчунин вақфномаҳои мазори Дарвеш Алӣ шоҳ, Хоҷа Афзал дар асри

XV дар сарзаминҳои тоҷикон ҳокимони туркӣ-муғулии темуриён бидуни хироҷ намудҳои дигари андозҳои сарикасӣ ҷамъ мекарданд. Сарчашмаҳои таърихӣ роҷеъ ба навъҳои гуногуни андозҳо, ки дар аҳди Темуриён вуҷуд дошт, маълумоти муфассал додаанд. Аз ҷумла, «Авориз»-андози фавқулоддаи давлатӣ буд, ки аз аҳолӣ барои пур кардани ҷои харҷи ҷанг, ҷашнҳои оилавии даргоҳи султон ҷамъ менамуданд [280, С.382; 202, С.39; 247, С.77; 484, С.162; 290, С.488; 325, С.400]. Дар аҳди муғулҳо авориз бо ҳар роҳу восита пайваста ҷамъоварӣ мешуд [280, С.382; 247, С.77; 290, С.488]. Зимнан таъкид кард, ки ин намуди андоз низ дар асрҳои XIV-XV ҷамъоварӣ мешуд.

Ҳамчунин дар замони Темуриён аз аҳолӣ андозе бо номи «Сардарахт» ситонида мешуд. Чунон ки номи андоз гувоҳӣ медиҳад, аз дарахтони алоҳида «сардарахт» гирифта мешуд. Маълумоти ҷолиб дар бораи ин андоз дар сарчашмаҳои хаттӣ низ мавҷуд аст. Тибқи ахбори Абдураззоқи Самарқандӣ, Исфизорӣ, Мирхонд ва Хондамир соли 870/1465-1466 ҳангоми дар Хуросон қарор доштани султон Абусаид ба бемории сахт мубтало шуд ва ин бемори муддати дароз давом кард. Абусаид пас аз шифо ёфтанаш ба сифати хайрия аҳолии Хуросонро аз пардохти андози «сардарахт», ки маблағи калонро ташкил медод, озод кард [70, С.269-270; 55, С.850; 5, С.944-945-946]. Ситонидани ин андоз чунон ки Мирхонд маълумот медиҳад бо тариқи пули нақд сурат мегирифт.

Дигар ин ки дар замони Темуриён «Доруға» сардори ҳукумати маҳаллиро мегуфтанд, ки дар ҳар як деҳа ва шаҳру ноҳия фаъолият мекард. Тибқи ахбори Мирхонд, дар соли 1404 ҳангоми аз юриши ҳафтсола ба Самарқанд баргаштани Темур дар роҳ доруғаҳои деҳоту шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба пешвози ӯ баромаданд. Ва мардуми Чичакту аз доруғаи худ шикоят намуда бо фармони Темур пойи доруғаро сурох карданд ва сарнагун биёвехтанд [55, С.474]. Маълумот дар бораи хироҷи доруғона дар дигар сарчашмаҳои таърихӣ низ ҷой доранд. Тавре ки муаррихи дарбории аҳди Темуриён Абдурраззоқи Са-

марқандӣ воқеаҳои соли 1457 пас аз марги Абдулқосим Бобурро тавсиф намуда аст, иттилоъ медиҳад, ки доруғаҳои деҳот дар саҳро аз деҳқонон доруғонҳо мегирифтанд, ки дар натиҷа аҳволи онҳо боз ҳам бадтар шуд [5, С.1144].

Сеюм, «Зобитона» -ин андоз ба фоидаи кушташудагон, яъне шахсони мансабдори дастгоҳи андоз (девон) ситонида мешуд, ки вазифаашон ба назар гирифтани заминҳои кишт ва андозаи ҳосилот аз онҳо иборат буд [247, С.80].

Ниҳоят, «Муҳассилона»-ин шакли андози махсусест, ки ба фоидаи андозчин ҷамъоварӣ мешуд. Вазифаи муҳассил, яъне андозчин дар баробари гирифтани андоз аз аҳолӣ, инчунин аз аҳолии ҳудудҳои забткардаи қӯшунҳои Темур низ ситонидаи ҷубронпулиро низ дар бар мегирифт [247, С.80].

Чунон ки сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, андозаи ҷуброн хеле калон буд, ки ҷамъоварии он аз ҷониби ҳам муҳассилон дар якҷоягӣ бо иштироки бевоситаи лашкариёни дарбор гузаронида мешуд. Ин намуди андоз хусусияти ғоратгарона дошт, ки аксар вақт дар минтақаҳои забтшуда боиси сар задани шуришу низоъҳои халқӣ мегардид. Солҳои 785/1383-1384 дар шаҳри Султония дар натиҷаи ҷамъоварии ин намуди ҷуброни ғоратгарона шуриши халқӣ сар зад, ки дар натиҷа аз муҳассилони Темур нафарони зиёд кушта шуданд. Аммо, дере нагузашта бо амри Темур лашкариён шуришро дар муддати кутоҳ пахш карданд ва қисми зиёди аҳолиро ба қатл расониданд [247, С.80; 102, С.627]. Инчунин, соли 789/1387 бо асари вазъияти ба амаломадан лашкариёни Темур боз шуриши сокинони Исфаҳонро низ бераҳмона пахш карданд, ки дар натиҷа беш аз 50 ҳазор нафар аҳолии шаҳр ҷонҳои худро бохтанд [247, С.80; 102, С.667].

Андози дигар «Мушрифона» буд, ки пардохт барои нигоҳдории мушриф (нозир), мансабдори дастгоҳи андоз, ки дар мансаби болотар аз муҳосиб қарор дорад. Дар маъхазҳои замони Темуриён ҳангоми номбар кардани ман-

сабдорони дастгоҳи андоз аввал мушриф, баъд муҳассил зикр мешавад [247, С.80-81].

«Мирҳазорона»-хироҷ барои нигоҳдории ҳокими ҳазор (минтақае, ки даромади он барои нигоҳ доштани ҳазор ғозӣ (ҷанговар) кифоят мекард, ки аз сокинони ин маҳал ситонида мешуд [247, С.81].

«Дудӣ»-ин навъи ба андозаи «хонашумора», ки дар замони муғулҳо вуҷуд дошт. Дар давраи Темуриён низ андози дудӣ аз аҳолӣ гирифта мешуд.

Абдураззоқ дар бораи омодагии Абусаид барои фатҳи Утрор дар соли 869/1454-1455, хабар медиҳад, ки Абусаид ба деҳқонон супориш додааст, ки дудиро супоранд. Ин андоз бо пул ситонида мешуд. (султон Абусаид аз раоё ба расми дудӣ маблағҳо мегирифт) [5, С.791-795].

«Саршумор» (ҳисоби сарикасӣ), дар акси ҳол «сарана» («шумораи сар») андоз андоз аз сари сар аст, ки ҳам аз аҳолии деҳот ва ҳам аз шаҳрҳо ситонида мешуд. Он бори аввал дар замони муғулҳо ҳамчун андози доимӣ ҷорӣ шуда, онро «купчур» меномиданд. Мафҳуми «купчур» ба маънои «андози раъй» дар охири давраи муғулҳо аз байн меравад ва барои таъйини андози боқимонда дар сарчашмаҳои асрҳои XIV-XV истилоҳҳои «саршумор» ва «сарана» пайдо мешавад [5, С.795; 247, С.82; 290, С.490]. Дар бораи ситонидани ин андоз аз сокинони Ҳирот муаррихон Абдураззоқи Самарқандӣ, Исфизорӣ, Мирхонд ва Хондамир маълумот медиҳанд, ки ҳангоми ноороміҳое, ки ба сабаби марги Абулқосим Бобур дар соли 1457 дар Хуросон ба вуҷуд омада буданд, яке аз сарлашкарон амир Шайх Абусаид аз Сарахс ба Ҳирот омада, аз сабаби набудани вориси тахт, шоҳзода Шоҳмаҳмуд, ки он вақт ҳамагӣ ёздаҳсола буд, ҳокимиятро ба дасти худ гирифт. Ба муҷиби гуфтаҳои боло Абдураззоқи Самарқандӣ [5, С.788] синну соли Шоҳ Маҳмудро 11 сол ва Мирхонд бошад 15 сол нишон додааст [55, С.806]. Ӯ ба сари сокинони Ҳирот андози «саршумор» муқаррар кард, ки дар давоми 2-3 рӯз бо шакли нақдӣ, яъне пули ситонида шавад. Бо фармони амир шайх

Абӯсаид андози “саршумор” чанд маротиб афзоиш ёфтааст, ки ҳамаи ин ноадолатиҳо ба норозигии мардуми маҳаллӣ боис гардидааст.

Баъдан, аз маълумоти сарчашмаҳо бармеояд, ки аҳолии шаҳр боз ба андози “саршумор” гирифтор шуд, ки ҳаҷми он нисбат ба андози пештара 10 маротиба зиёд карда шуд. Азбаски аҳолӣ имконияти пардохти маблағи заруриро надоштанд, дар бисёр мавридҳо ба азобу шиканҷа мубтало гардида, дар натиҷа бисёр мардуми маҳаллӣ ҳалок мешуданд. Иддае аз амирон борҳо бо талаби кам кардани андоз ба назди Абусаид, ки он вақт берун аз шаҳр қарор дошт, сафарбар шудаанд, аммо ӯ ҳеҷ як пешниҳодҳоро қабул намекард. Сипас, яке аз сарлашкарони Бобур амир Шерхоҷа бо ҳамроҳии шоҳзода Шоҳмаҳмуд ба шаҳр даромада, ҳокимиятро ба дасти худ гирифтанд ва мардумро даъват карданд, ки як динор ҳам насупоранд ва он чизе ки супориданд бозпас гиранд. Пас аз ин ҳодиса амироне, ки аз сиёсати Абусаид норозӣ буданд, ба амир Шерхоҷа пайваст гардиданд [5, С.795; 70, С.192; 55, С.850; 247, С.82; 138, С.15; 290, С.490].

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо мардуме, ки ба издиҳом омада буданд, ӯро дар кӯҳи Мухтор ба қатл расонданд ва сари ӯро аз тан ҷудо карда, ба дарвозаи Малик овехтанд [5, С.795; 70, С.192-193; 55, С.807-808; 96, С.63-64; 241, С.358; 368, С.36]. Сарчашмаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки воқеан ин андозҳо барои мардуми Ҳирот яке аз гаронтарин андозҳо ба ҳисоб мерафт. Яке аз сабабҳои рӯй додани шуриши халқӣ дар Ҳирот ва хурӯҷҳои мусаллаҳонаи мардум дар музофотҳои он дар ин сол низ ҳамин андозситонии аз ҳад золимона буд [368, С.34-36].

Ин воқеаҳоро Исфизорӣ ва Хондамир тасдиқ мекунанд, ки гуфтаҳояшон ба суханони Абдураззоқ мувофиқат мекунад.

Инчунин, Исфизорӣ дар асари худ оид ба вазъи ногувори мардум, яъне ситонидани андозҳои барзиёд аз ҷониби Темуриён маълумотҳо овардааст. Аз ҷумла, нигоштааст, ки: «дар мавриде қарор буд, аз ҳар хонае як динор молиёт

бигиранд, дафъатан бар ҳар диноре нӯҳ динори дигар афзуданд. Оташи зулму бедод боло гирифт ва мардум аз уқубату шиканҷаи бисёр, аҳлу аёлро гузошта фирор намуданд ва баъзеи дигар наздик ба ҳалок расида…ва аврот сарҳо бараҳна ва мӯйҳо боз карда ба девон омаданд» [70, С.191-192; 338, С.211; 368, С.36; 408, С.37].

Баъди фавти Абулқосим Бобур Абӯсаид ба Хуросон ҳуҷум карда, бе муқовимат ҳокимиятро ба зери тасарруфи худ даровард. Исфизорӣ қайд мекунад, ки дар ин сол се мол ва се шукрона аз раоё ситониданд, аввал: Шоҳмаҳмуд мирзо, дуввум: султон Иброҳим мирзо, саввум: султон мирзо Абӯсаид [70, С.203; 138, С.15]. Бо фармони Абӯсаид андози саршумор чанд маротиб афзоиш ёфт, ки ҳамаи ин боиси норозигии оммаи халқ гардид. Дар ин вақт Хоҷа Кулол боркаш ва Хоҷа Алӣ Амир Хоҷа вазирони Шоҳ Маҳмуд таъйин шуда, масъули умури девон буданд. Вазирони номбурда ҳамроҳи шайх Абусаид бори дуюм ба сари аҳолии шаҳр андози “саршумор” меандозанд. Баъд аз он боз аз аҳолии шаҳр ба ҷойи як динор нуҳ динори дигар зам карда, даҳ динор гирифтанд.

Дар сарчашмаҳо омадааст, ки «Улоғ»-ҳама гуна ҳайвоноти хонагӣ аст, ки барои интиқоли бори вазнин, барои бастабандӣ ва кашидани аробаҳо истифода мешавад. «Улоғ» ҳамчун истилоҳи махсус аспҳои хаткашони почтаро дар назар дорад, ки аз ҷониби райиятҳо бо истгоҳи хоҳиши мудирони почта ба дигараш гузоштани хизматчиён дода мешавад [280, С.398]. Ин вазифа пеш аз истилои муғулҳо низ вуҷуд дошт, вале он дар аҳди хонҳои муғул он бори вазнин шуд [247, С.84]. Ҳамаи хараҷоти марбут ба нигоҳдории улоғҳо ба зиммаи аҳли меҳнаткаш афтод [128, С.238]. Дар асрҳои XIV-XV мазмуни ин андоз ҳамчун вазифа тағйир наёфтааст, вале дар ин давра на танҳо ба деҳқонон, балки ба феодалҳо ҳам дахл мекард [247, С.84].

Бояд гуфт, ки солҳои аввали ҳукмронии султон Ҳусайн (1469) барои ӯ хеле душвор буд. Махсусан, амир Муҳаммад Ёдгор барои ӯ монеагиҳои зиёд эҷод кард. Тибқи ахбори Абдураззоқи Самарқандӣ амирону навкарон яке

пайи дигар бо лашкари худ султон Ҳусайнро тарк карда, ба тарафи Муҳаммад Ёдгор гузаштанд.

Ҳамин муаллиф хабар медиҳад, ки султон Ҳусайн, ки дар Хуросон қудрат ба даст овард, Хоҷа Абдуллои Ахтоб баъд аз он ки аз Хоҷа Қутбуддин Товус дар он айём сесад ҳазор динор капак ба ду се карат гирифта буданд, аз мансаби вазорат бекор карда, ба ҷойи Хоҷа Товус мушаррафи девони олӣ таъйин шуд. Ва бо ҳамроҳии Хоҷа Низомуддин Бахтиёри Симнониро …… Ин ду тан ҳангоми лашкаршии султон Ҳусайн алайҳи мирзо Ёдгор дар соли 874/1469-1470 аз аҳолӣ «зарӣ» ва «дудӣ» андоз гирифтанд. Аз сабаби он ки дар ин солҳо ҷангҳои байниҳамдигарӣ, аҳолиро андозҳои аз ҳад зиёд хонабардуш карда буданд, ба амалиёти ошкорои оммаҳо баромад. Дар Ҳирот издиҳом ба нишони эътироз ба ҷамъоварии ин андозҳо ба сӯйи Хоҷа Абдуллоҳ санг мепардохт ва базӯр тавонист худро наҷот диҳад. Султон Ҳусайн аз ин хатар огаҳ гардида, барои ором кардани омма маҷбур шуд, ки ситонидани андозҳои зикршударо лағв кунад ва Хоҷа Низомуддини Бахтиёр ва Хоҷа Абдуллоро аз вазифаи худ барканор кунад [5, С.791-795; 70, С.371; 438, С.156; 356, С.15; 290, С.490]. Ҳусайн Бойқаро маҷбур гардид боз аз нав Хоҷа Қутбуддини Товусро, ки мардум низ ҷонибдорӣ дар мансаби девон будани ӯро мехостанд, таъйин кард.

«Ясавул»-андозе, ки ба фоидаи ясавул ситонида мешавад. Ясавул дар асрҳои XIV-XV ашхосе, ки амнияти ҳукуматдоронро таъмин мекард. Ҷамъоварии ин андоз дар санади вақфи мазори Носири Хисрав зикр шудааст [247, С.84].

«Пешкаш»-(Туҳфаи шахсӣ) маънои ҷамъоварии маблағ аз деҳқонон ва аҳолии шаҳрро, ки ҳамчун ҳадя ба подшоҳ ё мансабдорони баландпоя пениҳод мешуд, дошт. Ҳокимони маҳаллӣ ва амалдорони онҳо бо баҳонаи «пешкаш» аксар вақт аз мансаби худ сӯйистеъмол карда, тобеъонашро азобу шиканҷа дода, аз онҳо хароҷоти ғайриқонунӣ ситонида, аз худ мекарданд [187, С.488; 348, С.161]. Дар аҳди Темур ҷамъоварии ин намуди андоз манъ

шуда буд ва гунаҳкорон ҷазо дода мешуданд, вале баъдтар дар замони ворисони ӯ боз аз нав ҷамъоварии «пешкаш» барқарор карда шуд. Дар ҳуҷҷати вақфи мазори Носири Хисрав аллакай «пешкаш» ҳамчун андоз амал мекунад [247, С.84-85].

«Номбардори қушун». Маънои ин андоз дар мазмуни нусхаи фармоне, ки ба маҷмуаи ҳуҷҷатҳои «Тарассул»-и Абдуллоҳи Марворид дохил шудааст, муфассалтар баён шудааст [247, С.85]. Фармон бо исрори хоҷа Маҷидиддин, вазири султон Ҳусайн Бойқаро, ки соли 1487 ба ин мансаб таъйин шуда буд, дар он ҷо ӯ чунин пешниҳод карда буд, ки вақти зарурати ҳифзи кишвар аз ҳамлаи душман ба миён меояд, инчунин ҳангоми лашкаркашӣ ба давлати дигар, танҳо ашрофони ба хизмат даъват шуда, аҳолӣ аз хизмати ҳарбӣ озод карда мешуд. Аммо дар ин гуна мавридҳо аз аҳолӣ андози «номбардори қушун»-ро бо пул ситонида мешуд. Дар замони осоишта ин андоз аз аҳолӣ гирифта намешуд. Аммо масъулони умури девон хоҷа Низомулмулк ва хоҷа Афзалуддин вазирони султон Ҳусайн, ки аввалин дар соли 1472 ва дуюмин дар соли 1472-1474 ба ин вазифа таъйин шуда буд, бо дастгирии мансабдорони девон ба таври ғайриқонунӣ андози «номбардори қушун»-ро ба сифати ҳолати фавқулодда дохил намуда, ҳар сол аз деҳқонону камбағалон ситониданд, ки дар натиҷа тобеъон зери зулму ситам ва зуроварӣ қарор мегирафтанд. Ҳамаи маблағҳои ҷамъшударо мансабдорони баландпоя аз худ карданд. Аз ин рӯ, хоҷа Маҷудиддин ба хулосае меояд, ки бо риояи амрҳое, ки дар замонҳои пеш вуҷуд дошт, риоя карда шавад, некуаҳволии тобеонаш беҳтар мешавад ва парокандашавии аҳолии Хуросон ба ҷойҳои дигар қатъ мегардад. Бо назардошти самимияти андешаҳои хоҷа Маҷидиддин дархости ӯ қонеъ карда шуд ва фармоне содир шуд, ки тибқи он минбаъд дар сурати зарурат ба шакли андози «номбардори қушун» маблағ ситонида мешавад [247, С.85-86; 9, С.22б-23 а].

Ҳамин тавр, дар асрҳои XIV-XV қуввaҳои ҳарбии давлат ба қисмҳо ва қисмҳои муқаррарӣ тақсим карда мешуданд, ки танҳо дар давраи ҷанг ба армия даъват карда мешуданд [247, С.87].

«Зари лашкар»-(пул барои артиш) ва «номбардор». Ин андозҳо аз аҳолӣ барои таъмин намудани аскарони доимӣ ситонида мешуданд [247, С.82; 484, С.160]. Ҳангоми ситонидани андоз ба фоидаи лашкариён дар чорабиниҳои ҳарбӣ ин ду истилоҳ ҳамеша дар сарчашмаҳо якҷоя истифода мешаванд. Дар давраи муайяншуда истилоҳи «забти лашкар» низ ба кор рафтааст, ки муродифи «номбардор» мебошад [247, С.87]. Тахмин кардан мумкин аст, забти лашкар ҳамон "номбардор" аст.

Абдураззоқи Самарқандӣ дар бораи омодагии Абулқосим Бобур дар соли 858/1454 ба Мовароуннаҳр бар зидди Абусаид иттилоъ медиҳад, ки Абулқосим Бобур ба амир Хоҷа Ваҷеҳиддин Исмоил Симнонӣ фармон дод, ки бо як идда умарои аъзом аз аҳолӣ хироҷ, "зари лашкар" ҷамъоварӣ кунанд. Абулқосим Бобур пас аз ситонидани андозҳои зарурӣ тамоми маблағҳои ҷамъшударо ба умаро ва лашкариён тақсим карда, ба Мовароуннаҳр сафар кард [5, С.755; 247, С.87].

Ҳамчунин, ҳамин муаллиф ҷойи дигар маълумот медиҳад, ки султон Абусаид дар соли 866/1461-1462 ҳангоми лашкаркашӣ ба Мозандарон бар зидди султон Ҳусайн, барои аслиҳа ва дигар лавозимот таъмин намудани лашкар фармон дод, ки аз аҳолии шаҳри Ҳирот, ноҳияҳо ва вилоятҳо андози "зари лашкар", "номбардор" ва "ҷиҳод" ҷамъоварӣ шавад [5, С.902; 70, С.257; 247, С.87]. Пас аз бозгашт ба Ҳирот Абусаид фаҳмид, ки вазир Хоҷа Муизуддини Шерозӣ дар вақти набудани ӯ ҳангоми ҷамъоварии хироҷи "зари лашкар" аз тобеонаш назар ба муқаррароти қонун чанд маротиб зиёд маблағ ҷамъ кардааст. Шайх Аҳмад Сарроф, ки ҳамроҳи Хоҷа Муизуддин вазифаи девонро бар уҳда дошт, аз тобеонаш низ ба манфиати худ маблағи зиёд ҷамъ кард. Аз маълумотҳои Абдураззоқи Самарқандӣ ва Исфизорӣ маълум мегардад, ки дар натиҷаи амалҳои бераҳмонаи Хоҷа Муизуддин ва шайх Аҳмад оммаи халқ гирифтори қашшоқӣ мегарданд.

Назар ба маълумоти Исфизорӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ ва Хондамир дар охири моҳи январи соли 1462 дар Ҳирот Хоҷа Муизуддини Шерозӣ ва

Шайх Аҳмад Саррофро ба ришвахорӣ ва тамаҷҷӯйи айбдор карда шуданд ва бо фармони Абусаид шайх Аҳмадро дар «дарвозаи малик» пӯст канда, ба азоби алим куштанд. Ва рӯзи дигар Хоҷа Муъизуддинро дар деги оби ҷӯшон андохтанд, то пухта шуд [70, С.260; 5, С.907; 55, С.843; 96, С.81; 99, С.622; 247, С.88; 290, С.492]. Пас аз ин Абусаид фармон дод, ки минбаъд аз аҳолӣ андози “зари лашкар” ва “номбардор” ситонида нашавад. Фармони озод кардани аҳолӣ аз хироҷи “зари лашкар” ва “номбардор” дар рӯйи санге навишта дар масҷиди ҷомеъ гузошта шуда буд, то ҳама бубинад ва аз он огоҳ бошанд. Абдураззоқи Самарқандӣ бар он назар аст, ки султон Абусаид ба ваъдаш вафо карда, то охири умр аз аҳолӣ андози “зари лашкар” ва “номбардор” нагирифтааст.

Бояд ёдовар шуд, ки ахбори Абдураззоқи Самарқандиро Мирхонд, Исфизорӣ ва Хондамир низ тасдиқ мекунанд [55, С.843; 70, С.261; 96, С.81]. Шояд як сабаби бекор кардани ин андоз аз аҳолии Ҳирот дар он буд, ки ҳанӯз дар Мовароуннаҳр шуриши Муҳаммад Ҷӯкӣ зидди Абусаид идома дошт. Аммо дар натиҷаи ба сари қудрат омадани Ҳусайн Бойқаро “зари лашкар” ҳамчун андози доимӣ аз нав барқарор карда шуд [247, С.87-88].

“Ихроҷот” (“хараҷот”), маънои як гурӯҳи томи пардохтҳоро дошт. Дар асрҳои XIV-XV ин андози доимӣ буда, дар як сол як маротиба аз аҳолӣ дар шакли пул ситонида мешуд [247, С.89-90].

“Бегор”. Ин хизмати ҳатмӣ ба маънои “меҳнати иҷборӣ” аз замонҳои қадим маълум буда, барои тобеъон, бахусус деҳқонон яке аз андозҳои вазнин ва вазнин ном бурда мешуд ва он ба манфиати давлат ё феодал меҳнати маҷбурии тобеон дар кандани каналу корезҳо, давра ба давра тоза кардани онҳо, анҷом додани корҳои сохтмонӣ сарф карда мешуд. Вақти “бегор” барои минтақаҳои мухталиф гуногун буда, ба мақомоти маҳаллӣ вобаста буд [247, С.90-91; 280, С.394; 187, С.488].

Маълум аст, ки рентаи коркардадиҳӣ бо истилоҳи «бегор» истифода мешуд, ки маънии он меҳнати маҷбурии зироаткоронро дар кандани каналҳо,

корезҳо, сари вақт тоза кардани сохтмони пулҳо шакли андоз ифода мекард. Барқароркунии қалъаи маъруфи Ҳиндувони Балх дар солҳои 1367-1368 аз ҷониби Ҳусайн ва Темур ва баъд аз ҷониби Шоҳрух дар солҳои 1407-1408 ба тариқи «бегор»-сафарбаркунии маҷбурии қӯшун ва кишоварзон ба амал бароварда шуд.

“Ҷизя”-андози сари сар аз кофирон аст. Шуруъ аз асри аввали ҳиҷрӣ сар карда ин андоз аз мардуми ғайримусулмон ситонида мешуд. Дар асрҳои XIV-XV ситонидани ин намуди андоз аз ғайримусулмонон роҳандозӣ мешуд. Ҳангоми забт кардани кишварҳое, ки сокинонашон ғайримусулмон буданд, ба ҷузъ андозу боҷҳои дигар, Темур ба зиммаи онҳо ҷизя муқаррар мекард [247, С.94].

“Тамғо” дигар намуди андоз ишора ба ҳунарҳои шаҳрӣ ва ҳунари шуғлҳои гуногуни шаҳрӣ ва инчунин тиҷорат дахл дорад [187, С.496; 484, С.158-159]. Ин истилоҳ дар Эрон ва кишварҳои ҳамсоя бори нахуст аз ҷониби хонҳои муғул ҷорӣ шуда, ҷойгузини закоти андози қадими шариатро гирифт [280, С.386]. Бо вуҷуди норозигии бархе аз руҳониёни бонуфуз аз ҷамъоварии “тамғо”, ки мувофиқи қонуни шариат набуда ҳисобида мешуд, дар асри XIV ва баъдтар ҷамъоварии он идома ёфт, гарчанде дар давоми асри XV ҷамъоварии “тамғо” барқарор шуд ва сипас дубора барқарор карда шуд [247, С.95]. Тибқи иттилои сарчашмаҳо дар солҳои аввали ҳукмронии Абусаид ҷамъоварии “тамғо” барқарор шуд, вале баъдтар дар солҳои 865/1460-1461 бо дархости Хоҷа Аҳрор Абусаид ҷамъоварии “тамғо”-ро дар Самарқанду Бухоро бекор кард [99, С.627; 158, С.34; 247, С.96].

Бояд гуфт, ки андози «тамғо» новобаста ба норозигии руҳониёни олимартаба ба тариқи маҷбурӣ аз пешаварону тиҷорон дар аҳди Темур ситонида мешуд. Тибқи иттилои академик В.В. Бартолд Улғбек низ ба амсоли Темур низ ба андози “тамғо” эътибори ҷиддӣ медод ва ин амали ӯ боиси қаҳру ғазаби шахсиятҳои руҳонӣ мегардид. Абдулатиф дар Балх дар Балх бархилофи ҳукми падараш ҷамъоварии тамғаро бекор кард. Бо хоҳиши

Хоҷа Аҳрор Абӯсаид ва писари ӯ Аҳмад мирзо низ ситонидани тамғоро дар Самарқанду Бухоро, сипас дар тамоми Мовароуннаҳр манъ намуданд.

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо шакли дигари имтиёзот, ки дар асрҳои XIV-XV амал мекард, тархон буд. Тархонӣ дар замони муғулон ва давлатҳои пас аз онҳо, илова бар андозҳо аз молиёт, имтиёзоте чун ҳузур ёфтан дар канори ҳоким бидуни ҳеҷ гуна монеъ ҳаққи истифода аз кулли ғаноими ҷангӣ ва нӯҳ бор қонуншиканӣ бидуни ҳеҷ навъ таъқиброро дар бар дошт. Тархониро маъмулан ба баъзе аз мақомоти олирутбаи низомӣ медоданд ва лақаби ифтихоромези тархон ва имтиёзоти вижаи маърусаи он то насли нуҳум идома меёфт.

Низомуддини Шомӣ маълумот медиҳад, ки соҳиби тархон ба роҳатӣ ба ҳузури Темур мерасид. Дар замони Темур нишони тархонӣ ба ҷангҷӯёне эҳдо мешуд, ки дар ҷангҳо диловари аз худ нишон медоданд [71, С.122-123; 4, С.641; 283, С.171]. Касе ки нишони тархонӣ дошт, то нӯҳ гуноҳ аз ӯ ва фарзандонаш пурсиш намешуд ва асбони онҳоро ба улоғ намегирифтанд [71, С.123; 318, С.116; 360, С.19; 247, С.46; 187, С.492]. Ва аз маҷмуъи таколиф мутлақу озод буд [71, С.123].

Низомуддини Шомӣ, бар он назар аст, ки Темур пас аз забти Гелон, андозаи хараҷоти солона барои ин кишвар бар даҳ ҳазор манн абрешим, ки ба санги Ҳирот понздаҳ ҳазор манн бошад ва ҳафт ҳазор аспу се ҳазор гов муқаррар шуда буд [71, С.295].

Дар замони Ҳусайн Бойқаро як нафар метавонист аз чандин намуд имтиёз бархӯрдор бошад. Масалан, тибқи маълумотҳо Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) яке аз намояндаи барҷастатарини назму насри адабии форсии асри XV ва орифи ҷараёни нақшбандия аз имтиёзоти тархонӣ истифода мекард ва низ ӯ соҳиби суюрғол буд ва ғайр аз инҳо аз пардохти ушр ва мол низ маоф ва то охири умри хеш ҳам аз пардохти ҳар навъ молиёт озод буд. Ҳусайн Бойқаро охирин имтиёзро бад-ӯ вогузор кард то ба муддати ду сол аз

пардохти молиётҳо озод бошад ва ӯ битавонад ҳазинаи сафар ба Маккаро дар солҳои 1482-1484 таъмин намояд [438, С.157]. Масалан, Абдураҳмони Ҷомӣ дар солҳои 877-878/1472-1474 нияти сафари дуру дароз ба Маккаро дошта, аз султон Ҳусайн хоҳиш кард, ки ӯро барои ду сол аз супоридани андоз озод намояд. Султон Ҳусайн ин дархости Ҷомиро ба инобат гирифта, ӯро аз пардохти андоз абадан озод кард.

Навоӣ ва Ҷомӣ на танҳо заминҳои калон доштанд, балки аз андоз, ҳадди ақал барои фаъолияти як қисми моликияти шахсии худ озод карда шуданд. Султон Ҳусайн бо як фармонаш пардохти ушро аз заминҳои хусусии Ҷомӣ лағв кард ва бо фармони дигар қисме аз заминҳои Алишер Навоиро аз хироҷ озод кард [438, С.156-162].

Аммо бояд қайд кард, ки андози тамғо ё тамға аз ҷониби Чингизхон барои косибон ва тоҷирони Мовароуннаҳру Хуросон ҷорӣ шуда буд. Бино ба ахбори «Рашаҳот», дар Самарқанд 12 тамғочӣ аз ҳисоби ҷамъоварии тамғо фоида медиданд ва ба хотири аз нав ҷорӣ кардани он намояндагони султон Аҳмадро пора дода, ӯро розӣ карданд, ки ин андозро аз нав ҷорӣ намояд. Хоҷа Аҳрор боз аз нав садди роҳи ҷорӣ кардани ин андоз шуд. Дар маҷмуъ, ҳаҷми боигарии Хоҷа Аҳрор дақиқ маълум нест. Дар «Рашаҳот» чунин омадааст, ки Хоҷа Аҳрор 1300 мазраа ё замини кишт дошт. Танҳо дар Қаршӣ 3000 қитъаи замин дошт, ки ҳудуди 6 ҳазор гектарро ташкил мекард. Дар Самарқанд 7,5 ҳазор гектар, дар Бухоро 250 ва Тошканд 41 мазраа-замин дошт. Ба ҷуз замин, Хоҷа Аҳрор дар Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Андиҷон, Сайрам ва Кобули Афғонистон соҳиби дӯконҳо, муассисаҳои косибӣ, осиёб, боғу хона ва дигар амволи ғайриманқул буд. Дар умум, дар ин паҳно 400 замин, 64 деҳа, 30 боғи берунazшаҳрӣ, 11 хонаи шаҳрӣ, даҳҳо дӯкони косибиву тиҷоратӣ, тиму осиёб ба Хоҷа Аҳрор тааллуқ доштанд. Як идда муаррихин даъво аз он мекунанд, ки Хоҷа Аҳрор гӯё ба хазинаи давлат андоз намесупорид, ки ин асоси воқеӣ надорад. Дар «Рашаҳот» омадааст, ки Хоҷа Аҳрор ба хазинаи султон Аҳмад 80 ҳазор ман гандум, ё даҳяки ҳосили заминҳояш дар

Самарқандро ушр медод. Дар «Маноқиб» аз гуфтаи султон Аҳмад омадааст, ки Хоҷа Аҳрор боре ба ӯ 10 ҳазор тангаи нукра хироҷ фиристодааст. Султон Маҳмуд пас аз марги Хоҷа Аҳрор 500 ҳазор танга, ё даҳяки меросашро, ки 5 миллион танга ҳисоб шуд, аз худ кард. Хоҷа Аҳрор дороиҳои худро барои сармоягузории мадрасаҳо, масҷидҳо, маоши устодону имомони масҷид ва ходимони онҳо сарф мекард. Як қисматашро барои мардуми камбизоат сарф мекард.

Сарват ва нуфузи асосии сиёсии Хоҷа Аҳрор заминҳои беканори ӯ буд, ки дар тамоми Мовароуннаҳр дар вилоятҳои Тошканд, Бухоро, Самарқанд ва Қашқадарё пароканда буданд. Хоҷа Аҳрор дар миёнаҳои асри XV яке аз бонуфузтарин феодалҳои Осиёи Миёна буд [535].

Муаллифи "Рашаҳот" қайд мекунад, ки боре Хоҷа Аҳрор зимни суҳбат чунин иброз медорад: "Ман ҳамчун ушр аз саҳроҳои самарқандиам ҳар сол ба девони султон Аҳмад мирзо 80000 мани самарқандӣ пардохт мекунам" [8, С.228]. Зимнан, бояд ёдовар шуд, ки тибқи иттилои сарчашмаҳо Хоҷа Аҳрор аксар вақт ба феодалҳо дар ҳолати ниёзмандӣ маблағ ёрӣ медод. Дар худи ҳамин асар гуфта мешавад, ки рӯзе султон Аҳмад ҳокими Мовароуннаҳр, ки тамоман бепул монда буд, тасмим гирифт, ки ба мардум андозҳои иловагӣ ҷорӣ намояд. Аммо Хоҷа Аҳрор аз нияти ӯ огоҳ шуд, садди роҳаш шуд ва аз ҳисоби маблағҳои худ ба ӯ 10000 тангаи нукра дод.

Мавлоно Шайх, яке аз муҳаққиқон ва шогирдони Хоҷа Аҳрор хабар медиҳад, ки дар замони ҳукмронии Умаршайх дар Тошканд охирин аз аҳолии шаҳр андозҳои зиёд ҷорӣ мекард. Хоҷа Аҳрор ба Умаршайх 250 ҳазор динор ва баъдтар 70 ҳазор динор дод ва бо ҳамин аҳолиро дар давоми як сол аз андоз озод кард [443, С.40; 360, 26].

Хондамир ба далели ин ки фарзандони Ҳусайн Бойқаро соҳибони суюрғол перомуни Ҳирот чизе ба хазинаи умраи темурӣ пардохт намекарданд, воридот ба шиддат коҳиш ёфт. Ҳусайн Бойқаро ба манзур пардохти мустамари қӯшун ва соири «ихроҷоти зарурия» ба Низомулмулк Хофӣ вазири худ дар он замон дастур дод то маблағи зиёди пул бо унвони

молиёти саршумор аз сокинони Ҳироту музофоти он дарёфт кунад ва онро дар арзи як-ду сол чандбор такрор намояд, ҳамин кори ӯ норизоияти шадиди мардумро дар пай дошт [96, С.429]. Пештар як бор вазири Ҳусайн Бойқаро, ки дар он замон Абдулло Ахтаб буд, бар сокинони Ҳирот молиёти саршуморӣ баст ва онҳоро қасам дод, ки аз нақду ҷинс ҳар чи доранд барои арзёбии молиёт рӯкананд, ин кори ӯ филвоқеъ ба як шӯриши умуми мунҷар шуд [96, С.428-429].

Яке аз дигар шеваҳои ҳукумати Ҳусайн Бойқаро барои иртиқои даромадҳои давлат, мусодираи муназами амволи маъмурони олирутбаи ҳукумат буд, ба хусус онҳое, ки дар девони умури молӣ кор мекарданд ва даст ба ғорати амволи ҳукумат мезаданд [96, С.392].

Аз таклифоти мутаъададӣ, ки раоё бояд анҷом медоданд ва арбобон истифода саршорӣ аз он мебурданд бегорӣ буд ва ба арбобон ин имконро медод, ки аз вуҷуди раоёи рустоӣ ва шаҳрӣ барои муддати маҳдуде дар корҳои умумӣ мисли лойрубӣ ва таъмири қанотҳо ва анҳор барои обёрӣ ва ё корҳои хусусӣ ҳамчун таъмир ва барпойи қасрҳо, роҳандозии умури боғот, истифода кунанд ва ҳазинаеро ҳам сарфи ин корҳо накунанд. Қутбуддин Товус Симнонӣ вазири Абӯсаид дар замони ӯ барои таъмир ва роҳандозии ҷӯйи султонӣ аз барои обёрии шимоли Ҳирот аз вуҷуди дувист тан рустоие ба муддати ду сол истифода кард [96, С.386].

Дар аҳди Темур ва Темуриён садр масъули муассисаҳои вақф буд. Дар замони Шоҳрух садр Ғиёсуддин ва дар аҳди Улуғбек бошад ин мансаб ба зиммаи донишманд Фатҳулло Табрезӣ вогузор шуда буд. Дар замони ҳукмронии султон Ҳусайн, ба гуфтаи Мирхонд вақфҳои Хуросон ба дараҷае расиданд, ки як садр товони тамоми вақфҳоро идора кардан надошт ва аз ин рӯ султон Ҳусайн ду садри дигар таъйин кард [187, С.488].

Аз маъхазҳои дигар маълум мешавад, ки асоси лашкаркашиҳои Темур ва аён аст, ки аҳди Темуриён аз қабилаҳои чағатойӣ ва баъзе дигар тоифаҳои бодиянишин иборат буданд. Ҳамчунин ин қабилаҳо аз супоридани ҳамагуна андозҳо озод буданд [75, С.123].

Сарчашмаҳо маълумотҳои зиёдеро ҳифз кардаанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки мубориза байни масъулини муассисаҳои вақфӣ барои аз худ кардани ҳарчи бештари даромади вақф хеле пуршиддад будааст.

Тибқи иттилои Бобур султон Ҳусайн Бойқаро зиёда аз 30 амирон, хусусан роҳбарони девони молия ва 4 вазирро аз масабашон озод кард [35, С.197-212; 325, С.396].

Дарҳол пас аз марги Темур, вақте ки дар байни ворисони ӯ муборизаи шадид барои ба даст даровардани ҳокимият оғоз шуд. Шоҳрух барои ҷониби худ кашидани сарони қудратманди лашкари Темур, ба онҳо қитъаҳои замини андозаашон гуногунро ба ихтиёри суюрғол дод, ки баъзеи онҳо масоҳати зиёдеро дар бар мегирифт.

Вобаста ба ин чунонки А.М. Беленский қайд мекунад: «чунин мукофотҳо, албатта, назар ба он тақсимоти саховатмандонаи хазинае, ки Халил султон дар Самарқанд амал мекард, хеле дилкаштар буданд» [376, С.51].

Сарлашкари Темур Шоҳмалик, ки дар мубориза барои таҳкими ҳокимияти Шоҳрух нақши калон бозид, Хоразмро ҳамчун суюрғол қабул кард.

Қасабаи Кӯҳсоярo, ки аз Ҳирот то он ҷо қариб понздаҳ фарсах аст, аз ҷониби Шоҳрух ба зани бевамондаи Темур Туманоғо дода шуд, ки пас аз марги Темур ба амир шайх Нуриддин издивоҷ кард [55, С.605; 95, С.584; 4, С.152]. Тибқи иттилои Хондамир Туманоғо инчунин даъвои суюрғоли шаҳри Кӯҳсоярo намудааст.

Шоҳрух дар сиёсати дохилии худ бо амсоли падари худ Темур тартиботе, ки вуҷуд дошт, риоя менамуд. Ӯ ҳамчун суюрғол [212, С.352-353], кишварро ба писарон, хешу табор ва наздиконаш тақсим намуда, бо кӯмаки онҳо ҳукмронӣ мекард.

Шоҳрух ба писарон ва ҷиянҳои худ низ ҳамчун суюрғол мерос тақсим мекард. Дар соли 1409-1410 минтақаи Ҳисори Шодмонро ба мирзо Муҳаммад Ҷаҳонгир, писари Муҳаммад султон, вилояти Узганд ба Мираки Аҳмад, писари Муҳаммад султон, вилояти Қандаҳору Кобул, Ғазнаро то Синд, ба

шоҳзода Кайду, писари Пирмуҳаммад, Балх, Тахористонро то Бадахшон ба писараш Иброҳим султон дод [4, С. 104-108-109-110].

Минтақаи бузургтар ба ҷуз Мовароуннаҳр, Хуросон ва Мозандарон буданд, ки Тӯс, Машҳад, Симнон, Домғон, Нисо, Хабушон, Абевардро дар бар мегирифт, ки дар соли 817/1414-1415 ба Бойсунқар, Эрони ғарбӣ ва Ироқ суюрғоли султон Муҳаммад буд [4, С.208; 360, С.17].

Аммо Шоҳрух ба онҳо боварии комил надошт ва одамонашро, ки ба онҳо такя кардан мумкин буд, бо онҳо нигоҳ дошт. Масалан, Шайх Абдулхайр бо шоҳзода Абдуллоҳ, ҳокими Форс, ба Мираки Аҳмад, амир Мизроб ва Мусако ба Қайду Шамсуддини Учкора ва Букал барлос, ба Улуғбек, нахуст Шоҳмалик ва пас аз рафтани ӯ дар соли 813/1411 Насуриддин Насруллоҳ Хавофӣ-бародари вазири Шоҳрух Пир Аҳмад Хавофӣ [4, С.251; 152, С.97; 224, С.455]. Чунон ки А.М. Беленский дуруст қайд кардааст, ин амалдорон дар назди Ҳирот ҷавобгар буданд: «мустақилияти молиявӣ низ аз пурра дур набуд; як қисми даромад бояд дар шакли ҳиссаҷудокунӣ ба хазинаи миллӣ дода мешуд» [376, С.54]. Камтарин беитоатӣ оқибатҳои вазнинро ба бор овард: шоҳзодаҳо аз тақдири худ маҳрум шуданд. Чунин ҳолат низ ба Искандар низ рӯй дода буд. Барои шуриш бар зидди ҳукумати марказӣ дар соли 817/1414-1415 суюрғолашро, ки Исфаҳон, Ҳамадон, Луристон ва Форсро дар бар мегирифт, аз даст дод, ин мерос байни Рустам ва Иброҳим тақсим шуд [4, С.199-201]. Пас аз як сол Бойқаро аз мероси худ Қум, Кошон, Рай, Рустамдаро ба канори Гилён ронда шуда, ба ҷойи ӯ амир Илёсхоҷа таъйин шуд [4, С.184]. Барои худхоҳӣ ва нофармонӣ дар соли 830/1427 Улуғбек қариб меросашро аз даст дод. Ҳамин тариқ, аввалан системаи мушаххас дар шакли суюрғол дар замони Шоҳрух васеъ истифода мешуд; дуюм ҳокимони мушаххас, аз ҷумла Улуғбек тобеъ буданд, гарчанде ки онҳо дастгоҳи дарборӣ ва давлатии худро доштанд.

Ба ғайр аз заминҳои суюрғол ва тархон, тибқи маъхазҳои ҳуҷҷатӣ дар асри XV чунин заминҳо вуҷуд доштанд: мулки хоса, ушра ва вақф [490, С.421]. Заминҳои категорияи якум моликияти хусусӣ, дуюм инчунин моли-

кияти хусусӣ буданд, вале ба феодалҳои руҳонӣ-сайидҳо ва хоҷаҳо ва заминҳои категорияи охирин ба масҷиду мадраса ва мазорҳо тааллуқ доштанд. Ҳамаи онҳо асосан аз супоридани андоз ба хазина озод карда шуда манбаи бойшавии синфи истисморкунанда буданд [438, С.68-79; 404, С.20; 443, С.35; 364, С.29-30; 212, С.353-355].

Дар маъхазҳо дар бораи аҳволи оммаи халқ, деҳқононе, ки дар заминҳои давлатӣ, хусусӣ ва вақф кор мекарданд, аҳолии шаҳрҳо қариб, ки ягон маълумоте мавҷуд нест. Аммо бо назардошти дучор шудан ба андозҳои сангин ва гуногун хироҷ, авориз, тамғо, саршумор, зобитона, миробона, бегор, улоғ ва ғайра [404, С.20-21; 212, С.356-357; 247, С.77-84] ба хулосаи омадан мумкин аст, ки зиндагии вазнин доштанд. Баъди шикасти Улуғбек дар соли 830/1427 аз ҷониби узбекҳои кучманчӣ норозигии оммаи халқ нисбат ба ӯ афзуд.

Дар асоси «Тазкирату-ш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ академик В.В. Бартолд ба чунин хулосае омад, ки андози замин дар аҳди Улуғбек ба ҳадди ақал расонида шуд ва ин ба некуаҳволии мардуми кишоварз мусоидат мекард [152, С.106].

Мавриди қайд аст, ки Улуғбек ба тамғое [152, С.106], ки аз тоҷирону ҳунармандон ҷамъоварӣ мекард, аҳаммияти ҷиддӣ медод. Аз ин лиҳоз, бовар кардан ғайриимкон аст, ки Улуғбек ба амсоли Темур барои бекор кардан ё кам кардани андозҳои хоҷагии қишлоқ иқдом гирифта бошад.

Пас аз он ки Кайду писари Пирмуҳаммад, ки аз номи Шоҳрух вилоятҳои шарқӣ ва ҷанубии Афғонистон-Кобул, Ғазна, Қандаҳор ва ғайраро идора мекард, ба кӯшиши истиқлол эълон кардани худ ва аз қудрат маҳрум шудан муттаҳам карда шуд, Шоҳрух ин минтақаҳоро ба унвони суюрғол ба писари дигараш Суюрғутамиш интиқол дод. Дар аҳди Шоҳрух дар аксари мавридҳо суюрғолҳо мерос гирифта мешуданд.

Инак, вақте ки моҳи ноябри соли 1426 шоҳзода Суюрғутамиш дар Кобул вафот кард, Шоҳрух мероси худро ба писари калониаш султон Масъуд дод.

Тирамоҳи соли 1413 ҷанги байни Шоҳрух ва Искандар писари Умар-шайх, ки ҳокими Форс ва Исфаҳон буд, сар зад. Соли 1416 Искандар кушта ва муттаҳидкунии зоҳирии давлати Темуриён ба итмом расид.

Мавриди қайд аст, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ худ дар соли 852/1448 аз наздик шоҳиди ғорату чаповул дар Хуросон ва қаҳтию бечизӣ дар он остони балокӯш будааст [27, С.602].

Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо Ҳирот ва атрофи он пас аз ҳуҷуми Улуғбек бисёр вайрону валангор гардида, пас аз муроҷиат ба Ҳирот муддате дар он шаҳр таваққуф накард, зеро натавонист асоси ҳукмронии худро дар он минтақаи ранҷдида барқарор намояд, аз ҷониби дигар бо наздик шудани Абулқосим Бобур ба шаҳри Машҳад Абдулатиф маҳаллӣ маъмурияти худро тарк гуфта, пеши падараш баргашт.

Тавре ки маълум аст писари Улуғбек, Абдулатиф бар зидди падараш шуриш бардошта, пеш аз ҳама андози тамғаи савдо ва ҳунармандӣ дар ихтиёри Балх будаи худро бекор мекунад. Бо ин роҳ вай тоҷирону феодалон, ки савдои калон ва корхонаҳои тиҷоратию ҳунармандӣ доштанд, ба ҷониби худ ҷалб мекард. Бояд гуфт, ки дар ин самт аз дер боз руҳонии бузург Хоҷа Аҳрор талош дошт, ки ин намуди андоз бекор карда шавад. Аз рӯйи ин масъала савдогарону феодалон ва руҳониёни Мовароуннаҳр ба муқобили сиёсати дохилии Улуғбек муттаҳид шуданд.

Ибни Арабшоҳ қайд мекунад, ки Темур ба шахси машҳури Андхой Сайид Барака шаҳри Андхойро бо деҳаҳои тобеъи ӯ додааст [40, с.17]. Хондамир пас аз як аср навиштааст, ки Сайид Баракаро дар солҳои 771/1369-1370 барои тафтиши сарзамини вақфи Балх аз Макка ба Балх фиристоданд, ҳамон вақт вай бори аввал диққати Темурро ба худ ҷалб кард.

Дар охири асри XV намояндаи вақфи Ҳуромайнӣ аз Макка ба Ҳирот омад ва аз он шикоят кард, ки даромад аз заминҳои вақфи Андхуди Хуросон ба шаҳрҳои муқаддас наомадааст. Ривоят мешавад, ки Ҳусайн Бойқаро ин масъаларо мавриди санҷиш қарор дода, фатвое додааст, ки бар асоси он да-

ромад аз вақфи Ҳуромайнӣ аз ҳамон вақт барои пӯшонидани хароҷоти сайидоне, ки аз Макка ба Хуросон омада буданд, воқеан фиристода нашуда-аст. Тибқи иттилои муаллифи «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ, дар замони Шоҳрух соли 1407 Шоҳрух ин шаҳрро ба амир саид Аҳмад додааст [4, С.1068; 35, С.145-203]. Дар охири асри XV Андхой ба мероси Бадеузамон мирзо (1496-1503) дохил мешуд.

Ба қавли Амин Аҳмад Розӣ, Андхой даромади зиёд ба даст меовард, ки дар навбати худ Гурот ва дигар соҳаҳоро ба нафъ мерасонд. Шахси машҳури Андхой Сайид Ҷалолиддин Барака буд [15, С.82].

Ба ғайр аз андозу боҷҳои боло дар асрҳои XIV-XV як қатор андозҳои сершумори дигар ба зиммаи аҳолии меҳнаткаши Мовароуннаҳру Хуросон бори гарон меоварданд.

Ҳатто худи номгӯи боҷҳо аз зиёд шудани шумораи андозҳое, ки дар шароити ислом, шариат пешбинӣ шудаанд, гувоҳӣ медиҳад, яъне мақомот ғайриқонуни аз мардум андоз меситониданд, ҳатто дар шариати ислом пешбинӣ нашудааст, меситониданд. Бояд гуфт, ки баъзе қабилаҳои бодиянишин, ки дар артиши давлатӣ хизмат мекарданд, аз супоридани андоз ва боҷ озод буданд [247, С.96].

Ҳамаи ин далелҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асоси низоми андозгирӣ истисмору манфиатҷӯии маъмурин ва ғорату фиребу аҳли заҳмат қарор доштааст.

Дар аҳди ҳукмронии Темуриён ба далели қатлу ғоратҳое, ки тавассути онҳо сурат гирифт мардум аз назари иҷтимоӣ вазъи хубе надоштанд. Аз ҷумла, бемориҳое, ки дар минтақа ба монанди вабо ва тоун ба амал омада буд, ки дар натиҷаи он бисёре аз аҳолии Ҳирот ҷони худро аз даст доданд. Ҳамчунин теъдоди зиёди мардум маҷбур шуданд тарки ҷойи зисти худ карданд. Омили дигар чун хушксолӣ, ҷангу фишори молиёт низ сабаби ҳалок шудани мардуми зиёд гардид.

Аҳолии Хуросон ҳам, аз зулму истибдоди Ҳусайн Бойқаро ва дарбориёнаш, аз худсариҳои амалдорони маҳаллӣ, аз бетартибиҳо ва қатлу тороҷҳое, ки ба сабаби исёни шоҳзодагон соле чандин бор рӯй медод, ба дод омада буданд, ба умеди раҳои даъват ва ташвиқоти сафавиёнро як дараҷа ба осонӣ ва зудӣ қабул мекарданд.

Ҳамчунин, аз омӯзиш ва таҳлили манбаъҳои хаттӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки системаи андозе, ки дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар Мовароуннаҳру Хуросон вуҷуд дошт, ба таври дағалона вайрон кардани талаботи шариат ва истисмори бераҳмонаи аҳолии муқимӣ, ки бори вазнинӣ андозҳоро ба зиммаи худ мекашиданд, асос ёфта буд.

## V.2. Ҳаёти фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар таърихнигории шуравӣ ва замони муосир

Доир ба омӯзиши авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-Мовароуннаҳру Хуросон бояд ин нуктаро ишора намуд, ки дар атрофи ҷанбаҳои гуногуни он ҳам дар таърихнигории замони шуравӣ ва муосир силсилаи калони осори таҳқиқӣ анҷом дода шудааст.

Муҳимтарин сарчашмаҳои марбут ба асрҳои мавриди назар осори Ғиёсиддин Алии Яздӣ [24, 26] Низомиддини Шомӣ [71], Муиниддини Натанзӣ [66], Шарафиддин Алии Яздӣ [109, 110], Ибни Арабшоҳ [40], Ҳофизи Абрӯ [101, 102, 103, 104], Абдураззоқи Самарқандӣ [2, 3, 4, 5], Мирхонд [55, 56], Давлатшоҳи Самарқандӣ [27], Фасеҳӣ [88, 89, 90], Исфизорӣ [69, 70], Заҳириддин Муҳаммад Бобур [35], Камолиддин Биноӣ [45], Хондамир [95, 96], Мирзомуҳаммад Ҳайдари Дуғлот [53, 54], Ҳасанбеки Румлу [98, 99] мебошанд. Дар осори муаллифони мазкур метавон дар боби авзои сиёсию иҷтимоӣ ва илмию адабии даврони таҳти назар маълумоти судбахш ва кофиро пайдо кард.

Инчунин, мавҷудияти ин манбаъҳо ва осори таҳқиқӣ ҷиҳати муайян кардани авзои сиёсию адабии асри XIV ва асри XV-Мовароуннаҳру Хуросон барои ин давраи таърихи то ҳадди имкон барои аҳли таҳқиқ хидмат хоҳад кард. Аз шумори муҳимтарин маъхазҳо дар ин бобат номгӯйи мутааддиди сарчашмаҳои таърихӣ ва илмию адабии мутааллиқ ба асрҳои мазкур ва наздик ба онҳо мебошанд, ки дар онҳо дар хусуси паҳлуҳои гуногунҷанбаи мавзуи мавриди баҳс маълумот дода шудаанд, ки номгӯйи чанде аз онҳор болотар ишора кардем.

Маълум аст, ки дар асрҳои XIV-XV чӣ навъе ки сарчашмаҳо маълумот медиҳанд донишҳои таърихӣ хеле рушд кардаанд. Дар ин давра дар таърихнигории тоҷик низ доир ба авзои гуногуни сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабии халқҳои Мовароуннаҳру Хуросон як қатор асару монаграфияҳо ба майдон омаданд. Бо дархост ва хоҳиши соҳибихтиёрони худ таърихнигорони дарбор бо ҷамъоварии маълумоти таърихӣ дар бораи асрҳои гузашта машғул буданд, баъзан навиштани асарҳои пешгузаштагони худро идома дода, онҳоро ба замони худ бармегардонданд.

Профессор Х. Мирзозода дар бораи вазъи илму адаб дар хонадони Темуриён чунин андешаронӣ кардааст: «Империяи Темурӣ аз ҳисоби макидани шарбати бадани меҳнаткашони шаҳру қишлоқ вуҷуд дошт. Дар сари ҳокимият бештар аристократияи турку муғул буда, дар илму ҳунар, санъату адабиёт ва дар корҳои хурди маъмурӣ бештар намояндагони халқи маҳаллӣ буданд» [250, С.294].

Воқеан як идда муаррихони мадеҳасарои аҳди Темуриён доир ба бунёди қасрҳо, кушкҳо ва боғҳои ин хонадонро ситоиш намуда, аҳду сано хондаанд. Мутаассифона, дар баъзе мавридҳо аз баёни ҳақиқат канораҷӯиро ҳадафи худ қарор додаанд, ҳол он ки Темур ва аҳли хонадони ӯ ҳазорҳо қасрҳо, боғҳо ва ғайраро дар шаҳрҳои гуногун несту нобуд кардаанд. Шояд,

ки ин боғҳо ва қасрҳо аз боғҳо ва қасрҳои бо дасти асирон бунёдкардаи хонадони Темурӣ дида, зеботар будаанд.

Яке аз шоирони машҳури назму насри давраи мазкур Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ашъораш зери унвони «Таърифи одилон» бераҳмӣ, ҷаҳолат ва золимии ҳукуматдорони Темуриёнро чунин тавсия кардааст:

Тамоми шаҳрҳо аз зулми шумо ғорат карда мешаванд,

Танҳо барои сохтани шумо як қаср.

Беҳтар мебуд, ки шумо ин биноҳоро қатъ кунед,

Онҳо танҳо шуморо ба ғорат мебаранд.

Бо зӯроварии шумо тамоми боғҳо хароб карда мешаванд,

Танҳо барои он, ки шумо дасти худро ба як пораи себ гиред [234, С.104].

Аз ҷумлаи манобеъу маъхази таърихӣ, ки ба шакли назм дар аҳди Темуриён навишта шуда буд, «Темурнома»-и Ҳотифӣ ё «Таърихи Темур»-и Ҳотифӣ аст. Абдуллоҳ Ҳотифӣ (ваф.1521), хоҳарзодаи шоири маъруфи тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ буд. Ӯ ба монанди «Искандарнома»-и Низомӣ, тариқи назмӣ барои тақдим ба султон Ҳусайн Бойқаро дар боби рафтору кирдори Темур «Зафарнома»-ро ба риштаи назм кашидааст. Бояд гуфт, ки Ҳотифӣ «Зафарнома»-и Шарафуддини Алии Яздиро ҳамчун маъхази аслии таърихи худ интихоб карда буд, бинобар ин дар асараш мавод ва матолиби тозаеро доир ба амалҳо ва кору кирдори Темур нисбат ба воқеаҳои таърихӣ баъзе маълумотҳоро илова кардааст. Ҳотифӣ дар охирин фасли китоб, аз ранҷҳое ёд карда, ки дар назми «Темурнома» бурда, умри қиммати худро сарфи шоҳзодагони Темурӣ карда ва дар охир афсӯс хӯрдааст. Аз ҷумла, Ҳотифӣ пӯшаймонии худро бо чунин шеъри дарднок баён мекунад [7, С.161].

Найи килкам офоқро кард пур,

Зи авсофи шаҳзодагони Темур.

Шабу рӯз авсофашон сохтам,

Ба дину ба дунё напардохтам.

Тиҳидастам, акнун на дунё, на дин,

Аз эшон на он ҳосилам шуд, на ин.

«Темурнома»-и Ҳотифӣ се бор дар Ҳиндустон, яъне дар Лакнаҳу ва дар 1958 дар Мадрас бо чопи сангӣ мунташир шудааст.

Бо вуҷуди ин ки аксар фармонравоён ва амирону шоҳзодагон темурӣ ҳунармандонро гиромӣ медоштанд ва ба эҳёи ҳунар саъю талош доштанд, лекин ӯ нисбати ин афрод бераҳмиҳоро раво медид. Барои мисол ҳангоме ки Темур дар соли 807 ба Самарқанд баргашт ва мушоҳида кард, ки айвони мадрасаи Сароймулкхонумро баландтар аз айвони масҷиди ҷомеъ сохтаанд, бар ҳар ду меъмори он, Хоҷа Довуд ва Муҳаммад Ҷалд ғазаб карда ва дастур дод, то онҳоро ба қатл расонанд [110, С.421; 40, С.180; 102, С.1026; 90, С.1013; 3, С.1018; 55, С.476].

Темур якчанд олиму ҳунармандро воқеан бе ҳеҷ гуноҳе бо айби он ки бо хоҳиши Мироншоҳ дар нишастҳои айшии ӯ иштирок дошта буданд, ба қатл расонд.

Задухӯрдҳои сиёсӣ, ҷангҳои дохилии феодалӣ, ки баъд аз соли 1449, пас аз марги Шохрух ва Улуғбек ба амал омад, то соли 1469 яъне вафоти Абусаид дар байни хонадони Темуриён ва дигар феодалони маҳаллӣ давом кард. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, чунин вазъ монеи ҳаёти маданӣ-адабӣ шуда натавонист.

Дар сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ, махсусан таърихномаҳо зикр мешавад, ки дар нимаи аввали асри XV адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон равнақу ривоҷ ёфта буд. Абдураҳмони Ҷомӣ дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон»-и худ роҷеъ ба як идда шоирон аз ҷумла, Хоҷа Исмати Бухороӣ (ваф.1436), Бисотии Самарқандӣ (ваф.1412), Хаёлии Бухороӣ (ваф.1447), Ҳамзаи Озарӣ (ваф.1462), Котибии Туршезӣ, Шоҳии Сабзаворӣ ва Орифии Ҳиравӣ (ваф. 1449) ҳамчун шоирони машҳури нимаи аввали асри XV маълумот додааст [117, С.117-118].

Бояд гуфт, ки солҳои аввали зимомдории Ҳусайни Бойқаро тавре ки сарчашмаҳои таърихӣ собит месозанд, ки оромии нисбии мамлакат боиси

рушду нумуъ ёфтани соҳаҳои гуногуни илму маориф, инчунин навъҳои санъат ва соҳаҳои гуногуни ҳунармандӣ мегардад [251, С.17-20].

Муаллифи «Таърихи ҷаҳоноро» Қозӣ Аҳмади Ғаффорӣ овардааст, ки дар аҳди салтанати Ҳусайн Бойқаро дар шаҳри Ҳирот 11 ҳазор толибилмони илм дар мадрасаҳои он таҳсил мекардаанд [233, С.235].

Инчунин, дар аҳди Ҳусайн Бойқаро ҳунармандӣ ва косибӣ низ густариш ёфта буд. Бо ибтикори Ҳусайни Бойқаро Алишер Навоӣ ва дигар вазирон дар Ҳирот ва гирду атрофи он даҳҳо мадрасаву шифохона, ҳаммому пул, хонақоҳу масҷид, қасру кушк, работу ҳавз, тиму дӯкон ва амсоли ин сохта мешавад, ки мадарасаҳои Ихлосия, Шифоия ва хонақоҳи Халосияи Навоӣ, мадрасаҳои Ҷомӣ, мадрасаи Хоҷа Исмоили Ҳисорӣ, доруссаёдат, доруссафо, мадрасаи маҳаллаи Тифлакон, работи Сари Хиёбон ва ғайра машҳуртарини онҳо буда, бо ҳашамат, ороиш, наққошиву кошикорӣ ва тоқу равоқу гунбазу манораҳои худ бинандаро мафтун мекарданд [163, С.175-202].

Маълум аст, ки ҳаёти илмӣ-маданӣ дар асри XV махсусан дар Мовароуннаҳру Хуросон то як андоза пеш рафт. Махсусан, илмҳои таърих, нуҷум, тиб, риёзиёт, адабиётшиносӣ, санъати рассомӣ, наққошӣ, меъморӣ ва ғайра назар ба асрҳои гузашта хеле пеш рафтанд. Махсусан асарҳои таърихии Хусрав ибни Муини Абаркӯҳӣ «Фирдавс-ут-таворих» (1405-1406), Муиниддини Натанзӣ «Ҷомеъ-ут-таворих» (1413) ва «Мунтахаб-ут-таворих» (1414), Ҳофизи Абрӯ «Зайли ҷомеъ-ут-таворих», «Маҷмуаи Ҳофизи Абрӯ» ва «Маҷмаъ-ат-таворих», Сайид Ҷаъфар бини Муҳаммад Ҷаъфарӣ «Таърихи кабир» (1452) ва «Таърихи восит» (1417), Фасеҳи Хавофӣ «Муҷмали Фасеҳӣ» (1441), Мирхонд «Равзату-с-сафо» (1494-1502), Хондамир «Маосир-ул-мулук» (1498), «Хулосат-ул-ахбор фӣ баёни аҳвол ва ахёр» (1500) ва «Ҳабибу-с-сияр фӣ ахбори афрод-ил-башар» (1524), ҳам таърихи анбиёю авлиё, ба амсоли «Нафаҳот-ал-унс» ва «Шавоҳид-ан-нубувват»-А.Ҷомӣ, «Қисас-ул-анбиё» (1472)-и Алӣ Қушчӣ, «Равзат-уш-шуҳадо» (1502)-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, ҳам салтанати муғул, тарокима ва темуриҳо, мисли асарҳои Шарафиддин

Алии Яздӣ «Зафарнома» (1424), Ҳофизи Абрӯ «Таърихи Шоҳрух», Абдураззоқи Самарқандӣ «Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаи баҳрайн» (1466-1480), Абубакри Теҳронӣ «Китоби Диёрбакрия» (1470-1474), Фазлуллоҳи Рӯзбеҳон «Таърихи оламорои Аминӣ» (1491), «Сулук-ал-мулук» ва «Меҳмонномаи Бухоро» (1509), ҳам таърихи шаҳрҳои алоҳида, мисли асарҳои Ҷаъфарӣ, «Таърихи Язд» (1441-1447), Аҳмад бини Ҳусайн бини Алӣ ал-Котиб «Таърихи ҷадид» (1458) низ оид ба таърихи Язд, Муиниддини Исфазорӣ «Равзоту-л-ҷанноти-л-ҷинон фӣ авсофи мадинат-ул- Ҳирот» (1491-1494) барои ошкор кардани масъалаҳои мураккаби вазъи сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии таърихи халқҳои Мовароуннаҳр ва Хуросон ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод хизмати арзанда кардаанд ва дар оянда ҳам мекунанд. Дар асарҳои таърихии зикршуда вазъияту ҳолати сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании асри XIV-XV муфассал инъикос ёфтаанд.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки муаррих Н. Амиршоҳӣ маҳз бунёду ободиҳои Темуриёнро дар василаи duздию ғоратгарии онҳо тасвир кардааст: «Аз пулҳои торочи мамлакатҳои забтшуда машҳуртарин биноҳои Масҷиди Бибихоним, Шоҳи Зинда, Рӯҳобод, Гӯри Мир, гурӯҳи боғу қасрҳои атрофи Самарқанд, мактабҳои хаттотӣ, минётури беҳтарини ҷаҳони онвақта офарида шуданд. Ҳироту Табрезу Машҳаду Самарқанду Бухоро ва чанде марказҳои дигари корхонаҳои замони адибону наққошону ҳамаи соҳаҳои «фабрикаи» китоби ороиши то ҳол дида нашудаи санъати бадеиро бунёд карданд» [270, С.495].

Махсусан, Алишер Навоӣ сарпарасти олимону шоирон ва муаррихону фузалои асри худ буд. Аксар шоирону олимону муаррихонро ба дарбори Ҳусайн Бойқаро оварда ва аҳли илм ба ин восита метавонистанд ризқу рӯзие ба даст оварда, ба пешаи худ машғул гарданд.

Л. Буват дар асари худ «Таърихи муғул. Темуриён», аз «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир, шарҳи ҳоле аз дувисту ҳафтоду чаҳор нависанда ва шо-

ири ин давра медиҳад, ки дувисту ёздаҳ нафар аз онон аз пуштибонии молии дарбор бархурдор буданд [174, С.156].

Ғайр аз ин, дар ин давра ки санъати тасвирӣ хеле инкишоф меёбад. Намояндагони барҷастаи санъати наққошӣ Беҳзод, Мираки Наққош, Қосималии Чеҳракушой, Шайхзодаи Хуросонӣ, Дӯсти Девона, Муҳаммад Музаҳҳиб, хоҷа Муҳаммади Наққош, Шоҳ Музаффар, Мавлоно Ёрӣ ба ҳисоб мераванд. Асарҳои эҷодкардаи наққошони мазкур дар таърихи санъати мардуми Моваруннаҳру Хуросон имрӯз ҳам қимату арзишӣ худро гум накардаанд.

Дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна, хусусан Хуросон ва Эрон Камолиддини Беҳзод ҳамчун Монии Сонӣ шинохта шудааст. Аз асарҳои қаламии ӯ мардуми Шарқу Ғарб ба ваҷд омадаанд. Камолиддини Беҳзод (1455-1536), яке аз бузургтарин ҳунармандони минётур буд, инқилоберо дар ин мактаб ба вуҷуд овард. Беҳзод ба муҳити Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ роҳ ёфта, бо кумаки моддӣ ва маънавии онҳо ҳунари худро такмил медиҳад. Султон Ҳусайн Бойқаро барои Беҳзод дар чаҳорбоғи худ манзил ва қароргоҳ медиҳад. 22 июни соли 1487 ӯро китобдори китобхонаи худ таъйин карда, тамоми котибону хушнависон, тазҳибкорон, наққошону ҳунармандонро ба зери итоати Беҳзод месупорад ва муддати бист сол дар ин мақом боқӣ монд. Баъд аз заволи сулолаи темуриён дар Ҳирот, Беҳзод тавассути шоҳ Исмоили Сафавӣ соли 1520 ба Эрон бурда шуда ва муддати даҳ сол дар Табрез ба фаъолиятҳои ҳунариаш машғул буд ва шогирдони зиёдеро дар он ҷо тарбият намудааст. Беҳзод моҳи апрели соли 1522 бо фармони махсус сардори китобхонаи шоҳ Таҳмосп таъйин мегардад. Соли 1524 Исмоли Сафавӣ вафот мекунад ва ба ҷойи ӯ писари 12 солааш шоҳ Таҳмосп ба сари қудрат меояд. Беҳзод бо дасисаҳои аҳли дарбор тоб наоварда ба Ҳирот баргашта ва соли 1535 вафот мекунад

Соли 1476 Шералии Хаттот рисолаи «Зафарнома»-и Шарафиддин Алии Яздиро рӯйбардор мекунад. Дертар ин нусха ба китобхонаи Ҳусайни Бойқаро меафтад. Дар ин китобхона он китобро аз нав бо расмҳо оро медиҳанд, ки соли 1490 воқеъ гардидани ин амал дарҷ гардидааст. Бояд гуфт, ки дар ин дастнавис шаш расми дусаҳифагӣ, яъне дувоздаҳ сурат ҷой дода шудааст. Соли 1605 ин дастнавис дар Ҳиндустон дар китобхонаи Ҷаҳонгир пайдо мешавад. Дар саҳифаи 69-и он дастхат Ҷаҳонгир қайд кардааст, ки 8 сурати он ба қалами Беҳзод тааллуқ дорад. Айни ҳол ин дастнависи мазкур дар китобхонаи Донишгоҳи Ҷон Хопкинс маҳфуз аст. Аз ҷумла 8 сурати «Зафарнома» аз ҷиҳати мазмун гуногун буда, манзараҳои ҷанг, лаҳзаҳои зиёфату қабули шоҳон, шикор, бинокорӣ ва амсоли инро дарбар мегирад [138, С.51].

Азбаски дар ин давра матбаа набуд, асарҳо дастӣ китобат мешуданд. Албатта ин кори душвор ва меҳнатталаб буд. То имрӯз аз намояндагони санъати хаттотӣ намунаҳои хеле ҷолиб расидаанд. Дар ин айём хатти насталиқ, ки намунаи комилтарини хат аст, аз тарафи Миралии Табрезӣ (ваф.1447) ихтироъ шуд, ӯ шогирди зиёде тарбия кард, ки онҳо низ дар ин санъат чун устоди худ моҳир шуданд. Инчунин, маҳз дар асри XV низ санъати хаттотӣ тараққӣ кард. Мирзо Бойсунғур (1397-1433) писари Шоҳрух дар наққошию хаттотӣ маҳорати зиёд дошт. Маҳз дар инкишофи санъат ва адабиёт хизмати зиёд кардааст. Дар Ҳирот китобхонаи азиме ташкил намуд, ки дар он на танҳо нусхаҳои нодиру зебу зинатёфта, инчунин осори гузаштагон низ нигоҳ дошта мешуданд. Ӯ бо ҳамроҳии шогирди худ созандаи хати настаълиқ Миралӣ ибни Илёси Табрезӣ ва хушнавис Мавлоно Камолиддин Мирзо Ҷаъфар бинни Алии Табрезии Бойсанғурӣ зиёда аз чиҳил нафар шоирону олимон, хаттотону лавҳакашон, наққошону мусаввирон, музаҳҳибону саҳҳофон, созандагону навозандагон ва дигар аҳли фазлу ҳунар ҷамъ шуда буданд [27, С.390]. Мавлоно Маъруфи хаттот, Котибӣ, Абдуллоҳи Таббох, Яҳёи Себак Фаттоҳӣ, Бобо Савдоӣ, Шоҳии Сабзаворӣ, Шарафиддин Алии Яздӣ, Симии

Нишопурӣ ва дигарон буданд. Бояд гуфт, ки аксарияти онҳо дар чандин ҳунар хаттотиву расомӣ, олимию шоирӣ машҳур буданд. Давлатшоҳи Самарқандӣ роҷеъ ба чаҳор ҳунарманд чунин менигорад: «Аммо чаҳор ҳунарманд дар пойтахти Шоҳрухӣ буданд, ки дар рубъи маскун ба рӯзгори худ назир надоштанд: Хоҷа Абдулқодири Мароғӣ дар илми адвору мусиқӣ ва Юсуфи Андиҷонӣ дар хонандагиву мутрибӣ ва устод Қавомиддин дар муҳандисиву тароҳҳиву меъморӣ ва Мавлоно Халили мусаввир, ки сонии Монӣ буда» [27, С.390; 138, С.40]. Аз байни онҳо Хоҷа Камолиддин Абдулқодири Гӯяндаи Мароғӣ аз донандагони машҳури хату иншо дар Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳисоб мерафт. Инчунин Қавомиддини Шерозӣ (ваф.1439) [95, С.148], шахсест буд, ки маҳз биноҳи аҳди Шоҳрух, аз ҷумла биноҳои Мусалло аз рӯи тарҳ ва бо роҳбарии ин муҳандис ва меъмори машҳур сохта шудаанд.

Ба ин тариқ, ҳаёти фарҳангиву илмӣ ва адабӣ дар асри XV пеш рафтааст. Вале мутаассифона, ҳамаи он дастовардҳои офаридашуда бештар ба табақаҳои болоии ҷамъият дастрас буданд. Оммаи меҳнаткаш танҳо дар офаридани онҳо азобу ранҷ мекашиданд, аммо дастранҷи онҳоро аъёну ашроф ва аҳли сарват медиданду мечашиданд.

Устод Айнӣ низ дар баррасиву муҳокимаи ин масъала оид ба ҷангу ҷидолҳои хонадони темуриён ва зиндагии вазнини олимону адибон навиштааст: «Дар натиҷаи ҷангу ҷидоли чандинсолаи авлоди Темур, ба сабаби бад идора кардан ва толон-тороҷ намудани онҳо деҳқонон ва косибонро, ки пуркунандаи хазинаи ҳукумат ва серкунандаи олимон ва шоирон буданд, ба дараҷаи гадоӣ афтода буданд» [127, С.164]. Ин буд, ки дар натиҷаи ҷангҳои тӯлонии Темур ва темуриён мардуми зиёде кушта, шаҳрҳо ғорат ва оташ зада шуданд.

Бояд гуфт, ки аз ҳомиёни маъруфи фарҳанги Ҳироти тоҷикон Хоҷа Қавомиддин Низомулмулк Хавофӣ буд, ки дар соли 876/1471 дар назди султон Ҳусайн Бойқаро масъули молия буд. Маҳз ӯ сарпарасти як гурӯҳ

маъруфтарин чеҳраҳои адабӣ маҳз асари маъруфи таърихи Ҳирот Муъинуддин Муҳаммад Замчии Исфизорӣ «Равзоту-л-ҷанноти-л-ҷинон фӣ авсофи мадинати Ҳирот» буд.

Ҳаёти адабии нимаи дуюми асри XV ва аввалҳои асри XVI аз давраҳои хеле пурмаҳсули таърихи афкори ҷамъиятии мардумони Мовароуннаҳру Хуросон ба ҳисоб мерафт. Мутаассифона, чи тавре ки маълум аст, ин давра ҳамчун давраи пурмаҳсули таърихӣ бисёр давом накард, чунки ҳодисаҳои аввали асри XVI имконияти нашъунамо ва рушди минбаъдаи ҳаёти адабиро аз байн бурд.

Масъалаи омӯзиши давраҳои гуногуни таърихи Темур ва аҳди Темуриён кайҳо боз диққати муаррихону ховаршиносони аврупоиро низ ба худ ҷалб карда омадааст ва роҷеъ ба ин давраи таърихӣ асару китобҳо ва осори таҳқиқии фаровоне ба майдон омадааст таълиф намудаанд. Муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ дар асарҳои таҳқиқии худ ба ҷанбаҳои гуногуни ин давраи таърихӣ дахл намуданд. Дар байни чунин муҳаққиқон осори Руи Гонзалес Клавихо (ваф.142), Иоганн Шилтбергер, Г. Вамбер, [21] ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Яке аз сарчашмаҳои судбахше, ки дар он аз ваҳшониятҳои Темур тасвиру тавсиф шудааст, «Сафарнома»-и Руи Гонсалес де Клавихо ба шумор меравад. Ин асар, ки аслан бо унвони «Сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур» машҳур аст, бар асари саёҳати сафирони испанӣ ба Самарқанд дар солҳои 1403-1406 таълиф гардидааст.

Рӯзномаи сафар ба Самарқанди Клавихо аҳаммияти муҳими таърихӣ дошта, барои инъикоси таърихи Мовароуннаҳру Хуросони охири асри XIV ва аввали асри XV нақши муҳим дорад.

Клавихо дар ҷашнҳое, ки ба муносибати издивоҷи набераҳои Темур ташкил гардид, ҳузур дошт. Ҳатто, зиёфатҳои бошукӯҳе барпо мешуд, ки дар он хонумҳо озодона ширкат меварзиданд, инчунин фаровонии хӯрок ва

нӯшиданӣ ба гумон намеомад ва тамоми мансабдорон шароб нӯш мекарданд. То ҳадде ки мастӣ ва мадҳушӣ байни мардум роиҷ мегардад. Академик В.В. Бартолд қайд мекунад, ки «Дар маҷмуъ мавқеи занҳои Темур ва дигар занҳо дар дарбори ӯ ба расму оинҳои муғул мувофиқат мекард, на ба талаботи ислом» [152, С.153].

Доир ба вазъи хонадони аҳди Темуриён андешаи муҳаққиқи канадагӣ М.Е. Субтелни ҷолиби диққат аст: «Темуриён аз худашон чизи комилан нав ё ба таври куллӣ фарқкунанда ба вуҷуд наовардаанд» [542, С.10].

Таҳқиқоте, ки ба таҳқиқи давраи аҳди Темуриён бахшида шудааст, ховаршиноси амрикоӣ Фредик Старр «Маърифати гумшуда. Асри тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг» маълум мебошад, ки баробари дигар асарҳои ин давра арзиши баланди таърихӣ дошта, доир ба таъриху фарҳанги Осиёи Миёна ба таври густурда инъикоси худро ёфтааст. Мавсуф дар боби 14 асари худ зери унвони «Темурланг ва ҷонишинони ӯ» дар хусуси авзои сиёсию иқтисодии аҳди Темуриён маълумотҳои боарзише пешниҳод мекунад. Муаллиф дар ин боби асари худ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Темур, ба сари қудрат омадани Темур, лашкаркашиҳои ӯ ба минтақаҳои гуногун ва ваҳшигариҳояш, вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Темур, илму адабиёт дар замони Шоҳрух ва Улуғбек, Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ, ҳукумронии Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон, ҳамчунин доир ба рушди шаҳрсозӣ, санъати меъморӣ ва дигар намудҳои ҳунари давраи Темуриён ва ғайра бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Аммо, бояд қайд кард, ки Фредик Старр шояд на аз ҳамаи манбаъҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ огоҳӣ дошт, зеро дар баёни бисёр масъалаҳо ба иштибоҳ роҳ додааст. Аз ҷумла, муаррих қабри Улуғбекро дар Ғазнаи Афғонистон тасвир кардааст, ҳол он ки тамоми сарчашмаҳо, қабри ӯро дар паҳлуи қабри бобояш Темур дар Самарқанд нишон додаанд. Ё ҳодисаи ланг

шудани Темурро чунин тасвир мекунад: «Ӯ дар овони кӯдакиаш аз асп афтода пояш ланг шуда буд ва ин лангӣ оқибат лақабаш шуд» [304, С.525]. Тавре ки сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, Темур ҳангоми дуздии гӯсфанд дар Систон аз даст ва пойи росташ маҷрух, шуда то охири умр лақаби лангиро ба худ гирифтааст.

Дар маҷмуъ бояд гуфт, ин асари таърихии Фредик Старр гарчанде ки дар баъзе қисматҳояш саҳву иштибоҳоти ҷузъие роҳ ёфтаанд, аммо асари мазкур дар равшанӣ андохтани баъзе ҷанбаву паҳлуҳои масъалаҳои ин давраи таърихӣ равшанӣ андохтааст.

Тадқиқоти дигари пурарзиш асари Т. Аллен [537, 538] мебошад, ки дар он аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ вазъи сиёсӣ, иқтисодии Хуросонро дар аҳди Ҳусайн Бойқаро хеле батафсил таҳқиқ шудааст. Муаллиф ба рушди муассисаҳои хайрия, ки сохтмони онҳо дар замони Ҳусайн Бойқаро густариш ёфта буд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардааст. Инчунин, оид ба масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии замони Ҳусайн Бойқаро дар арафаи ҳуҷуми Шайбонихон маълумот додааст.

Дар муқаддимаи ҷилди шашуми «Таърихи Кембриджи Эрон», ки соли 1986 ба табъ расида буд, муҳаррири ин ҷилд, муҳаққиқи машҳур П. Ҷексон аз набудани пажуҳишҳои ҷиддии шарқшиносони Аврупои Ғарбӣ оид ба таърихи Ховари Миёна дар давраи аз соли 1335 то нимаи асри XVIII изҳори нигаронӣ кардааст.

Дар муқаддимае, ки мо дар бораи «Таърихи Кемриҷи Эрон» зикр кардем, П. Ҷексон нисбат ба осори Ҷ. Вудз ва Р.М. Саворӣ истисно гузоштааст. Дар давоми даҳсола профессор Ҷ .Вудз як қатор асарҳо ба тасвиб расондаанд, ки имрӯз бе онҳо таърихнигории ҷаҳонии сулолаи Темуриёнро тасаввур кардан имконопазир аст. Муҳаққиқ дар тамоми маҷмӯи сарчашмаҳои маълум кор карда, оид ба таҳияи сарчашмаҳои таърихии марбут ба Темур тавзеҳот ворид менамояд. Дар баробари ин бояд гуфт, ки

асоси як қатор асарҳои калони муҳаққиқ манбаи хаттист, ки дар давраи пештар аз тарафи олимон таваҷҷуҳи кофӣ нагирифта буд.

Шарқшиноси фаронсавӣ Жан Пол Ру асаре бо номи «Тамерлан» навиштааст. Ин аз асар аз забони фаронсавӣ бо забони русӣ соли 2007 аз ҷониби Е.А. Соколов тарҷума шудааст [288, С.329].

Асари донишманди фаронсавӣ на танҳо ва на он қадар ба сарчашмаҳои шарқӣ, балки дар навбати аввал бар тарҷума ва тафсирҳои ғарбии онҳо асос ёфтааст. Ин қувваи вай ва дар айни замон заифии вай аст. Заифи аз он сабаб аст, ки муаллиф, мутаассифона, осори муарихони рус ва шуравиро, ки дар бораи Темур навиштаанд, маълумот надорад. Асари олими фаронсавӣ аз 14 боб иборат мебошад.

Дар соли 1890 дар Тошкент тарҷумаи асари шарқшиноси франсуз Л. Лянглэ бо номи «Жизнь Тимура» [46, С.72], ки соли 1787 дар Париж чоп шуда буд, аз ҷониби Н.Суворов ба забони русӣ аз чоп баромад. Муаллиф зимни таълифоти асар ба осори таърихии муаррихони асрҳои миёна, ки дар Аврупо аллакай мавҷуд буданд, аз ҷумла ба осори Ибни Арабшоҳ ва «Тузукоти Темурӣ» такя кардааст.

Таҳқиқоти дигари замони шуравӣ А.Ю. Якубовский [359, С.252] дар таҳқиқи масоили таърихи Осиёи Миёна дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV аз «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ба таври васеъ истифода намуда, ин рисоларо аз аввалин манбаъҳои таърихии замони Темур медонад. Ӯ дар асари худ «Тамерлан. Эпоха, личность, дяния» қайд мекунад, ки Низомуддини Шомӣ дар муқаддимаи рисолаи худ аҳволи умумии Осиёи Миёнаро то ба майдони таърихӣ омадани Темур (1360) инъикос кардааст. Бино ба таҳқиқи ӯ Низомуддини Шомӣ дар инъикоси лашкаркашии Темур ба Ҳиндустон аз ахбори рисолаи «Рӯзномаи ғазавоти Ҳиндустон»-и Ғиёсуддини Алӣ истифода бурда, матнҳои онро пурра оварда, баъзе ҷойҳояшро кутоҳ кардааст. Фасли охирини ин рисола ба тасвири таҷлили ҷашн дар Қарабоғи Аран дар баҳори соли (1405) ба итмом мерасонад [359, С.5]. А. Якубовский бар он назар аст,

ки воқеаҳои таърихии дар «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ инъикосшуда дар таърихнигории замони Темур тасдиқи худро ёфтаанд [359, С.4].

Агарчи дар ин асар як қатор иштиҳоботи хронологӣ ва ривояту афсонаҳои зиёд мавҷуд бошад ҳам, бо вуҷуди ин аз нуқтаи назари таърихнигорӣ бартариҳои зиёд дорад. Зеро маълумоте, ки муаллифи ин китоб дар бораи салтанати Темур ва мавқеи Мовароуннаҳр овардааст, дар дигар сарчашмаҳои таърихии давраи мавриди назар баррасӣ намудааст.

Аз ҷумла, муаррих А.Ю. Якубовский (1886-1953) баъзе масъалаҳои сиёсати берунии давлати Темур ва Темуриёнро инъикос кардааст. Вай бори аввал ба таърихи даврони Темур дар солҳои 30-юми асри XX рӯ овард. Дар рисолае, ки ба таърихи Самарқанди асримиёнагӣ бахшида шудааст, ҳадафҳои асосии сиёсӣ ва стратегии истилогарро ошкор намуда, корҳои сохтмонии Темурро дар пойтахти Шаҳрисабз нишон додааст [354].

Ҳамчунин мақолаи калонҳаҷми ӯ, ки соли 1946 зери унвони «Темур (таҷриба дар характеристикаи мухтасар)» [502, С.42-74] ба табъ расид. Он аз бахшҳои тавсифи маъхазҳои хаттӣ ва моддӣ дар бораи Темур, вазъи Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XIII ва нимаи аввали XIV иборат буда, дар бораи айёми ҷавонии Темур ва замони ҳукмронии ӯ (1370-1405), ҳаёти дохилии давлати чағатойро дар давраи зикршуда тавсиф мекунад.

Аз ҷумла, муаллиф роҷеъ ба дорои арзиши баланди илми дошатни рисолаи Ибни Арабшоҳ чунин қайд кардааст: «Китоби Ибни Арабшоҳ ҳамчун сарчашмаи асосии он ҳам мушоҳидаҳои шахсӣ ва ҳам ёддоштҳои муаллиф, ҳикоятҳои ҳамзамонони Темур, иштирокчиён ва шоҳидони бисёр корҳо ва воқеаҳои замони ҳукмрониаш. Ногуфта намонад, ки чанд далел аз ҳаёти Темур ба мо танҳо аз китоби Ибни Арабшоҳ маълум аст» [502, С.46]. Мавриди қайд аст, ки иддае аз муаррихин аз баёни ҳақиқати ваҳшониятҳои Темур аз рисолаи Ибни Арабшоҳ сарфи назар мекунанд, лекин бояд гуфт, ки маҳз ӯ тавонистааст, аъмоли ғайриинсонии ӯро ифшо созад.

Қобили қайд аст, ки муаррихи барҷастаи шӯравӣ А.П. Новосельсев дар мақолаи худ «Об исторической оценке Тимура» [444, С.3-20]. (Дар бораи баҳои таърихии Темур) бо факту далелҳои раднашаванда академик Бартолд, А.Ю. Якубовский ва И.М. Муминовро барои шахсияти Темури ғоратгар ва қотили инсонҳои бегуноҳро дар минтақаҳои мухталиф идеализасия кардан ба зери тозиёнаи танқид кашидааст.

Ҳамзамон муаллиф ҳангоми таҳлили сарчашмаҳо ба хулосае меояд, ки «Аз миёни ҳамаи манобеъ нисбатан бетарафе, ки мавриди истифода ва писанди кофии пажӯҳандагон воқеъ шуда аз он баҳраи шоиста бурдаанд бояд ба вижа аз осори мусаннифи араб Ибни Арабшоҳ зодаи буми Димишқ ёд кард» [444, С.4].

Зайниддин Маҳмуди Восифии Ҳиротӣ яке аз намояндагони барҷастаи адабии форс-тоҷик аст, ки дар охирҳои асри XV ва нимаи аввали асри XVI дар Хуросону Мовароуннаҳр зиндагӣ кардааст. Яке аз хизматҳои намоёни ӯ таълифи асари тарҷумаҳолии «Бадоеъ-ул-вақоеъ» мебошад.

Рисолаи А.Н. Болдирев «Зайниддин Восифӣ» (1957) ба тадқиқи осор ва зиндагиномаи адиби охири асри XV ва аввали асри XVI бахшида шудааст. Мавсуф «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-ро ҳаматарафа таҳлилу таҳқиқ карда, ҳамчунин дар хусуси робитаи адабиёти форсу тоҷик бо адабиёти узбек дар мисоли чеҳраҳои адабӣ Ҷомӣ ва Навоӣ маълумоти муфидеро пешниҳод мекунад. Аз дигар ҷониб «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар адабиёти класикии форсу тоҷик яке аз барҷастатарин ёдгориҳои хаттии асри XVI маҳсуб меёбад. Ҷиҳатҳои беҳтари ин асари мазкур дар он аст, ки дар он қиссаву ривоят ва ҳикоятҳои нафису соф бадеии давраҳои гуногуни ҳаёти Восифӣ нақл шуда, муҳимтарин воқеаву ҳодисаҳои таърихии дар Хуросону Мовароуннаҳр рух дода ба таври бадеӣ тасвир ёфтааст.

Зимнан бояд қайд кард, ки ин давраи таърихӣ, яъне аҳди Темуриён аз мадди назари муаррихони Эрон низ дур намондааст. Муаррихони Эрон, ки бо манбаъу маъхазҳо бештар дастрасӣ доранд, бисёре аз ҷузъиёти ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон равшанӣ андохтаанд.

Донишманди муосири Эронӣ Ҳусайн Мир Ҷаъфарӣ Темур ва Чингизхонро муқоиса намуда, чунин менависад: «Чингизхон ва Темур ҳарду қаттол ва бераҳм буданд ва аз кушторҳои бузург ва ваҳшиёна ибо ва имтиное надоштанд. Дар ин миён Чингиз монанди як маъмур иҷрои ҳукм ва як мирғазаби беотифа дар куштори инсонҳо байни бузург ва кӯчак, фақир ва ғанӣ, мусулмон ва кофир ва марду зан фарқе намегузошт. Аммо Темур бо таваҷҷуҳ бо зарурат ва мавқеият, дастури қатли омм ва ғорати амволро содир мекард ва судури фармонҳои зиште монанде мусла кардан, сар буридан, калламанор сохтан барояш амри осоне будааст» [341, С.75].

Аз ҷониби дигар, дар рисолаи мазкур аҳволи илмӣ, адабӣ, маданӣ ва ҷамъиятии аҳди Темур ва Темуриёнро, инчунин ихтилофҳои сиёсӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ҳам зиддиятҳои синфӣ ва аҳволи иқтисодии он замон арзёбӣ гардидааст.

Муаррихи эронӣ Аббос Иқбол дар асари худ «Таърихи муғул ва авоили аёми темурӣ» [205], ки иборат аз ду ҷилд мебошад ва ҷилди дуюми он ба таърихи айёми Темурӣ нигаронида шудааст. Муаллиф ин давраи таърихии аҳди Темуриро дар ду фасл ҷой додааст. Фасли нахустини он «Зуҳури амир Темур», авзои сиёсии Эрон мақорн истилои Темур, авзои Мовароуннаҳр зуҳури Темур, аслу насаби амир Темур, амир Ҳусайн ва амир Темур, юриши сесола (788-790), тасхири Исфаҳон ва Форс дар 789 ва ғайра. Фасли дуюми он Лашкаркашиҳои Темур ба Хоразм (773-781), лашкаркашии Темур ба Муғулистон ва Дашти Қипчоқ (776-779), Лашкаркашии аввали Темур ба Хуросон (782-783), лашкаркашии дуюми Темур ба Хуросон (784-785), тасхири Астаробод ва Мозандарон. Ҳамчунин, оид ба сари қудрат омадани Темурланг «Вақоеи аёми салтанати Темур, аз баду ҷулус то юриши панҷсола

(771-794)» мебошад. Ин рисола ҳам аз рӯйи бандубасти масъалагузорӣ, ҳам аз диди доираи таҳқиқу таҳлили муқоисавӣ баҳамовардани теъдоди зиёди маъхазҳо ва осори муҳаққиқон, ки муаллиф дар ин ҷода заҳмати зиёд кашидааст, аз манобеи бисёр зарурӣ ва судбахш маҳсуб меёбад.

Муҳтаво ва мундариҷаи «Таърихи муғул ва авоили аёми темурӣ», чунонки дида мешавад, пурра ба мавзуи таҳқиқии мо рабт дорад. Бинобар ин, ҳангоми таҳқиқи ин масъала бештар аз асари мазбур таваҷҷуҳ шудааст.

Муҳаммад Аҳмад Панохӣ Симнонӣ рисолае бо номи «Темури Курагон», соли 1380 ба табъ расонид, ки дар он муаллиф бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои хаттӣ ба баъзе паҳлуҳои зиндагонии ӯ, ба сари қудрат омадани Темур, лашкаркашиҳои ӯ ба минтақаҳои гуногун, муқоисаи Чингизхон ва Темур, қатли ом дар Сабзавор ва бунёди калламанораҳо дар Хуросон мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, муаллиф ба дунё омадани Темурро чунин тасвир мекунад: «…рӯзи бисту панҷуми шаъбон соли 736 ҳ.қ-ро дар таърихи зиндагии Эрониён бояд рӯзи наҳс ва шум ба ҳисоб овард. Зеро дар чунин рӯзе …навзоде ба дунё омад, ки…рустоҳо ва шаҳрҳои бисёреро вайрон сохт …ва хуни садҳо ҳазор инсони бегуноҳро бар замин ҷорӣ кард ва аз сари бегуноҳон манораҳо сохт» [263, С.9].

Ҳамзамон, ҳамин муаллиф рисолае дорад, таҳти унвони «Темури Ланг-чеҳраи ҳаросангези таърих» [262], ки дар он бо истифода аз манбаҳои таърихӣ бештар ваҳшониятҳои Темурро ошкоро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мавриди қайд аст, ки рисолаи мазкур дар маҷаллаи «Садои шарқ» дар ду шумора ба бо забони тоҷикӣ ба тасвиб расидааст [442].

Дар асари пажуҳишии донишгоҳи Кембриҷ «Таърихи Эрон. Давраи Темуриён» дар бораи шаҳрҳо ва коххои Эрони аҳди Темурӣ, Темур ва шахсияти ӯ, аъмоли нобашарии Темур ба ҳангоми лашкаркашиаш ба Эрон, муносибати Темур бо хонадони туркмании Оққуйюнлуҳо, ки дар ғарби Эрон ҳукумат доштанд ва ғайра аз маълумотҳои Клавихо фаровон истифода шудааст [313, С.78, 90, 138, 150, 168, 190-203, 319, 328, 390.].

Нуқтаи назари муаррихони шуравӣ оид ба нақш ва шахсияти Темур кайҳо муайян шудааст ва ниёз ба бознигарӣ надорад. Дар «Очеркҳои таърихи СССР» вобаста ба ин масъала чунин нукта оварда шудааст: «Темур ҷангҳои худро бо бераҳмии беасос мебурд, ки пеш аз он даҳшатҳои куштор ва харобиҳои содиркардаи Чингизхон дар муқоиса камранг буд» [275, С.661]. Воқеан Темур ва аҳди Темур дар таърихи халқҳои Осиёи Миёна нақши манфӣ бозидаанд. На иморатҳои зебо, на ба таври сунъӣ ривоҷ ёфтани ҳунару тиҷорат дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр ва ниҳоят корҳои зиёди обёрикунӣ, ки дар давраи ӯ анҷом дода шудаанд, ба қатл расидани садҳо ҳазор одамони бегуноҳ, вайрону валангор кардани шаҳрҳо асос карда наметавонанд.

Бояд тазаккур дод, ки муаррихони тоҷик, таърихнигории давраи Темуриён, аз ҷумла, инкишофи хатти таърихӣ ва нақши муаррихони дарборро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Онҳо сарчашмаҳои ибтидоӣ, аз қабили солномаҳои таърихӣ, тарҷумаи ҳол ва ёддоштҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд, то огаҳ бошанд, ки хонадони аҳди Темур ва Темуриён дар навиштаҳои таърихӣ чи гуна тасвир шудаанд. Дар маҷмуъ, тадқиқоти илмӣ оид ба Темур ва давраи Темуриён дар фаҳмиши мо дар бораи ин давраи муҳими таърихи Осиёи Марказӣ саҳми назаррас гузоштаанд.

Таҳлили таърихнигории маъхазҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ дар ин солҳо ба ин он дараҷа, сурат гирифта, китобҳои библиография низ нашр мешуд. Аммо аз нуқтаи назари омӯзиши таърихнигории таърихи давлатдорӣ дар аҳди Темур бори нахуст анҷом дода мешавад. Дар таърихнигории таърихи идораи давлатии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV таҳқиқоти шарқшиноси рус В.В. Бартолд (1870-1930) ҷойи махсусро ишғол мекунад. Олим аз забонҳои шарқ огоҳии комил дошт ба ӯ имкон дод, ки сарчашмаҳои хаттии ин давраро ҷамъоварӣ ва омӯхта, оид ба таърихи Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои миёна асарҳои бунёди эҷод кунад.

Дар осори хеле доманадори ин донишманд аз ҷумла: «Народное движение в Самарканде в 1365 году», «Улугбек и его время», «Таърихи Туркистон» (хусусан дар фасли 6 «Темур ва Темуриён»), «О погребении Тимура», «Новый источник по истории тимуридов», «Халиль-султан», «Тимур и Тимуридов», «Хафиз-и Абру и его сочинения», «Мир Али Шир и политеческая жизнь» [148, С.362-379; 152, С.25-196; 157, 423-454; 149, С.535-536; 145, С.157-162; 155, С.74-79; 147, С.169] ва ғайра самтҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Темур ва Темуриён хеле ҷиддӣ дар маърази таҳлил қарор гирифтааст.

Воқеан, ақидаи олим роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ то андозае дуруст мебошад, зеро то имрӯз на ҳама манбаъ ва сарчашмаҳои ин давраи таърихӣ ба пурраги мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва бояд гуфт, ки осори фаровоне ва пажуҳиши нав дар ин ҷода пажуҳандагони худро интизоранд.

Инчунин, академик В.В. Бартолд дар баробари дигар масъалаҳои таърихии аҳди Темур ва Темуриён ба масъалаи дафни Темур низ зери унвони «О погребении Тимура», таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Мавсуф барои ҳалли ин масъала ӯ маълумоти сарчашмаҳои зиёди хаттии асримиёнагиро омӯхта ва мавриди таҳлил қарор додааст.

Ҳамчунин шарқшиноси рус академик В.В. Бартолд дар асари худ «Улуғбек ва замони вай» дар заминаи асарҳои таърихномаҳои дар ин давра мунташиршуда авзои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва муҳити илму адаби давраи Темур ва Темуриёнро бо истифода аз манбаъҳои таърихии «Зафарнома»-Шомӣ, «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ, «Матлаъу-ус-саъдайн ва маҷмаъу баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Зубдат-у-таворих»-и Ҳофизи Абрӯ, «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд, «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир, «Таърихи Роқимӣ», «Туҳфаи элхонӣ» ва ғайра мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ин аз зумраи шарқшиносони аҳди шуравӣ аст, ки доир ба ҳаёт ва фаъолияти Ҳофизи Абрӯ таваҷҷуҳ карда ба таври алоҳида ду мақола бахшидааст.

Мавриди зикр аст, ки аксарияти муаррихони шӯравӣ аз «корнамоиҳо»-и Темур назари воқеии манфӣ доранд. Масалан, дар ҷилди сеюми китоби «Таърихи ҷаҳон», ки соли 1957 дар Маскав нашр шудааст, дар боби «Давлати чингизиён ва ворисони онҳо дар Осиёи Миёна, Закавказия ва Эрон. Ҳаракати озодихоҳии ин мамлакатҳо (асрҳои XIII-XV)», ки аз ҷониби А.Ю. Якубовский ва И.П. Петрушевский бобҳои марбут давлати Темуриён навишта шудааст, оид ба шуриши сарбадорони Самарқанд, ташкили давлати Темур, лашкаркашиҳои Темур ва сиёсати дохилии ӯ, Мовароуннаҳр дар асри XV, мағлуб шудани давлати Темуриён аз ҷониби узбекҳо, маданияти халқҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XIV-XV, Эрон дар зери ҳукумронии Темур ва Темуриён хотирнишон шудааст, ки Темур на танҳо дар мамолики дигар, балки ҳатто дар Осиёи Миёна ҳамчун ҳоким нақши манфӣ дорад, зеро музаффариятҳои камдавом ва нопойдории вай дар он рӯзгорон ба қимати истилои қонуншиканӣ ва таҷовуз ба ҳуқуқи инсон дар Мовароуннаҳр ва ситраи ифлос ва бенавоӣ дар мамолики мафтуҳ таъмин шуд [177, С.574].

Муаррих А. Шишов дар асари худ «Тоҷикон» нисбат ба беадолатиҳои Темур ва хонадони ӯ чунин қайд мекунад: «…дар бораи он ки тобеон ва тамоми аҳолӣ талаботи қонуну қоидаҳои дину шариатро пурра риоя намоянд, назорати қатъӣ ҷорӣ карда буд, аммо худашро шахсан аз кайфу сафое, ки дин ҳаром медонисту манъ карда буд, нигоҳ намедошт ва танҳо пеш аз марг супориш дод, ки асбоби айшу нӯши ӯро, ки дар базмҳо истифода мекард, шикананд. Тартиби роҳбарии ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ дар даврони ҳукмронии Темур аз рӯйи низом ва қонунҳои Чингизхон ба роҳ монда шуда буд; дар натиҷа руҳониёну муъминони эътиқодманди бонуфуз аз эътироф кардани Темур ҳамчун мусулмони комил (албатта, баъди маргаш) даст кашиданд, зе-

ро ӯ қонунҳои Чингизхонро аз риояи қонуну қоидаҳои шариат боло мегузошт» [346, С.92-93].

Бархе масъалаҳои вазъи сиёсии қисмати шарқии Хуросон, бахусус вилояти Ҳироти нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар таҳқиқотҳои В.М. Массон ва В.А. Ромодин [241, С.323-379] таҳқиқ шудаанд. Дар рисолаҳои муҳаққиқини зикрашон дар боло рафт таваҷҷуҳи асосӣ ба инъикоси ҳодисаҳое равона шудааст, ки дар он ҳуҷуми Темурро ба Ҳирот ва шикасти давлати Куртҳои Ҳирот, зимомдории Шоҳрух дар Ҳирот, маданият ва санъати Ҳирот дар аҳди Шоҳрух, лашкаркашии Улуғбек ба Ҳирот, зимомдории Ҳусайн Бойқаро ва шикасти давлати Темуриён дар Хуросон аз ҷониби Муҳаммад Шайбонихон ва дигар масъалаҳои мубрами ин давраро ба риштаи таҳқиқ кашидаанд.

Ромодин қайд мекунад, ки охирин ҳукмронии оли Курт бо фармони Мироншоҳ соли 1389 ба қатл расида шудаанд [241, С.327]. Аммо кулли сарчашмаҳо ин санаи таърихро соли 1383 ба қайд гирифтаанд.

Дар адабиёти давраи мавриди таҳқиқ асарҳои академик А.А. Семёнов, ки ӯ солҳои тулонӣ ба омӯзиши таърих ва ҳаёти мадании халқҳои Осиёи Миёна машғул буд, мавқеи махсусро ишғол менамояд. Дар бораи ин давраи таърихи як қатор мақолаҳо бо истифода аз манбаҳои хаттӣ аз қабили «Шейбанихан и завоевание им империи Темуридов», «Гератское искусство в эпоху Алишера Навои», «Надписи на надгробиях Тимура и его потомков в Гур-и Эмире», «Надписи на надгробиях Тимура и его потомков в Гур-и Эмире», «Авторы XV века о Самаркандских событиях 1365 г.», «Некоторые данные по экономике империи Султана Хусейн-Мирзы (1469-1506)» ба тасвиб расонидааст.

Дар рисолаи Е.Э. Бертелс «Навои. Опыт творческой биографии» [165], ки як фасли он «Темуриён» ном дошта дар он маълумоти марбут ба фавти Темур ва ба сари қудрат омадани Халил султон, асир шудани Халил султон ба дасти амир Худойдод, раҳоии халил султон аз ҷониби Шоҳрух, ба сари

қудрат омадани Улуғбек дар Мовароуннаҳр, авзои сиёсии Ҳирот дар замони Шоҳрух ва Ҳусайн Бойқаро, мунoқишаи Ҳусайн Бойқаро бо фарзандони худ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамчунин дар асар доир ба фаъолияти аҳли фарҳанг-олимони адибони замон ва осори он, маълумотҳои ҷолиберо метавон ба даст овард.

Нимаи дуюми асри XV-давраи ҳаёти Биноӣ (1453-1512) яке аз давраҳои дурахшони инкишофи маданияти халқҳои Осиёи Миёна дар давраи феодализм, давраи гулгулшукуфии назм ва наср, мусиқӣ ва дигар санъат: меъморӣ, рассомӣ, сафолӣ хаттотӣ, китобҳои ороишӣ ва ғайра муаррифӣ мешавад.

Ёдгориҳои гаронбаҳои фарҳангии ин давра кайҳо боз таваҷҷуҳи олимони аврупоӣ ва русро ба худ ҷалб намуда буданд, аммо чунон ки академик В.В. Бартолд қайд кардааст, то солҳои 30-уми асри XX рисолаи мукаммале, ки дар асоси маъхазҳои аввалия асос ёфта бошад ва тамоми давраи Темуриёнро дар бар намегирифт, мавҷуд набуд. А.Е. Кримски дар рисолаи худ «История Персии, ее литературы и дервишеской теософии» [231, С.26-34] дар бораи ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии замони Темуриён қариб, ки маълумоте намедиҳад ва танҳо бо тавсифи лашкаркашиҳои алоҳидаи ин хонадон маҳдуд мешаваду халос.

Маълумоте, ки ӯ дар бораи дараҷаи омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ медиҳад, то андозае таваҷҷуҳ дорад, вале гузоришҳои ӯ дар бораи ҳаёти адабии он замон танҳо бознигарии нопурраи маълумот аз тазкираҳои алоҳида аст.

Бояд тазаккур дод, ки тадқиқоти воқеии маданияти замони Темуриён ва омӯзиши амиқи таърихи он, инчунин бисёр давраҳои муҳимми рушди фарҳанги халқҳои Осиёи Миёна танҳо дар аҳди шуравӣ оғоз меёбад. Мавриди қайд аст, ки дар ин ҷода нақши академик В.В. Бартолд хеле бузург мебошад. Пас аз пажуҳиши машҳури «Улугбек и его время» [152], «История Туркестана» [145], «Таджики, исторический очерк» [153], «Иран» [140], «История культурной жизни Туркестана»[144], ба тасвиб мерасанд, ки дар онҳо

муаллиф оид ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин давраи таърихӣ маълумот додааст. Дертар дар соли 1928 асари муҳими В.В. Бартолд оид ба ин масъала «Мир-Али-Шир и политическая жизнь» [147] ба табъ мерасад.

Академик В.В. Бартолд адабиёти илмии аврупоӣ ва русиро, ки ба ин давраи таърихӣ бахшида шудаанд, дар он давра хеле кам буд, аз нигоҳи интиқодӣ баррасӣ намуда, дар асоси сарчашмаҳои дорои аҳаммияти аввалиндараҷа вазъи сиёсии ин давраро ба таври васеъ тавсиф намуда, бахусус зиддиятҳои дохилӣ феодалиро ва як қатор ҳаёти муҳимми ҷамъиятиро тавсиф мекунад. Дар ин асар ҳаёти фарҳангию адабии ин давра низ инъикос ёфтааст.

Дар солҳои 30-ум ба ғайр аз мақолаҳои алоҳида ду асари дигар, ки бахше ба ҳаёти фарҳангӣ ва сиёсии Хуросони шимолу ғарбӣ дар асрҳои XV-XVI дахл доранд, «Живопись Ирана»-и Б.П. Денике [194] ва «Материалы по истории туркмен и Туркмении» аз чоп баромад [242].

Аз соли 1940 ба муносибати тайёрӣ ба муносибати ҷашни 500-солагии Алишер Навоӣ тадқиқотҳои нав доир ба вазъи сиёсӣ ва мадании Ҳирот дар нимаи дуюми асри XV оғоз ёфт.

Соли 1940 ду асари А.М. Белениски «Из истории участия ремесленников в городских праздниках Средней Азии в XIV-XV вв.», «Организация ремесла в Самарканде XV-XVI вв» [375], бахшида ба ҳаёти косибон аз чоп баромад. Муаллиф дар мақолаи аввал танҳо нақшеро, ки ҳунармандон дар оро додани шаҳрҳо дар ҷашнҳои бузург бозидаанд, тасвир мекунад. Вале дар мақолаи дуюм ин далели нави ҷолибро овардааст, ки дар асри XV дар Хуросон як қатор косибоне буданд, ки бевосита ба дарбори ҳукмрони феодал итоат намекарданд. Онҳо асосан дар бозорҳо кор мекарданд.

Дар худи ҳамин сол мақолаи А.А. Молчанов таҳти унвони «К характеристике налоговой системы в Герате эпохи Алишера Навои» [438] ба табъ расид, ки бори аввал дар бораи андозҳои давраи зикршуда маълумоти муфассал медиҳад.

Соли 1941 мақолаи нави А.М. Беленитски зери унвони «К истории феодального землевладения в Средней Азии и Иране в Тимуридскую эпоху (XIV-XV) вв.» [376] дар бораи давраи Темуриён чоп шуд. Масъалаи моликияти феодалии замин, ки муаллифи мазкур ба миён гузоштааст, дар як қатор асарҳои мукаммали таърихие, ки махсусан ин давраро тавсиф мекунанд. «Таърихи халқҳои Узбекистон», «Таърихи мухтасари халқи тоҷик», инчунин дар баъзе мақолаҳои А.Ю. Якубовски. Минбаъд дар таҳқиқоти калонҳаҷми И.П. Петрушевски, хусусиятҳои он шакли мушаххастар мегиранд.

Дар бораи ҳаёти иҷтимоии Ҳирот дар асри XV бисёр маълумотҳои нав А.Н. Болдирев дар ду тадқиқоти худ «Мемуары Зайн-ад-Дина Васифи как источник для изучения культурной жизни Средней Азии и Хорасана на рубеже XV-XVI вв.» [171], «Очерки из жизни гератского общества на рубеже XV-XVI вв.» [172] ба истифодаи илмӣ ворид кардааст. Вай дар нахустин асари худ, ки ба ёддоштҳои Зайнуддин Маҳмуди Восифӣ бахшида шудааст, аҳамияти ин сарчашмаи пурарзишро барои омӯзиши ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XV-XVI нишон додааст. А.Н. Болдирев дар таҳқиқоти дуюм хусусиятҳои ҷомеаи Ҳироти ҳамон давраро равшан месозад. Адабиётшиноси тоҷик А. Мирзоев хеле воқеъбинона вазъи илму адабиёти ин давраи таърихиро баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, таъкид мекунад, ки дар осори таърихӣ ва адабии солҳои 1940-1948 ба вуҷуд омадаанд, А.Н. Болдирев нақши Ҳиротро дар нимаи дуюми асри XV то андозае муболиға мекунад [252, С.8].

Хамзамон, солҳои 1940-1947 чаҳор асар доир ба наққошӣ, санъати ороиши дастнависҳо ва хаттотии давраи мавриди назар ба табъ расидаанд. Аз ҷумла, се асари он ба қалами академик А.А. Семёнов «Гератское искусство в эпоху Алишера Навои» [461, С.81-99], «Портреты эпохи Навои» [462, С.13], «Гератская художественная рукопись эпохи Алишера Навои и ее творцы» [463, С.153-174] ва яктои он ба Б.Н.Заходер зери унвони «Трактат о каллиграфах и художниках» [414] тааллуқ дорад. Бояд қайд кард, ки муаллифон

дар асарҳои худ роҷеъ ба санъати ин давраи таърихӣ бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти ҷолибе додаанд.

Дар ин давра ҳамчунин дар бораи узбакҳои Шайбонихон мақолаи академик А.А. Семёнов зери унвони «К вопросу о происхождении и составе узбеков Шейбани-хана» [467], мақолаҳои Я.Ғ. Ғуломов, «К изучению эпохи Навои» [404, С.5-24], Р. Набиев, «К истории политико-экономической жизни Мавераннахра в XV в.» [443, С.25-49] оид ба таърихи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давра ва инчунин мақолаи ҷолиби Якубовски зери унвони «Черты общественной и культурной жизни эпохи Алишера Навои» [356, С.5-30] ба тасвиб расид. Дар мақолаи мазкур далелҳои наве, ки илм дар он замон ба даст оварда буд ва вобаста ба муносибатҳои феодалии он замон, заминдории феодалӣ, низоми андоз, ҳунармандӣ ва косибон, нақши намояндагони фарҳанг дар ҷомеа бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои нави таърихӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Соли 1946 мақолаи А.М. Белениский зери унвони «Историческая топография Герата» [377] ба тавсвиб расид. Бисёр масъалаҳои марбут ба топографияи Ҳиротро тавассути осори М.Е. Массон, «К исторической топографии Герата XV в.» [430, С.120-145] ки соли 1948 нашр шудааст, равшанӣ андохтааст.

Дар солҳои 1947-1952 асарҳои бунёдии «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» [186] ва «История народов Узбекистана» [211] нашр шуданд. Дар ин асарҳои бунёди вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV маълумот дода шудааст. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки ҷилди нахустини «Таърихи халқҳои Узбекистон аз замонҳои қадим то аввали асри XVI соли 1950 ва ҷилди дуюми он «Таърихи халқҳои Узбекистон» бошад аз таъсисёбии давлати Шайбониён то инқилоби Кабири Сотсиалистии октябрро дарбар мегирад, соли 1947 ба тасвиб расидааст.

Солҳои охир асарҳои нави академик А.А. Семёнов пайдо шуданд, ки ба мавзуи мо рабт доранд, аз ҷумла мақолае, ки ба вазъи иқтисодии Хуросон, яъне давраи ҳукмронии Ҳусайн Бойқаро (1469-1506) бахшида шудааст. Ака-

демик А.А. Семёнов дар асоси гузоришҳои муҳимми Исфизорӣ муаллифи «Равзоту-л-ҷанноти-л-ҷинон фӣ авсофи мадинати Ҳирот» ва «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир вазъи сарватҳои фавқулоддаи табиии Хуросон ва шаҳру ноҳияҳои онро бо мавқеи ҷойгиршавӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

«Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Б. Ғафуров аз лиҳози арзиши илмӣ воқеан беназир аст. Ин китоб аввалин асари тадқиқотӣ на танҳо доир ба таърихи халқи тоҷик, балки барои миллатҳои Осиёи Миёна ба ҳисоб меравад. Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар пешгуфтори таърихии худ ба китоби «Тоҷикон»-и Б. Ғафуров роҷеъ ба арзиши он чунин нигоштааст: «…нахустин асари илмии Бобоҷон Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»…барои ҳамзабонону ҳаммиллатонаш равзанае кушод аз олами таърих. Ин таҷрибаи аввалини таърихнависии тоҷик дар замони шуравӣ буд» [187, С.4].

Қобили зикр аст, ки асари мазкур дар илми ховаршиносии ҷаҳонӣ як таҳаввулоти илмиро ба миён оварда, муаррихону ховаршиносон ва адабиётшиносони шуравию хориҷӣ, ба вижа С. Айнӣ, А.Ю. Якубовский, А.А. Семёнов, М.М. Дяконов, Н.А. Кисляков ва дигарон дар тақризу андешаҳои худ аз бунёдӣ будани асари мазкур қайд кардаанд. Аз ҷумла, шарқшиноси бузурги рус А.А. Семёнов дар тақризи худ аз нигоҳи илмӣ ба он баҳои арзанда дода, навиштааст, ки «Таърихи мухтасари халқи тоҷик»-и Б. Ғафуров…қисмати тоҷиконро дар як ҳамбастагии маҷмӯӣ аз давраҳои қадимтарин то рӯзҳои мо нишон медиҳад…табиист, ки зиёиён, оммаи халқ бояд азияти гузаштаҳои дур ва давраҳои охири қисмати халқи худ, таърихи худро донанд» [336, С.277-288].

Бояд гуфт, ки Б. Ғафуров дар ин асари худ дар баробари дигар давраҳои таърихӣ масъалаи давлатдории Темур ва Темуриёнро дар ду боб (18, 19) воқеъбинона дар маърази таҳлил гузоштааст.

Муаллиф дар боби 18 асари худ авзои сиёсии Мовароуннаҳро баъд аз вафоти Чингизхон ва ворисони ӯ, муборизаҳои тоҷу тахтталабии онҳо ва аз ҳаёти бодиянишинӣ ба зиндагонии муқимӣ гузаштан, муборизаи Темур бо

амир Ҳусайн ба муқобили хонҳои муғул ва шикасти онҳо, шуриши сарбадорони Самарқанд, ба сари қудрат омадани Темур, лашкаркашиҳои ин золим ба минтақаҳои мухталиф куштору ғоратгариҳои ӯро хеле мушикофона, бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ возеҳу равшан инъикос намудааст.

Б. Ғафуров фаъолияти Темурро то соли 1360 воқеъбинона чунин тасвир мекунад: «…Темур дар ин давра, ҳамчун сардори сарбозони кироя, ба тохтутоз ва ғоратгарӣ машғул будааст» [186, С.257]. Муаллиф аз суханони зиште, ки муаррихони дарбории Темуриён Шарафуддин Алии Яздӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ, Мирхонд ва Хондамир нисбати роҳбарони шуриши сарбадорони Самарқанд дар асарҳои худ иброз доштаанд, изҳори нигаронӣ намудааст. Ҳамзамон, иқтибосеро аз муаррихи дарбории Темур Шарафуддин Алии Яздӣ, ки амали сарбадорони Самарқандро чунин тасвир кардааст, мисол меорад: «Ба сари як гурӯҳ мардум боди ғурур ва ифтихор вазид: онҳо ба берун аз ҳадди худ қадам гузоштан ҷасорат намуда, дастони хунрези ситамовари худро ба ҳар тараф дароз карданд» [109, С.84].

Боиси таассуф аст, ки муаррихони асримиёнагӣ аз зикри корнамоиҳои шуришчиён ва роҳбарони онҳо ба муқобили аҷнабиёни муғул, буздилона майдони ҳарбро тарк кардани амир Ҳусайну Темур ва фирори онҳо аз қаламрави Мовароуннаҳр ба Хуросон худдорӣ мекунанд. Ҳамчунин, муаллиф аз ободкориҳои Темур дар Самарқанду Шаҳрисабз қайд карда, аз ҷумла чунин менигорад: «…чорабиниҳои…ободонии хоҷагии қишлоқ агарчанде тамоман бо қувваи аҳолии меҳнатии ин мамлакат гузаронида мешуд, аммо ба манфиати табақаи ҳоким равона карда мешуд» [186, С.272].

Воқеан, як идда муаррихони мадеҳасарои аҳди Темур ва Темуриён дар бораи бунёди қасрҳо, кушкҳо ва боғҳои ин хонадон мадҳиясарой намуда, аҳду сано хондаанд. Мутаассифона, онҳо аз баёни ҳақиқат худро дар канор мегирифтанд, ҳол он ки Темур ва аҳли хонадони ӯ ҳазорҳо қасрҳо ва боғҳоро дар шаҳрҳои мухталиф ба боди нестӣ бурдаанд. Шояд ин боғҳо ва қасрҳо аз боғҳо қасрҳои бо дасти асирон бунёдкардаи хонадони Темурӣ дида зеботар буданд.

Муаллиф ҳамзамон дар ин боби асари хеш оид ба ҳаёту фаъолияти як идда шоирону муаррихони аҳди муғулу Темуриён монанди Ҷалолиддини Румӣ (1202-1273), Муслиҳиддин бини Абдулло Саъдии Шерозӣ (1184-1292) ва амир Хусрави Деҳлавӣ (1253-1325) иттилоъ дода, оид ба ашъори онҳо низ маълумоти мушаххас додааст.

Инчунин, асарҳои муаррихони аҳди муғулу Темуриён, Абу Умар Усмон Минҳоҷиддини Ҷурҷонӣ (1193-1259), «Табақоти Носирӣ»-и Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ (1226-1283), «Таърихи Ҷаҳонкушоӣ»-и Рашидиддин Файзуллоҳи Ҳамадонӣ (1247-1318), «Ҷомеъу-т-таворих»-и Саъдиддин Масъуд Тафтозонӣ, Ибни Арабшоҳ (1388-1450) «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур», Низомуддини Шомӣ (вафот 1431) «Зафарнома», Шарафуддин Алии Яздӣ (вафот 1452-54) «Зафарнома» ва ғайраҳоро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст.

Академик Б. Ғафуров дар боби 19-уми асараш мавсум ба «Халқи тоҷик ва тараққиёти мадании он дар давраи ҳукмронии Темуриён» оид ба фавти Темур, интиқоли ҷасади ӯ ба Самарқанд, ба сари қудрат омадани Халил султон, муборизаи шадиди Шоҳрух ба муқобили Халил султон барои ба даст овардани ҳокимияти Мовароуннаҳр, зимомдории Шоҳрух дар Хуросон, вазъи Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Шоҳрух, кушта шудани Улуғбек аз тарафи писараш Абдулатиф, ба сари қудрат омадани Абдулло ва султон Абусаид, баъди кушта шудани Абусаид соҳиби тоҷу тахти Хуросон шудани Ҳусайн Бойқаро, муборизаҳои Ҳусайн Бойқаро барои ба даст овардани Ҳисору Самарқанд, зиддиятҳои дохилии охирин намояндагони хонадони Темуриён ва аз байн рафтани ин сулола аз тарафи Муҳаммад Шайбонихон маълумот додааст.

Лозим ба зикр аст, ки муаллиф дар ин боби асараш ҳаёт ва фаъолияти як идда шоирону муаррихони аҳди Темурӣ монанди: Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492), Давлатшоҳи Самарқандӣ (1438-1494), Алишер Навоӣ (1441-1501), Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ (1412-1482), Муи-

ниддини Исфизорӣ (1446-47-1498), Мирхонд (1433-1498) ва Хондамир (вафоташ соли 1534)-ро риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ҳамин нуктаро бояд ишора намуд, ки Б. Ғафуров дар баррасӣ ва баёни ин давраи таърихӣ бисёр масоили баҳсталабро бо истифода аз сарчашмаҳои хаттӣ, бо далелҳои илмӣ тасдиқ ва асоснок кардааст.

Садриддин Айнӣ баробари бунёдгузори адабиёти навини тоҷик, маҳсуб ёфтан дар саргаҳи таърихшиносии миллӣ низ мақоми шоистаро соҳиб аст. Маҳз бо кӯшиши ӯ ва мусташриқони хориҷию ватанӣ омӯзиши илмии таърихи халқи тоҷик вусъат пайдо намуд.

Айнӣ дар як қатор асарҳои таърихию адабии худ, ба мисли «Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» [127], «Алишер Навоӣ» [125] ва «Мирзо Абдулқодири Бедил» [126] доир ба вазъи сиёсию иқтисодӣ, адабию фарҳангӣ ва сиёсати даҳшатангези Темур ва Темуриён дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Ҳиндустон андешаву мулоҳизаҳои судманд баён намудааст.

Мавсуф ҳангоми баррасии замони зиндагӣ, фаъолияти сиёсӣ-ҷамъиятӣ ва осори адабии Алишер Навоӣ бо истифода аз манбаъҳои таърихӣ, пеш аз ҳама «Равзату-с-сафо»-и Мирхонд баробари маълумот додан оид ба вазъи сиёёсию иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросон, бунёдкориҳои Алишер Навоиро бо Темур муқоиса намуда, овардааст: «Мир Алишер ба воситаи иморатҳои оммавии худ меъмории замони худро бисёр боло бароward. Фарқи иморатҳои Алишер аз иморатҳои амир Темур дар он буд, ки Темур иморатҳои худро ба усто ва ҳунармандоне, ки аз ватанашон мисли асир кӯчонда меоvard, ба сурати маҷбурӣ мекунонид. Аммо, Алишер усто ва коркунонро бо инъому эҳсон ва бо мукофотҳои пайдарпай ба кор ташвиқ карда иморат месохт» [125, С.25].

С. Айнӣ дар ин асар вазъи илму адаб, фарҳанг, инчунин ихтилофҳои сиёсӣ, динӣ, мазҳабӣ, зиддиятҳои синфӣ ва аҳволи иқтисодии давраи Темур ва Темуриёнро ба таври густурда таҳқиқ кардааст. Ҳамчунин адиб доир ба ҳукмронии як зумра амирони хонадони Темурӣ монанди султон Абусаид

(1450-1469), Ҳусайн Бойқаро (1469-1506) ва Бадеъуззамон (1507) маълумотҳои батафсил додааст. Дар баробари ин, доир ба ҷаҳолати султон Абусаид нисбат ба қатли ҳамсари Шоҳрух-Гавҳаршодбегим чунин менигорад: «…ӯ дар аввали салтанати худ зани Шоҳрухмирзо-Гавҳаршодбегимро кушт: бисёр шоҳзодагони Темуриро рӯйрост аз дами теғ гузаронид…» [125, С.25].

Айнӣ дар пешгуфтори таърихии худ ба китоби «Восифӣ ва хулосаи Бадоеъ-ул-вақоеъ» (1956) роҷеъ ба анъанаҳои нависандаи забардасти воқеанигори асрҳои XV-XVI Зайниддин Маҳмуди Восифӣ маълумот дода, то андозае аз ҳодисаҳои ин давраи таърихӣ, ки солҳои охири салтанати аҳди Темуриёнро дарбар мегирад, маълумотҳои батафсил додааст.

Вобаста ба ин, муҳаққиқ оид ба ҷангу ҷидолҳои хонадони Темуриён аз ҷумла чунин менависад: «Самарқанд, ки дар он вақтҳо маркази давлатии Мовароуннаҳр ба шумор мерафт, дар ҷангҳои байни Шайбонихон ва авлоди Темур (масалан Заҳириддин Бобур) ҳар рӯз аз дасте ба дасте мегузашт ва соат ба соат хaробтар мешуд…» [127, С.12].

Устод Айнӣ дар баррасӣ ва баёни ин давраи таърихӣ хизмати арзанда намуда, ба бисёр масоили норавшану баҳсталаби давраи мавриди таҳқиқ дар асоси сарчашмаҳои муътамади таърихӣ бо далелҳои амиқи илмӣ равшанӣ андохтааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки як идда олимони ӯзбек ҳанӯз дар аҳди шуравӣ саъю талоши зиёде кардаанд, ки ин чеҳраи манфурро дар саҳифаи таърих бо он ҷиноятҳои содиркардааш ба таври «созанда» ҷилва диҳанд. Бояд гуфт, ки воқеан саъю талошҳо барои гузоштани пайкараи Темур дар Ӯзбекистон ҳанӯз аз солҳои 60-уми асри XX ба миён омада буд. Мавриди зикр аст, ки то имрӯз як идда аз муаррихони ӯзбек иддаои он доранд, ки асари «Тузукоти Темурӣ»-ро маҳз Темур навиштааст. Муҳаққиқ ва шарқшиноси барҷастаи рус академик В.В. Бартолд, ки қисми зиёди асарҳои ӯ маҳз ба ҳамин давра бахшида шудааст, асари «Тузукоти Темурӣ»-ро мансуб ба Темур

донистан як навъ иштибоҳи беасосӣ мепиндорад [147, С.201; 441, С.149-154]. Масалан, дар ҳамин давра сармуҳаррири маҷаллаи «Гулистон» Алихон Соғунӣ асари «Тузукоти Темурӣ»-ро дар як чанд шумораҳои ин маҷалла бо забони ӯзбекӣ тарҷума ва нашр карда онро билкул моли Темур мансуб донистааст.

Ин мақола дар байни олимони шуравӣ вокунишеро ба бор овард. Аз ҷумла, академик Аҳрор Мухторов дар ҳамуаллифи бо нависанда Раҳим Ҳошим мақолаеро зери унвони «Журнали «Гулистон» Алихон Соғунӣ ва Темури ланг» [441] дар маҷаллаи «Садои Шарқ» бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ зери тозиёнаи танқид гирифтанд. Ҳамзамон, муаллифон қайд мекунанд, ки «…ба қалами худи Темур тааллуқ доштани «Тузукот»…беасос ва аз ҳақиқат дур мебошад. Агар ин асар,…аз тарафи худи «ҷаҳонгир» таълиф меёфт, муаррихони давраи Темур, ки асарҳои худро бевосита пас аз марги вай навиштаанд, дар таълифоти худ ҳатман ба он истинод карданашон лозим буд» [441, С.150].

Бояд гуфт, ки таҳлили муаллифон роҷеъ ба ваҳшониятҳои Темур ва Темуриён аз ҷиҳати илмӣ асосноку ҷиддист.

Иддае аз муаррихини узбек даъво аз он доранд, ки Темур калламанораҳо бунёд накардааст, гӯйё ин ҳама суханони бофтаи як идда муаррихонест, ки нисбат ба Темур нафрат доштанд.

Барои исботи ин далел метавон ба муаррихи аҳди Темурӣ Ҳофизи Абрӯ, ки бевосита аз соли 1386 дар сафарҳои ҷангии Темур ҳамроҳӣ мекард ва он ваҳшонияте, ки аз ҷониби Темур ва лашкариёни ӯ дар шаҳру деҳотҳои гуногун содир мешуд, мушоҳида кардааст: «Ин банда, ки муаллифи ин китоб аст бо хидмати мавлонои аъзам Шаҳобуддин Абдуллоҳ Лисон аз дарвозаи Туқчӣ, то ба қалъаи Табаррук, ки як нисфи девори Исфаҳон аст, аз беруни шаҳр дар он рӯз мегузаштем, манораҳо, ки аз сарҳобароварда буданд, бисту ҳашт манора шумурдем, ҳар манора аз ҳазор сар зиёда буд ва ба ду ҳазор намерасид, чунонки дар якдигар ҳазору панҷсад метавонист гирифт ва бар он

тарафи дигари шаҳр ҳам буд. Аммо кам ва он ҳол дар авохири шаввол санаи тисъа ва самонин ва сабъумиа воқеъ шуд…» [102, С.667].

Бояд гуфт, ки аз муҳтавои илмии осори муҳаққиқони шуравии солҳои 50-60-ум дар боло ишораёфта бармеояд, онҳо воқеан ба осори ҳунармандиву фарҳангии аҳди Темур ва Темуриён таваҷҷуҳ карда, аз таҳлили баррасии вазъи сиёсиву иқтисодии ин давраи таърихӣ то андозае аз madди назар берун мондааст.

Таърихи давраи таҳқиқшуда дар маҷмуаҳои интишоршудаи «Маводҳо оид ба таърихи туркманҳо ва Туркманистон», «Маводҳо оид ба таърихи Осиёи Миёна ва Марказии асрҳои X-XIX» ва «Намунаҳои ҳуҷҷатҳои расмии тоҷикӣ», «Маҷмуаи дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои РСС Ӯзбекистон», «Маводҳо оид ба таърихи Осиёи Миёна ва Марказии асрҳои XV-XIX», «Маводҳо оид ба таърихи РСС Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон» ва ғайра инъикос ёфтааст [242, 243, 445, 302, 244, 245].

Дар рисолаи И. Муминов зери унвони «Роль и место амира Тимура в истории Средней Азии в свете данных писменных источников» [258], ки соли 1968 ба тасвиб расидааст. Муаллиф кирдорҳои Темурро барои «бунёдкориҳояш» ситоиш намудааст, академик А. Турсунов дар китобаш «Қирони саъд» аз вохӯрии худ бо Б. Ғафуров доир ба паҳлуҳои мухталифи таърих суҳбат намуда, аз ҷумла дар бораи олими ӯзбек И. Муминов ва рисолаи ӯ чунин изҳори назар дорад: «…дар бораи мақоми таърихии амир Темур чунон як китоби пурафсонаву пурғалат навишт, ки дахолату далолати таърихчиёни рус лозим омад» [323, С.157]. Воқеан пас аз интишори рисолаи мазкур аз ҷониби як идда олимон ба мисли А.П. Новоселсев [444, С.3-20] олими ӯзбек М. Абдураимов [361, С.83-90], зери тозиёнаи танқид қарор дода шуд.

Аз 23 то 27 сентябри соли 1970 дар шаҳри Самарқанд симпозиуми байналхалқи доир ба санъати замони Темуриён баргузор гардид.

Соли 1974 муаррих Б.В. Лунин «Историография общественных наук в Узбекистане. Био-библиографические очерки» [207] ба тасвиб мерасонад, ки

дар он муҳаққиқ оид ба муаррихони аҳди Темуриён Ғиёсуддини Алӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ, Ҳофизи Абрӯ, Заҳуриддин Бобур мирзо ва осори онҳо ботафсил маълумот додааст.

Сарчашмаҳо иттилоъ медиҳанд, ки Улуғбек маҳз бо кӯмак ва дастгирии бевоситаи олимони саршиноси тоҷик, монанди Қозизодаи Румӣ, Ғиёсуддини Ҷамшед, Алии Кушчӣ ва дигарон дар Самарқанд расадхона бунёд кардааст [96, С.34-38; 313, С.119; 216, С.369-384; 203, С.378; 213, С.213-231]. Ба касе пӯшида набояд бошад, ки олимони болозикре, ки дар ин расадхона кору фаъолият менамуданд, ба Улуғбек дар навиштани асарҳои илмӣ роҷеъ ба ситорашиносӣ «кумаки хеш»-ро дареғ надоштаанд. Ҳамзамон, шахсияти Улуғбек дар осори олимони давраи шуравӣ аз ҳад зиёд ситоиш шудааст. Сабаби инро тавре ки муаррихи тоҷик Ҳ. Камол зикр мекунад: «Сабаби ин эҳтимол дар он буд, ки дар аҳди шӯравӣ бар хилофи таълимоти динӣ дидгоҳи атеистӣ тарғиб мешуд. Аз ин рӯ, Улуғбек ҳамчун як мухолифи аршади руҳониёни мусулмон барои таблиғоти моддипарастии он давра аз ҷониби муҳаққиқони минбаъда шахси хеле муносиб буд» [419, С.19].

Ба муҷиби гуфтаҳо метавон хотирнишон намуд, ки дар аҳди шуравӣ як гурӯҳ олимони узбек ва нависандагон бо асарҳои бадеии худ низ аз Темур ва ворисони ӯ як шахсияти «созанда» ва симои намоёни таърихи сохтан кушишҳо мекарданд. Масалан, Маҳмадалӣ Маҳмудов романе зери унвони «Қуллаҳои ҷовид» (1981) ба тасвиб мерасонд, ки дар он Темур ҳамчун симои намоёни таърихӣ намудор мешавад. Интишори ин роман боиси баҳси як идда олимони тоҷику рус гардид.

М. Маҳмудов дар осори адабиаш чунин зикр мекунад: «Хатогии Темур ин буд, ки ба онҳое, ки ба миллатҳои бегона мансуб буданд, аз шаҳрҳои азиме монанди Бухоро, Самарқанд, Ҳирот ҷой дод…Агар ман ба ҷойи Темури бузург мебудам, ҳамаи мардони онҳоро яке боқӣ нагузошта, қир менамудам ё ҳамаро ахтаву ғулом мекардам» [343, С.233].

Адабиётшиноси барҷастаи тоҷик, академик М. Шакурӣ дар радифи романи бадеии М. Маҳмудов хеле воқеъбинона оид ба шахсияти Темур ва набераи ӯ Бобур мирзо чунин изҳори назар кардааст: «Темур на давлати мутамарказ, балки як императории нопайдоканоре сохту барои ин халқҳои бешуморо бар зарби теғ зери даст овард, чандин бор калламанораҳо барпо намуд… Бобур ҳам дар Ҳинд калламанора барпо карда буд, вале олимону нависандагони имрӯз, ки дар бораи Бобур бисёр асар навиштаанд, аз ин хусус хомӯш мондаанд» [343, С.239].

Мавсуф дар ҷойи дигар нисбат ба Темур чунин овардааст: «Камина ақида дорам, ки имрӯз бузургдошти Темур таҳқире дар ҳаққи ёди таърихии халқҳоест, ки ин ҷаллоди кофирро фаромӯш накардаанд! Дар ин сурат, бояд дар ёд дошта бошем, ки теғи хуншори Темур, хусусан, дар болои сари тоҷикон бештар дар ҷавлон буд» [343, С.240].

М. Шакурӣ ҷойи дигар менависад: «Истилои муғул маъракаи тоҷиккушӣ буд. Ин маърака дар аҳди Темур ва пас аз садаи 15 низ давом ёфт» [343, С.239-66].

Аммо, бояд қайд кард, ки новобаста ба андешаҳое, ки болотар зикр шуд дар аҳди истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ бахшида ба 660 солагии Темур, ки санаи 23-26 октябри соли 1996 дар шаҳри Тошканд конфронси байналмилалӣ-илмӣ зери унвони «Амир Темур и его место в мировой истории» (Амир Темур ва мақоми ӯ дар таърихи ҷаҳон) баргузор гардид. Дар маҷмуа маводи фишурдаи 89 нафар олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар оид ба паҳлуҳо ва ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти Темур маърузаҳои худро ба тасвиб расониданд. Аз ҷумла, мақолаҳои Б. Ахмедов «Международное положение Мавераннахра во второй половине XIV в.» [373, С.5-8], А. Буриев «К исторической географии Центральной Азии XIV-XV вв. (по Темуридским источникам)» [391, С.24-25], Н.О. Турсунов «Из истории и этнографии городов Уструшаны, Худжанда, Ферганы, в эпоху Темура и Темуридов» [478, С.48-49], Джо-Анн Гросс «Внешние связи Накшбанди Центральной Азии в позднем

периоде правления Темуридов» [407, С.55-57], У.Уватов «Арабские источники об Амире Темуре и Темуридах» [482, С.93-95] ба нашр расиданд.

Як нуктаро ёдрас шуд, ки мутаассифона, як идда олимони узбек дар замони истиқлолияташон таваҷҷуҳи бештарро ба мавзуъҳои ҳаёт ва фаъолияти Темур ва Темуриён бахшиданд. Бо ҳар роҳу восита саъю талош меварзиданд, ки ин чеҳраи «таърихӣ»-ро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ ва ситоиш намоянд. Барои ин аз ҳама ҳақиқати таърихӣ сарфи назар доранд. Ҳол он ки, дар аҳди шуравӣ олими узбек А. Абдураҳимов дар заминаи сарчашмаҳои хаттӣ мақолаи калонҳаҷмеро дар бораи кирдорҳои бераҳмонаву ваҳшониятҳои Темур дар Мовароуннаҳру Хуросон хусусан Хоразму Ҳирот нашр намудааст.

Метавон гуфт, ки доир ба ин давраи таърихӣ соли 1992 олими узбек Т. Саидқулов дастури таълимие таҳти унвони «Очерки историографии истории народов Средней Азии» [289, С.67-74] ба тасвиб расондааст. Дар боби чоруми дастур, ки аз ду зербоб иборат аст, дар бораи таърихнигории давраи Темур ва Темуриён маълумот додааст. Бояд тазаккур дод, ки муаллиф дар рисолаи худ ба пуррагӣ дар бораи муаррихони ин давраи таърихӣ маълумот надодааст. Инчунин, муаррихони узбек дар корҳои илмӣ ва таҳқиқотии худ бештар ба маъхазҳое, ки шарқшиносони аврупоӣ мавриди истифода қарор додаанд, иктифо намудаанд.

Муаррихи узбек Д. Юсупова рисолаеро зери унвони «Жизнь и труды Хондамира» [350] ба тасвиб расонда, дар он омӯзиши тарҷумаи ҳоли эҷодии олим, муаррихи барҷастаи Ҳирот, нависандаи асри XVI Хондамир таҳқиқ шудааст. Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи тамоми сарчашмаҳои ибтидоии мавҷуда, пеш аз ҳама, осори худи Хондамир, даврабандӣ ва инчунин баррасиҳои осори олим, ки то мо расидаанд оварда шудаанд. Дар рисолаи ӯ инъикоси вазъи илму фарҳанги Осиёи Миёна ва қисман Ҳиндустони шимолӣ дар асрҳои XV-XVI таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Тадқиқоти Р.Н. Набиев «Шуриши сарбадорон» [213, С.158-162] ба омӯзиши ҳаракати омма, ки сарбадорон сарварӣ мекунанд, бахшида шудааст. Асар дар асоси маъхазҳои гуногун бо ҷалби маълумотҳои нав таҳия гардида беадолатӣ ва бераҳмиҳои Темурро нисбат ба сарбадорон батафсил инъикос кардааст.

Нуқтаи назари муҳаққиқи ватанӣ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ низ дар бораи асли баромади Темуриён чунин аст: «Умуман худи сулолаи Темуриён ба халқҳои муосири Осиёи Марказӣ мансубият надорад. Темуриён аз рӯйи баромадашон чингизиён-муғулон буда, ба худ руҳияи маданият ва анъанаи бисёри эронӣ-тоҷикӣ гирифта буданд, забони ҳуҷҷатгузории давлатии онҳо форсӣ-тоҷикӣ буда, лаҳҷаи зиндагии оилавӣ муғулӣ-чағатой буд» [270, С.498-499].

Дар ишора ба ин масъала Ибни Арабшоҳ чунин зикр мекунад: «Гуфтаанд, ки Шоҳрух ёсои Чингизиро ба кор набаст ва фармуд, ки сиёсати мулк, бар асоси қавоиди исломӣ гузаронд ва маро ин сухан дуруст наёяд, ки эътиқоди эшон бад-он кеш бисёр сареҳу ошкор мебуд» [40, С.237].

Бояд гуфт, ки муаллиф аз мусулмони комил будани Шоҳрух ба амсоли падараш Темур низ бо шубҳа менигарист, зеро кулли ин хонадон воқеан ба ёсоқи чингизӣ такя мекарданд. Ба ҳамин тариқ, бо вуҷуди таъсири ислом расму оини Чингиз то аз байн рафтани сулолаи Темуриён аз ҷониби Муҳаммад Шабонихон идома дошт.

Дар замони истиқлолият, махсусан таърихнигории тоҷик доир ба ҳокимияти Тему рва ворисони ӯ як силсила осори таҳқиқӣ аз ҷониби олимон ва муаррихони тоҷик ба сомон расонида мешавад. Аз ҷумла, асару монографияҳои Л.Н. Додхудоева «Темуриды: Тенденции политического, социального и экономического развития» [197, 196], «Шаробхорагӣ мӯҷиби марги Темурланг» [529], «Темур дувумин чеҳраи хунрези таърих» [367], Амир Темур. Основные этапы деятельности (1360-1405 гг) [326], «Сарбадорони Самарқанд» [168], «Таърихи як ҳақиқат ё ҳақиқати як таърих» [534], «Андар

шинохти чеҳраи воқеии Темурланг» [455], «Денежное обращение древного и средневекового Хатлона [195] аз зумраи онҳост.

Дар ин асарҳое, ки зикрашон дар боло рафт, оид ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон маълумотҳои нисбатан пурра оварда шудааст.

Инчунин, дар рӯзномаи «Зиндагӣ» мақолае зери унвони «Шаробхорагӣ муҷиби марги Темурланг» [529] интишор ёфт, ки муаррих бо такя бо асари Ибни Арабшоҳ ва Ҳофизи Абрӯ оид ба лашкаркашии Темур ба Хитой ва дар Утрор аз шаробнӯшии зиёд ба беморӣ дучор шудан ва талошҳои табибон барои барқарор кардани вазъи сиҳатии ӯ, фавти Темур ва интиқоли ҷасад ба Самарқанд маълумоти ҷолиби зарурӣ пешниҳод кардааст.

Мақолаи дигари муаллиф зери унвони «Мироншоҳ нусхае аз Темурланг» [527] дар ду шумори рӯзномаи «Зиндагӣ» роҷеъ ба ваҳшониятҳои Мироншоҳ дар минтақаҳои мухталиф, бунёди калламанора дар Ҳирот аз сари тоҷикони ғур, вайрону валангор кардани шаҳрҳои обод аз ҷониби ӯ бо истифода аз манбаъҳои нави таърихӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Хулоса, Темур баъд аз Чингизхон дувумин яке аз чеҳраҳои манфури таърихӣ аст, ки аз ҷаҳонкушоёни бузурги олам дигар касеро наметавон аз вай пеш гузошт, зеро дар бисёр маврид ӯро аз Чингизхон ҳам бераҳмтар хондаанд.

Таърихнигор Ҳамза Камол дар баррасӣ ва баёни ин давраи таърихӣ хизмати арзанда намуда, бисёр масоили норавшану баҳсталаби давраи мазкурро дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва матнҳои аслӣ батафсил таҳқиқ кардааст.

Бо муҷиби гуфтаҳои боло, чунон ки ишора кардем, роҷеъ ба омӯзиши баъзе ҷанбаҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии аҳди Темуриён аз ҷониби олимон, донишмандон, муаррихон ва шарқшиносони

муосири тоҷик ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифтааст.

Баъзе аз муаррихини шӯравии собиқ ба амсоли В.В. Бартолд, В.А. Ромодин, И.П. Петрушевский ва дигарон ба таври умумӣ ин мавзуъро аз назари таҳқиқ гузаронидаанд. Муҳаққиқи шӯравӣ В.А. Ромодин ба таври умумӣ таърихи Темуриёнро дар китоби «Таърихи Афғонистон» [241] ҷой додааст. Навиштаҳои ин муаррих дар қаламрави шуравии собиқ аз беҳтарин маълумоти ин давра маҳсуб мешавад. Муаллиф беш аз панҷоҳ саҳифаи онро ба таҳлили ҳокимияти Темур ва аҳди Темуриён бахшидааст. Дар асари мазкур баъзе масъалаҳо ба таври умумӣ ва дар ҷойи дигар аз он масъалаҳо ба таври муфассал таҳлил шудааст. Бо вуҷуди ин, дар асари мазкур баъзе масъалаҳо ба таври маҳдуд арзёбӣ шуда, аксари онҳо аз ҷониби муаллифон сарфи назар шудаанд. Муҳаққиқ бештар ба масъалаи ба сари қудрат омадани Темур, ҳуҷуми Темур ба Ҳирот ва шикасти давлати Куртҳои Ҳирот, лашкаркашии Темур ба Хуросон, зимомдории Шоҳрух дар Ҳирот, маданият ва санъати Ҳирот дар аҳди Шоҳрух, лашкаркашии Улуғбек ба Ҳирот, талошҳо пас аз фавти Улуғбек барои ба даст овардани қудрат байни хонадони Темуриён, зимомдории Ҳусайн Бойқаро ва шикасти давлати Темуриён дар Хуросон аз ҷониби Муҳаммад Шайбонихон таваҷҷуҳ намуда, масъаларо батафсил таҳлил намудаанд. Масалан, муносибати Темур бо амир Ҳусайн, муборизаи онҳо ба муқобили хонҳои муғул ва ҷангҳои пайвастаи онҳо дар дохили Мовароуннаҳр ва Хуросон, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ мухтасар таҳлил шудааст, мутаассифона, ҳаёти маданиву фарҳангӣ ин давраи таърихӣ, махсусан давраи Темур ва ворисони ӯ муаллифон то як дараҷа дур мондааст.

Мавриди зикр аст, ки дар Афғонистон ба омӯзиши давлати Темуриён бештару беҳтар диққат дода шудааст. Аз ҷумла, муаррихони ин сарзамин монанди Ғарҷистонӣ, Муҳаммад Ғубор ва Муҳаммад Собир Коргар дар

баррасиву таҳқиқи авзои сиёсию иҷтимоии давраи Темуриён як қатор асару рисолаҳои таҳқиқӣ ба анҷом расонидаанд, аммо мутаассифона, бисёри масоили ин давра ба таври умумӣ шарҳу тафсир шудааст.

Муаррих Мирғулом Муҳаммад Ғубор (1895-1978) роҷеъ ба тарзи зиндагии Темур чунин менависад: «Намунаи мисол дар ҷаҳонгирӣ ва хунхорагӣ барои Темур Чингизхон буд. Ҳанӯз дар ҳар қабилаву хонаи Мовароуннаҳр Чингизхон сароида мешуд ва Темур аз айёми туфулият онро мешунид ва дар ҳофиза месупурд. Чингизхон аз назари Темур бузургтарин қаҳрамони ҷаҳон ва сазовори пайравӣ буд. Ба ҳамин сабаб аст, ки Темури туркиюласл худро мансуб ба Чингизхони муғул намояд» [249].

Дар ҷилди сеюми асари муаррих Ҳ. Камол зери унвони «История таджикского народа» [215] муаллиф дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Темур, мубориза҅ҳои пайдарпай ӯ бар зидди хони муғул, «Ҷанги лой» ва шикасти шармандавори амир Ҳусайн ва Темур, шуриши сарбадорони Самарқанд, бо роҳи фиребу найранг ба қатл расондани роҳбарони шуриш аз ҷониби ин ду золим, кушташудани амир Ҳусайн аз ҷониби Темур, ба сари қудрат омадани Темур дар Мовароуннаҳр, ҳуҷуми Темур ба Хуросон, аз байн бурдани давлати Куртҳо, кушта шудани ин хонадон аз ҷониби ин золим, лашкаркашии Темур ба Хитой ва фавти ӯ, ба сари қудрат омадани Халил султон, асир шудани Халил султон аз ҷониби амир Худойдод, раҳо намудани Халил султон аз ҷониби Шоҳрух, ба сари қудрат омадани Улуғбек дар Мовароуннаҳр, вазъи сиёсии Хуросон пас аз фавти Шоҳрух, ҳуҷуми Улуғбек ба Ҳирот, дастури Улуғбек барои ғорат кардани шаҳри Ҳирот аз ҷониби лашкариёнаш, кушта шудани Улуғбек бо дастури писараш Абдулатиф, ба сари қудрат омадани Абдулло ва султон Абусаид, муттаҳид шудани Мовароуннаҳру Хуросон дар аҳди султон Абусаид, ба қатл расидани султон Абусаид аз тарафи…ба сари қудрат омадани Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон, ҳокимони Мовароуннаҳр султон Аҳмад, Маҳмуд, Бойсунғур ва султон Алӣ

ва аз байн рафтани давлати Темуриён аз ҷониби Муҳаммад Шайбонихон бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ мавриди таҳқиқи пурра қарор гирифтааст.

Муаллиф ҳангоми таҳлилу баррасии давраи мазкур доир ба беадолатӣ, зулму истибдоди хонҳову амирон, макру риё, фитнаву мансабталошӣ, дастдарозиҳои аҳли дарбор, ҷангҳои ғоратгаронаи онҳоро, ки боиси хонахаробии мардум мегардиданд, бо далелу санадҳои қотеъ нишон дода, кушоду равшан амалҳои зишташонро маҳкум кардааст.

Боби якуми рисолаи Ҳ. Камол таҳти унвони «Политическое положение Центральной Азии на рубеже XV-XVI вв [225, С.48-97] ба таҳлили илмии вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони асри XV бахшида шудааст. Муаллиф дар рисолаи худ вазъи нобасомоне, ки хонадони Темуриёнро баъд аз фавти Темур фаро гирифта буд, аз ҷумла, чунин масъалаҳоро: бо дастгирии хони Дашти Қипчоқ Абдухайрхон ба сари қудрати Мовароуннаҳр омадани Абусаид набераи Мироншоҳ; пас аз фавти Абулқосим Бобур соли 1457 ба сари қудрати Мовароуннаҳру Хуросон нишастани Абусаид; пас аз фавти Ҷаҳоншоҳи туркман лашкаркашидани Абусаид ба Эрони ғарбӣ ва асиру кушта шудани ӯ; ба сари қудрати Мовароуннаҳр омадани фарзандони Абусаид, султон Аҳмад, султон Маҳмуд ва охирин намояндаи Темуриён дар Мовароуннаҳр султон Алӣ; ба сари қудрат омадани Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон; ҳуҷуми Муҳаммад Шайбонихон ба Хуросон ва аз байн рафтани давлати Темуриён ва дигар масоили ба ин монандро бо истифода бо дарназардошти такя ба манбаъҳои муътамади таърихӣ хеле густурда мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Бояд қайд кард, ки бартарии рисолаи Ҳ. Камол зери унвони «Политическое положение Центральной Азии на рубеже XV-XVI вв» дар он аст, ки муаллиф оид ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии давраи мазкур батафсил маълумот додааст. Муаллиф қариб ба тамоми ҷузъиёти масоили муҳими ин давраи таърихӣ мароқи хосса зоҳир намуда, осори қаблан рӯи кор омадаи муҳаққиқонро тақвияти ниҳоят ҷиддии илмӣ бахшидааст.

Бояд қайд кард, ки дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои илмӣ-оммавӣ ва маҷмӯаҳои илмӣ оид ба масоили ин давраи таърихӣ, як қатор мақолаҳо ба тасвиб расидааст, метавон феҳристи зиёди мақолоти муаллифони онҳоро овард.

Бояд тазаккур дод, ки дар замони истиқлолият доир ба авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV муаррихи тоҷик Ҳамза Камол на танҳо дар асарҳои худ, балки дар як қатор рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ мақолаҳои ӯ доир ба хунхорӣ ва золимии аҳли хонадони Темур ва темуриён дар асоси маъхазҳои боэътимод дар маърази таҳлил қарор додааст.

Ҳ. Камол ва А. Шарифзода дар мақолае зери унвони «Асрори дафни Темурланг» [526, С.15-22] дар хусуси марги Темур, ба Самарқанд овардани ҷасади ӯ ва макони дафнаш ба рисолаи Ибни Арабшоҳ таваҷҷуҳ намуда, ахбори ӯро дар ин хусус барҳақ донистаанд. Аз ҷумла, навиштаанд: «Муҳимтар аз ҳама Ибни Арабшоҳ хабар медиҳад, ки баъди муддате ҷасади Темурро ба тобути филизӣ, ки пешаварони Шероз сохта буданд, гузошта, мадфун месозанд» [526, С.21].

Барои ҳалли масъалаи дигари баҳсталаб, дақиқ муайян кардани қабри Темур ақидаҳои гуногун вуҷуд доштанд. Бояд қайд кард, ки устод Айнӣ яке аз шоҳидони бевоситаи канда шудани қабри Темур ва аҳли хонадони ӯ дар мақбараи Гӯри Амир буд, ки тафсилоти онро академик С.Табаров дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» таҳти унвони «Таърихи як ҳақиқат ё ҳақиқати як таърих» [534], муфассал баён намудааст.

Моҳи июни соли 1941 муҳаққиқон мехостанд мушаххас намоянд, ки Темур дар ҳақиқат дар мақбараи Гӯри Амир дафн шудааст ё на. Чунки Абдутоҳири Самарқандӣ дар асари худ «Самария» қайд намудааст, ки ҷасади Темур дар мақбараи Гӯри Амир вуҷуд надорад. Тибқи иттилои муаллифи «Самария» гӯё Шоҳрух аз фавти падараш Темур огоҳ мегардад, аз Ҳирот ба Самарқанд омада, ҷасади ӯро дар ҷойи дигар мегӯронад. Иддаи дигаре мегуфтанд, ки қабри Темур дар Утрор аст.

Бо ҳамин мақсад тахтасанги болои қабри Темурро, ки 240 пуд, ё ки 3840 киллограм вазн дошт мебардоранд. Ҳангоми кушодан, ҳайати комиссия дар тааҷҷуб монданд, чунки онҳо ҷасади Темурро на дар кафан, балки дар тобут дарёфтанд [534]. Садриддин Айнӣ, ки он вақт ҳамчун иштирокку-нандаи ҳафриёт дар кушодашавии қабри Темур ҳузур дошт, тааҷҷуби аъзоё-ни комиссия ва экспедитсияро аз нуқтаи назари таърихӣ чунин шарҳ медиҳад: «Одатан мусулмонҳо мурдагони худро бе тобут мегӯронианд, ам-мо вақте ки наъшро аз ҷои дур меоваранд, ҳатман барои он тобут месохтанд, то ки ҷасад дар вақти аз роҳҳои дур овардан маҳфуз монад» [534].

Бо муҷиби гуфтаҳои боло, аз суханони устод Айнӣ чунин хулоса кар-дан мумкин аст, ки Темур на бо расму русуми мусулмонӣ, балки бо оини муғулӣ дафн шуда буд. Дар эътиқоди ӯ дини ислом воситаи амалӣ сохтани мақсадҳои ғаразноки сиёсӣ маҳсуб меёфт.

Маълум аст, ки дар чанд даҳсолаҳои охир аз ҷониби як гурӯҳ муарри-хин асарҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ ба майдон омаданд, ки бо истифода аз ман-баъ ва сарчашмаҳои муътамади таърихӣ авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва адабии аҳди Темур ва Темуриёнро, баррасӣ кардаанд. Зимнан бояд қайд аст, ки соли 2008 ҷилди дуюми таърихи халқи тоҷик барои донишҷӯёни мак-табҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаррихон Н.Н. Неъматов., Н. Амиршоҳӣ, А.К. Мирбобоев., Ҳ. Пирумшоев ба тасвиб расиданд, ки дар ин асар маълумоти зиёд дар бобати авзои сиёсию иҷтимоии даврони салтанати Темур ва хонадони ӯ оварда шудаанд. Муаллифон дар ин самт ба вазъи қабл аз ҳукумронии Темур, аз қабили давлатҳои тоҷикӣ, ки то ин дам дар минтақа вуҷуд дошта, ҳуҷуми хонҳои муғул ба Мовароуннаҳр ва задухӯрди амир Ҳу-сайн ва Темур бар зидди онҳо, «Ҷанги лой» ва шикасти амир Ҳусайн ва Те-мур, шикастхӯрдани муғулҳо аз ҷониби роҳбарони шуриши сарбадорони Са-марқанд, хиёнати амир Ҳусайн ва амир Темур нисбат ба роҳбарони шуриши сарбадорони Самарқанд, ба сари ҳокимият омадани Темур, лашкаркашиҳои

Темур ба Хоразм ва Хуросон, куштору қатли ом ва бунёди калламанораҳо дар сарзаминҳои ишғолшудааш, ба хокистар мубаддал сохтани шаҳрҳои обод, ғоратгариҳои ҳангуфт, вазъи императории Темур пас аз марги ӯ ва ҳукмрони олу авлодаш, дар минтақаҳои мухталиф батафсил таҳқиқ шудаанд. Инчунин, муаллифон дар зербоби панҷуми рисола оид ба «Исёнҳои маҳаллии тоҷикон пас аз марги Темур алайҳи хонадони Темуриён» [270, С.482-492] маълумоти нисбатан комилро пешниҳод кардаанд. Дар асари мазкур доир ба муносибати Ҳофизи Абрӯ нисбат ба тоҷикони Ғӯр, ки бар зидди хироҷғундо-рони Темурӣ исён бардошта буданд, назари андеша ронда аз ҷумла оварда-анд: «Ҳуҷуми Ғӯриён ба хироҷғундорони давлати Темурӣ худ баёнгари он аст, ки мардум аз супоридани боҷу хироҷҳои мутааддиди миёншикан ба дод омада, бад-ин хотир аз ноилоҷӣ бо «думи шер бозӣ кардаанд», на ин ки «аз ғояти кор ноандешида» ба ин амали марговар даст задаанд» [270, С.486]. Аммо, бояд қайд кард, ки Шоҳрух аз ҷониби як идда муаррихини аҳди Тему-риён ҳамчун «шоҳи одил» пазируфта шудааст, аммо набояд фаромӯш сохт, ки ӯ дар давраи зимомдории худ маҳз дар Мовароуннаҳру Хуросон даст ба ҳамон кирдорҳое задааст, ки то ин дам Темур ба он даст зада буд.

Муаллифон дар ҷойи дигар зикр мекунанд, ки: «Иттифоқан агар нафаре аз онон «фарҳангӣ»-ю «одил» ҳам буда бошад, вале дар лаҳзаҳоти «даркорӣ» метавонист аз худ ваҳшонияте зоҳир кунад, ки ба солҳову асрҳо дигар ислоҳ напазирад. Ва пурра вайрон шудани сарзамини қобили киштy зироате чун Сиистони афсонавӣ танҳо тавассути ана ҳамин гуна ақвоми ваҳшӣ сурат ги-рифта метавонист, ки Шоҳрухи «илмпарвар»-и онон бад-он нуктаи таммат гузошт» [270, С.487].

Бешак, бояд қайд кард, ки таҳлили муаллифон доир ба ваҳшониятҳои Темур ва Темуриён хеле асосноку аз ҷиҳати илмӣ дақиқанд.

Муаллифон дар боби панҷум зери унвони «История таджикского наро-да» (ҷилди дуюм китоби якум) «Средняя Азия в монгольскую эпоху. Импе-рия Тимура» [214, С.289-363] дар бораи имтиёзҳои ҷангандаҳои қабилаҳои

кӯчии турки лашкари Темур, ки онҳоро Клавихо «чағатой» ном мебаранд [214, С.330], оид ба маҷбуран ба Самарқанд овардани олимон, табибон, ҳунармандон аз кишварҳои ишғолкардаи Темур [214, С.334], ниҳоят дар хусуси биноҳо ва меъмориҳои Самарқанд [214, С.345] маълумот додаанд.

Силсилаи мақолаҳои Ҳ. Камол монанди «Темур. Оё метавон аз ӯ чун мусалмон ва инсони мутадайин ном бурд?» [525, С.10-13] бо истифода аз қайдҳои сафари Клавихо, ки дар маҳфилҳои айшу нӯши Темур ширкат кардааст, аз аъмоли ғайри машруъ ва мутағайир бо дини ислом доштаи Темур ва хонадонашро дар назар дорад, маълумоти батафсил кардааст.

Дар мақолаи дигар зери унвони «Шаробхорагӣ муҷиби марги Темурланг» [529, С.17-23] бо баррасии қиёсии ахбори «Зафарнома»-и Шарафуддини Яздӣ, «Аҷоибу-л-мақдур фи ахбори Темур»-и Ибни Арабшоҳ ва сафарномаи Клавихо пиромуни гирифтор будани Темур ба шаробхорагӣ маълумот медиҳад ва муаллиф ба хулосае меояд, ки билохира бар асари ин шаробхорагӣ Темур ба ҳангоми лашкаркашӣ ба ҷониби Чин дар Утрор 18 феврали соли 1405 вафот мекунад.

Муаррих Ҳ. Камол дар мақолаи «Мироншоҳ-нусхае аз Темурланг» [527, С.12] бо такя ба ахбори Клавихо аз девонагиҳои Мироншоҳ, писари сеюми Темур қайд мекунад, ки аз соли 1393 ҳокими вилоятҳои ғарби Эрон таъйин гардида, ҳамарӯза ба шикору айшу нӯш машғул буд ва боре бар асари бархӯрд ба замин мағзаш садама дид ва баъд аз он ба хулқи ҷунунӣ гирифтор шуд.

Муҳаққиқ дар асоси далелҳои муътамади таърихӣ, вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлати Темуриёнро мушикофона тавсиф карда, ҳокимиятдории ҳар яке аз намояндагони Темуриро батафсил ва хеле густурда нишон додааст.

Муаррих Н. Амиршоҳӣ дар мақолаи «Темур-дуввумин чеҳраи хунрези таърих» [367, С.11-23] кирдорҳои Темурро монанди куштору қатли ом, вай-

рону валангор сохтани шаҳру деҳоти зиёде ва ғайраро бо такя аз манбаву сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ба риштаи таҳқиқ мекашад.

Доир ба ҳаёт ва фаъолияти Темур соли 2006 муаррих Т.Н. Турсунова рисолаи номзади дифоъ намуда, сипас онро дар шакли монография зери унвони «Амир Темур. Основные этапы деятельности (1360-1405)» [326] ба тасвиб мерасонад. Аммо бояд қайд кард, ки рисолаи мазкур аз ҷониби муаррих Л. Бойматов дар маҷаллаи «Фарҳанг», (2, 2008 март-апрел) зери унвони «Сохибкиран-термин панегиристов средневековья» зери тозиёнаи танқид қарор мегирад. Муаррих дар рисола пайваста аз Темур «соҳибқирон» ном бурдан ин худ бевосита аз дастгирии хунрезиҳои ин ҷоҳил баръало эҳсос мегардад. Ва бояд иқрор шуд, ки зери тозиёна қарор додани ин монография аз ҷониби Л. Бойматов то андозае қобили қабул аст. Ҳамзамон бояд гуфт, ки муаллиф дар рисолаи худ аз шуриши сарбадорони Самарқанд, рафти шуриш, корнамоии роҳбарони шуриш ва ғалаба аз болои аҷнабиёни муғул ва ҳатто номи роҳбарони шуришро ном набурдааст. Ба назар чунин мерасад, ки ин рисола бо дастури хоҷагони беруна дар Тоҷикистон дифо шудааст. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки манбаҳои истифода шудаи Н. Турсунова қариб ба пурраги аз адабиётҳои интишоршудаи ӯзбекӣ мебошад. Ҳоло он ки муаллиф мебоист дар кори худ аз адабиётҳои дасти аввал, ки бо забони форсӣ маҳфуз аст, истифода мекард, аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Муҳаққиқ Луқмон Бойматов рисолае зери унвони «Сарбадорони Самарқанд» ба тасвиб расонд, ки дар он аз боби «Ҷанги Лой» ва шикасти амир Темур ва амир Ҳусейн аз лашкари Илёсхоҷа ва фирори он ду тан ба Хуросон, заминаҳои ба вуҷуд омадани шуриши Самарқанд, ҳуҷуми роҳбарони шуриш бар зидди аҷнабиёни муғул ва шармандавор шикастхӯрдани онҳо аз ҷониби аҳолии Самарқанд, бо роҳу фиребу найранг ба даст овардани ҳокимияти Самарқанд аз ҷониби амир Ҳусайн ва Темур, кушта шудани роҳбарони шуриш

ва ғайра бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаррих аз ҷумла доир ба хиёнати Темур нисбат ба роҳбарони сарбадорони Самарқанд чунин нуктаи назар дорад: «Сарбадорон ба эҳё ва ҳифзи истиқлоли сиёсӣ ва миллӣ ва мазҳабии Мовароуннаҳр хидмати таърихӣ кардаанд ва пирӯзии амир Темурро ба Сарбадорон на ба унвони ҳимоят аз истиқлол, балки ба унвони таҷовуз ба истиқлоли онҳо бояд маҳсуб кард» [168, С.6]. Бояд гуфт, ки навиштаҳои муаррих Л.Бойматов роҷеъ ба таърихи шуриши сарбадорони Самарқанд то андозае хулосаи таҳқиқоти илмии муҳаққиқон ва донишмандони аҳди шуравӣ аст.

Аммо дар рисола баъзе нуқсонҳо, иштибоҳот, ҳолатҳои мавҳум ба мушоҳида мерасад, ки онҳоро метавон чунин қайд кард. Масалан, муаллиф дар баъзе мавридҳо аз муаррихон иқтибосҳое меорад, ки онҳо аз кадом асар ё маъхази хаттӣ гирифта шудани онҳо маълум нест. Ғайр аз ин, муаллиф ҳангоми баррасии мавзуъ манбаҳои таърихиро, ки бевосита истифода кардаанд, нишон надодааст.

Сарчашмаи дигаре, ки дар мавзуи мавриди таҳқиқи мо алоқамандӣ дорад, асари «Таърихи тоҷикони ҷаҳон»-и Мансур Бобохонов мебошад. «Салтанати амир Темур ва Темуриён дар сарнавишти тоҷикон нақшӣ манфӣ гузоштааст…Бузургтарин фоҷиа он буд, ки садҳо ҳазор нафар одамон, аз ҷумла тоҷикони Мовароуннаҳру Афғонистон, Эрону Ҳиндустон ва мамолики дигар ваҳшиёна ба қатл расонида шуданд…Ин ҳама дар маъхазҳо инъикос ёфта, тамоми мутафаккирони бузурги ҷаҳон онро маҳкум кардаанд. Дар ин хусус ҳеҷ гуна баҳс нахоҳад буд» [166, С.96].

Дар хусуси ҳодисаҳои таърихии давраи мазкур фикрҳои профессор А.А. Семёнов ҷолиби диққат аст, ки мегӯяд сари Улуғбек аз тан ҷудо меистод, пораи яктаги Улуғбек, ки боқӣ монда буд, астари шоҳӣ дошт. Ин бозёфт олимро ба тааҷҷуб мегузорад. Чунки матоъи шоҳӣ набояд ба бадани шахси мусулмон мерасид. Ин далели пӯшидани либоси абрешимӣ аз

ҷониби подшоҳи як кишвари мусулмониро ба ҳайрат меорад, зеро онро шариат қатъиян манъ кардааст [465, С.48].

Устод Б. Ғафуров ҳангоми суҳбат бо академик А.Турсунов аз рисолаи Иброҳим Муъминов «Роль и место амир Темура в истории Средней Азии в свете данных письменных источников» [258] ёдовар шудааст, ки дар он кирдорҳои Темур чунин шарҳ дода мешавад: «Муаллиф…бо саъю кӯшиши тамом васфу тараннуми Темури ланг барин қотили гузаро ва яғмогарро оғоз кард, ки ҳанӯз ҳам поён наёфтааст» [323, С.157].

Соли 2006 асари бунёдии Ғолиб Ғоибов зери унвони «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз» [189, С.268-310], ки таърихи Хатлонро аз давраи қадим то имрӯз фарогир аст, ба тасвиб мерасад. Муаллиф дар асари таҳқиқии худ ба давраи Темур ва Темуриён низ дахл кардааст.

Ӯ инчунин, зерфасли сеюми асар «Вазъи умумии Хатлону Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XIV. Муборизаи Темур барои расидан ба қудрат», ки доир ба авзои сиёсии вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV маълумот медиҳад, дар асоси такя ба «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ таҳқиқ кардааст.

Дар фасли дуюм «Ҳуҷуми якуми Туғлуқтемурхон ба Мовароуннаҳр» ба таҳлилу баррасии ҳуҷуми Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр, фирори Темур ва ҳокими Кеш Ҳоҷӣ барлос ба Хуросон ва дигар ҳолатҳо сурат гирифтааст. Фасли сеюм «Ҳуҷуми дуюми Туғлуқтемур ба Мовароуннаҳр» унвон дошта, муаллиф дар ин фасл роҷеъ ба бори дуюм лашкар кашидани Теғлуқтемурхон ба Мовароуннаҳр дар соли 1361 ва бори дуюм фирор кадани Ҳоҷӣ барлос ба Хуросон ва ба қатл расидани ӯ дар деҳаи Хурошаи Сабзавор ва кушта шудани Баёни сулдӯз таваҷҷуҳ кардааст. Дар зерфасли «Амир Темур ва амир Ҳусайн ва ҷангҳо дар Хатлон» шикасти амир Ҳусайн ва амир Темур аз ҷониби Туғлуқтемур ва фирори онҳо ба Хева ва задухӯрди онҳо бо хони Хева ва шикасту рӯ ба гурез овардани онҳо ба Тӯсу Систон, Темур ҳангоми рабудани

гӯсфанд ва тир хӯрдани ӯ ва як умр ланг шудани ӯ таҳқиқ шудааст. Инчунин, дар ин зербоб доир ба саргардониҳои онҳо аз як мавзеъ ба мавзеъи дигар ва сипас вохурдани онҳо дар мавзеи Дашти Кӯлак (Данғара), раду бадали амир Ҳусайн бо Темур атрофи саркашии амири Балҷувон Шербаҳром, задухӯрди ин ду амир бо лашкари муғул дар мавзеи Пули сангин, шикасти хони муғул Илёсхоҷа писари Туғлуқтемур ва Давохон-Кобулшоҳи Уғлонро аз насли Чағатой дар Мовароуннаҳр хон таъйин намудан бо истифода аз сарчамаҳои хаттӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Боби Х-уми асар «Хатлон дар замони Темуру Темуриён» унвон дошта, аз чор зерфасл таркиб ёфтааст.

Аз ҷумла, муаллиф роҷеъ ба лашкаркашиҳои Темур ба ин минтақа ва исёни истиқлолиятхоҳии ҳокимони Хатлон Кайхусрав, Кайқубод, Шербаҳром ва Муҳаммадмирка бар зидди Темур, иштироки ҳокимони Хатлон дар лашкаркашии Темур ва амир Ҳусайн ба ин ё он минтақа, хусусан иштироки Кайхусрав дар аз байн бурдани амир Ҳусайн дар Балх ва ба сари қудрат омадани Темур ва хоинона кушта шудани Кайхусрав аз ҷониби Темур ва ғайра дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва маводҳои рӯидастомадаи бостоншиносон баррасӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки маълумоте, ки ховаршинос Ғ. Ғоиб роҷеъ ба ҳуҷуми Халил султон ба Ҳисори Шодмон аз Тоҷиддини Салмонӣ иқтибос овардааст, ҷолиби диққат буда, мо ин маълумотҳои комилро дар дигар сарчашмаҳо пайдо накардем: «шаш ё ҳафт маротиба ба Ҳисори Шодмон рафта, боре ҳам аз онҷо шодмон барнагашта буд» [189, С.298]. Бо муҷиби гуфтаҳои боло, зикр кард, ки ҳуҷумҳои Халил султон ба Ҳисори Шодмон низ дар ягон сарчашма ва манбаи таърихӣ бо сабабҳои номаълум дарҷ нагардидааст.

Бино бар он чизе, ки дар боло зикр шуд, ки муаллиф бори нахуст оид ба шӯриши соли 826/1423 зери унвони «Хурӯҷи сӯфиён дар Хатлон дар соли 826/1423» маълумот дода, афзудааст, ки дар ин шуриш пайравони Алии Ҳамадонӣ Хоҷа Исҳоқ ва Муҳаммади Нурбахш дар Хатлон бар зидди Шоҳрух исён бардоштанд. «Шоҳрух мирзо ба муқобили онҳо яке аз

мулозимони худ Боязиди Шайхро бо як дастаи лашкараш фиристод [189, С.318]». Ва ин шӯриш аз ҷониби лашкариёни Шоҳрух бераҳмона пахш карда шуд.

Роҷеъ ба ин ошуб ва оқибати он аз ин бештар маълумоте дар даст нест, тахмин гӯё Хоҷа Исҳоқ ё дар рафти амалиёти ҷанг ба ҳалокат расид, ё дастгир шуда, дар рамазони соли 1424 дар синни 94-солагӣ дар Балх ба қатл расонида мешавад.

Ховаршинос Зафари Мирзоён ба рисолаи Президенти собиқи Ӯзбекистон марҳум Ислом Каримов (тақриз ба китоби мавсуф, зери унвони «Маънавий юксалиш йӯлида»-Дар роҳи боззоии маънавӣ. На пути духовного возрождения. Тошканд, 1998) дар рӯзномаи «Нигоҳ» бо номи «Ислом Каримов вассофи Темури ланг» [531] ба тасвиб расонд, ки дар он ба суханони шубҳаноки И. Каримов нисбат ба Темур бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Муаллиф дар мақолаи худ аз асари ховаршиноси тоҷик Ҳ. Назарзода «К истории происхождения и расселения племён и народов Центральной Азии» («Аз торихи пайдоиш ва муҳоҷирати қабилаҳо ва миллатҳои Осиёи Марказӣ») иқтибосе овардааст, ки чунин мазмун дорад: «Ба таври умда қатлу куштори оммавии аҳолии таҳҷоии иронӣ, вайрону валангорсозии шаҳрҳо, тахриби заминдорӣ, ки асоси тамаддунро ташкил мекард, хусусияти хоси замони ҳукмронии муғулӣ буд, ки давраи ҳукумати Темур ва авлодони ӯ бо тамоми вижагиҳояш шомил ба он замон мебошад. Темур дар ин росто гарчи худро пушти пардаи исломӣ пинҳон мекард, аз Чингизхон комилан тафовут надошт. Бесабаб нест, ки дар адабиёти торихӣ вайро аз Чингизхон ҳам бештар разилу нафратангезтар тавсиф кардаанд» [531].

Боиси тааҷҷуби муаллиф он аст, ки И. Каримов дар баромади худ фарзандони барҷастаи миллати тоҷикро аз қабили «Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Имом Термизӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, Шарафуддини

Яздӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдураззоқи Самарқандӣ»-ро [531] мансуб будanашон ба миллати ӯзбек зикр менамояд.

Инчунин, И. Каримов дар асари худ пайдоиши қавми узбекро ба давраи Авесто мушобеҳ донистааст, ки ин худ боиси нигаронии муаллифи мақола гардидааст. Муаллиф бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба қавми ӯзбек ягон иртибот надоштани Темурро шарҳу эзоҳ додааст. Ҳамчунин, аз асари осори донишманди фаронсавӣ Рене Груссе «Императории саҳронавардон» нисбати қавми Темур дар мақолаи худ ҷой додааст: «Ҳамосаи темурӣ (агар бишавад як силсила хиёноту ғадру тазвиру қатли омро ҳамоса номид), ҳарчанд аз лиҳози нажодӣ турк буд, маъҳазо ҳамон ҳамосаи муғулист, ки бо таъхире зоҳиру падидор гаштааст» [531]. И. Каримов аз қавми муғул ва авлоди Чингизхон будани худ ор мекунад, ҳоло он ки тамоми манбаъ ва сарчашмаҳо аз он далолат мекунанд, ки Темур аз авлоди Чингизхон буд. Навиштаҷоти болои қабри ӯ бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки Темур воқеан ба қавми муғул ва маҳз аз авлоди Чингизхони хунхор буд. Муаррих аз асари И. Каримов иқтибосеро меоварад, ки чунин аст: «Баъзе торихчиён моро, ҳатто Амир Темурро низ ба авлоди Чингизхон, ба қавми муғул мепайванданд. Фикр карда бинед, бобоямон ба кадом миллат аст?» [531]. Даъвии И. Каримов асоси воқеи надорад, зеро куллӣ сарчашмаҳои таърихии аҳди Темуриён аз ин шаҳодат медиҳад, ки шаҷараи Темур ба қотили инсонҳо Чингизхон омада мерасад.

Муаллиф дар ҷои дигар қайд мекунад, ки: «…хунхортарин ҷаллоди торих, қотили миллионҳо тифлону занону пирсолон ва ба оташ дардиҳандаи ҳазорон шаҳру деҳот, ба бодияву биёбон табдилдиҳандаи ҳазорон ҳазор боғистону чаманистонҳо, аз сари пиру ҷавон бунёдкунандаи садҳо манораҳо, кушандаи садҳо сарварону подшаҳони қавмҳои дигарро фарҳанговар, озодихоҳ, адолатпарвар, бунёнгузори давлати додхоҳон, ҳаётбахш, ҷанатмакон, зоти шариф, ҳазрати Амир Темур ва боз бо даҳҳо маъниҳои аҳуроӣ ном оваранд» [531].

Марҳум И. Каримов аз олимони шуравӣ гиламанд аз он шудааст, ки онҳо пайдоиши қавми ӯзбекро ба асри XVI тасвир кардаанд ба ибораи ӯ гӯё пайдоиши онҳо ба замони Авасто рост меояд. Бояд тазаккур дод, ки муаллиф хеле ба маврид бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ бо факту далелҳои раднашавандаи илмӣ, воқеан ба асри XVI мансуб доштани қавми ӯзбекро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боиси таассуф аст, ки муаррих Г.Н. Турсунова дар мақолаи худ «Из истории изучения деяний Амира Тимура в Западной Европе и России» [479, С.46-49] он муҳаққиқонеро, ки дар осори худ бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ ваҳшониятҳои Темурро дар минтақаҳои гуногун содир кардааст, зери тозиёна гирифтаанд, бо далелҳои беасоси худ то он ҷое ки тавонистааст, аз ин золим пуштибонӣ кардааст.

Дар бораи сарчашмаи китоб сухан ронда, бояд гуфт, ки Турсунова Г.Н асосан бо иқтибосҳои интихобӣ аз осори инфиродии муаррихони дарбории Темур «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ ва «Зафарнома»-и Шарафуддин Алии Яздӣ маҳдуд шудааст. Ҳамчунин, дар рисола аз «Тузукоти Темур» низ васеъ истифода кардааст, ки онро академик В.В. Бартолд то ҳол қалбакӣ арзёбӣ карда буд, ки он дар асри XVII дар Ҳиндустон эҷод шудааст [147, С.201]. Тарзи интихоби адабиёте, ки муаллиф ба кор бурдааст, низ қонеъкунанда буда наметавонад. Ба назар чунин мерасад, ки рисола барои ҳимоя дар ягон шурои диссертатсионии давлати хориҷа таҳия гардида бошад. Рисола дар асоси адабиёти хориҷӣ таҳия гардида, қариб ки маводи ягон олими тоҷик истифода нашудааст.

Дар ҷойи дигар муаллифон қайд мекунанд, ки «…кишваркушоиҳои хунрезонаи Темур барои мо ҳаргиз мавриди ифтихор шуда наметавонад. Темур ҳарчанд бо сарвати аз кишварҳои дигар ба яғмо бурдааш ба ободии баъзе шаҳру вилоятҳои Осиёи Миёна кӯшидааст, вале ба чи баҳо ба даст даромадани ин ободкориҳоро фаромӯш набояд кард. Бинобар ин мо ҷаҳонгирии хунрезонаи Темурро маҳкум менамоем» [441, С.153].

Додхудоева Л. дар рисолаи худ Темуриды: Тенденции политического, социального и экономического развития» [197], «Материалы по социально-политической истории Центральной Азии VIII-нач.XVI» [196], муаллиф дар асари худ адабиётҳои бист соли охирро, ки дар аврупо ба масоили таърихи вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳди хонадони Темур ва Темуриён аз ҷониби муаррихони аврупоӣ тасвиб расидаанд мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаррих Н.О. Турсунов дар рисолаи худ "Таърихи тоҷикон" [324], яке аз бобҳои он ки ба давраи Темуриён тааллуқ дорад дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳлили таҳқиқот, ба сари қудрат омадани Темур, лашкаркашиҳои ӯ ба минтақаҳои гуногун, вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон пас аз фавти Темур, зимомдории Улуғбек, Шоҳрух, Абусаид, Ҳусайн Бойқаро, номгӯйи андозҳо дар аҳди Темуриён вазъи илму адаб дар аҳди Ҳусайн Бойқаро бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ маълумот додааст.

Ҳамчунин муаллиф дар рисолаи худ 17 номгӯи андозҳоро аз қабили авориз, сардарахт, доруғона, зобитона, муҳассилона, мушрифона, ҳақ-ал-авориҷ, мирҳазорона, соҳибзамона, қаламот, дудӣ, саршумор, сар каллагӣ, улоғ, ясавулӣ, ва пешкаш нишон додааст.

Зимнан бояд қайд кард, ки ягона таҳқиқоте, ки дар аҳди шуравӣ доир ба шабакаҳои обёрӣ, андозҳо ва вазъи кишоварзӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон маълумот медиҳад, ин асари олими тоҷик Н. Маҳмудов «Земледелие и аграрные отношения в Средней Азии в XIV-XV вв.» [247] мебошад. Аммо, бояд зикр кард, бо он ҳама маълумотҳо, ки доир ба вазъи шабакаҳои обёрӣ, андозҳо ва вазъи хоҷагии ин давраи таърихӣ баён шудаанд, то ҳанӯз таҳқиқоти алоҳидае ба вуҷуд наомадааст. Ҳанӯз ҳам бештари олимон дар корҳои илмӣ ва таҳқиқоти худ маҳз ба факту далеҳои раднашавандаи ин асар такя менамоянд ва ин гувоҳ бар он аст, ки асари мазкур аз манобеи бисёр зарурӣ ва судбахш маҳсуб меёбад.

Дар рисолаи мазкур дар баробари баррасии масоили иқтисодии асрҳои XIV-XV-и Мовароуннаҳру Хуросон доир ба сиёсати андозситонии Темур ва Темуриён маълумоти зарурӣ пешниҳод намудааст. Рисола аз 4 боб иборат буда, муаллиф дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва маводҳои рӯйидастомадаи бостоншиносон, вазъи кишоварзӣ, аз ҷумла, низоми объёрикунӣ, пайдоиши андозҳо ва низоми андозситонии аҳди хонадони темуриёнро возеҳу равшан инъикос намудааст.

Ин рисола ҳам аз рӯйи бандубасти масъалагузорӣ, ҳам аз диди доираи таҳқиқу таҳлили муқоисавӣ баҳамовардани теъдоди зиёди маъхазҳо ва осори муҳаққиқон, ки муаллиф дар ин ҷода заҳмати зиёд кашидааст, дорои аҳамияти бузурги илмӣ аст.

Дар рисолаи мазкур оид ба таърихи иҷтимоию иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросон ва кишварҳои ҳамсояи Шарқ дар замони Темуриён ба ғайр аз панҷ намуди асосии андозҳои шаръӣ боз қариб 30 намуди андозу боҷҳои доимӣ ва яквақта тасдиқ шудаанд, аз ҷониби ҳукумати марказӣ ё аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ ситонида мешуд, номбурда мешуд [247, С.69-111].

Бояд тазаккур дод, ки дар сарчашмаҳои хаттӣ роҷеъ ба воқеаҳои ин давра маълумоти зиёде мавҷуд аст. Вале фикрҳо аксаран мухолифи якдигаранд. Барои равшан кардани бисёр масъалаҳо, ҳолатҳо ва таърихи воқеаҳо маҳз мадракҳои сиккашиносӣ кӯмак мерасонанд.

Бо ҳамин тариқ, пас аз таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ метавон хулоса намуд, ки дар аҳди шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ оид ба ин даврai таърихӣ бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои таърихӣ асарҳои зиёде таълиф гардид, ки ба паҳлуҳои гуногуни вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии солҳои 40-уми асри асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки қариб нисфи зиёди ин таҳқиқотҳо чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷ ба самти илму фарҳанг, санъати меъморӣ, расомӣ, кандакорӣ ва бунёди

боғу бустонсароҳо бахшида шудаанд. Бояд иқрор шуд, ки оид ба авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо истиснои ками муҳаққиқон даст задаанду халос. Ҳамзамон, қисми зиёди олимоне ки ба ин давраи таърихӣ корҳои илмӣ-таҳқиқоти анҷом додаанд, он ҷиноятҳои мудҳише, ки Темуриён дар минтақа анҷом додаанд, сарфи назар кардаанд. Ҳоло он ки тамоми рафти ҷиноятҳои онҳо аз мадди назари як идда муаррихони асри миёнагӣ дур намондааст. Маҳз ин нодидагирии муаррихон як давраи муайян боиси баҳсу мунозираҳои зиёде гардид.

Бояд тазаккур дод, ки аз таҳлилу баррасии маълумоти сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ва осори муҳаққиқони дохилию хориҷӣ метавон хулоса намуд, ки оид ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон осори олимони узбек дар инъикоси ваҳшониятҳои Темур ва Темуриён сарфи назар шудааст.

## Хулоса
## натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр дар ин давра торафт муташанниҷ гардида, намояндагони муғулҳо барои ба даст овардани ҳокимият байни худ муборизаҳои беамон мебурданд, дар натиҷа авзои сиёсии минтақа ноором гардида ба талаву тороҷ гардидани сарзамини Мовароуннаҳр гардид.

Дар натиҷаи таҳлили вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии солҳои 40-уми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон мо ба чунин хулосаҳои зерин омадем:

1. Вазъи сиёсии Мовароунаҳр дар солҳои 40-уми асри XIV торафт муташанниҷ гардида, ин боис шуд, ки барои ба даст овардани ҳокимият байни намояндагони муғулҳо задухӯрдҳои пайдарпай ба амал ояд, дар натиҷа авзои сиёсии минтақа ноором гардида, боиси харобӣ ва талаву тороҷ гардидани сарзамини Мовароуннаҳр оварда расонид;

2. Ҳуҷуми хони муғул Қазаған аз ҷониби Мовароуннаҳр ба Хуросон дар замони ҳукмронии Муиззуддин Ҳусайни Курт (1330-1370) дар Ҳирот ба амал омад. Хони Мовароуннаҳр Қазаған дар ин вақт дар ҳолати рушду нумуъ қарор дошт ва бешак мехост, ки ҳудуди кишвари худро торафт васеъ намояд. Дар натиҷаи рӯз то рӯз васеъ гардидани ҳудуди давлати Куртҳо ва пуриқтидор шудани ин сулола ба маҳдуд сохтани хонадои чағатойиҳо боис шуд. Қазаған бошад ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки дар сарҳадоти ӯ чунин як рақиби сарсахт арзи вуҷуд намояд. Аз ин рӯ, барои амалӣ сохтан баҳонаҷӯйиро ҳадафи асосии худ қарор дод.

Мувофиқи иттилои сарчашмаҳо амир Қазаған соли 1350 бо сӣ ҳазор нафар лашкар аз ҷониби Мовароуннаҳр ба Хуросон бар зидди Муизуддин

Ҳусайни Курт ба Ҳирот лашкар кашид, ки дар натиҷа байни онҳо задухӯрди шадид ба амал омад. Сипас, Қазаған Ҳиротро зери муҳосираи худ қарор дода, зиёда аз чил рӯз ин муҳосира идома ёфт. Аммо амир Қазаған ба ҳеҷ муваффақияте ноил нагардид ва маҷбур шуд, ки бо малик Муизуддин Ҳусайн сулҳ баста, аз муҳориба даст кашад;

3. Аз вазъияти ноороми дар Мовароуннаҳр хони муғул Туғлуқтемур истифода бурд ва моҳи феврал-марти соли 1360 барои дар зери тасарруфи худ даровардани қаламрави Мовароуннаҳр бо лашкари сершумор ҳуҷум намуд. Дар чунин вазъияти баамаломада ҳокиме набуд, ки садди роҳи Туғлуқтемур гардад. Ҳокимони Самарқанду Кеш бошад роҳи гурезро пешаи худ қарор дода, Туғлуқтемур бе ягон мушкилот озими шаҳри Самарқанд гардид ва баъди талаву тороҷ кардани шаҳр ба ватани худ баргашт. Бори дуюм Туғлуқтемур марти соли 1361 ба Мовароуннаҳр лашкар кашид. Ин дафъа ягона ҳокиме, ки ба муқобили Туғлуқтемур мубориза мебурд, амир Ҳусайн-набераи Қазаған буд. Амир Ҳусайн дар ин вақт Балху Кобулро идора мекард ва ӯ бо лашкариёнаш ба муқобили Туғлуқтемур то наздикии дарёи Вахш омад, ҳангоми задухӯрд аввалин шикаст хурд ва Мовароуннаҳрро зери тасарруфи худ қарор дод. Туғлуқтемур писари худ Илёсхоҷаро ҳокими Мовароуннаҳр таъйин кард ва ба ватани худ баргашт. Туғлуқтемур баъди забти Самарқанд Темурро барои ин хидматаш ҳокими тумони Кешу Шаҳрисабз таъйин менамояд. Дере нагузашта Темур ва амир Ҳусейн аз хидмат бо Илёсхоҷа даст кашида, дар Дашти Кӯлак байни онҳо ҷанги шадиде ба миён омад, ки боиси шикаст хурдани Илёсхоҷа гардид.

4. Хони муғул Илёсхоҷа ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки Мовароуннаҳрро ба осонӣ аз даст бидиҳад. Бинобар ин, баҳори соли 1365 бори сеюм ба Мовароуннаҳр лашкар кашид. Ин задухӯрд баҳори соли 1365 дар соҳили дарёи Чирчиқ дар мавзее, ки байни Тошканд ва Чиноз ҷойгир буд, ба амал омад. Ин

ҷанг дар таърих бо номи «Ҷанги лой» сабт шудааст. Сабаби чунин номгузорӣ шудани ҷанг дар он аст, ки ҳангоми муҳориба бороне шадиде меборад ва лашкариёни зиёде дар обу лой оғӯшта шуда нобуд мегарданд. Дар ин ҷанг амир Ҳусайн ва Темур шикаст хӯрда, тарки Мовароуннаҳр карда, шармандавор ҷониби Хуросон фирор мекунанд.

Сокинони Самарқанд аз ду ҳамлаи қаблӣ нағз медонистанд, ки истилои муғул чӣ гуна таҳдидҳо дорад: куштор, ғоратгарӣ, таҷовуз, асир гирифтан, duздии молу чорво, несту нобуд кардани зироат, марг ва харобиро ба бор меоварад. Бо гурехтани амир Ҳусайн ва Темур шаҳр бе муҳофиз монд. Ба зидди аҷнабиёни муғул косибони Самарқанд зери роҳбарии Мавлонозодаи Самарқандӣ, Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва Абубакр Калавии Наддоф ба ҷанг бархостанд. Дар ин ҷанг лашкари муғул шармандавор шикаст хурд. Пас аз шикасти аҷнабиёни муғул идораи шаҳр қариб як сол дар дасти сарбадорони Самарқанд боқӣ монд. Темур ва Ҳусайн бо роҳи фиребу найранг роҳбарони сарбадоронро ба қатл расонданд. Бо вуҷуди бераҳмона пахш карда шудани шуриши сарбадорони Самарқанд, як қисми шуришгарон дар тӯли солҳои зиёд борҳо бар зидди Темур қиём карданд, вале дар ниҳояти кор онҳо аз ҷониби Темур ба тариқи ваҳшиёна ба қатл расонида шудаанд.

5. Пас аз фавти Тарконоғо-хоҳари амир Ҳусайн ҳамсари Темур муносибати онҳо сард шуд. Темур дар тирамоҳу зимистони соли 1365-1366 худро ошкоро мухолифи Ҳусайн эълом дошт ва Қарширо ба тасарруф оварда, намояндаи худро ба ҳукумати шаҳри Бухоро равон кард. Ҳусайн ба Бухоро лашкар кашид, Темур аз тарси амир Ҳусайн дар миёни шаб Амударёро убур карда, ба Хуросон фирорӣ шуд. Темур баҳри ба даст овардани ҳокимият неруи кофӣ надошт ва бо ҳар роҳу восита талош мекард, ки ба хонадони Куртҳои Ҳирот наздикӣ пайдо кунад. Дар ин давра Куртҳои Ҳирот дар Хуросон давлати пуриқтидор ба ҳисоб мерафт. Барои намояндагони хонадони Куртҳои Ҳирот дар мадди аввал иттифоқ бастан бо Темур айнӣ муддао буд,

зеро дар Хуросон пурқувват шудани амир Ҳусайн хавф бар ин хонадон дошт. Темур мақсад гузошт, ки дар Мовароуннаҳр бо ҳокимони бонуфузи маҳаллӣ Кайхусрави Хатлонӣ такя кунад. Дар он замон дар ин минтақа обрӯ ва нуфузи Кайхусрав нисбат ба Темур болотар буд. Темур ягона роҳи наздикӣ ҷустан бо Кайхусравро дар аҳди хешутаборӣ бастан дид. Аз воқеаҳои минбаъда аён гардид, ки пас аз баста шудани сулҳ байни Темур ва амир Ҳусайн он кинаву адовате, ки дар дил нисбат ба якдигар доштанд аз байн нарафт. Ин ду ҳоким барои васеъ намудани ҳудуди худ аз ҳеҷ гуна муборизаҳо рӯй намегардонданд. Аммо, бояд қайд кард, ки амир Ҳусайн дар танҳои аз уҳдаи идораи ин мулк баромада наметавонист. Темур бошад, бо Шербаҳроми Хатлонӣ ва Баҳроми ҷалоир масъалаи аз байн бурдани амир Ҳусайнро ба миён гузошт. Ин ду тан бо Темур аҳду паймон бастанд, ки дар якҷоягӣ бар зидди амир Ҳусайн мубориза баранд. Дар натиҷа Темур бо ҳаммаслакони худ ба Балх лашкар кашида, амир Ҳусайнро ба қатл расонид ва қалъаи Ҳиндувони Балхро вайрону валангор, молу амвол ва ҳарами ӯро ба даст даровард. Ин ҳодиса дар рӯзи чаҳоршанбе, дувоздаҳуми рамазон соли 771ҳ.қ./27 апрели соли 1370 ба амал омад ва Темур сивучаҳор сол дошт, ки ба тахти Самарқанд нишаст.

6. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Темур пас аз ба қатл расонидани амир Ҳусайн соли 773ҳ.қ. қурултойи баргузор кард, ки дар кори он тамоми умарои минтақаҳо, аз Қандаҳор то Чин иштирок доштанд. Аз умаро танҳо Зиндаҳишам амири Шибурғон аз иштирок дар қурултой даст кашид, ки ин боиси қаҳру ғазаби Темур гардид. Сипас, Темур худ бевосита ба самти Шибурғон лашкар кашид ва Зиндаҳишамро дар муҳосира қарор дод. Пас аз муҳосираи тулонӣ Зиндаҳишам аз Темур авф хост, аммо боз аз нав бар зидди Темур исён бардошт. Темур ин дафъа низ ӯро авф кард, аммо баъдтар фаҳмид, ки Зиндаҳишам бо иддае аз одамони худ сӯйқасд ба ҷони ӯ доранд, ӯро дар Самарқанд ба қатл расонид. Бояд иқрор шуд, ки Зиндаҳишам ба ҳеҷ ваҷҳ Темурро ҳамчун амир дар қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон дидан

намехост. Бо ҳамин монанд Темур ба султони Ҳирот малик Ғиёсуддин барои итоат кардан аз ӯ номае равон кард ва аз ӯ хост, ки ба итоати вай дарояд ва пешкашҳои шоиста фиристад. Ғиёсуддини малик дар ҷавоби мактуби таҳдидомези Темур посухи дағалонаеро муносиб донист. Вақте ки Темур азбаски саргарми ҷанг бо Хоразм буд, имкон надошт, ки яку якбора ба ҷониби Хуросон лашкар кашад. Дар марҳилаи аввал ӯ роҳи созишро бо хонадони оли Курт пеша кард. Сипас, моҳи март-апрели соли 1377 Темур аз Хуросон ҷониби Эрон юриш кард.

Темур писари золими худ Мироншоҳро ҳанӯз дар синни чаҳордаҳсолагӣ қарор дошт, ҳокими Хуросон таъйин кард. Мироншоҳро дар замоне таъйин кард, ки ҳанӯз Хуросон ба зери тобеи ӯ надаромада буд. Темур ба Ҳирот ҳуҷум карда, онро ба зери тасарруфи худ даровард. Бо фармони Темур тамоми биноҳои истеҳкомӣ харобу валангор карда шуданд. Дарвозаҳои шаҳрро, ки оҳанкӯб буданд, бо алқоби мулуки Ғӯр зебу зинат дода шуда буд, бо дусад кадхудои номӣ ба Шаҳрисабз интиқол дод. Пас аз чанд рӯз Темур бо лашкариёнаш хазоину дафоини чандин солаи оли Куртро, ки солҳо ҷамъ оварда буд, тороҷу ғорат карданд. Ба замми ин, ба мардуми бечора зулм карда, товони вазнини ҷангро таҳмил кард ва дар муддати се рӯз он маблағро аз онҳо ситониданд. Инчунин, моҳҳои март-апрели соли 1381 шаҳри Ҳирот аз ҷониби Темур тасарруф карда шуд. Ва охирин ҳукмрони оли Курт-Ғиёсуддини Пиралӣ бо тамоми аҳли хонадонаш асири Темур шуд ва онҳоро ба Самарқанд оварда зиндонӣ карданд. Соли 1381 Темур пас аз тасарруфи Хуросон ба Моварounнахр баргашт.

7. Пас аз фатҳи Ҳирот Темур амакбачаи Ғиёсуддини Пиралӣ, Муҳаммадро ҳокими Ғӯр таъйин мекунад ва шаҳри Ҳиротро бошад ба наздикони худ вогузор кард. Соли 1383 малик Муҳаммад аз Ғӯр ба шаҳри Ҳирот лашкар мекашад ва тамоми муғулонро ба қатл расониданд. Баъд аз бозгашти Темур ба Мовароуннаҳр мардуми Хуросон нисбат ба намояндагони ӯ муқобилият

нишон додаанд. Нахуст аҳли хонадони оли Курт ҳокими Ғӯр зери роҳбарии Муҳаммад Ғӯрӣ бар зидди андозҷамъкунандагони Темур сар бардоштанд. Аз чунин вазъият истифода бурда, аҳолии Исфизор низ бо роҳбарии Шайх Довуд ба муқобили Темур исён бардоштанд ва мавқеи Темурро танг карданд. Ӯ аз нав ба Хуросон лашкар кашида шаҳрро ишғол ва мардуми зиёдеро ба қатл расониданд. Мувофиқи ахбори манбаъҳо Темур Мироншоҳро бар зидди мардуми Ҳирот равон сохт ва исёни ғӯриёнро бераҳмона пахш карда, мардуми зиёдеро аз дами теғ гузаронид. Сипас, ба мақсади тарсонидани мардум бо амри Амироншоҳ аз сари кушташудагон дар Ҳирот калламанора сохт. Темур баъд аз ин ҳодиса фармон дод, ки малик Ғиёсуддин Пиралиро, ки дар арки Самарқанд маҳбус дошт ва писараш амири Ғурро, ки дар Узганд буд, ба қатл расонд. Ба ҳамин тариқ, сулолаи Оли Курт аз байн рафт.

8. Дар сарчашмаҳои хаттӣ ва адабиёти илмӣ далелҳо роҷеъ ба Темур, ки аз дербоз орзуи ба зери тасарруфи худ даровардани мулки Хитойро дошт оварда шудааст. Темур санаи 27 ноябри соли 1404 бо мақсади забти Хитой аз Самарқанд берун мешавад ва 9 январи 1405 ба мавзеи Утрор мерасад. Дар ин мавзеъ ӯ ҳамагӣ 40 рӯз қарор гирифт. Дар ин ҳангом дар Утрор зимистони қаҳратун ҳукмфармо буд, шиддати сармо ба дараҷае буд, ки бисёре аз лашкариён ва чаҳорпоён дар он роҳҳо талаф шуданд, дасту пой, бинии бисёре аз онҳоро сармо зад. Ҳамчунин, дар ин мавзеъ Темур ба беморие мубтало шуд, ки табибон дар табобати ӯ оҷиз монданд ва худ пайхас кард, ки умед ба шифо ёфтан нест ва санаи 18 феврали соли 1405 дар мавзеи Утрор вафот кард.

9. Чӣ тавре ки сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳанд, пас аз вафоти Темур барои ба даст овардани ҳокимият байни Халил султон, амир Ҳусайн ва Пирмуҳаммад муборизаҳои тезутунд оғоз шуд. Гарчанде ки Темур пеш аз марги худ наберааш Пирмуҳаммадро валиаҳди худ таъйин кард, аммо сарони низомӣ ин ҷонишинро бар тахти салтанат шоиста надиданд. Халил султон набераи дигари ӯро ба фармонравоӣ интихоб намуд. Халил султон Самарқандро ишғол намуда, барои эҳтироми худ ба васияти Темур Муҳаммад

Ҷаҳонгир писари ворисი фавтидаи Темур Муҳаммад султонро «хон» эълон кард. Гарчанде ки Халил султон тавассути хазинаи аз Темур ба даст овардааш аъёну ашрофи бонуфузи Мовароуннаҳрро аз они худ намуда буд, лекин дере нагузашта, ӯ ба эътирозу исёни амирон ва шоҳзодагони Темур дучор мегардад. Нахустин шуда амирони Туркистон ва Фарғона, амир Худойдод бо шайх Нуриддин бар зидди Халил султон исён мебардоранд. Ҳатто бародари Халил султон амир Ҳусайн бо мақсади барқарор намудани ҳокимияти худ дар минтақаҳои соҳили чапи Амударё, аз ҷумла Мовароуннаҳр муқобили ӯ исён мебардорад. Инчунин, дар як вақт Пирмуҳаммад аз Амударё гузашта, зидди Халил султон ба ҷониби Насаф лашкар мекашад. Ба ҳамин тариқ, муборизаҳои шадид дар Мовароуннаҳр бар зидди ҳокимияти Халил султон авҷ мегирад. Халил султон бошад пас аз ба даст овардани ҳокимият ба айшу ишрат дода шуда, дар идора кардани давлат фориғболӣ зоҳир менамояд. Аз ин истифода бурда, пас аз чор соли ҳукмронии Халил султон Худойдоди Ҳусайнӣ ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, Самарқандро ба тассаруфи худ даровард. 30 марти соли 1409 Халил султон аз ҷониби Худойдоди Ҳусайнӣ асир гирифта мешавад. Шоҳрух Халил султонро 13 майи соли 1409 аз асирӣ раҳо намуда, Худойдодро дастгир ва ба қатл мерасонад. Шоҳрух баъди ба эътидол овардани вазъият ҳукумронии Мовароуннаҳрро соли 1409 ба писари худ Улуғбек, Ҳисори Шодмонро ба мирзо Муҳаммад Ҷаҳонгир, Фарғонаро ба мирзо Мирак Аҳмад фарзанди Умаршайх вогузор мекунад.

10. Таҳлили сарчашма ва адабиёти илмӣ собит менамояд, ки соли 1407 дар Ғур, Муҳаммад Сипаҳбади Ғурӣ бар зидди Шоҳрух исён бардошт ва ҷамъе аз Ғуриёну сиҷистониён бо ӯ ҳамроҳ шуданд. Муҳаммад Сипаҳди Ғурӣ аз ҷониби Ҳиндустон ба вилояти Ғӯр даромад. Хонадони онҳо ки тайи солҳои 643 ҳ.қ./1245-783ҳ.қ./1381 дар Хуросон истиқлол дошт ва аз ҷониби Темур ба тариқи ваҳшиёна аз байн бурда мешавад. Аз ин фурсат истифода бурда, хостанд бо шикасти Шоҳрух аз нав ҳокимияти аҷдодии худро дар ин минтақаи тоҷикнишин барқарор намоянд. Аз ҷониби шуришиён як чанд тан

андозҷамъкунандагонро ба қатл расониданд. Шоҳрух барои пахш кардани «ошӯбгарон» амир Ҳасан Ҷондор ва амир Ҷаҳонмаликро бо лашкариёни зиёд ба Ғур фиристод. Шуриш дар он ҷо чунон пурзӯр буд, ки лашкариёни ба он ҷо фиристодашуда аз уҳдаи пахши он баромада натавонистанд ва Шоҳрух маҷбур мешавад, ки дар аввали шавволи 809ҳ.қ./марти 1407 бар зидди онҳо амир Ҷаҳонмалик ва амир Сайидаҳмади Тарҳон, амир Фармоншайхро бо нуҳ сипоҳи иловагӣ ба ёрии онон фиристод. Гарчанде ки шуриши ғуриён ба шикаст дучор шуд, аммо ин издиҳомҳо дар Систон ҳанӯз идома дошт. Бо вуҷуди ин, дар баъзе минтақаҳои атрофи Ҳирот мардум ба зуддӣ аз ошубҳо даст намекашиданд. Шоҳрух пас аз як соли ҳодисаи Ғур бо сипоҳи бешумор ба самти ошубгарони Исфизору Фарох равона гардид ва дар натиҷа ҷанги шадиде ба вуқуъ пайваста, Шоҳрух шаҳрро вайрону валангор сохт, ки осори ӯ то ҳанӯз боқист.

11. 23 рабеъулохири 830ҳ.қ./22 январи 1427 дар масҷиди ҷомеи Ҳирот шахсе бо номи Аҳмади Лур баъд аз гузоштани намози ҷумъа ба баҳонаи тақдими ариза бо Шоҳрух наздик гардид ва бо корд ба ӯ ҳамла намуд. Аммо захми корд маъюбаш кард ва Шоҳрух аз ин сӯйқасд ҷон ба саломат бурд ва Аҳмади Лур бошад дар ҷойи воқеа ба қатл расид. Пас аз ин ҳодиса садҳо одамони бегуноҳро бо туҳмати иштирок дар кори Аҳмади Лур дастгир намуда, қатл карда, сӯзониданд. Яке аз ҳаводиси ногувори замони Шоҳрух тоун дар Ҳирот дар соли 838 ҳ.қ./1435 буд. Дар асари ин беморӣ мардуми зиёде дар Ҳирот ва атрофи он ҷон супурданд. Абдураззоқи Самарқандӣ ва Фасеҳи Хавофӣ вобаста ба ин қазия ахбор додаанд. Сарчашмаҳо маълумот медиҳанд, дар замони Шоҳрух теъдоди фавтидаҳо шашсад ҳазорро ташкил карда, кушташудагони ҳамаи шаҳрро дар маҷмуъ як миллион нафар мебинанд.

12. Дар охири умри Шоҳрух писарону наберагони ӯ бар зидди якдигар бархостан, ки чунин ҳолат иқтидори ҳукумати марказиро рӯз то рӯз суст мекард. Соли 1446 набераи Шоҳрух султон Муҳаммад бе розигии бобояш Ис-

фаҳонро забт намуда, Шерозро ба муҳосира гирифт. Шоҳрух бар зидди ӯ лашкар кашида, исёнро пахш кард, вале ҳангоми бозгашт 25 зулҳиҷҷаи 850/12 марти 1447 дар Рай баъди ҳукумронии 42-сола вафот кард. Шоҳрух низ мисли Темур натавонист интиқоли қудратро ба вориси худ таъмин кунад, ӯ бисёр мехост то писараш Муҳаммад Ҷӯкӣ, ҳокими Балхро пас аз худ ҳокими сарзамини беканори Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрон бубинад. Аммо Муҳаммад Ҷӯкӣ дар соли 1444 вафот кард аз панҷ писари Шоҳрух танҳо Улуғбек дар қайди ҳаёт монда буд.

